ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

УДК: 32.001 (575.3)
ББК: 66.01 (2тоҷик)
Н–92

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН**

# ТАШАККУЛ ВА ТАКМИЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ
аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои сиёсӣ,
профессор Зокиров Г. Н.

Душанбе – 2024

# МУНДАРИҶА

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО............................................................ 4
**МУҚАДДИМА..................................................................................... 5**
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ..................................................... 22

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲО**

1. Заминаҳо, захираҳо ва асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо.............................................................. 34
2. Сиёсат, давлат ва кадрҳо ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ: ҷанбаҳои назариявии масъала, тазодҳо ва робитаҳо................... 69
3. Сиёсати давлатии кадрҳо: фаҳмиши шаклӣ ва моҳиятии масъала.............................................................................. 93

**БОБИ 2. ПАЙДОИШ, ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲО**

1. Пайдоиш ва ташаккули назарияи сиёсати давлатии кадрҳо: марҳалаҳои асосӣ ва натиҷагириҳо............................................. 114
2. Таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбӣ............................................. 150

**БОБИ 3. ТАШАККУЛ, ИНКИШОФ ВА ВОСИТАҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

1. Асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................................ 181
2. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он.............................................................. 209
3. Низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................... 225

**БОБИ 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ОН**


1. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................... 239
2. Мушкилиҳо, монеаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................... 264

**ХУЛОСА.........................................................................................** 285

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо......................................... 292

Феҳристи интишороти илмии муаллиф.................................................. 302

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ.......................................................................** 306

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

| | | |
|---|---|---|
| БФТ | – | Бюрои федералии тафтишот; |
| ИДМ | – | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил; |
| ИЕ | – | Иттифоқи Европа; |
| ИС | – | Иттифоқи Советӣ; |
| КДАМ | – | Кумитаи давлатии амнияти миллӣ; |
| ХФА | – | Хадамоти федералии амният; |
| ҲКИС | – | Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Советӣ; |
| ҶСФСР | – | Ҷумҳурии Советии Федеративии Сотсиалистии Россия. |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқотро** равандҳои бунёдии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX ва оғози асри XXI, хусусан тағйири сохти конститутсионӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо муайян менамоянд. Ин омилҳо роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро водор намуд, ки сиёсати давлатии кадрҳоро, ки қобилияти таъмини такмили сохти давлатӣ ва ҳокимияти сиёсиро дошта бошад, таҳия ва амалӣ намоянд.

Сабаби интихоб ва мубрамии мавзуи таҳқиқотро инчунин омилҳои зерин муайян менамоянд:

**Якум**, зарурати таҳияи чунин сиёсати давлатии кадрҳо, ки бо мақоми нави сиёсии давлат, фарҳанги сиёсӣ ва миллии ташаккулёфтаи шаҳрвандони он муносиб ва мувофиқ бошад, ба баланд бардоштани муассирияти ҳокимияти сиёсии давлати Тоҷикистон дар роҳи бунёди ҷомеаи муосири демократӣ мусоидат намояд. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, барои такмили минбаъдаи таҳаввулоти оғозгардидаи бунёдӣ таҷдиди назари санадҳои қабулшудаи меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои сиёсию маъмурӣ ва бо талаботи муосири рӯзафзун мутобиқ намудани онҳо зарур аст.

**Дуюм,** амалисозии муваффақонаи сиёсати давлатии кадрҳо ба муассирияти идоракунии сиёсии ҳокимият бевосита таъсир мерасонад. Бинобар ин, аз нигоҳи назариявӣ тарҳрезии чунин сиёсати давлатии кадрҳо зарур аст, ки баланд бардоштани самаранокии идоракунии ҷомеаи Тоҷикистонро таъмин намуда, ба рушди он таъсири мусбат расонад. Омили мазкур эътимоди дутарафаи байни ҳокимият ва шаҳрвандонро, ки рушди ҷомеа ва ташаббускории ҳар як шахсро, чун иштирокчии раванди идоракунии иҷтимоӣ–сиёсӣ таъмин менамояд, тақвият мебахшад. Тибқи андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар ин давра мо яке аз самтҳои нозуки рушди ҷомеаи тозаистиқлолро ба дуруст муайян намудани сиёсати кадрӣ маҳсуб донистем. Сиёсати кадрӣ ва ё ба ибораи дигар, дуруст пайдо намудани неруи ақлонии лозима ва ба таври зарурию самаранок истифода

намудани он вазифа ва мақсади аввалиндараҷаи ҳар як давлат аст. Аз мутахассисон бармеояд, ки рӯйи кор омадани кадрҳоро набояд интизор шуд, балки онҳоро бояд тарбият кард ва аз қишрҳои гуногуни ҷомеа пайдо намуд».[1]

**Сеюм,** сиёсати кадрӣ навъи мустақили сиёсати давлатӣ мебошад. Ғайр аз ин, гуногунии вазифаҳои сиёсӣ ба сиёсати давлатии кадрҳо мақоми илмҳои сиёсиро медиҳад, чунки он соҳаро дар шакли раванди сиёсӣ ифода менамояд.

Сиёсати давлатии кадрҳо бо чунин мафҳумҳои сиёсатшиносӣ, монанди «фаъолияти сиёсӣ», «ҳокимияти сиёсӣ», «раванди сиёсӣ», «қарорҳои сиёсӣ», «ҳадафи сиёсӣ», «идеологияи сиёсӣ», «интихоби сиёсӣ», «идоракунии сиёсӣ», «коммуникатсияи сиёсӣ», «ҳайсият ва нуфузи сиёсӣ», «фарҳанги сиёсӣ», «иҷтимоъсозии сиёсӣ» (тарбияи ҷавонон дар руҳияи фарҳанги миллӣ), «рушди сиёсӣ», «замонасозии сиёсӣ» (сиёсати кадрӣ чун воситаи замонасозии низоми сиёсӣ) ва ғайра алоқамандии наздик дорад.

Сиёсати давлатии кадрҳо падидаи мураккаби ташкилию сиёсӣ буда, мазмуни дуҷониба дорад. Аз як тараф, он бояд тамоми кори вобаста ба кадрҳоро дар низоми идоракунии давлатӣ – интихоб, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи кадрҳо, муайян намудани вазифаҳои фаъолият, дастурамалҳои касбии онҳо ва қарорҳои қабулшударо таъмин намояд. Аз ҷониби дигар, он асосҳои қонунгузорӣ, усулҳои ташкилӣ ва фаъолияти сохторҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар танзими масъалаҳои кадрӣ муайян менамояд. Вобаста ба ин, сиёсати давлатии кадрҳо маҷмӯи муқаррароти назариявӣ, методологӣ, арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки асоси ғоявии он ба шумор меравад, дар амалияи кор бо кадрҳо истифода мешаванд.

Давлат ва сиёсати давлатии кадрҳо – қисматҳои якдигарро такмилдиҳандаи ҷузъи як раванд мебошанд. Давлат чунин сиёсати кадриро таҳия ва татбиқ менамояд, ки ба баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти сиёсӣ, таъмини рушди устувори ҷомеа, тақвияти тамомият ва ягонагии он равона карда шудааст.

---

[1] Раҳмон Э. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 302–303.

**Чорум,** чун технологияи сиёсӣ сиёсати давлатии кадрҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои беҳбуди сифати ҳайати элитаи роҳбарикунанда бо роҳи ба он ҷалб кардани шахсиятҳои дорои сифатҳои баланди сиёсӣ ва шахсиятӣ, тафаккури давлатӣ, касбӣ, ватандӯстии воқеӣ ва эҳсоси масъулияти баланд истифода бурда шавад. Сиёсати кадрӣ имкон дорад, ки дар илмҳои сиёсии ватанӣ назарияи муносибсозии кор, тақвияти робитаҳо, муносибатҳои сиёсӣ ва исботи илмии қарорҳои қабулшударо ҷорӣ созад.

Амалӣ намудани усулҳои конститутсионии дастрасии хизмати давлатӣ барои шаҳрвандон ҷиҳати ташаккули ҳайсияти мусбати давлати тоҷикон аҳамияти муҳим дорад. Дар санади Конференсияи машваратӣ оид ба омили инсонии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Европа, ки дар Копенгаген қабул гардида буд омадааст, ки шарти зарурии демократия фаъолияти чунин хизмати давлатии беғаразона мебошад, ки зимни қабул ба кор ва пешравии касбии кадрҳо дар зинаҳои мансаб маҷмӯи хизматҳои шахсӣ ба назар гирифта шавад.[1]

Сиёсати давлатии кадрҳо бо фаъолияти элитаи сиёсӣ, ки табақаи муайяни ҷомеаро ташкил дода, ҳокимияти давлатиро идора менамояд, алоқаманд аст. Татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо вазифаи аввалиндараҷаи давлат мебошад, ки ин асоси кори диссертатсионӣ ва мавзуи таҳқиқотро ташкил додааст.

**Панҷум,** муҳим будани таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки сиёсати давлатии кадрҳо тавозуни ваколат байни марказ ва минтақаҳоро таъмин менамояд. Бинобар ин, таҳлили вазифаи сиёсати кадрҳо ба такмили низоми ҳокимияти сиёсӣ ва рушди тамоми ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

**Шашум,** муҳим будани мавзуи таҳқиқот боз дар он аст, ки сиёсати давлатии кадрҳо дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин унсур мебошад. Вобаста ба ин масъала сарвари давлат таъкид менамоянд, ки «Давлатдории муосир талаб мекунад, ки дастгоҳи идоракунии давлат самаранок, мунтазам ва бонизом кору фаъолият намояд. Маҳз ҳайати

---

[1] Ниг.: Документ Копенгагенского совещания Конференции по человеческому измерению СБСЕ. Принят 29 июня 1990 г. 35 государствами-участниками Совещания по безопасности и сотрудничеству в Европе [Манбаи электронӣ] URL: http://docs.cntd.ru/ document/901731980 (санаи муроҷиат: 30.10.2018).

салоҳиятманд ва масъули хизматчиёни давлатӣ метавонад падидаҳои бӯҳрониро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар марҳалаҳои гузариш ба осонӣ ҳал кунад. ... Барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати фаъолияти низоми идоракунии давлатӣ аз зиёд кардани шумораи мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ худдорӣ намуда, бояд бештар ба тарбияи кадрҳои баландихтисосу соҳибмаълумот, дорои ҷаҳонбинию дониши амиқи касбию сиёсӣ, қобилияти ташкилотчигию кордонӣ, малакаи идоракунӣ, инчунин, шахсони масъулиятшиносу ватандӯст, забондон ва аз технологияи муосир бархурдор таваҷҷуҳ бояд кард».[1]

**Ҳафтум,** сиёсати давлатии кадрҳо чун унсури муҳимми идоракунии муассири иҷтимоӣ рушд меёбад. Нақши он зимни афзоиши таъсири омили инсонӣ дар такмили ҷомеаи Тоҷикистон бештар мешавад. Барои ин бояд сиёсати давлатии кадрҳо бо воқеияти имрӯза мутобиқ гардонида шавад. Чунонки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст: «Бо мақсади пешбурди сиёсати самарабахши интихоби кадрҳои роҳбарикунанда ва беҳтар гардонидани иҷрои вазифаҳои давлатӣ масъалаҳои тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои касбии соҳаи идоракунии давлатӣ имрӯз дар радифи масъалаҳои умда қарор дорад».[2]

Ҳамин тариқ, сиёсати давлатии кадрҳо ин маҷмӯи ҳадафҳо, вазифаҳо, усулҳо ва авлавиятҳои сиёсии ташаккул ва назорати муносибатҳои кадрӣ ва сохтори давлатӣ мебошад. Он таркиби мураккаб дошта, субъектҳо, объектҳо, воситаҳои дар амал татбиқ намудани усулҳои сиёсати кадриро фаро мегирад. Бе дарки назариявии он таъмини муносиби ҳуқуқи конститутсионии хизматчиёни давлатӣ ба меҳнат ва рушди касбию тахассусии онҳо имконнопазир аст.

Шарти асосӣ, ки муҳим будани таҳқиқоти назариявӣ ва методологии асосҳои сиёсати давлатии кадрҳоро дар воқеияти муосир муайян мекунад,

---

[1] Раҳмон Э. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 304.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013 [Манбаи электронӣ] URL: http://www. president.tj/ node /4318 (санаи мурочиат: 20.10.2018).

номуайянии методологии марҳалаи кунунӣ мебошад.[1] Бо мақсади ҳалли вазифаҳои давлатӣ бояд чунин сиёсати кадрҳо таҳия ва татбиқ гардад, ки ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ буда, манбаи асосии идоракунӣ бошад. Ин на танҳо бо масъалаи бунёд ва замонасозии низоми идоракунии давлатӣ мутобиқи вазифаҳои стратегии рушди давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот мешавад, балки бо таҷдиди усулҳои кори хизмати давлатӣ, аз ҷумла интихоб, омӯзиш, ҷобаҷогузорӣ, баланд бардоштани самаранокии кори хизматчиёни давлатӣ, ки бо ҳадафҳои сиёсати давлатии кадрҳо алоқаманданд, асоснок мешавад. Давлат дар раванди таҳия ва ташаккули усулҳои сиёсати кадрҳо бо дарназардошти аҳамияти сиёсии он манфиатдор аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Новобаста аз он ки таваҷҷуҳи муҳаққиқон-сиёсатшиносон ба мавзуи ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳо меафзояд, дар ин соҳа ҳанӯз бисёр масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ ҷой доранд, ки таҳлили илмиро талаб менамоянд.

Дар раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсия муаллиф асарҳои намояндагони мактабҳои илмии гуногунро дар соҳаи сиёсати кадрҳо ва идоракунӣ, технологияҳои иҷтимоӣ, назарияи ҷомеашиносӣ бо дарназардошти шароити таърихӣ ва самтҳои муосири сиёсати давлатии кадрҳо дар шароити рушди ҷомеа мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Аз ин рӯ, гуногунҷанба будани сиёсати давлатии кадрҳоро ба эътибор гирифта, муаллиф адабиёти мавҷударо ба таври муайян тақсимбандӣ ва таҳлил намудааст.

**Ба гурӯҳи якум** асарҳои классикони афкори сиёсӣ Афлотун, Арасту, Конфутсий, Шан Ян, Ч. Каутиля, Н. Макиавелли, Низомулмулк, А. де

---

[1] Ниг.: Турчинов А.И. Профессионализация и кадровая политика: проблемы развития теории и практики [Текст] / А. И. Турчинов. – М.: МПСИ: Флинта, 1998. – С. 7.

Ришеле[1]–ро дохил намудем. Дар осори онҳо масъалаҳои такмили вазифаҳои сиёсати давлатии кадрҳо дар соҳаи интихоб, омӯзиш ва ҷобаҷогузории кадрҳо ва назорат ба садоқати сиёсии ашхоси мансабдор инъикос ёфтааст.

Ба ҳамин гурӯҳ осори О. Конт, А. Сен-Симон, Ф.У. Тейлор, Э. Дюркгейм[2] низ дохил мешаванд, ки ба назарияи идоракунӣ, маъмурият ва пешсафӣ бахшида шудаанд. Баъдан, ин масъала аз тарафи Г. Саймон[3] дар доираи назарияи рафтор инкишоф ва такмил дода шуд.

Баррасии сиёсати давлатии кадрҳо ба сифати мавзуи таҳлил фақат дар нимаи аввали асри XX ба сабаби ба вуҷуд омадани назарияи менеҷменти илмӣ ва сотсиологияи идоракунии Г. Форд, А. Файол ва Г. Эмерсон[4] оғоз гардид.

Д.С. Мил, Г.В. Ф. Гегел, А.Д. Токвил, Г. Спенсер[5] дар доираи фалсафа ва сотсиологияи сиёсии афкори европоӣ ҷанбаҳои алоҳидаи сиёсати давлатии кадрҳоро таҳлил намудаанд. Сиёсатшиносони асри XX – Л.Ф. Мизес,

---

[1] Ниг.: Платон. Государство. Законы. Политика / Предисл. Е. И. Темнова [Текст] / Платон. – М.: Мысль, 1998. – 798 с.; Аристотель. Политика. Афинская полития / Предисл. Е. И. Темнова [Текст] / Аристотель. – М.: Мысль, 1997. – 458 с; *Он же*. Этика [Текст] / Аристотель; пер. Н. В. Брагинской, Т. А. Миллер. – М.: Астрель, 2012. – 492 с.; Конфуций. Мысли. Изречения. Афоризмы [Текст] / Конфуций. – Минск: Современное слово, 1998; Шан Ян. Книга правителя области Шан [Текст] / Шан Ян. – М.: Рипол Классик, 2017. – 426 с.; Каутилья Ч. Артхашастра [Текст] / Ч. Каутилья. – М.: Институт востоковедения РАН, Восточная литература, 2009. – 392 с.; Макиавелли Н. Государь. Рассуждения о первой декаде Тита Ливия. Сборник [Текст] / Н. Макиавелли; пер. с ит. – Минск: Попурри, 2016. – 672 с.; Низомулмулк. Сиёсатнома [Матн] / Муҳаррир Р. Ҳабибов. – Душанбе, 2019. – 200 с.; Ришелье А. Политическое завещание или принципы управления государством [Текст] / А. Ришелье. – М.: Ладомир, 2008. – 500 с.

[2] Ниг.: Антология мировой философии: в 4 т. Т. 3 [Текст] / под ред. В.В. Соколова и др., – М.: Мысль, 1969.; Тейлор Ф. У. Принципы научного менеджмента [Текст] / Ф. У. Тейлор; Пер. с англ. А. И. Зак. – М.: «Контроллинг», 1991. – 104 с.; Боз вай. Управление фабрикой. Научная организация труда [Текст] / Ф.У. Тейлор. – М.: НКПС Транспечать, 1925; Дюркгейм Э. Метод социологии [Текст] / Э. Дюркгейм / Пер. с фр., составление, послесловие и примечания А. Б. Гофмана. – М.: Канон, 1998. – 352 с; Боз вай. О разделении общественного труда. Метод социологии [Текст] / Э. Дюркгейм. – М.: Наука, 1991. – 574 с; Боз вай. Самоубийство: социологический этюд [Текст] / Э. Дюркгейм / пер. с фр. с сокр.; под ред. В. А. Базарова. – М.: Мысль, 1994; Боз вай. Социология. Ее предмет, метод и назначение [Текст] / Э. Дюркгейм / ред. кол.: В.М. Бакусев и др., пер. с фр. А.Б. Гофмана, худ. Ю.В. Сенин. – М.: Канон, 1995. – 352 с.

[3] Ниг.: Саймон Г. Административное поведение: пер. с англ. [Текст] / Г. Саймон, Дж. Марш. – М.: Мир, 1974. – 374 с.

[4] Ниг.: Файоль А. Управление – это наука и искусство [Текст] / А. Файоль, Г. Форд, Г. Эмерсон. – М.: Республика, 1992. – 348 с.

[5] Ниг.: Миль Д. С. О свободе. Антология западно-европейской классической либеральной мысли [Текст] / Д. С. Миль. – М.: Наука, 1995. – 462 с.; Гегель Г. В. Ф. Философия права [Текст] / Г. В. Ф. Гегель / пер. с нем.: ред. и сост. Д. А. Керимов и В. С. Нерсесянц. – М.: Мир книги, 2007. – 528 с.; Токвиль А. де. Демократия в Америке [Текст] / А. де Токвиль / пер. с франц. предисл. Г. Дж. Ласки. – М.: Весь мир, 2000. – 554 с.; Спенсер Г. Личность и государство [Текст] / Г. Спенсер. – М.: Социум, 2007. – 208с.

А.Лейпҳарт, П. Бурде, Ф. Фукуяма[1] ба масъалаҳои алоқамандии сиёсати давлатии кадрҳо ва низоми сиёсии ҷомеа мароқ зоҳир кардаанд.

Дар инҷо бояд асосгузорони назарияи элитаи сиёсӣ В. Парето, Г. Моска, муаллифони андешаи «қонуни оҳанини ашрофӣ» Р. Михелс ва Р. Миллс[2], ки воситаҳои сиёсии таъсиррасонӣ ба интихоби кадрҳоро таҳқиқ кардаанд, ҳамчунин муаллифи назарияи «инқилоби менеҷерҳо» Д. Бернҳейм[3]–ро низ ном бурд. Дар дарки илмии асосҳои сиёсати давлатии кадрҳо назарияи «маъмурияти мукаммал»–и М. Вебер[4] аҳамияти махсус дорад.

Мо ҳамчунин асарҳоеро, ки дар онҳо мафҳумҳои асосӣ ва нуктаҳои методологии назарияи ниҳодҳои иҷтимоӣ баён шудааст, таҳқиқ кардем. Ба ин осори Т. Веблен, Э. Гидденс, М.С. Комаров, Н. Смелзер, С.С. Фролов[5] ва ғайра дохил мешаванд.

**Гурӯҳи дуюми** адабиётро таҳқиқоти сиёсати кадрҳои даврони Иттифоқи Советӣ ташкил медиҳад. Ин гурӯҳи таҳқиқот омӯзиши дақиқро талаб намуда, имконият медиҳанд, ки масъалаи истифодаи баъзе усулҳои сиёсати кадрҳои даврони советӣ дар шароити муосир ҷустуҷӯ карда шавад.

Таҳлили интиқодии сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ, ки дар доираи феҳристи ҳизбӣ сурат мегирифт дар таҳқиқоти М. Ҷилас ва А.А.

---

[1] Ниг.: Мизес Л. Бюрократия. Запланированный хаос. Антикапиталистическая ментальность [Текст] / Л. Мизес. – М.: Дело, 1993. – 238 с.; Лейпхарт А. Полиэтническая демократия [Текст] / А. Лейпхарт // Этнос и политика. – М.: УРАО, 2000.; Бурдьё П. Дух государства: генезис и структура бюрократического поля // Поэтика и политика. Альманах Российско-французского центра социологии и философии Института социологии Российской Академии наук [Текст] / П. Бурдьё. – М.: Ин-т экспериментальной социологии, 1999. – С. 125-166.; Фукуяма Ф. Сильное государство: управление и мировой порядок в XXI в [пер. с англ.] / Ф. Фукуяма. – М.: АСТ, 2007. – 220 с.

[2] Ниг.: Парето В. Трансформация демократии [Текст] / В. Парето. – М.: Инфра-М, 2017. – 160 с ; Боз вай. О применении социологических теорий [Текст] / В. Парето // Социол. исслед. – 1995. – № 10; Боз вай. Компендиум по общей социологии [Текст] / В. Парето; пер. с итал. А. А. Зотова; науч. ред., предисл. к рус. изд., указ. имен М. С. Ковалёвой. – 2-е изд. – М.: Изд. дом ГУ ВШЭ, 2008. – 510 с.; Моска Г. Правящий класс [Текст] / Г. Моска // Социол. исслед. – 1994. – №10. – С. 187-198; Михельс Р. Демократическая аристократия и аристократическая демократия [Текст] / Р. Михельс // Соц. исслед. – 2000. – № 1. – С. 107-116.; Миллс Р. Властвующая элита [Текст] / Р. Миллс. – М., 1959. – 542 с.

[3] Ниг.: Бернхейм Дж. Революция директоров [Текст] / Дж. Бернхейм. Пер. с англ. Е. Шугаева. – М.: Посев, 1954. – 160 с.

[4] Ниг.: Вебер М. Политические работы (1895–1919) [Текст] / М. Вебер. – М.: Праксис, 2003. – 424 с.

[5] Ниг.: Веблен Т. Теория праздного класса [Текст] / Т. Веблен. – М.: Прогресс, 1984. – 368 с.; Гидденс Э. Социология [Текст] / Э. Гидденс. – М.: Едиториал УРСС, 2005. – 632 с.; Комаров М. С. Введение в социологию [Текст] / М.С. Комаров. – М.: Наука, 1994. – 316 с.; Смелзер Н. Социология [Текст] / Н. Смезлер. – М.: Феникс, 1998. – 688 с.; Фролов С. С. Социология: 3-е изд., доп. [Текст] / С. С. Фролов. – М.: Гардарики, 2000. – 344 с; *Боз вай* Социология организаций [Текст] / С. С. Фролов. – М.: Гардарики, 2001. – 270 с.

Зиновев[1] инъикос ёфтааст. Дар таҳқиқоти хеш муаллифони зикргардида кӯшиш кардаанд, ки таҷрибаи андӯхтаро таҳлил ва ҷамъбандӣ намоянд, ки бояд насли минбаъда мадди назар гирад. Ба ақидаи ин муаллифон, унсурҳои мусбати ин амалия метавонанд дар шароити муосир дар таҳқиқи масъалаҳои сиёсати давлатии кадрҳо чун ниҳоди иҷтимоӣ ҷой дошта бошанд.

Саҳми шоистаро дар фаҳмиши сиёсати давлатии кадрҳои даврони советӣ И.И. Евтихиев[2] гузоштааст. Ба ҳамин гурӯҳ метавон таҳқиқоти Т.Ю. Базаров, М.С. Восленский, Н.И. Глазуноваро дохил кард, ки масъалаҳои таъсири низоми идоракунии давлатиро ба ниҳодҳои сиёсӣ, ки бевосита бо фаъолияти инсон дар ниҳодҳои давлати муосир алоқаманданд, таҳлил намудаанд.[3]

Осори Д.П. Зеркин, Г.П. Зинченко ва В.Н. Козбаненко нуқтаи назари бунёдии назариявиро дар дарки ниҳоди сиёсати кадрҳо инъикос намудаанд.[4]

**Ба гурӯҳи сеюм** таҳқиқоти олимони Федератсияи Россия дохил мешаванд, ки назарияи сиёсати давлатии кадрҳо ва намунаҳои асосии онро таҳлил карда, бисёр манбаъҳои ба забони русӣ тарҷумагардидаро ба илм ворид кардаанд.

Иттилооти боарзиши далелнокро аз осори ҷомеашиносони муосир ва сиёсатшиносон-мутахассисони соҳаи элитологияи Федератсияи Россия Г.К. Ашин, О.В. Криштановская, О.В. Гаман-Голутвина, ҳамчунин аз таҳқиқоти

---

[1] Ниг.: Джилас М. Новый класс [Текст] / М. Джилас. – Нью-Йорк: Изд-во Фредерик А. Прегер, 1957. – 246 с.; Зиновьев А. А. Коммунизм как реальность. Кризис коммунизма [Текст] / А. Зиновьев. – М.: Центрполиграф, 1994. – 495 с.

[2] Ниг.: Евтихиев И. И. Институт государственной службы в советском административном праве [Текст] / И. И. Евтихиев // Научная сессия, посвященная 20-летию существования Всесоюзного института юридических наук (1925–1945): Тезисы докладов / Всесоюзный институт юридических наук Министерства юстиции СССР. – М., 1946. – С. 17–18; Боз вай. Особенности государственного управления в области народного хозяйства [Текст] / И. И. Евтихиев // Юбилейная научная сессия, посвященная 200-летию университета, 9–13 мая 1955 года: Тезисы докладов юридического факультета / МГУ им. М. В. Ломоносова. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1955. – С. 18–19.

[3] Ниг.: Базарова Т. Ю. Управление персоналом [Текст] / Т. Ю. Базарова. – М.: ЮНИТИ, 2002. – 560 с.; Восленский М. С. Номенклатура [Текст] / М. С. Восленский. – М.: Изд-во Захаров, 2015. – 640 с.; Глазунова Н. И. Система государственного управления [Текст] / Н. И. Глазунова. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002. – 552 с.

[4] Ниг.: Зеркин Д. П. Основы теории государственного управления. Курс лекций. Изд. 2-е, доп. и перераб. [Текст] / Д. П. Зеркин, В. Г. Игнатов. – Ростов н/Д: МарТ, 2005. – 512 с.; Зинченко Г. П. Как изменить работу чиновников: опыт консультирования [Текст] / Г. П. Зинченко. – Ростов н/Д: «РостИздат», 2000. – 224 с.; Государственное управление: основы теории и организации [Текст] / Под ред. В. А. Козбаненко. – М.: «Статут», 2002. – 366 с.

муҳаққиқон – В.Я. Гелман, М.Н. Афанасев, А.А. Мухин, С.Ю. Рибас ва аз асарҳои таърихнигорон – Р.Г. Пихоя, О.Т. Ҷавланов[1] дарёфт кардем.

Хусусиятҳои интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои элитаи сиёсию маъмурии сатҳи минтақавӣ дар таҳқиқоти А.Е. Чирикова, М.Х. Фарукшин ва Р.Р. Галлямов[2] инъикос ёфтааст.

Мафҳумҳои муосири сиёсати давлатии кадрҳо дар соҳаи идоракунии сиёсӣ ва хизмати давлатӣ аз тарафи Г.В. Атаманчук, В.С. Комаровский, В.А. Сулемов, И.Н. Барсис, А.И. Турчинов, Г.Е. Асатуров, Л.М. Тимофеева, Ю.В. Ирхин, В.С. Нечипоренко[3] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба ҳамин гурӯҳ асарҳои муҳаққиқони назария ва амалияи равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию идоракунӣ ва сохтору ташкилӣ – Н.М. Байков,

---

[1] Ниг.: Ашин Г. К. Элитология: история, теория, современность: монография [Текст] / Г. К. Ашин. – М.: МГИМО-Университет, 2010. – 600 с.; Крыштановская О. В. Анатомия российской элиты [Текст] / О. В. Крыштановская. – М.: Изд-во «Захаров», 2005. – 384 с.; Гаман-Голутвина О. В. Политические элиты России: Вехи исторической эволюции [Текст] / О. В. Гаман-Голутвина. – М.: РОССПЭН, 2006. – 446 с.; Гельман В. Я. Изучение политических элит в России: проблемы и альтернатива [Текст] / В. Я. Гельман, И. Г. Тарусина // Политическая наука. – 2003. – № 1. – С. 53–78.; Афанасьев М. Н. Клиентелизм и российская государственность: Исследование клиентарных отношений, их роли в эволюции и упадке прошлых форм российской государственности, их влияния на политические институты и деятельность властвующих групп в современной России: изд. 2-ое и доп. [Текст] / М. Н. Афанасьев. – М.: Моск. общ. научный фонд, 2000. – 318 с.; Мухин А. А. Путин: ближний круг Президента [Текст] / А. А. Мухин. – М.: Алгоритм, 2005. – 288 с.; Рыбас С. Рубежи российских элит [Текст] / С. Рыбас // Политическая элита. Политический ежегодник. – М.: ОЛМА-ПРЕСС, 2003.; Пихоя Р. Г. Москва. Кремль. Власть. Две истории одной страны. Россия на изломе тысячелетий. 1985-2005 [Текст] / Р. Г. Пихоя. – М.: Русь-Олимп, 2007. – 552 с.; Джавланов О. Т. Номенклатура: эволюция отбора (Историко-политологический анализ) [Текст] / О. Т. Джавланов, В. А. Михеев. – М.: Луч, 1993. – 138 с.

[2] Ниг.: Чирикова А. Е. Региональные элиты России [Текст] / А. Е. Чирикова. – М.: Аспект-Пресс, 2010. – 271 с.; Фарукшин М. Х. Политическая элита в Татарстане: вызовы времени и трудности адаптации [Текст] / М. Х. Фарукшин // Полис. Политические исследования. – 1994. – № 6.; Галлямов Р. Р. Элита Башкортостана. Политическое и конфессиональное измерение.[Текст] / Р. Р. Галлямова. – Уфа, 2006. – 248 с.

[3] Ниг.: Атаманчук Г. В. Конституционные основы государственной службы и кадровой политики [Текст] / Г. В. Атаманчук. – М.: РАГС, 1997. – 178 с.; Комаровский В. С. Политико-административное управление [Текст] / В. С. Комаровский, Ю. И. Матвиенко. – М.: РАГС, 2004. – 228 с.; Сулемов В. А. Государственная кадровая политика в современной России: теория, история, новые реалии: моногр., 2-е изд. [Текст] / В. А. Сулемов. – М.: Изд-во РАГС, 2006. – 344 с.; Барциц И. Н. Реформа государственного управления в России: правовой аспект [Текст] / И. Н. Барциц. – М.: Формула права, 2008. – 506 с.; Турчинов А. И. Профессионализация и кадровая политика: проблемы развития теории и практики [Текст] / А. И. Турчинов. – М.: МПСИ: Флинта, 1998. – 272 с.; Асцатуров Г. Е. Государственная служба как социальный институт [Текст] / Г. Е. Асцатуров. – М.: Проспект, 2007. – 232 с.; Тимофеева Л. Н. Рекрутирование молодых политических лидеров в России. – Актуальные проблемы политики и политологии в России [Текст] / Л. Н. Тимофеева. – М.: Изд-во РАГС, 2006.; Ирхин Ю. В. Реформирование государственной гражданской службы и потребности российского общества [Текст] / Ю. В. Ирхин // Социально-гуманитарные знания. – 2007. – № 2.; Нечипоренко В. С. Опыт работы с кадровым резервом в СССР и проблемы его адаптации к современным условиям [Текст] / В. С. Нечипоренко // Кадровый резерв как фактор развития управленческого потенциала России: материалы научно-практической конференции (РАГС, 26 марта 2009 г.). – М.: РАГС, 2009.

В.С. Карпичев, С.Г. Кирдина, Б.В. Литов, К. О. Магомедов, А.В. Рибаков[1] ва ғайра дохил мешаванд.

Мафҳуми созмондиҳии иҷтимоӣ, ки А.П. Пригожин[2] пешниҳод кардааст, барои баррасии сиёсати давлатии кадрҳо аҳамияти методӣ дорад.

Муҳаққиқон Т.Г. Калачев, А.Е. Лукяненко, К.А. Малишев, П.А. Марченков, Н.И. Писик, А.А. Хохлов ва дигарон дар осори худ равишҳои бунёдиро дар соҳаи таҳияи сиёсати давлатии кадрҳо инъикос карда, таҳлили мазмуни соҳаи идоракунии давлатиро анҷом додаанд.[3]

Хусусан, дар рисолаи Н.М. Байков[4] таҳлили назариявӣ ва методологии сиёсати кадрҳои муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқоти В.Э. Бойков, Г.П. Зинченко, Е.В. Охотский ва ғайра[5] илмҳои сиёсии ҷаҳониро дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо ба таври ҷиддӣ такмил додаанд.

Дар асарҳои А.А. Деркач, А.Г. Здравомислов масъалаҳои ташаккул ва фаъолияти иқтидори кадрҳои ҷомеа дар партави сиёсати давлатии кадрҳо,

---

[1] Ниг.: Байков Н. М. Государственная служба в социальном измерении. [Текст] / Н. М. Байков. – Хабаровск: Кн. изд-во, 2000. – 200 с.; Лытов Б. В. Государственная служба как социальный институт [Текст] / Б. В. Лытов // Государственная служба: теория и организация. – Ростов н/Д., 1998 ; Карпичев В. С. Теоретические основы государственной службы [Текст] / В. С. Крпичев // Государственная служба: теория и организация. – Ростов н/Д., 1998; Кирдина С. Г. Институциональные матрицы и развитие России: введение в X-Y-теорию. 3-е изд., перераб., расш. и иллюст. [Текст] / С. Г. Кирдина. – СПб.: Нестор-История, 2014. – 468 с.; Магомедов К. О. Социология государственной службы [Текст] / К. О. Магомедов. – М.: Изд-во РАГС, 2010; Рыбаков А В. Новый общественно-институциональный порядок в России: проблемы формирования и оптимизации [Текст] / А. В. Рыбаков // Власть. – 2001. – № 7. – С. 9-14.

[2] Ниг.: Пригожин А. П. Методы развития организации [Текст] / А. П. Пригожин. – М.: МЦФЭР, 2003. – 864с.

[3] Ниг.: Калачева Т.Г. Профессионализм государственных служащих субъекта Федерации: методологический и методический подходы [Текст] / Т. Г. Калачева. – Н. Новгород: ВВАГС, 1998. – 188 с ; Лукьяненко А. Е. Персонал государственного аппарата: проблемы управления и стабилизации [Текст] / А. Е. Лукьяненко. – М.: Союз, 1997. – 280 с.; Малышев В. А. Социологический подход к анализу проблем профессионализма госслужащих [Текст] / В. А. Малышев, П. А. Марченков, Т. Г. Калачева. – М.: Инфра-М, 1997; Пицик Н. И. Проблемы формирования и развития кадрового потенциала органов власти и управления [Текст] / Н. И. Пицик. – М.: Наука, 2002 ; Хохлов А. А. Социология кадрового обеспечения органов власти [Текст] / А. А. Хохлов. – Орел, 1998.

[4] Ниг.: Байков Н. М. Кадровый потенциал органов власти: опыт социологического анализа [Текст] / Н. М. Байков. – Хабаровск: Изд-во ДВАГС, 2002. – 236 с.

[5] Ниг.: Бойков В. Э. Социология управления [Текст] / В. Э. Байков. – М.: РАГС, 2006. – 336 с; Зинченко Г. П. Социология управления [Текст] / Г. П. Зинченко. – Ростов н/Д.: Феникс, 2004. – 384 с.; Охотский Е. В. Государственная служба в парламенте: отечественный и зарубежный опыт. [Текст] / Е. В. Охотский. – М.: РОССПЭН, 2002; Боз вай. Государственная кадровая политика и механизм ее реализации. Кадроведение: изд. 2-е.доп. и перераб. [Текст] / Под общ. ред. Е. В. Охотского – М.: РАГС, 1998; Боз вай. Служебная карьера [Текст] / Е. В. Охотский. – М.: Экономика, 1997; Боз вай. Боз вай. Боз вай. Государственная служба: культура поведения и деловой этикет [Текст] / Е. В. Охотский. – М.: РАГС, 1998; Боз вай. Государственная служба: теория и организация [Текст] / Е. В. Охотский. – Ростов н/Д.: Феникс, 1998. – 640 с.

баланд бардоштани сатҳи касбии кадрҳо ва истифодаи усулҳои кор бо кадрҳо таҳқиқ шудааст.[1]

**Ба гурӯҳи чорум** назарияи пасовеберии сиёсати давлатии кадрҳо дохил мешавад. Ба ин гурӯҳ таҳқиқоти А. Шеферд, К. Ҳансен, Р. Канингем, Л. Полард, М. Тернер[2] шомил мешаванд.

Масъалаҳои ташаккули сиёсати давлатии кадрҳо аз нигоҳи назарияи пасовеберӣ дар асарҳои Е.А. Капогузов ва С.Л. Сергеева[3] мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар рисолаҳои муҳаққиқони Федератсияи Россия – намояндагони мактаби сиёсати давлатии кадрҳои М. Вебер – В.Л. Романова, Б.Т. Пономаренко, В.А. Михеев ва муаллифони хориҷӣ А. Делион, С. Ричардсон, М. Нияз[4] масъалаҳои сиёсӣ ва сиёсӣ-идоракунии тайёр кардани кадрҳои хизмати давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

---

[1] Ниг.: Деркач А. А. Развитие управленческой компетентности государственного служащего [Текст] / А. А. Деркач. – М.: Рос. ун-т дружбы народов, 2012; Здравомыслов А. Г. Социология: теория, история, практика / отв. ред. Н. И. Лапин; Институт социологии РАН [Текст] / А. Г. Здравомыслов. – М.: Наука, 2008. – 382 с ; Боз вай. Поле социологии в современном мире [Текст] / А. Г. Здравомыслов. – М: Логос, 2010. – 410 с.

[2] Ниг.: Shepherd A. Governance, good government and poverty reduction [Text] / A. Shepherd // International review of administrative sciences. – London, 2000. – Vol. 66. – № 2.; Hansen K. Local councilors: between local «government» and local governance [Text] / K. Hansen // Public Administration. – Oxford, 2001. – Vol. 79. – № 1.; Cunningham R. From great expectations to hard times? Managing equal opportunities under New Public Management [Text] / R. Cunningham // Public Administration. – Oxford, 2000. – Vol. 78. – № 3.; Pouillard L. Technology and simulation: for a participative democracy in era of new public management [Text] / L. Pouillard // International Review of Administrative Sciences. – London, 1999. – Vol. 65. – № 3. – P. 371–380.; Turner M. Governance, administration and development. Hound mills [Text] / M. Turner, D. Haulm. – London: Macmillan, 1997.

[3] Ниг.: Капогузов Е.А. Модернизация государственного управления в Европе: на пути к неовеберианству? [Текст] / Е. А. Капогузов // Современная Европа. – 2009. – № 1. – С. 29-40.; Сергеева С.Л. Политика и государственная служба (национальные модели взаимоотношений в США, Великобритании и Франции) [Текст] / С.Л. Сергеева. – М.: РАГС, 2008.

[4] Ниг.: Романова В. Л. Инновационная подготовка кадров государственной службы. 2-ое изд. [Текст] / В. Л. Романова, Л. А. Василенко. – М.: РАГС, 2007. – 140 с.; Пономаренко Б. Т. Система профессионального обучения государственных служащих [Текст] / Б. Т. Пономаренко. – М.: РАГС, 2006.; Михеев В. А. Инновации в профессиональной подготовке государственных служащих [Текст] / В. А. Михеев // Государственная служба. – 2008. – № 2.; Delion A. Training and Research in Public Enterprise Administration [Text] / A. Delion. Brussels: International Institute of Administrative Sciences, 1978. – P. 23.; Richardson S. The organization of support for an administrative training programme in an institute or school of administration [Text] / S. Richardson. – International Institute of Administrative Sciences Brussels. – Brussels, 1993. – P. 28.; Niaz M. A Training programmes for various categories of civil servants [Text] / A. M. Niaz. Brussels: International Institute of Administrative Sciences, 1983. – P. 49.

Масъалаҳои тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ва маҳаллӣ дар таҳқиқоти М. А. Аюпов, И. Р. Гимаев, С. Н. Лаврентев, С. Ю. Кабашов, М. И. Халиков[1] ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Таҳқиқоти сиёсатшиносони Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Иттифоқи Европа ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар соҳаи интихоби кадрҳо, тағйирот ва демократиякунонии сиёсати давлатии кадрҳо – Д. Мейсел, К. Превитт, С. Келлер, М. Кук, Р. Сэнер, Г. Пиганол, С. Нанн, А. Люсатто, Ҳ. Г. Келнер, К. Каспари, ҳамчунин таҳқиқоти И. Лю, Ю. Штейнер аҳамияти муҳимми илмӣ доранд. Дар осори К. Стиверс ва Б. Нелсон[2] масъалаҳои баробарҳуқуқии гендерӣ дар хизмати давлатӣ баррасӣ шудаанд.

**Ба гурӯҳи панҷум** метавон корҳои таҳқиқотии Н.М. Казансев, А.Ф. Ноздрачев, Д.М. Овсянко, Ю.Н. Стариловро дохил кард, ки сиёсати кадрҳоро

---

[1] Ниг.: Аюпов М. А. Региональные особенности политико-трансформационного процесса [Текст] /М. А. Аюпов. – Уфа: Гилем, 2003. – 252 с.; Гимаев И. Р. Подготовка управленческих кадров в Башкортостане: история и современность [Текст] / И. Р. Гимаев, С. Ю. Кабашов. – Уфа: Китап, 2006. – 188 с.; Лаврентьев С. Н. Роль государственной службы в процессах формирования гражданского общества [Текст] / С. Н. Лаврентьев, Р. Х. Кунакбаев. – Уфа: Гилем, 2006. – 164 с.; Кабашов С. Ю. Подготовка управленческих кадров в Башкортостане: страницы истории [Текст] / С. Ю. Кабашов // Экономика и управление: науч.-практ. журн. – № 5 (73). – С. 11-17; Халиков М. И. Государственная и муниципальная кадровая политика [Текст] / М. И. Халиков, В. В. Мухортов. – Уфа: БАГСУ, 2014. – 160 с.

[2] Ниг.: Meisel J. The myth of the ruling class [Text] / J. Meisel. – Michigan: The university of Michigan press, 1958.; Prewitt K. The recruitment of political leaders: study of citizen – politicians [Text] / K. Prewitt. – NY: Bobbs – Merrill Company, 1970; Prewitt K., Stone A. The ruling elites. Elites theory, power and American democracy [Text] / K. Prewitt, A. Stone. – New York, 1973.; Keller S. Beyond the Ruling Class. Strategic Elites in Modern Society [Text] / S. Keller. – Wan Brunswic, 1991. – 354 pp.; Cook M. Personnel Selection Adding Value People [Text] / M. Cook. – London: Jon Wiley & Sons Ltd, 2004.; Сэнер Р. Профессионализм лидеров в условиях глобализации [Текст] / Р. Сэнер // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М.: РАГС, 2002. – С. 85–90; Пиганьоль Г. Государственные служащие и служащие частного сектора [Текст] / Г. Пиганьоль // Государственная служба в зарубежных странах: сбор. – Уфа: РИО БАГСУ, 1995; Нанн С. Национализм и регионализм [Текст] / С. Нанн, С. Стапберг // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М.: РАГС, 2001; Люссато А. Тесты по подбору персонала [Текст] / А. Люссато. – СПб.: Нева, 2002. – 128 с.; Келнер Х.-Г. Децентрализация в Испании приносит успехи [Текст] / Х.-Г. Келнер // Государственная служба за рубежом. Национальные отношения в полиэтнических государствах. Реферат. бюл. – М.: РАГС, 2001; Каспари К. Опыт использования компьютерных учебных программ для повышения квалификации административных кадров [Текст] / К. Каспари // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М.: РАГС, 2002; Лю И. Сравнительный анализ кадровой политики России и КНР (1991–2005) [Текст] / И. Лю // Власть. – 2006. – № 1.; Штейнер Ю. Распределение власти – ещё один швейцарский экспортный продукт [Текст] / Ю. Штейнер // Этнос и политика / под ред. А. А. Празаускаса. – М.: Изд-во УРАО, 2000. – С. 281–287.; Stivers C. Bureau Men, Settlement Women. Constructing Public Administration in the Progressive Era [Text] / C. Stivers. – University Press of Kanzas. 2000. – 187 p.; Nelson B. J. Women and Politics Worldwide [Text] / B. J. Nelson, N. Chowdhury. – Yale University Press, 1994. – 818 p.

аз назари сиёсӣ–ҳуқуқӣ тафсир кардаанд.[1] Дар таҳлили масъалаҳои сиёсати давлатии кадрҳо дар ин росто В. Г. Игнатов ва дигарон саҳми шоиста гузоштаанд.[2] Дар таҳқиқоти муҳаққиқони гурӯҳи мазкур мавзуъҳои сиёсати кадрҳо аз назари сиёсӣ–ниҳодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Гурӯҳи шашумро** осори таҳқиқотии В.С. Карпичев, Е.В. Охотский В.Л. Романов, В.М. Соколов, В.П. Мелников ва дигарон ташкил медиҳад.[3] Муаллифони мазкур ба ҷанбаҳои иҷтимоии таҳқиқи сиёсати давлатии кадрҳо таваҷҷуҳ намудаанд.

**Гурӯҳи ҳафтумро** корҳои таҳқиқотии В.М. Анисимов, А.И. Горбачев, И.П. Литвинов, В.И. Лукяненко, В.С. Нечипоренко, Б.Т. Пономаренко, В.Г. Смолков, В. А. Сулемов ва дигарон ташкил медиҳанд.[4] Онҳо масъалаҳои таҳия намудани назарияи сиёсати кадрҳо, вазифаҳо, самтҳои асосӣ, объектҳо ва субъектҳои он, усули кор бо ҳайати кормандон, услуби идоракунии онҳоро таҳлил кардаанд.

---

[1] Ниг.: Казанцев Н. М. Публично-правовое регулирование государственной службы: институционно-функциональный анализ. Монография [Текст] / Н. М. Казанцев – М.: РАГС, 1999; Ноздрачев А. Ф. Государственная служба [Текст] / А. Ф. Ноздрачев. – М.: Статут, 1999. – 592 с.; Овсянко Д. М. Государственная служба Российской Федерации [Текст] / Д. М. Овсянко. – М.: Юристъ, 2002. – 288 с.; Старилов Ю. Н. Государственная служба в Российской Федерации: теоретико-правовое исследование [Текст] / Ю. Н. Старилов. – Воронеж: Изд-во Воронеж. гос. ун-та, 1996. – 456 с.; Старилов Ю. Н. Государственная служба и служебное право [Текст] / Ю. Н. Старилов. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2015. – 240 с.

[2] Ниг.: Игнатов В. Г. Современная государственная кадровая политика и ее реализация на Северном Кавказе [Текст] / В. Г. Игнатов, С. Г. Кузнецов, А. В. Понеделков. – Р.-н.-Д.: СКАГС, 2000. – 208 с.; Игнатов В. Г. Государственная кадровая политика и технологии ее реализации [Текст] / В. Г. Игнатов, А. В. Понеделков, Н. С. Слепцов. – Р.-н.-Д: Изд-во СКАГС, 2001. – 328 с.

[3] Ниг.: Карпичев В. С. Социальный вектор государственной службы [Текст] / В. С. Карпичев // Государственная служба Российской Федерации: первые шаги и перспективы. – М., 1997; Охотский Е. В. Административная этика / под ред. В. Л. Романова. [Текст] / Е. В. Охотский, В. Л. Романов, В. М. Соколов. – М.: РАГС, 1999; Мельников В. П. Государственная служба в России: исторический опыт организации и современность [Текст] / В. Н. Мельников, В. С. Нечипоренко. – М.: Изд-во РАГС, 2003. – 508 с.

[4] Ниг.: Анисимов В. М. Государственная кадровая политика и механизм ее реализации [Текст] / В. М. Анисимов, Ф. Д. Демидов, В. П. Мельников, Е. В. Охотский. – М.: РАГС, 1998. – 468 с.; Горбачев А. И. Системность государственной кадровой политики [Текст] / А. И. Горбачев // Государственная кадровая политика: проблемы формирования и реализации: материалы «Круглого стола». – М.: РАГС, 2001; Литвинов И. П. Стиль исполнения управленческой должности [Текст] / И. П. Литвинов, И. И. Литвинов, А. В. Меньчуков. – СПб.: ЛИНЭЛ-Н, 2003. – 520 с.; Лукьяненко В. И. Государственный аппарат России: проблемы организации, управления, контроля [Текст] / В. И. Лукьяненко. – М.: Изд-во РАГС, 2004. – 414 с.; Нечипоренко В. С. Кадровый потенциал России: состояние и основные тенденции изменений [Текст] / В. С. Нечипоренко // Государственная кадровая политика и механизм ее реализации. – М.: РАГС, 2002. – С. 32–40; Пономаренко Б. Т. Профессионализм как основа государственного регулирования кадрового потенциала Российской Федерации [Текст] / Б. Т. Пономаренко // Государственная кадровая политика и механизмы ее реализации. – М.: РАГС, 2002; Смольков В. Г. Кадровый менеджмент в системе государственной службы зарубежных стран [Текст] / В. Г. Смольков. – М.: РАГС, 2000; Сулемов В. А. Формирование государственной кадровой политики: концептуальные основы, цели, приоритеты [Текст] / В. А. Сулемов // Государственная кадровая политика и механизмы ее реализации. – М.: Изд-во РАГС, 1998. – С. 25–49.

**Ба гурӯҳи ҳаштум** диссертатсияҳои О.В. Агеев, А.И. Василев, В.А. Колесников, И.Н. Шентябина, Г.Г. Архипова, А.М. Магомадов, Д.М. Оздарбиев, М.В. Лазарев[1] дохил мешаванд, ки дар онҳо масъалаҳои сиёсати давлатии кадрҳо инъикос ёфтааст.

Дар таҳқиқоти илмии Д.В. Дудкина, А.В. Фёдоров рушди сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ таҳқиқ шудааст. Таҳаввулоти сиёсати кадрҳои дигар давлатҳои низоми коммунистӣ дар диссертатсияҳои Т.В. Лазарева (Ҷумҳурии Халқии Хитой) ва Хо Нгок Хая[2] (Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар корҳои диссертатсионии С.Л. Аксёнов, А.В. Понеделков, А.А. Паутов[3] масъалаҳои рушди сиёсати давлатии кадрҳо аз дидгоҳи методологияи идоракунии сиёсӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

**Ба гурӯҳи нуҳум** осори намояндагони мактаби илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, ки назария ва амалияи идоракунӣ, одоби касбӣ ва муоширати хизматчиёни давлатӣ, ташаккул ва инкишофи элитаи сиёсии тоҷик,

---

[1] Ниг.: Агеев О. В. Институт государственной службы в системе властных отношений современной России: дис. … канд. полит. наук [Текст] / О. В. Агеев. – Н. Новгород, 2002. – 176 с.; Васильев А. И. Демократизация подбора и расстановки руководящих партийных кадров в условиях перестройки: опыт социологического анализа: дис. … канд. социол. наук [Текст] / А. И. Васильев. – М., 1990. – 160 с.; Колесников В. А. Государственная кадровая политика: политико-институциональный аспект: дис. … канд. полит. наук [Текст] / В. А. Колесников. – Ростов н/Д., 2002. – 208 с.; Шентябина И. Н. Кадровая политика в сфере государственной гражданской службы субъекта федерации как социально-управленческая деятельность. На примере Приволжского федерального округа: дис. … канд. социол. наук [Текст] / И. Н. Шентябина. – Н. Новгород: ВВАГС, 2005. – 188 с.; Архипова Г. Г. Этнический фактор в формировании органов государственной власти в полиэтнических государствах: дис. … канд. полит наук [Текст] / Г. Г. Архипова. – М.: РАГС, 2006. – 202 с.; Магомадов А. М. Государственная кадровая политика как регулятор этносоциальных конфликтов на Северном Кавказе: дис. … канд. социол. наук [Текст] / А. М. Магомадов. – М.: РАГС, 2006. – 180 с.; Оздарбиев Д. М. Государственная кадровая политика в кризисном регионе: дис. … канд. социол. наук [Текст] / Д. М. Оздарбиев. – М.: РАГС, 2006. – 172 с.

[2] Ниг.: Дудкина Д. В. Советская кадровая политика и местный государственный аппарат (1917–1991 гг.): дис. … канд. ист. наук [Текст] / Д. В. Дудкина. – Самара, 2002. – 242 с.; Фёдоров А. В. Кадровая политика СССР на завершающем этапе индустриальной модернизации: конец 1950–1980 гг.: дис. … канд. ист. наук [Текст] / А. В. Фёдоров. – М.: Моск. погран. инс. ФСБ Российской Федерации, 2005. – 182 с.; Лазарева Т. В. Кадровая политика в национальных районах КНР: дис. … канд. ист. наук [Текст] / Т. В. Лазарева. – М.: РАН, 2002. – 202 с.; Хо Нгок Хай. Побор и воспитание партийных кадров в современных условиях СРВ (Социально-психологический аспект): дис. … канд. филос. наук [Текст] / Хо Нгок Хай. – М.: АОН при ЦК, 1987.

[3] Ниг.: Аксёнов С. Л. Социальная диагностика кадрового обеспечения аппаратов органов государственной власти Российской Федерации: дис. … канд. социол. наук [Текст] / С. Л. Аксёнов. – М.: РАГС, 2000. – 162 с.; Понеделков А.В. Повышение компетентности партийных кадров в условиях перестройки (Социологический анализ): дис. … канд. социол. наук [Текст] / А. В. Понеделков. – М.: АОН при ЦК, 1990. – 178 с.; Паутов А. А. Элитогенез и высший административно-управленческий персонал государства в условиях кризисного развития: дис. … канд. социол. наук. – М.: РАГС, 2000. – 204 с.

масъалаҳои амнияти зеҳнӣ ва «фирори мағзҳо», ҳунарҳо ва суннатҳои роҳбарӣ, хусусиятҳои инкишофи сиёсат ва идораи давлатиро таҳлил намудаанд.

Иттилооти боарзиши далелнокро аз асарҳои Ш. Шоисматуллоев, А.Ш. Қурбонов, Г.Н. Зокиров, З.Ш. Сайидзода, С.С. Фаттоҳзода, Р.Ш. Сотиволдиев, Ҳ. Нуриддинов, Р.Ш. Нуриддинов, А.М. Диноршоҳ, А.Раҳнамо, А.Ё. Комилбек, Б.П. Ализода ва И.А. Пирназаров[1] дарёфт намудем.

Ш. Шоисматуллоев дар таҳқиқоти худ давраҳои асосии ташаккул ва инкишофи назарияҳои элитаи сиёсиро мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки барои ҳар як давраи мавҷудияти элита сатҳи муайяни инкишофи назарияи элита хос аст. Ҳамзамон, дар мақолаҳои ӯ

---

[1] Ниг.: Шоисматуллоев Ш. Хусусияти ташаккули сохтори маҳаллии Тоҷикистон [Матн] / Ш. Шоисматуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Силсилаи илмҳои фалсафа. – 2021. – № 1. – С. 118-123; Боз вай. Ташаккул ва инкишофи «назарияҳои элитаи сиёсӣ [Матн] / Ш. Шоисматуллоев // Ахбори Института фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Тоҷикистон, 2019. – № 2. – С. 242-247; Қурбонов А. Ш. . Сиёсати давлатӣ дар соҳаи омода намудани кадрҳои илмӣ дар раванди дигаргуншавии ҷомеа [Матн] / А. Ш. Қурбонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – № 4. – С. 26-30; Боз вай. Неруи зеҳнии ҷумҳурӣ ва ҳалли мушкилоти соҳаи илм дар замони истиқлолият [Матн] / А. Ш. Қурбонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2016. – № 3. – С. 314-323; Зокиров Г. Н. Хусусиятҳои инкишофи сиёсат ва идораи давлатӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 2-5. – С. 142-151; Боз вай. Сиёсатшиносӣ. Ҷ. I [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: ДМТ, 2019. – 648 с; Боз вай. Ҳунари роҳбарӣ ва суннатҳои роҳбарӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе, 1994; Боз вай. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ. I [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Андалеб–Р», 2015. – 520; Боз вай. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ. II [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Андалеб–Р», 2015. – 536; Боз вай. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ. III [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Андалеб–Р», 2015. – 540.; Сайидзода З. Ш. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон. Нашри дуюми такмилёфта [Матн] / З. Ш. Сайидзода. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2012. – 164 с.; Фаттоҳзода С. С. Ташаккул ва инкишофи элитаи сиёсии тоҷик [Матн] / С. С. Фаттоҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. – №5. – Қ. I. – С. 279-283; Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи идоракунӣ. [Матн] / Р. Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: «Шарқи озод», 2005. – 222 с.; Нуриддинов Ҳ. Одоби касбӣ ва муошırати хизматчии давлатӣ [Матн] / Ҳ. Нуриддинов, Б. П. Ализода. – Душанбе: ДТИХД, 2005. – 61 с.; Боз вай. Идоракунӣ ва хизмати давлатӣ дар замони Сомониён [Матн] / Ҳ. Нуриддинов // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2005. – № 1. – С. 52-53; Диноршоҳ А. М. Хидмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А. М. Диноршоҳ, Х. Ойев, К. Саиданваров. – Душанбе, 2020. – 220 с.; Боз вай. Асосҳои ҳуқуқии шакли фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ [Матн] / А. М. Диноршоҳ, Ҷ. Қодиров // Правовая жизнь. – № 1 (29). 2020. – С. 81-88; Раҳнамо А. Дидгоҳи давлатмеҳвар [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 248 с.; Комилбек, А.Ё. Асосҳои таҳлили сиёсати давлатӣ [Матн] / О. Бобоев, А. Ё. Комилбек. – Душанбе, 2022. – 309 с.; Боз вай. Низоми идоракунии сиёсӣ: ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... д-ри илмҳои сиёсӣ [Матн] / А.Ё. Комилбек. – Душанбе, 2022. – 326 с.; Боз вай. Политическое управление в современном политическом процессе. [Текст] / А.Ё. Комилбеков. – Душанбе, 2019. – 176 с.; Боз вай. Низоми идоракунии сиёсӣ дар Тоҷикистон: таҳлили назариявӣ-амалӣ [Матн] / А. Ё. Комилбек. – Душанбе, 2022. – 187 с.; Ализода Б.П. История становления государственного управления в Таджикистане (1917-1929) [Текст] / Б. П. Ализода. – Душанбе, 2020. – 180 с.; Боз вай. Трансформация и развитие государственного управления в Таджикистане (1929-2015) [Текст] / Б.П. Ализода. – Душанбе, 2021. – 200 с.; Боз вай. Ташаккули мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – № 6 (83). – 2019. – С. 217-222. ISSN 2219-5408; Боз вай. Государственное управление в Таджикистане: становление, реформа и совершенствование [Текст] / Б. П. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 9 (2020). – 2020. – С. 35-40. ISSN 2074-1847.; Пирназаров И. А. Становление государственной службы как политико-социального института: дис. … канд. полит. наук [Текст] / И. А. Пирназаров. – Душанбе, 2006. – 160 с.

таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили хусусияти ташаккули сохтори маҳаллии Тоҷикистон равона гардидааст.

А.Ш. Қурбонов масъалаҳои амнияти зеҳнӣ ва нақши он дар таъмини истиқлоли миллӣ ва рушди кишварҳоро дар ҷаҳони муосир таҳқиқ намуда, ҳамзамон сабабҳо ва оқибатҳои «фирори мағзҳо», танзим ва пешгирии раванди онро мавриди таҳлил қарор додааст.

Г.Н. Зокиров дар асарҳои худ масъалаҳои ҳунар ва суннатҳои роҳбарӣ, назария ва сиёсати давлатию идоракуниро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар китобҳои ӯ муносибати умумӣ ҳамчун нақши сиёсатшиносӣ муайян гардидааст. Ба андешаи Г.Н. Зокиров, идоракунии давлатӣ, баҳамтаъсиррасонии ҷомеа ва давлат, масъулияти давлат дар назди ҷомеа ва ғайра моҳиятан хосияти сиёсӣ дошта, дар рушди ҷомеа мақоми махсусро касб намудаанд. Ҳамзамон, дар мақолаҳои ӯ таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили идоракунии давлатӣ, сиёсати давлатӣ ва назарияи сиёсӣ равона гардидааст.

З.Ш. Сайидзода дар таҳқиқоти худ дар баробари таҳлили масъалаҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши кадрҳоро дар таҳия ва татбиқи фаъолияти давлатӣ муайян намудааст.

С.С. Фаттоҳзода масъалаҳои ташаккул ва инкишофи элитаи сиёсӣ ва нақши онро дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст.

Бартарии китоби Р.Ш. Сотиволдиев аз он иборат аст, ки дар он назарияи идоракунӣ бо дарназардошти воқеияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити Истиқлоли давлатӣ таҳлил гардидааст.

Дар мақолаҳои Ҳ. Нуриддинов масъалаҳои одоби касбӣ ва муоширати хизматчии давлатӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Саҳми осори Р.Ш. Нуриддинов аз он иборат аст, ки ҳайати кадрии хизмати дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сифатҳои касбии дипломат ва фаъолгардонии нақши зан дар дипломатияро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар таҳқиқоти А.М. Диноршоҳ мавзуъҳои хидмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди асосҳои ҳуқуқии идораи давлатӣ дар ҷумҳурӣ, ҳамзамон асосҳои ҳуқуқии шакли фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шудаанд.

Дар таҳқиқоти А.Ё. Комилбек ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии низоми идоракунии сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон сиёсати кадрӣ ва гендерӣ ҳамчун воситаҳои таъмини самаранокии идоракунии давлатӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шудаанд.

Б.П. Ализода мавзуъҳои ташаккул, таҳаввул ва рушди идораи давлатӣ ва ҳамзамон масъалаҳои ислоҳот ва такмили идораи давлатӣ дар Тоҷикистонро баррасӣ намудааст.

И.А. Пирназаров дар таҳқиқоти хеш масъалаҳои ташаккули хизмати давлатӣ чун ниҳоди сиёсию иҷтимоӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҳаёти сиёсии муосир: моҳият, хусусиятҳо, махсусият ва пешомади инкишоф» барои солҳои 2016–2020, 2021–2025 омода гардидааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** омӯзиши амиқ ва таҳлилу натиҷагириҳои васеи муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои сиёсати кадрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавассути он таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини инкишофи босуботи ҷомеа ташкил менамояд.

Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда бояд **вазифаҳои** зерин ҳаллу фасл шаванд:

– омӯзишу коркарди заминаҳо, муайян кардани захираҳо ва муқаррар кардани асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо вобаста ба марҳалаҳои гуногуни инкишофи донишҳои сиёсӣ;

– муқаррар ва муайян кардани фаҳмиши шаклии сиёсати давлатии кадрҳо, таҳқиқу баррасӣ намудани роҳҳои дарки моҳиятии мавзуи баррасишаванда;

– омӯзиш ва коркарди марҳалаҳои асосии пайдоиш, таҳлили раванди ташаккул ва натиҷагириҳои назарияи сиёсати давлатии кадрҳо;

– таҳқиқу таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбӣ, таҳия ва татбиқи омӯзиши таҷрибаи онҳо бо мақсади дарки муассирияти сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа;

– таҳлили асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасӣ намудани фаъолияти ниҳодҳои дахлдори давлатӣ перомуни мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи мазкур;

– омӯзиши Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар намудани хусусиятҳои асосии он, муайян намудани роҳу воситаҳои такмили он дар доираи манфиатҳои миллӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои дурнамоии давлат;

– мавриди баррасӣ қарор додани низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқиислоҳоти хизмати давлатӣ ва дастгоҳи идоракунӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ;

– тавсифи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи омӯзиши қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳалли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои меҳнатӣ, рушди низоми ояндабинии давлатӣ, таҳлили барномаҳои давлатӣ, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳрии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи мазкур;

– муайян ва мушаххас намудани мушкилиҳо, таҳқиқи монеаҳо ва таҳлил намудани пешомади сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дарёфти роҳҳои такмили пояҳои сиёсӣ, меъёрӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқии фаъолияти кадрӣ.

**Объекти таҳқиқотро** масъалаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ва идоракунии равандҳои ҷомеаи муосир ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқотро** ташаккул ва инкишофи сиёсати кадрӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи муҳимми ҳалли масъалаҳо ва таъмини рушди босуботи ҷомеа ташкил менамояд.

**Фарзияи таҳқиқотро** вазифаҳои давлат дар раванди таҳия ва татбиқи сиёсати кадрҳо мансуб гардида, таъмини муассирият, пойдорӣ ва равандҳои идоракуниро таҳким мебахшад. Сиёсати давлатии кадрҳо ҳам вазифаҳои идорӣ ва ҳам сиёсиро иҷро мекунад. Омили муҳимро сатҳи ташкилии сиёсати давлатии кадрҳо мутобиқи стратегияи рушди он ташкил медиҳад.

Баррасӣ намудани масъалаи фазои сиёсӣ, соҳибихтиёрии давлат, зуҳури равандҳои глобаликунонӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ вазифаи тарбия намудани кадрҳои сифатан нав ва ҷавобгӯи талаботҳоро ба миён гузошт. Дар шароити муосир заминаҳои асосии рушди сиёсати давлатии кадрҳо рӯнамо гардидааст, ки имкон медиҳад ин навъи фаъолият ба таҳкими ҳокимияти сиёсӣ–идорӣ ва баланд бардоштани муассирияти фаъолияти онҳо таъсир расонад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** мубрамияти масъалаҳои вобаста ба сиёсати давлатии кадрҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷойгоҳи он дар рушди системаи идоракунии ҷомеаи муосир ташкил менамояд. Инчунин,

таҳқиқи заминаҳои пайдоиш ва ташаккули донишҳои сиёсӣ вобаста ба сиёсати кадрӣ, мақоми он дар инкишофи Давлати Тоҷикистон ва рушди давлат ҳамчун ниҳоди асосии системаи сиёсии ҷомеа, зарурати таҳқиқи илмии мушкилоти вобаста ба сиёсати соҳавӣ дар шароити муосир аҳамияти назариявии онро нишон медиҳад.

Дар рафти омӯзиш ва натиҷагириҳо ба асарҳои классикии таҳқиқи масъалаҳои мухталифи ҷомеаи сиёсӣ, айният ва тафовутҳои онҳо, асарҳои муҳаққиқони макон ва замони мухталиф, аз ҷумла асарҳои муҳаққиқони замони муосир, ки ифодагари раванди инкишоф ва таҳкими сиёсати давлатӣ дар соҳаи кадрҳо мебошанд, такя намуда, дар доираи таҳлили мантиқӣ ва хулосабарориҳои илмию назариявӣ тарҳи нави муносибати методологӣ ва ҳалли масъалаҳои инкишофро пешниҳод менамояд.

Истифодаи эҷодкоронаи методология ва назарияи кадршиносӣ асоси таҳлили илмии вазъи ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳоро ташкил намуд. Муҳаққиқон омилҳои иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳо, ки муносибатҳои кадриро ифода менамоянд, дарк кардаанд. Муаллиф ба равиши элитарӣ ба хотири он такя намудааст, ки мафҳумҳои «кадрҳо» ва «сиёсати давлатии кадрҳо» бо мафҳумҳои «элитаи сиёсӣ–маъмурӣ», «интихоби элита» алоқамандӣ доранд. Нуктаҳои зикршудаи назариявиро мо дар марҳалаҳои гуногун ва вобаста ба вазифаҳои таҳқиқот дар таркиботи мухталиф истифода бурдем. Асосҳои назариявии таҳқиқот барои пешбарӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф мусоидат намуданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқ назарияи таҳқиқоти маҷмӯии созмондиҳӣ ва идоракунӣ, назария ва фарзияҳои бунёдӣ, назарияи ҳокимият, усулҳои таҳлили диалектикию сохторӣ ва вазифавӣ бо истифода аз методҳои системавӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ, таҳлил, синтез ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд. Барои тарҳрезии низоми тақсимбандӣ ва сатҳи ташкилии сиёсати кадрӣ аз сарчашмаҳои расмӣ ва илмӣ, маводи иттилоотӣ, оморӣ, инчунин коркарди консептуалии олимону

мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ истифода намуда, таҳқиқи масъаларо ба анҷом расонидем.

Ҳангоми баррасии масъалаи таҳқиқшаванда набояд сабабияти таърихии муносибатҳои сиёсиро нодида гирифт. Ба ниҳоди сиёсати давлатии кадрҳо таҷрибаи сиёсии насли гузашта, сарнавишти таърихии давлатҳо ва халқҳо таъсири азим гузоштааст. Ба туфайли нуктаҳои истифодашуда, мо воситаҳои ташаккули сиёсати давлатии кадрҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додем.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** мазкур аз он иборат аст, ки дар он раванди ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, воситаҳои амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳо, самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардиданд. Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқоти илмӣ чунин хулосабарорӣ шудааст:

– заминаҳо, захираҳо ва асосҳои методологии таҳқиқи сиёсати давлатии кадрҳо вобаста ба марҳалаҳои гуногуни инкишофи донишҳои сиёсӣ дарёфт, коркард ва муайяну муқаррар гардиданд;

– мафҳумҳои “сиёсат”, “давлат” ва “кадрҳо” ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати ошкор сохтани ҷанбаҳои назариявӣ, тазодҳо ва алоқамандии байни онҳо баррасӣ ва таҳлил гардиданд;

– фаҳмиши шаклии сиёсати давлатии кадрҳо, роҳҳои дарки моҳиятии мавзуи баррасишаванда муқаррар, муайян ва таҳқиқ гардид;

– марҳалаҳои асосии пайдоиш, раванди ташаккул ва натиҷагириҳои назарияи сиёсати давлатии кадрҳо мавриди омӯзиш, коркард ва таҳлил қарор дода шуданд;

– сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбӣ, таҳия ва татбиқи омӯзиши таҷрибаи онҳо бо мақсади дарки муассирияти сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу таҳлил шудааст;

– асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ перомуни мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҷаҳонӣ баррасӣ ва таҳлил гардиданд;

– Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои асосии он, роҳу воситаҳои такмили он дар доираи манфиатҳои миллӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои дурнамоии давлат муқаррар ва муайян шуданд;

– низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти хизмати давлатӣ ва дастгоҳи идоракунӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт;

– мушкилиҳо, монеаҳо ва пешомади сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои такмили пояҳои сиёсӣ, меъёрӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқии фаъолияти кадрӣ муайяну мушаххас гардиданд;

– тавсияҳо ҷиҳати амалӣ намудани ислоҳот дар соҳаи мазкур бо мақсади баланд бардоштани муассирияти сиёсати давлатии кадрҳо, беҳтар намудани сатҳу сифати идораи давлатӣ ва бартараф кардани камбуду норасоиҳои соҳаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо пешниҳод гардиданд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳоро вобаста ба марҳалаҳои гуногуни инкишофи донишҳои сиёсӣ асарҳои намояндагони мактабҳои илмии гуногун ташкил менамоянд. Мактаби илмҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳқиқи сиёсати давлатии кадрҳо қадамҳои нахустини худро мегузорад ва диссертатсияи мазкур яке аз кӯшишҳои аввалин дар ин ҷода ба шумор меравад. Гуногунандешӣ доир ба омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо, роҳу воситаҳои такмили он, татбиқи ислоҳоти соҳаи идорӣ боиси баҳсҳои илмӣ гардидааст. Баҳси аввал дар атрофи нақши давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо сурат гирифтааст. Намояндагони мактаби либерализми сиёсӣ дар Федератсияи Россия, ки зери таъсири ҳаммаслакони ғарбии худ буданд,

нақши ҳалкунандаи ҷомеаи шаҳрвандиро дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо чун асос қабул намуданд.

Баҳси дуюм доир ба сиёсати давлатии кадрҳо байни сиёсатшиносон сурат гирифта буд. Онҳо ба нуктае ишора кардаанд, ки чунин тамоюл таҳдиди воқеӣ ва эҳтимолӣ барои ақибмондагии ҷомеа, тамомияти арзии давлат ва риояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро дар худ ниҳон дорад.

Мавзуи баҳси сеюми кадрӣ ба масъалаҳои таносуби давлат ва тиҷорат ва масъалаи чоруми баҳсро глобаликунонии сиёсати давлатии кадрҳо ташкил медиҳанд.

2. Ибораи «сиёсати давлатии кадрҳо» тамоми ҷонибҳои фазои давлатиро фаро гирифта, сиёсати давлатии кадрҳоро чун падидаи мураккаби таркиботию ташкилию сиёсӣ муаррафӣ мекунад, ки вазифаҳои муҳимми иҷтимоиро иҷро менамояд.

Давлат актори фаъоли равандҳои идоракунии давлатӣ, маъмурӣ ва сиёсӣ ба шумор меравад. Идоракунии давлатӣ ба таври ҳадафманд ба фаъолияти одамон таъсир мерасонад ва муносибати онҳоро бо такя ба неруи ҳокимият ва ҳолати маҷбуркунӣ созмон медиҳад ва танзим менамояд. Ин вазифаҳои идоракунии давлатро дастгоҳи маъмурӣ иҷро менамояд.

Мафҳуми “кадр” дар маънои иҷтимоӣ ба сиёсатшиносии амалӣ ба таври фаъол ворид гардидааст. Дар адабиёти илмӣ зери мафҳуми мазкур кормандонеро мефаҳманд, ки тайёрии касбӣ, таҷрибаи эътирофшуда дар соҳаи илм, техника ё идораи давлатӣ доранд.

3. Сиёсати давлатии кадрҳо – низоми иҷтимоие мебошад, ки вазифаи он аз муайян намудани стратегияи ташаккул ва рушди иқтидорҳои кадрии ҷомеа дар мақомоти мухталифи ҳокимияти давлатӣ иборат мебошад. Сиёсати давлатии кадрҳо бояд манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандонро ошкор намояд, заминаро барои ҳавасмандкунии рушди шахсият фароҳам оварад, ба пешрафти мутахассисон аз нигоҳи касбӣ ва мутобиқати манфиатҳои инсон ва ҷомеа мусоидат намояд. Сиёсати давлатии кадрҳо, ки ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ

дорад, асоси рушди ҳамоҳангшудаи иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба вуҷуд оварда, ба рушди устувори давлат мусоидат мекунад.

Аз самтгирии иҷтимоии кадрҳо муваффақияти амалисозии сиёсати иҷтимоии давлат вобаста аст. Барои фаъолияти муваффақонаи ниҳодҳои иҷтимоӣ кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд дорои эҳсоси баланди масъулият бошанд, малакаи таҳлили вазъи иҷтимоию сиёсиро дошта бошанд, навъҳои рушди равандҳои иҷтимоиро таҳлил ва ояндабинӣ карда тавонанд ва онҳоро дар фаъолияти амалии худ ба назар гиранд. Кор дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ малакаи кор бо одамон, муоширатӣ будан, доштани қобилияти фаъолсозии захираҳои инсонро талаб менамояд.

4. Омӯзиши марҳалаҳои асосии пайдоиш, ташаккул ва натиҷагириҳои назарияи сиёсати давлатии кадрҳо на танҳо барои таҳлили таърихии ин раванд дар афкори сиёсӣ, балки барои ошкор намудани таъсири онҳо ба роҳу воситаҳои идоракунии равандҳои кадрӣ дар асри XXI зарур аст. Бояд таъкид намуд, ки муҳаққиқони назария ва амалияи сиёсати кадрҳо, асосан равандҳои ташаккули хадамоти давлатии фарҳанги сиёсии Ғарбро омӯхтаанд. Фақат гоҳҳо ба осори мутафаккирони замон ва макони дигар дар соҳаи истифодаи роҳу воситаҳои муассири идоракунӣ ва дастгоҳи маъмурӣ, роҳбарӣ ба корҳои давлатӣ аз дидгоҳи сиёсӣ мурочиат намудаанд. Бо дарназардошти ин, муаллиф кӯшиш кардааст, ки ин нотавозуниро ислоҳ кунад ва ҷойгоҳу мақоми маъмурияти подшоҳии Шарқи Қадимро дар соҳаи фаъолияти хадамоти давлатӣ нишон диҳад. Аз ҷумла, ба назария ва амалияи ҷобаҷогузории кадрҳо дар низоми давлатдории Сосониён ва Сомониён таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардидааст.

5. Таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбӣ, таҳия ва татбиқи омӯзиши таҷрибаи онҳо бо мақсади дарки муассирияти фаъолияти хеш дар ин соҳа барои он зарур аст, ки аз таҷрибаи андухтаи мусбии онҳо барои пешгирӣ намудани хатогиҳо дар сиёсати кадрии миллӣ истифода намуда, норасоиҳои ин раванд ошкор ва бартараф карда шаванд. Баррасӣ ва муайян намудани хусусиятҳои инкишофи

сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ, таҳлили назария ва амалияи он дар ин самт, ҳамзамон омӯзиши маҷмӯии таҷрибаи советии таъсиси низоми кадрҳо ва таҳаввули ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳо дар таҳқиқи масъалаи амалисозии он дар Иттифоқи Советӣ нақши муҳимро бозӣ мекунад. Дар омӯзиши манбаъҳои ташаккули ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳо ҷойгоҳи назаррасро таҷрибаи таҳаввулоти он ишғол менамояд.

6. Омӯзиши таҷрибаи америкоӣ ва европоии сиёсати давлатии кадрҳо исбот менамояд, ки бо дарназардошти омилҳои гуногун онҳо аз якдигар тафовут доранд. Дар ИМА, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Франсия, Ҷумҳурии Федеративии Германия, Федератсияи Россия ва ғайра сиёсати давлатии кадрҳо дар доираи ду омили асосӣ – тиҷоратисозӣ ва назорати ин раванд ислоҳоти соҳаи мазкур амалӣ мешаванд.

7. Таҳлили асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасӣ намудани фаъолияти ниҳодҳои дахлдор перомуни мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи мазкур яке аз вазифаҳои таҳқиқот буда, имрӯз тамоми асосҳои зарурии барои шаклгирӣ ва рушди хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои гуногуни сиёсӣ ва ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки сатҳҳои гуногуни сиёсати кадриро танзим менамоянд.

8. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи ғояҳо, андешаҳо ва ақидаҳоеро дар бар мегирад, ки мақсаду вазифаҳо, самтҳои афзалиятнок, усулҳои танзими давлатии сиёсати кадрҳо ва роҳҳои бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад. Консепсия системаи таъминоти кадрӣ, шартҳо ва роҳҳои татбиқи онро муайян намуда, дар раванди кор бо кадрҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд.[1] Сиёсати давлатии кадрҳо бояд расман эътироф шавад ва аз нигоҳи меъёрӣ дар сатҳи олӣ қонунӣ гардад. Андешаҳо ва нуктаҳои консепсия бояд

[1] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php? showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 07.05.2019).

фақат баъд аз қабули санадҳои дахлдори қонунгузорӣ стратегияи расмии кори кадрӣ гарданд. Асосҳои бунёдӣ воқеан вуҷуд доранд ва дар амалияи кори кадрӣ дар сатҳи давлатӣ ба кор бурда мешаванд.

9. Низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб гардидааст. Таъмини методӣ, банақшагирии навъҳои технологияи кадрӣ, таҳия ва татбиқи барномаи давлатӣ дар ин соҳа ба воситаҳои амалӣ намудани сиёсати кадрӣ дохил мешаванд. Таъминоти иттилоотии сиёсати давлатии кадрҳо таъсиси фазои ягонаи иттилоотиро, ки ба ҳамкории самараноки иштирокчиёни раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати кадрҳо мусоидат мекунад, пешбинӣ менамояд. Таъминоти моддию техникӣ ва молиявии сиёсати давлатии кадрҳо ба хотири ҷустуҷӯ, тарбия, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ чун восита хизмат менамоянд.

10. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Тоҷикистон дар санадҳои меъёрии танзимкунандаи масъалаи сиёсати кадрҳо, ҳамчунин дар паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муайян шудаанд.

Ба самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳо метавон тақвияти назорати риояи стандартҳои шароит ва ҳифзи меҳнат, санҷиши тарҳҳои инноватсионӣ барои таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ рушди низоми омодагии касбӣ ва бозомӯзии мутахассисон аз рӯйи самтҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷаро дохил кард.

11. Масъалаи муосиргардонии намунаи сиёсати давлатии кадрҳои Тоҷикистон барои як силсила масъалаҳои дорои аҳамияти давлатӣ ва қабл аз ҳама, барои баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ва идорӣ асосӣ мебошад. Бунёди давлати муассирияташ баланд бе мавҷудияти кадрҳои роҳбарикунандаи муносиб ба вазифаҳои дар назди давлат қарордошта ва дорои сифатҳои корӣ, ахлоқӣ ва ғоявӣ имконнопазир аст. Бинобар ин,

муосиршавии ҳар гуна шакли низоми сиёсӣ ва таҳкими ниҳоди давлатӣ бояд аз муосиршавии сиёсати давлатии кадрҳо оғоз шавад.

12.Тавсияҳо ҷиҳати амалӣ намудани ислоҳот бо мақсади баланд бардоштани муассирияти сиёсати давлатии кадрҳо, беҳтар намудани сатҳу сифати идораи давлатӣ ва бартараф намудани камбуду норасоиҳои соҳаи интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар хулосаи диссертатсия оварда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз шаклбандӣ намудани усулҳои сиёсӣ ва маъмурии масъалаи таҳқиқи сиёсати давлатии кадрҳо, таҳлили намунаҳои кор бо кадрҳо баъди аз байн рафтани Иттифоқи Советӣ чун падидаи барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нави иҷтимоию сиёсӣ, муқоисаи намунаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ иборат мебошад.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили илмии назарияи технологияҳои кадрӣ, ки дар донишҳои сиёсии қадим ва дар сиёсатшиносии муосир ҷой доранд, муаллиф намунаҳои сиёсати давлатии кадрҳоро тақсимбандӣ намудааст. Сабабҳо ва омилҳои тағйирёбии сиёсати давлатии кадрҳо, давраҳои рушд ва таназзули онҳо дар афкори сиёсии ҷаҳонӣ ва дар амалияи идоракунӣ муайян карда шуданд.

Маводи таҳқиқот ҳамчунин метавонад барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷолиб ва мароқовар бошад ва дар раванди таълими предметҳои «Сиёсатшиносӣ», «Сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ», «Идоракуни давлатӣ ва маҳаллӣ», «Сиёсати давлатии кадрҳо», «Элитология», «Асосҳои назариявии сиёсати давлатии кадрҳо», «Идоракунии кормандони хизмати давлатӣ», «Сотсиологияи идоракунӣ» ва ғайра мавриди истифода қарор гирад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз ҷанбаи маҷмӯӣ ва самтгирии амалии он, танзими вазифаҳои вобаста ба татбиқи сиёсати кадрӣ, боло бардоштани сатҳи идоракунии давлатӣ, беҳтар намудани малакаи роҳбарии кормандони сатҳи гуногуни идоракунии сиёсӣ, такмили соҳаҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ, худидоракунии маҳаллӣ, мулкӣ ва меҳнатӣ бармеояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот инчунин дар он зуҳур меёбад, ки нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо ба дарки амиқи зуҳуроти мушаххаси қонунмандиҳои

умумӣ ва самтҳои фаъолияти дастгоҳи сиёсати давлатии кадрҳо таъсири мусбат мерасонанд. Онҳо метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳангоми ташаккули консепсияи соҳавии сиёсати кадрӣ истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дақиқ будани маълумотҳо, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузарондани таҳқиқи эътимоднокии диссертатсионӣ мебошад. Хулосаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳои мушаххас дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ва ҳамзамон ба ихтисоси илмии шурои диссертатсионии 6D.КОА–001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот – интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳим будани он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқот, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳодҳои мушаххас ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА–001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидаст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва семинарҳои илмӣ ҳангоми хондани маърӯзаҳои илмӣ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ: мушкилот ва дурнамо» (ш. Душанбе, 28 июни соли 2013); конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Паёми Пешвои муаззами миллат: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он» (ш. Душанбе, 10 феврали соли 2021); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили Истиқлолияти Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 12 майи соли 2021); семинари илмӣ дар мавзуи «Амнияти зеҳнӣ дар низоми амнияти миллӣ» (ш. Душанбе, 21 майи соли 2021); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлол: самтҳои асосӣ, усулҳо, афзалиятҳо» (ш. Душанбе, 29 октябри соли 2021); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ дар мавзуи «Амнияти иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимми рушди устувор» (ш. Душанбе, 29 декабри соли 2021), конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди саноат (солҳои 2022–2026)» (ш. Душанбе, 22 апрели соли 2022), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ «Сиёсати давлатии ҷавонон: амалия ва стратегия» (Новосибирск, 2–3 июни соли 2022) ва мизи мудаввари илмӣ-назариявии донишгоҳӣ бахшида ба рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Эмомалӣ Раҳмон – меъмори Тоҷикистони соҳибистиқлол» (ш. Душанбе, 6 ноябри соли 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 2 монографияи илмии муаллиф ва 20 мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот бармеояд. Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, даҳ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт дар ҳаҷми 347 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲО

## 1. Заминаҳо, захираҳо ва асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо

Рушди илмҳои сиёсӣ ва тавсеаи доираи масъалаҳо ва равияҳои он, ҳамчунин афзоиши теъдод ва сиёсишавии дастгоҳи идорӣ асоси методологии таҳқиқи сиёсати давлатии кадрҳоро дар шароити имрӯза ташкил медиҳад.

Аз таҳлили раванди ташаккул ва рушди сиёсати давлатии кадрҳо метавон дар бораи таъсири ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ ба дастгоҳи идории муосири сиёсишуда хулоса баровард. Дастгоҳи идорӣ ҳам ба пешбурди мансабдорон дар вазифаҳои давлатӣ ва ҳам ба муайян намудани сиёсати давлат манфиатдор аст. Бинобар ин, на танҳо мансабдорони алоҳида, балки тамоми элитаи сиёсию идорӣ якдилона аз ҳизбҳои муайян ва номзадҳои худ ба мансабҳои баланди давлатӣ тарафдорӣ мекунанд. Канорагирӣ аз «намунаи классикии идорӣ»-и веберӣ тамоюли назарраси ҷаҳонӣ гардида аст. Дар ҷаҳони муосир фаъолияти дастгоҳи давлатӣ мазмуни навро ба худ мегирад. Талабот ба давлат меафзояд, ки ин дар навбати худ маънои талаботи нав ба сиёсати кадрии ниҳодҳои сиёсии мазкурро дорад. Илмҳои сиёсӣ қадамҳои аввалинро дар роҳи дарки масъалаи ташаккул ва замонасозии сиёсати кадрӣ мегузорад. Ин барои тарҳрезии тавсияҳои дахлдор ҷиҳати такмил ва баланд бардоштани муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ зарур аст.[1]

[1] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 84–85.

Аз назари Е. В. Охотский, «дар ҳаёт ва фаъолияти воқеии идоракунии давлатӣ ҳудудгузорӣ байни сиёсат ва хизмати давлатӣ кори мушкил аст».[1]

Ҳангоми таъйиноти кадрӣ ба мансабҳои мақомоти хизмати давлатӣ на танҳо сифатҳои шахсӣ ва касбии номзад, балки дараҷаи садоқати ӯ ба сиёсати роҳбари давлат ба назар гирифта мешавад.

Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда боиси пайдоиши навъҳои гуногуни такмили сиёсати давлатии кадрҳо гардид, ки гоҳҳо ҷанбаи тамоман зидди якдигар доранд, ё ба андешаи А. И. Турчинов, боиси «ихтилофи равияҳо» гардиданд.[2] Дар натиҷа, масъалаи ислоҳоти сиёсати давлатии кадрҳо баҳси зиёдро ба вуҷуд овард.

Ҷанбаи аввали баҳси кадрӣ дар сиёсатшиносии муосир боиси зиддияти давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ чун иштирокчиёни сиёсати давлатии кадрҳо гардид. Тарафдорони равиши мазкур намунаи маъмурияти анъанавии идоракунии давлатро дар маҷмӯъ ва интихоби кадрҳоро дар алоҳидагӣ танқид карданд. Онҳо роҳи ҳалли масъаларо дар тақвияти назорати равандҳои кадрӣ аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ медиданд. Аз дидгоҳи В. Г. Смолков, «инҳисори низоми сиёсию идорӣ ба ҳокимият, моликият ва идеология монеаи тағйироти пешқадам мегардад».[3]

Дар давраи ҷанги сард як силсила шӯравишиносон чунин ақида доштанд, ки афзоиши воҳиди дастгоҳи идорӣ ва коҳиши муассирии сиёсати кадрҳои Иттифоқи Советӣ ва дигар кишварҳои сотсиалистӣ бо хусусиятҳои сиёсии низоми коммунистӣ ё низоми дигари яккасолорӣ алоқаманд аст. Аз ҷумла Ф. А. Ҳайек менависад: «Дар ҷомеае, ки тамоюлоти яккасолорӣ бартарӣ дорад, ашхоси расмиятпараст ва содатар гӯем, ашхоси бемаслак имкони бештар барои дастёбӣ ба муваффақият доранд».[4] Барои пешравӣ дар мансаб дар дастгоҳи идории давлати яккасолорӣ, лозим аст, ки шахс аъзои

---

[1] Охотский Е. В. Административно-политическая элита и государственная служба в системе властных отношений [Текст] / Е. В. Охотский // Государственная служба: теория и организация. – Ростов н/Д. : Феникс. – 1998. – С. 146.
[2] Турчинов А. И. Проблемы теории и методологии государственного управления и государственной службы [Текст] / А. И. Турчинов // Государственная служба. – 2008. – №5. – С. 29–36.
[3] Смольков В. Г. Бюрократия и бюрократизм. [Текст] / В. Г. Смольков. – М. : РАГС, 2006. – С. 41.
[4] Хайек Ф. А. Дорога к рабству [Текст] / Ф. А. Хайек. – М. : Новое изд-во, 2005. – С. 142.

ҳизби ҳоким, ки барои он ягонагии идеологӣ хос аст, бошад. Ба ақидаи Ф. А. Ҳайек «ҳар андоза одамон бомаълумот ва зиёӣ бошанд, ба ҳамон андоза нуқтаи назари онҳо гуногун буда ва ба ҳамин андоза аз онҳо интизор шудани якдилӣ оид ба низоми мушаххаси арзишҳо мушкилтар аст».[1]

Ф. А. Ҳайек мулоҳизоти худро рушд дода, чунин мешуморид, ки дар шароити давлати яккасолорӣ воситаи муҳимми интихоби кадрҳо хадамоти махсус ва пулиси махфӣ мебошанд ва ин ташкилотҳо барои «машқи башардӯстӣ ҷойи муносиб нестанд».[2]

Дар ёддоштҳои асосгузори Раёсати марказии истихборотии Штатҳои Муттаҳидаи Америка А. Даллес гуфта мешавад, ки «бисёр ашхоси шоиста фаъолияти худро аз истихборот оғоз кардаанд» (В. А. Крючков, Л. В. Шебаршин, А. Даллес, М. Волф, В. В. Путин). Бинобар ин, ба ақидаи мо, мулоҳизоти Ф. А. Ҳайекро набояд берун аз доираи «ҷанги сард» арзёбӣ кард, ки ғояи он ба навиштаҳои ӯ таъсири ҷиддӣ расонидааст.

Намояндагони намоёни ақидаи либералӣ М. Ҷилас[3] ва М. С. Восленский буда рӯҳияи танқидии онҳо аз сохти сотсиалистӣ аз мавқеи муртадии[4] онҳо бармеояд. Онҳо шарҳи сатҳии таърихиро истифода бурда, кӯшиш кардаанд, ки моҳияти сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советиро бо мафҳумҳои «истибдоди *(худсарии)* шарқӣ», «тарзи истеҳсолоти осиёӣ», «аксуламали заминдорӣ» ва ғайра шарҳу эзоҳ диҳанд. Ба ақидаи М. С. Восленский, табақаи куҳнаи идории сиёсӣ чун феҳрист зуҳур намуда, диктатураи худро барқарор менамояд, тавре ки авваласоси онро мо дар истибдоди динии осиёӣ мебинем.[5]

Онҳо асири тасаввуроти пӯшидаи ғарбии худ шуда, қобилияти арзёбии воқеии вазъи Иттифоқи Советиро аз даст дода, чунин мешуморидaнд, ки барои бартараф намудани ин тамоюлот амалӣ намудани замонасозӣ аз рӯйи намунаи Ғарб кофӣ аст. Ҷараёни минбаъдаи ҳодисаҳо дар оғози асри XXI

---

[1] Хайек Ф. А. Дорога к рабству [Текст] / Ф. А. Хайек. – М. : Новое изд-во, 2005. – С. 144.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 155.
[3] Джилас М. Новый класс [Текст] / М. Джилас. Нью-Йорк : Изд-во Фредерик А. Прегер, 1957. – 246 с.
[4] Муртад – диссидент. Ниг.: Луғати русӣ–тоҷикӣ. – М. : «Руский язык», 1985. – С. 217.
[5] Ниг.: Восленский М. С. Номенклатура [Текст] / М. С. Восленский. – М. : Изд-во Захаров, 2015. – 640 с.

исбот намуд, ки нусхабардории содаи таҷрибаи бегонаи сиёсати давлатии кадрҳо, ҳатто таҷрибаи кишварҳои рушдёфтаи Европаи Ғарбӣ, барои танзими масъалаҳои ташаккул ва тақвияти элитаи нави сиёсӣ, хизмати давлатӣ ва идораи давлатӣ дар фазои пасосоветӣ кофӣ нест.

Зиёда аз ин, М. Ҷилас ва М. С. Восленский мушоҳида накарданд ё намехостанд мушоҳида кунанд, ки кишварҳои ғарбӣ низ бо ҳамон масъалаҳои маъмуриятсозии ҷомеа дар миқёси бештар дучор шудаанд. Масалан, агар дар солҳои 1980 дар Иттифоқи Советӣ теъдоди феҳрист 750 000 нафарро ташкил дода бошад[1], яъне камтар аз 1% аҳолӣ, пас, дар «Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар тамоми сатҳҳои давлатдорӣ шумораи фақат ашхоси идории шаҳрвандӣ ба 17,3 млн. нафар расид, яъне 15% тамоми кормандони кирояро ташкил медод».[2] Тахминан ҳамин теъдод дар дастгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фаъолият мекарданд, яъне умуман дар дастгоҳи давлатӣ бештар аз 10% аҳолӣ фаъолият мекарданд. Аз рӯйи арзёбии А. А. Зиновев, «соли 2000 шумораи хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва кишварҳои Иттифоқи Европа аз 15 то 30%–и шаҳрвандони машғул ба корро ташкил дод».[3]

Сабаби маъмуриятсозии ҷомеаи коммунистӣ ва ғайрикоммунистӣ марҳалаи сифатан нави рушди иҷтимоии онҳо мебошад, на махсусияти низоми сиёсии онҳо.

Олимони америкоӣ Р. Ч. Миллс, Ф. Ҳантер, С. Н. Паркинсон[4] низ ҳамин гуна дидгоҳ доштанд. Масалан, Р. Ч. Миллс ба чунин хулоса омад, ки дар натиҷаи такмили иҷтимоӣ ва саноатикунонӣ паёмади манфии синфи ҳукмрон зоҳир мешавад, яъне афзудани марказонидашавии ҳокимият, мудирияти элитарӣ, ташаккули синфи ягонаи ҳоким, ки ӯ онро «элитаи

---

[1] Ниг.: Восленский М. С. Номенклатура [Текст] / М. С. Восленский. – М. : Изд-во Захаров, 2015. – С. 153.
[2] Зиновьев А. А. Запад. Феномен западнизма [Текст] / А. Зиновьев. – М. : Центрполиграф, 1995. – С. 196.
[3] Зиновьев А. А. На пути к сверхобществу [Текст] / А. Зиновьев. – М. : Центрполиграф, 2008. – С. 313.
[4] Hunter F. Top Leadership, USA [Text] / F. Hunter. Chapel Hill. The University of North Carolina, 1959. – 268 p ; Паркинсон С. Н. Законы Паркинсона [Текст] / С. Н. Паркинсон. – Минск : ООО «Попурри», 2002. – 528 с.

ҳукмрон» номидааст.[1] Ба ақидаи Р. Ч. Миллс, мо дар чунон давраи таърихӣ ба сар мебарем, ки заминаи тағйироти таърихӣ қабул кардан ё набудани қарорҳо оид ба муҳимтарин масъалаҳои элитаи аз нигоҳи маъмурӣ созмонёфта гардид.[2]

Хулосаи Р. Ч. Миллс ва дигар намояндагони мактаби сиёсатшиносӣ иборат аз он аст, ки равандҳои кадрии ташаккули синфи ҳукмрон маънои мубодилаи кадр байни элитаҳои гуногун ва дар доираи худ маҳдуд мондани синфи ҳукмронро дорад.

Дар натиҷаи омӯзиши равандҳои кадрӣ, С. Н. Паркинсон ба як силсила хулосаҳои боарзиши таҷрибавӣ расидааст. Масалан, сарфи назар аз фурӯпошии Империяи мустамликадории Британияи Кабир дар давраи солҳои 1935–1954, теъдоди воҳидҳои вазорати мустамликаҳои Британияи Кабир дар таносуб бо андозаи мулкҳои мустамликавӣ афзудааст: дар соли 1935 дар вазорат 372 нафар, соли 1939– 450 нафар, соли 1943– 817 нафар, соли 1947– 1139 нафар, соли 1954– аллакай 1661 нафар кор мекарданд.[3]

Далелҳои мазкури таҷрибавӣ ба С. Н. Паркинсон имкон доданд, ки чунин қонуни иҷтимоиро шаклбандӣ намояд, ки «шумораи хизматчиён ва ҳаҷми кор комилан бо якдигар алоқаманд нестанд».[4] Афзоиши ногузири дастгоҳи идориро ӯ дар хусусияти стратегияи мансабдорони ба усули назарияи интихоби муносиб асосёфта мебинад. Масалан, стратегияи зиёд кардани шумораи тобеон–зердастон барои мақоми баландтарро дар низоми идорӣ ишғол намудан амалӣ мегардад: 1) мансабдорон кӯшиш мекунанд зердастони худро бештар намоянд, на рақибонашонро; 2) мансабдорон барои якдигар кор пайдо мекунанд.

---

[1] Миллс Р. Властвующая элита [Текст] / Р. Миллс. – М. : Изд-во иностранной литературы, 1959. – 542 с.
[2] Ниг.: Миллс Р. Ч. Социологическое воображение [Текст] / Р. Миллс / Пер. с англ. О. А. Оберемко. – М. : Издательский дом NOTA BENE, 2001. – 264 с.
[3] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 88 ; Паркинсон С. Н. Законы Паркинсона [Текст] / С. Н. Паркинсон. – Минск : ООО «Попурри», 2002. – 528 с.
[4] Паркинсон С. Н. Законы Паркинсона [Текст] / С. Н. Паркинсон. – Минск : ООО «Попурри», 2002. – С. 8.

Ба ақидаи Р. Ф. Латипов, ба афзоиши теъдоди дастгоҳи идорӣ то андозае омили сиёсӣ ва зиёд шудани мутахассисони дорои маълумоти олии касби гуманитарӣ таъсир мерасонад. Барои роҳ надодан ба таркиши иҷтимоӣ бо оқибатҳои ғайричашмдошти сиёсӣ, роҳбарони Америка, Иттифоқи Европа ва Россия қарор қабул карданд, ки масъалаи шуғл бо роҳи афзоиши воҳиди дастгоҳи давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танзим карда шавад. Ворид намудани миллионҳо шаҳрвандони бештар фаъол ба низоми идорӣ имкон дод, ки рафтори сиёсии онҳо назорат карда шавад.[1]

Л. Ҷ. Питер мавзуи шаклгирӣ ва замонасозии дастгоҳи кадрҳоро аз назари дараҷаи мансабҳо баррасӣ кардааст. Ӯ дар асарҳои худ дарҷ намудааст, ки дар дараҷаи мансабҳо «ҳар як фард майл дорад, ки то сатҳи ғайрисалоҳиятӣ барояд».[2]

Ба ибораи дигар, дар шароити низоми меритократии[3] интихоби кадрҳо ҳар як мансабдор мутобиқи қобилияти худ дар дараҷаи мансабҳо то вазифаи муайян мерасад. Дар ҳадди ин қобилиятҳо корманд натиҷабахшии худро аз даст медиҳад ва баъд аз ин пешравии ӯ аз рӯйи зинаҳои мансаб қатъ мегардад, чунки ӯ ба интиҳои сифатҳои зеҳнӣ ва кории худ мерасад. Дар натиҷа, тамоми мавқеи олии зинаи мансабҳо ҳокимияти идориро ашхоси салоҳиятнадошта барои сатҳи вазифавии худ ишғол мекунанд. Дар айни замон, Л.Ҷ. Питер чунин мешуморид, ки мавҷудияти айнии монеаҳо ва бартариҳои синфӣ, ки барои табақаҳои пойин ишғоли мансабҳои олии давлатиро мушкил месозад ба он мусоидат мекунад, ки салоҳияти идории зинаи миёна ва пойин бо талаботи вазифа мутобиқ шавад, ки ин давлатро аз вайроншавии пурра наҷот медиҳад.[4]

---

[1] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 89–90.
[2] Питер Л. Дж. Закон Мерфи : Мерфология – общая и частная; Принцип Питера, или Почему дела всегда идут вкривь и вкось. – 2-е изд. [Текст] / Дж. Л. Питер / пер. с англ. Л. В. Степанова. – Минск: ООО «Попурри», 1997. – С. 94.
[3] Меритократия (айнан. «ҳокимияти арзандаҳо», аз лот. *Meritus* – арзанда, шоистасолор ва аз юнони қадим. Κράτος – ҳокимият, идоракунӣ) – усули идоракунӣ, ки тибқи он мансабҳои роҳбарикунандаро бояд одамони бештар қобилиятнок, шоистасолор сарфи назар аз баромади иҷтимоӣ ва вазъи молии онҳо, ишғол намоянд.
[4] Питер Л. Дж. Закон Мерфи: Мерфология – общая и частная; Принцип Питера, или Почему дела всегда идут вкривь и вкось [Текст] / Дж. Л. Питер. – Минск : Попурри, 1999. – С. 154.

Баҳси аввалро ҷамъбаст карда, метавон таъкид кард, ки моҳияти масъала зарурати ба назар гирифтани мавқеи шаҳрвандон барои замонасозии сиёсати давлатии кадрҳо мебошад.

Ба ақидаи мо, бо чунин андеша метавон мувофиқат кард, чунки барои фаъолияти муносиби ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар раванди кадрӣ мавқеи асосиро ишғол намояд. Табиист, ки дар шароити муосир таъйини кадрҳо бе мувофиқат бо ақидаи аксарияти шаҳрвандон бо усулҳои демократӣ созгор нест, аммо афкори ҷамъиятӣ набояд давлатро дар сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимият иваз намояд. Маълум аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ якхела ва яксон нест, ҳадафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мухталиф аст, бинобар ин, ҳуқуқи афзалиятноки таҳия ва татбиқи шакли сиёсати кадрҳо бояд ба давлат тааллуқ дошта бошад.

Ҷанбаи дуюми баҳс дар атрофи масъалаи сиёсати давлатии кадрҳо ба сиёсатшиносон–элиташиносон тааллуқ дорад. Байни намояндагони ин самт бояд инҳоро номбар кард: Д. Белл[1], С. Келлер[2], Г. К. Ашин[3], О. В. Криштановская[4], А. В. Дук[5], О. В. Гаман-Голутвина[6] ва А. В. Шубин[7]. Онҳо мавзуи сиёсати давлатии кадрҳоро аз назари интихоби кадрӣ омӯхтаанд (ворид намудан, табдил намудан, хориҷ намудан, ки дар истилоҳоти О. В. Криштановская[8] чун «ҳаракати элита» ифода ёфтаанд). Элиташиносон

---

[1] Ниг.: Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования [Текст] / Д. Белл. – М. : Academia, 2004. – 790 с.

[2] Ниг.: Keller S. Beyond the Ruling Class. Strategic Elites in Modern Society [Text] / S. Keller. – Wan Brunswic, 1991. – 354 pp.

[3] Ниг.: Ашин Г. К. Образовательная и кадровая политика как факторы формирования элиты (отечественный и зарубежный опыт) [Текст] / Г. К. Ашин, В. Г. Игнатов, А. В. Понеделков. – Ростов н/Д. : СКАГС, 2007 ; Ашин Г. К. Элитология : история, теория, современность : монография [Текст] / Г. К. Ашин. – М. : МГИМО, 2010. – 600 с.

[4] Ниг.: Крыштановская О. В. Анатомия российской элиты [Текст] / О. В. Крыштановская. – М. : Изд-во «Захаров», 2005. – 384 с ; Боз вай. Российская элита на переходе [манбаи электронӣ] URL: www.polit.ru/lectures/2008/07/31/rus_elita.html (санаи муроҷиат: 15.09.2019).

[5] Ниг.: Дука А. В. Исследования элит: поиск теоретических оснований [Текст] / А. В. Дука // Власть и элиты в российской трансформации. – СПб. : Интерсоцис, 2005 ; Боз вай. Институционализация и социальное дистанцирование властных элит [Текст] / А. В. Дука // Власть, государство и элиты в современном обществе. – Пермь : ПГТУ.

[6] Ниг.: Гаман-Голутвина О. В. Политические элиты России: Вехи исторической эволюции [Текст] / О. В. Гаман-Голутвина. – М. : РОССПЭН, 2006. – 446 с.

[7] Ниг.: Шубин А. В. Трансформация элит в период перестройки [Текст] / А. В. Шубин // Элиты и лидеры: традиционализм и новаторство. – М. : Наука, 2007.

[8] Ниг.: Крыштановская О. В. Анатомия российской элиты [Текст] / О. В. Крыштановская. – М. : Изд-во «Захаров», 2005. – С. 99.

дастгоҳи идориро чун яке аз воситаҳои асосии ивазкунии элитаи сиёсӣ баррасӣ менамоянд.

Аз дидгоҳи Г. К. Ашин, «сиёсати давлатии кадрҳо дорои се шакли дастрасии ҳар як хоҳишманд ба ҳокимият мебошад: он метавонад барои ҳама имкони баробарро вогузор намояд, ё маҳдуд намояд ва ё комилан маҳрум созад. Нишондиҳандаи низоми сиёсии воқеии демократӣ – ба ҳар як шаҳрванд вогузор намудани чунин имкон мебошад, ки ӯ тавонад ҷойро дар ҳайати элита ишғол намояд».[1]

Намояндаи самти мазкур Д. Белл фарзияи худро дар бораи табдили ояндаи элитаи сиёсӣ ва маъмурӣ асоснок кардааст, ки мутобиқи он дар марҳалаи рушди пасосаноатӣ усули асосии интихоби кадр мавҷудияти дониши техникӣ хоҳад буд, ки дар натиҷа мансабдори анъанавӣ ҷойи худро ба «технократ» медиҳад. Таҳти мафҳуми технократ Д. Белл «низоми сиёсиеро мефаҳмид, ки дар он нақши асосӣ ба мутахассисони техникӣ дар соҳаи маъмурӣ ва иқтисод тааллуқ дорад ва технократ шахсеро меноманд, ки аз рӯйи салоҳияти техникии худ роҳбарӣ мекунад».[2] Д. Белл чунин мешуморид, ки мураккабшавии сохтори иҷтимоӣ ва тақсими меҳнат дар фаъолияти идорӣ барои гузариши ҳокимият ба донишмандони технократ асоси кофӣ буда метавонад.[3]

Амалияи сиёсии муосир хаёлпарастии ақидаи Д. Беллро исбот намуд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар байни онҳое, ки дар дастгоҳи давлатӣ мансаби роҳбарикунандаро доранд, ҳиссаи роҳбароне, ки дараҷаи илмӣ доранд, хеле ночиз аст. Доштани дараҷаи илмӣ ҳангоми ҷойи кор пайдо намудан ва таъмини болоравии касбӣ дар хизмати давлатӣ афзалият намедиҳад ва дар вақти аз вазифа озод кардан низ ҳимоя намекунад.

---

[1] Ашин Г. К. Образовательная и кадровая политика как факторы формирования элиты (отечественный и зарубежный опыт) [Текст] / Г. К. Ашин, В. Г. Игнатов, А. В. Понеделков. – Ростов н/Д. : СКАГС, 2007. – С. 466–467.

[2] Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования [Текст] / Д. Белл. – М. : Academia, 2004. – С. 468.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 481.

Ба амалияи сиёсӣ бештар мавқеи элиташиносони Федератсияи Россия наздиктар аст. Онҳо тарафдори вобастагии нишондиҳандаҳои сиёсати давлатии кадрҳо аз манфиатҳои элитаи сиёсии ҳукмрон мебошанд. Ба ақидаи О. В. Криштановская, «масъалаҳои кадрӣ салоҳияти бонуфузтарин аъзои элитаи олӣ, ки ҳар ду раванди сиёсати кадриро роҳбарӣ мекунанд, мебошад: яъне баъзе аъзои гурӯҳро дар ҳокимият нигоҳ медоранд, баъзеро озод мекунанд, аз ҳокимият дур месозанд. Хадамоти махсусгардонидашудаи кадрӣ фақат дастурамал оид ба интихоб, ҷойивазкунӣ ё истеъфои кадрҳоро иҷро менамоянд, вале қоидаи бозиро ҳокимияти олӣ муқаррар менамояд».[1]

Элиташиносони Федератсияи Россия тамоюлоти фавқулода муҳим – «маҳдуд» ва «қавмӣ» намудани равандҳои кадриро дар ҳудуди пасошӯравӣ мушоҳида кардаанд. Таъсироти боқимондаҳои фарҳанги сиёсии анъанавӣ ба сиёсати давлатии кадрҳо дар кишварҳои пасошӯравӣ дар осори М. А. Аюпов[2], Н. Амеркулов[3], Р. Р. Галлямов[4], Д. Ҷунушалиев[5] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таъсироти фарҳанги сиёсии анъанавӣ ва қавмӣ ба сиёсати кадрҳо дар мисоли кишварҳои Африка дар таҳқиқоти Ю. Н. Винокуров[6] ва М. Ю. Френкел[7] омӯхта шудааст.

Ҷанбаи сеюми баҳси кадрӣ ба масъалаҳои таносуби давлат ва тиҷорат бахшида шудааст. Муҳимтарин тамоюли баҳси кадрии муосир назарияи «governance» *(«идоракунӣ»)* мебошад, ки дар Ғарб васеъ ривоҷ ёфтааст. Тавре ки Б. Морозова қайд менамояд, «governance» – яъне идоракунӣ бе мудирият, аз байн бурдани зинабандии анъанавии маъмурӣ, интиқоли салоҳиятҳои

---

[1] Крыштановская О. В. Анатомия российской элиты [Текст] / О. В. Крыштановская. – М. : Изд-во «Захаров», 2005. – С. 100.

[2] Ниг.: Аюпов М. А. Региональные особенности политико-трансформационного процесса [Текст] / М. А. Аюпов. – Уфа : Гилем, 2003. – 252 с.

[3] Ниг.: Амеркулов Н. Жузы в социально-политической жизни Казахстана [Текст] / Н. Амеркулов // Центральная Азия и Кавказ. – 2000. – №3(9).

[4] Ниг.: Галлямов Р. Р. Элита Башкортостана. Политическое и конфессиональное измерение : монография [Текст] / Р. Р. Галлямова. – Уфа, 2006. – 248 с.

[5] Ниг.: Джунушалиев Д. Трайбализм и проблемы развития Кыргызстана [Текст] / Д. Джунушалиев, Д. Плоских // Центральная Азия и Кавказ. – 2000. – №3(9).

[6] Ниг.: Винокуров Ю. Н. Политическая элита и лидеры Тропической Африки: традиционализм и новаторство [Текст] / Ю. Н. Винокуров // Элиты и лидеры: традиционализм и новаторство. – М. : Наука, 2007.

[7] Ниг.: Френкель М. Ю. Новая элита Африки [Текст]/ М. Ю. Френкель // Элиты и лидеры. Традиционализм и новаторство / РАН, Ин-т всеобщей истории ; отв. ред. Е. Ю. Сергеев. – М. : Наука, 2007. – С. 373-382.

давлат ба ниҳодҳои иҷроияи нимадавлатӣ мебошад.[1] Ба андешаи онҳо, идоракунии самаранок бояд ба ғайримарказонидани сохтор ва вазифаҳои иҷрошаванда асос ёбад. Л. В. Сморгунов[2] таъкид менамояд, ки заминаи чунин шакли идоракунӣ музокирот, гузашт ва созиш байни сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатии раванди қабули қарорҳои муҳим мебошад. Дар ин иртибот «governance» *(«идоракунӣ»)* бо маъмурияти анъанавии «government» *(«ҳукуматӣ»)* дар зиддият қарор мегирад ва нақши намунаи навини сиёсати давлатии кадрҳоро, ки ба муассирии бештари ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мусоидат мекунад, мебозад.

Чунин тарафи баррасии масъала на асоси идоракунӣ, балки сиёсӣ дорад. Ба ақидаи сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон дар солҳои 1990 раванди ташаккули ҳокимияти мутлақ дар натиҷаи «пайванди ҳокимият ва тиҷорати бузург» ба вуҷуд омадааст».[3]

Дар фазои пасошӯравӣ бисёр вақт мавридҳое мешуданд, ки роҳбари муассисаи калон ё соҳаи пешбар нисбат ба роҳбари ҳокимияти иҷроия симои бонуфузтар буд. Табиист, ки тиҷорат чун иштирокчии сиёсӣ саъю талош мекард, ки назоратро на танҳо ба вакилон, балки ба мудирияти давлатӣ барқарор намояд.

Хусусиятҳои фарққунандаи сиёсати давлатии кадрии «governance» *(«идоракунӣ»)* чунинанд :

– ғайримарказонидани идоракунии равандҳои кадрӣ. Аз назари Б. Фрил, дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка «пас аз он ки вазоратҳо ва идораҳо ҳуқуқи бештарро барои арзёбии меҳнати хизматчиён ва пардохти музди меҳнати онҳо дарёфт карданд, дастгоҳи президент батадриҷ «вазифаи худ, яъне як навъ «шуъбаи кадрҳои» марказиро аз даст дод»[4];

---

[1] Ниг.: Морозова Б. Нужны ли госслужащим политические знания? [Текст] / Б. Морозова // Государственная служба. – 2008. – № 5. – С. 123.

[2] Ниг.: Сморгунов Л. В. Сравнительный анализ политико-административных реформ: от нового государственного менеджмента к концепции «governance» [Текст] / Л. В. Сморгунов // Полис. – 2003. – № 4.

[3] Крыштановская О. В. Анатомия российской элиты [Текст] / О. В. Крыштановская. – М. : Изд-во «Захаров», 2005. – С. 375.

[4] Фрил Б. Как вернуть эффективность кадровому управлению администрации Президента США [Текст] / Б. Фрил // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М. : РАГС, 2002. – С. 24.

– даст кашидан аз тартиботи идоракунии равандҳои кадрӣ, ки мутобиқи он асоси қарорҳои кадриро на дастурамалҳо, балки фаҳмиши зеҳнии роҳбар дар бобати самаранокии ин ё он қарор ташкил медиҳад. Тавре ки Б. Фрил дарҷ менамояд, дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка «аз меъёрҳо ва дастурамалҳои умумифедералӣ оид ба масъалаҳои кадрҳо даст кашиданд».[1] Д. Уолкер чунин мешуморад, ки идоракунии кадрҳо бояд минбаъд низ бо роҳи даст кашидан аз тартиботи шадид ва бекор кардани бисёр меъёрҳо ва дастурамалҳо пеш равад;

– вогузор намудани ҳалли як силсила вазифаҳои сиёсати кадрҳо ба уҳдаи ташкилотҳои тиҷоратӣ ва аз ин ҳисоб кам кардани воҳиди дастгоҳи идоравӣ.

Тибқи ғояи «governance» *(«идоракунӣ»)* давлатҳои муосир аз микдори азими вазифаҳои ба уҳдаи онҳо гузошташуда як навъ фишор эҳсос мекунанд ва бе интиқоли як қисмати салоҳият ба созмонҳои ғайридавлатӣ онҳо тавони ҳалли ин вазифаҳоро надоранд.[2]

К. Куин чунин мешуморад, ки дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Иттифоқи Европа падидаи усулан нав – «буҳрони қонунӣ будани мудохилаи давлат» ба вуҷуд омадааст.[3] Ақидаи аксарият сиёсатшиносони Ғарбро, дар омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо муҳаққиқони франсиявӣ А. Ҳейҷвиш ва В. Мартин чунин баён кардаанд: «Ҳар андоза бахши хусусӣ соҳаи хизматрасониро, ки пештар салоҳияти давлат буд, васеътар фаро гирад, ба ҳамон андоза сарҳади байни манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ зудтар аз байн меравад».[4] Аз дидгоҳи ин муаллифон, вазифаи интихоб ва таъйини кадрро

---

[1] Фрил Б. Как вернуть эффективность кадровому управлению администрации Президента США [Текст] / Б. Фрил // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М. : РАГС, 2002. – С. 25.

[2] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 97.

[3] Хейджвиш А. Роль кадрового менеджмента в модернизации государственного управления во Франции [Текст] / А. Хейджвиш, В. Мартин // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М. : РАГС, 2002. – С. 29.

[4] Ҳамон ҷо. – С. 30.

қисман метавон ба ӯҳдаи сохторҳои хусусӣ вогузор кард, ки ин ба баланд бардоштани муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мусоида мекунад.

Масъалаи интиқоли баъзе вазифаҳои мақомоти ҳокимият ба дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар назарияи замонасозии хадамоти давлатии як қатор давлатҳо ҷой дорад. Ба ақидаи Л. А. Василенко «бояд шабакаҳои махсус – ниҳодҳои кадрии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ташкил карда шаванд. Барои таъсиси чунин ниҳодҳо бояд худи давлат манфиатдор бошад, агар интихоби кадрҳо аз рӯйи усули «дӯст, бародар ё домод» ҷой надошта бошад».[1] Ин ташкилотҳо бо вазоратҳо дар бобати иҷрои супоришҳои давлат шартнома мебанданд. Худи кормандони чунин ташкилотҳо, ба ғайр аз роҳбар ва шояд муҳосиб, дигарон хизматчиёни давлатӣ маҳсуб намешаванд ва кормандони одии кироя ба шумор меравaнд.

Ба маълумоти А. В. Оболонский, дар Англия пас аз интиқоли як қатор вазифаҳои давлатӣ ба бахши ғайридавлатӣ, «тақрибан сеяки дастгоҳи давлатӣ коҳиш ёфт».[2]

Дар айни замон, аз назари муассирии идоракунии «давлатҳои хурд», назарияи «governance» *(«идоракунӣ»)* дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо маъно надорад. Комилан равшан аст, ки соҳибкоре, ки вазифаи давлатиро дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо иҷро мекунад, монанди мансабдори касбӣ ба фасод дода мешавад, шояд бештар аз он, чунки бар хилофи мансабдори касбӣ, назорат ба даромади соҳибкор имконнопазир аст. Ва этикаи касбии хизмат ба ҷомеаи маъмурии анъанавии веберӣ бо этикаи ҳатто соҳибкори покви҆ҷдон созгор ва мувофиқ нест. Ғайр аз ин, коҳиши сатҳи касбияти дастгоҳи давлатӣ ногузир аст.[3]

Ҷанбаи чоруми баҳси кадрӣ дар сиёсатшиносии муосир масъалаҳои ҷаҳонишавии сиёсати давлатии кадрҳоро дарбар мегирад. Директори

---

[1] Василенко Л. А. Аутсорсинг – инновационная кадровая технология государственной службы [Текст] / Л. А. Василенко. – М. : Наука, 2007. – С. 147.

[2] Оболонский А. В. Бюрократия для XXI века? Модели государственной службы : Россия, США, Англия, Австралия [Текст] / А. В. Оболонский. – М. : Дело, 2002. – С. 158.

[3] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 99.

Маркази омӯзиши рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар Женева Р. Сэнер ишора менамояд, ки «дигаргуниҳои вобаста ба баланд бардоштани муассирии идоракунӣ ва байналмилалишавии хизмати давлатӣ равшантар ба назар мерасанд».[1] Р. Сэнер чунин мешуморад, ки беҳбудии давлат ба андозаи зиёд аз сармоягузорони фаромиллӣ вобаста аст. Дар ин иртибот, сиёсати давлатии кадрҳо бояд ба хизмати давлатӣ онҳоеро ҷалб намояд, ки «қобилияти татбиқ кардани ин ё он меъёрҳоро нисбат ба сармоягузорони ҳам маҳаллӣ ва ҳам хориҷӣ ба таври яксон, шаффоф ва беғаразона дошта бошанд».[2] Агар ин талабот иҷро карда нашавад, он гоҳ сармоягузорони хориҷӣ дар дигар ҷойҳо маблағгузорӣ хоҳанд кард.

Ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияи иттилоотӣ ҷалби неруи кории хориҷиро ба хизмати давлатӣ имконпазир месозад. Рақобат барои пайдо кардани хизматчиёни варзида ва баландихтисос дигар бо марзи миллӣ маҳдуд нашуда, берун аз он мебарояд.

К. Ҳуд, М. Лоҷ ва К. Клиффорд қайд менамоянд, ки «мавридҳое маълуманд, ки хизматчиёни давлатӣ барои кор дар дастгоҳи ҳукумати давлатҳои дигар ба маъмурият фиристода мешуданд, гарчи чунин мавридҳо кам ба назар мерасанд».[3] Дар Германия чунин таҷрибаи кадрӣ тибқи қонун дар бораи хизмати давлатӣ манъ гардидааст, аммо хадамоти давлатии Британияи Кабир метавонад мутахассисони хориҷиро қабул намояд. Р. Сэннерояндабинӣ менамояд, ки вақте бозори неруи кор ғайританзим шавад, «маъмурияти давлатӣ, ки шароити беҳтари корро пешниҳод менамояд, метавонад кадрҳои варзида, қобилиятнок ва содиқро ба кор ҷалб намояд».[4]

Дар ин иртибот Р. Сэннер ба хизматчиёни давлатӣ тавсия медиҳад, ки «бо ҳамкорони худ дар кишварҳои дигар робита барқарор намуда, мубодила

---

[1] Сэнер Р. Профессионализм лидеров в условиях глобализации [Текст] / Р. Сэнер // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М. : РАГС, 2002. – С. 85.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 86.
[3] Худ К. Компетентность государственных служащих (На примере Англии и Германии) [Текст] / К. Худ, М. Лодж, К. Клифорд // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл.– М. : РАГС, 2002. – С. 105.
[4] Сэнер Р. Профессионализм лидеров в условиях глобализации [Текст] / Р. Сэнер // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М. : РАГС, 2002. – С. 91.

анҷом диҳанд».[1] Ба ҷумлаи талаботи ихтисосӣ ба хизматчии муосири давлатӣ Р. Сэннер ҳамчунин «донистани забонҳои хориҷӣ, доштани қобилияти таҳлили ҷаҳонӣ; дониши бунёдӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, тартиби қабули қарорҳо ва қонунҳои сиёсии байналмилалӣ; доштани қобилияти музокира кардан дар сатҳи байналмилалӣ; доштани қобилияти барқарор намудани алоқа ва тамоси байналмилалӣ; қобилияти кор бо гурӯҳҳои байналмилалӣ ва роҳбарӣ ба онҳо»[2]-ро дохил кардааст.

Ғояи ҷаҳонишавии сиёсати давлатии кадрҳо ва корҳои илмии вобаста ба он дар натиҷаи заиф шудани давлати миллӣ ба вуҷуд омадаанд. Созмонҳои глобалӣ, иттиҳодияҳои фаромиллӣ ва бонкҳо (Фонди байналмилалии асъор, Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, «Маҳфили Рим» ва ғайра ба истисмори бемаҳдуди захираҳои табиӣ ва инсонии Сайёра ба нафъи худ манфиатдоранд. Аммо давлати миллӣ дар ин роҳ монеаи айнӣ мебошад. Дар навбати худ, тавре ки Р. Сэнер таъкид менамояд, ҷанбаи муҳимми аз байн бурдани давлатҳои соҳибихтиёр иваз кардани маъмурияти миллӣ ба «шаҳрвандон бо ҷаҳонбинии глобалӣ мебошад, ки хеле боибтикор буда, омодаанд на бо даст, балки «бо пойҳои худ раъй диҳанд», агар шароит ва услуби роҳбарӣ онҳоро қаноат накунонад».[3] Тавре ки таҷрибаи сиёсии бисёр давлатҳо (давраи Б. Елсин дар Россия, М. Саакашвили дар Гурҷистон, П. Порошенко дар Украина ва ғайра) нишон медиҳад, натиҷабахшии «меҳмонони» хориҷии маъмурӣ» хеле манфӣ будааст.

Дар натиҷа, ҷаҳонишавии сиёсати давлатии кадрҳо дар мақомоти ҳокимият бо вазифаҳои сиёсии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амнияти давлатӣ дар зиддият қарор мегирад ва ба баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ таъсири манфӣ мерасонад.

---

[1] Сэнер Р. Профессионализм лидеров в условиях глобализации [Текст] / Р. Сэнер // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М. : РАГС, 2002. – С. 89.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 90.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 91.

Дар айни замон, унсури марказии мулоҳизаҳои сиёсӣ оид ба сиёсати давлатии кадрҳо дарки нави нақши давлат чун ниҳоди марказии сиёсати давлатии кадрҳо мебошад. Аз назари В. А. Сулемов, бар хилофи хостаҳои либералҳо, давлат чун ниҳоди пешбари идоракунии иҷтимоӣ, такягоҳи фаъолияти ҳаётии ҷомеа боқӣ мемонад. Сиёсати давлатии кадрҳо аз тарафи давлат, Президент, мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ бо дарназардошти манфиатҳои халқ назорат карда мешавад.[1]

Равияи мазкурро метавон самти давлатӣ номид. Ба ин мавзуъ таҳқиқоти А. И. Турчинов[2], Г. В. Атаманчук[3], В. В. Черепанов[4], В. Г. Игнатов, А. В. Понеделков ва А. М. Старостин[5] бахшида шудаанд.

Дар маркази диққати намояндагони равияи самти давлатии сиёсати кадрҳо масъалаҳои омӯзиши касбии кормандони хадамоти давлатӣ ва маҳаллӣ қарор дорад. Масъалаҳои ҷорисозии технологияи инноватсионӣ дар раванди омӯзиш ва тайёр кардани кадрҳои хадамоти давлатӣ ва маҳаллӣ дар таҳқиқоти илмии Л. А. Василченко, В. С. Кирпичёв, В. Л. Романов, И. Н. Рибакова[6] инъикос ёфтаанд.

Таҳлили андешаи муосири сиёсӣ нишон медиҳад, ки меҳвари баҳси масъала дар бораи нақш ва вазифаҳои давлат чун иштирокчии асосии сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимият мебошад.

Ба сифати алтернативаи ниҳоди давлат намояндагони мактабҳои гуногуни сиёсӣ андешаро дар бораи интиқоли як қисми вазифаҳои сиёсӣ дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи соҳибкорӣ, элитаи сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷаҳонии сиёсӣ пешниҳод менамоянд. Сабаби чунин ҷанбаи муҳокимаи кадрӣ аз байн рафтани низоми сиёсии Вестфал буд,

---

[1] Ниг.: Сулемов В. А. Государственная кадровая политика в современной России: теория, история, новые реалии : моногр. 2-е изд. [Текст] / В. А. Сулемов – М. : Изд-во РАГС, 2006. – С. 124–125.

[2] Ниг.: Турчинов А. И. Профессионализация и кадровая политика: проблемы развития теории и практики [Текст] / А. И. Турчинов. – М. : МПСИ Флинта, 1998. – 272 с.

[3] Ниг.: Атаманчук Г. В. Конституционные основы государственной службы и кадровой политики [Текст] / Г. В. Атаманчук. – М. : РАГС, 1997. – 178 с.

[4] Ниг.: Черепанов В. В. Основы государственной службы и кадровой политики. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / В. В. Черепанов. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2012. – 680 с.

[5] Ниг.: Кадровая политика в системе государственной и муниципальной службы современной России. – Ростов н/Д. : СКАГС, 2004.

[6] Ниг.: Романова В. Л. Инновационная подготовка кадров государственной службы. 2-ое изд. [Текст] / В. Л. Романова, Л. А. Василенко. – М. : РАГС, 2007. – 140 с.

ки натиҷааш аз байн рафтани мақоми бартарии давлати миллӣ чун иштирокчии сиёсӣ гардид. Дар натиҷа, дар атрофи масъалаи фаъолияти сиёсати давлатии кадрҳо муҳокимаи гуногунҷанбаи сиёсӣ ташаккул дода шуд, ки номутобиқатии манфиатҳои сиёсии иштирокчиёни рақобаткунанда – ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои байналмилалӣ, тиҷорат, элитаи сиёсӣ ва элитаи этникиро гирифта, андешаи М. Веберро дар бораи инҳисори давлатии сиёсати кадрҳо зери шубҳа гузоштанд.[1]

Иштирокчиёни навини сиёсӣ зимни танқиди нуқсонҳои сиёсати давлатии кадрҳои анъанавӣ, барои ишғоли фишангҳои назорати сиёсати давлатии кадрҳо ва худро ба ҷойи давлат қарор додан саъю талош мекунанд, то ин ки манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии худро амалӣ созанд, на манфиатҳои шаҳрвандон ва на рушди инноватсионии ҷомеаро. Тарҳрезии усулан тарзи нави рушди сиёсати давлатии кадрҳо барои Тоҷикистони муосир ҳаётан муҳим аст, аммо маҳз чун як қисми сиёсати давлатӣ. Имрӯз дарки нави ақидаҳои М. Вебер ва тарҳрезии намунаи нави сиёсати давлатии кадрҳо бо усулҳои ҷалби шоистасолорон, лаёқатмандон, истеъдодмеҳварон зарур аст.

Сиёсати давлатии кадрҳо ба ғайр аз вазифаҳои идоракунӣ, вазифаҳои муҳимми сиёсиро низ ҳал менамояд, ки дар таҳқиқоти П. Сорокин, Т. Парсонс, Д. Истон, Г. Алмонд, К. Дойч ва ғайра илман асоснок шудааст.

Аз назари Т. Парсонс, вазифаи якуми муҳимми низоми сиёсӣ ҳифзи субот мебошад, ки барои дар амал татбиқ намудани он бояд низом интихоби элитаи сиёсӣ ва маъмуриро анҷом диҳад.[2] Элитаи сиёсӣ–маъмурӣ бояд қобилияти интихоби онҳоеро, ки дорои сифатҳои зеҳнӣ, ахлоқӣ ва кории барои низом зарур мебошанд, дошта бошад. Дар акси ҳол, таназзули дохилии низом ё харобшавии он таҳти таъсири омилҳои хориҷӣ ногузир буда, тамомияти ҷомеаро ба хатар мегузорад. Метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки

---

[1] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 103–104.

[2] Ниг.: Парсонс Т. О структуре социального действия [Текст] / Т. Парсонс. – М. : Академ. проект, 2002. – С. 701.

равандҳои кадрии давлат чун ҳастаи сохтори сиёсӣ натиҷаи дигаргуниҳои низоми кадрии ҳокимияти давлатии низоми муайяни таърихӣ мебошад.

Вазифаи дуюми муҳимми интихоби кадрии низоми сиёсӣ тартиботи ҳуқуқии он, яъне ниҳодсозии раванди мазкур мебошад. Ба ибораи дигар, сиёсати давлатии кадрҳо чун шакли ниҳодшудаи идоракунии сиёсӣ дар доираи сохтори сиёсӣ зоҳир мешавад.

Вазифаи сеюми муҳимми низоми сиёсӣ дар қонунӣ будани қарорҳои қабулкардаи давлат дар соҳаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо мебошад.

Вазифаи чоруми суботи низоми сиёсии устуворро метавон мутобиқ шудани он бо муҳити беруна номид. Т. Парсонс дарҷ менамояд, ки низом устувор ва нисбатан баробарвазн дар сурате буда метавонад, ки хусусиятҳои раванди он бетағйир бошад.[1]

Дар шароити муосир мудохила кардан дар сиёсати кадрии давлатҳои заифтар амалияи одии абарқудратҳо гардидааст. Мисоли равшани чунин амалия ташкилии «инқилобҳои ранга» дар Украина, Гурҷистон ва Қирғизистон мебошад.

Бинобар ин, ҳар як низоми сиёсӣ саъю талош мекунад, ки таъсири омилҳои хориҷиро дар соҳаи сиёсати кадрӣ ҳадди ақал кам намояд ва агар имкон бошад ба сифр расонад. Яке аз роҳҳои самарабахши ҳадди ақал кардани таъсири омилҳои хориҷӣ ниҳодсозии сиёсӣ–ҳуқуқӣ мебошад, ки бо дарназардошти он сиёсати давлатии кадрҳо фаъолият мекунад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»[2], «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»[3] ва қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

[1] Ниг.: Парсонс Т. О структуре социального действия [Текст] / Т. Парсонс. – М. : Академ. проект, 2002. – С. 700.

[2] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 21.07.1994 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1994, № 13 мод. 195 [манбаи электронӣ] URL : http://majmilli.tj/қонуни-конститутсионии-ҷумҳурии-тоҷ/ (санаи мурочиат: 1.12.2019).

[3] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 12.05.2001 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, № 4, мод. 215.

бораи хизмати давлатӣ»[1] ва ғайра ишғоли мансаби муайяни давлатӣ барои шаҳрвандони хориҷиро манъ кардаанд. Барои мисол, тибқи моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», яке аз ҳолатҳое, ки ба хизмати давлатӣ қабул намудани шаҳрванд ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатиро истисно мекунанд, ин аст, ки агар довталаб шаҳрвандии давлати дигарро дошта бошад.[2] Дар ин иртибот, яке аз вазифаҳои ҳокимияти сиёсӣ иборат аз назорати риояи «қоидаи бозӣ»–и муқарраршудаи иштирокчиёни асосии раванди кадрӣ мебошад. Вазифаи мазкур ба уҳдаи ниҳодҳои низоми сиёсӣ вогузор гардидааст, ки бояд вазифаи назорат ба суботро иҷро намоянд. Таркиби мақомоти назораткунанда метавонад гуногун бошад: дастгоҳи ёрдамчиён оид ба масъалаҳои кадрҳои Дастгоҳи иҷроияи Президент; мақомоти амнияти давлатӣ (КДАМ, ХФА, БФТ); мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (прокуратура) ва ғайра.

Мураккабӣ ва бисёрҷанба будани сиёсати давлатии кадрҳо дар соҳаи фаъолияти касбии кормандони хадамоти давлатӣ оид ба иҷрои салоҳияти мақомоти давлатӣ таҳлили амиқи заминаҳои назариявӣ–методологии шаклгирӣ ва таҳаввулоти онро талаб менамояд.

Яке аз самтҳои илмию методологии масъалаҳои сиёсӣ ва идоракунии сиёсати давлатии кадрҳоро метавон назарияи маъмурияти муносиб номид, ки асосгузорони он М. Вебер ва В. Вилсон мебошанд.

Илм дар бораи маъмурият яке аз мавзуъҳои марказии сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад. Ин илм чун фанни мустақил, ки тарафҳои гуногуни масъалаи мазкурро баррасӣ менамояд, чандин даҳсола боз дар Ғарб ривоҷ ёфтааст. Бе донистани ин фан (Public Administration – *Идоракунии давлатӣ*) ҳуқуқшинос, сиёсатмадор, менеҷер ё иқтисоддони варзида шудан имконнопазир аст. Дар ҳар як давлати муосир дастгоҳи идоракунии давлатӣ ба асоси усули маъмурӣ бунёд ёфтааст. Ҳеҷ як

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[2] Ҳамон ҷо.

ниҳоди давлатӣ, монанди маъмурият мавриди танқиди доимӣ, шадид ва баъзан комилан барҳақ қарор нагирифтааст.

Надонистан ва нафаҳмидани моҳияти мавзуъ таъсиррасон аст. Ашхоси ноогоҳ се мафҳуми аз нигоҳи маънӣ бо ҳам наздик, вале гуногунро аз ҳам фарқ карда наметавонанд – усулҳои умумии маъмурии идоракунӣ, маъмурият чун табақаи иҷтимоӣ, ки идоракунии ҳамарӯзаи дастгоҳи давлатиро амалӣ менамояд ва бемории иҷтимоии хоси мудирон–маъмурон.

Бе низоми рушдёфтаи маъмурӣ мавҷудияти ҳар гуна давлати муосирро тасаввур кардан мушкил аст. Ба истилоҳ «маъмурияти муносиб»–ро барҳақ ихтирои боаҳамияти иҷтимоии тамаддун меноманд. Маъмурияти давлатӣ дар ҷомеаи муосир нақши миёнарав байни давлат ва ҷомеаро бозӣ мекунад, бинобар ин, фаҳмидани шаклҳои маъмурӣ ва дараҷаи таъсири маъмурият ба равандҳои ҷамъиятӣ муҳим аст.

Аломати ҳокимияти қавӣ, ки вазифаю уҳдадориҳои худро дар назди мардум дарк мекунад – қабули қарорҳои санҷидашуда ва назорат ба иҷрои комили онҳо мебошад. Дар ҷаҳони муосир маъмурият ба тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ нуфуз кардааст, бинобар ин, омӯхтани мавзуи маъмурият аз назари амалӣ боаҳамият аст. Ин на танҳо барои низомбандии кори дастгоҳи идорӣ кумак мерасонад, балки таъсири манфии маъмуриро ба ҳаёти ҷомеа коҳиш мебахшад.

Масъалаҳои идорӣ дар осори ҷомеашиносон ва сиёсатшиносони гуногун мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аввалин шуда В. Вилсон дар асари «Омӯзиши маъмурият» (соли 1887) ва М. Вебер дар асари худ «Хоҷагӣ ва ҷомеа»[1] (соли 1921) ба омӯзиши ин мавзуъ оғоз кардаанд. Новобаста аз якдигар, онҳо равияҳои мушобеҳи маъмуриро ҷудо карданд ва таҳқиқоти онҳо тайи тамоми асри XX барои ҷомеашиносон ҷиҳати омӯзиши ин мавзуъ асос гардид.

---

[1] Ниг.: Вебер М. Избранные произведения [Текст] / М. Вебер / пер. с нем., сост., общ. ред. и послесл. Ю. Н. Давыдова; предисл. П. П. Гайденко. – М. : Прогресс, 1990. – 808 с.

М. Вебер дар асари асосии худ дар соҳаи сотсиологияи сиёсӣ «Сиёсат чун қобилият ва касб» ҳангоми таҳлили масъалаҳои идорӣ мафҳумҳои давлат, сиёсат ва пешворо шаклбандӣ кардааст. Аз назари М. Вебер, давлат – ниҳоди дорои ҳуқуқи истифодаи қонунии зӯрӣ мебошад.[1] М. Вебер зимни мулоҳизаронӣ дар бораи сиёсат навиштааст, ки сиёсат раванди тақсими ҳокимияти давлатӣ байни гурӯҳҳои гуногун мебошад. Пешвоёни сиёсиро ӯ соҳибони ин ҳокимият шуморидааст.[2]

Ин муҳаққиқ се намуди ҳокимияти сиёсиро ҷудо кардааст:

– харизматикӣ, ки барои ниҳодҳои оилавӣ ва динӣ хос аст;

– анъанавӣ, хоси ҷомеаи падаршоҳӣ ва заминдорӣ аст;

– муносибӣ–қонунӣ, ки хоси давлати муосир ва маъмурӣ мебошад.[3]

Чунин нуқтаи назар имкон дод, ки ҳар гуна робитаҳои ҳокимияти таърихӣ тақсимбандӣ шавад. Намуди харизматикии ҳокимиятро муҳаққиқ ноустувор ва дар шароити гуногун моил ба тағйирёбӣ шуморидааст.[4] Ба ақидаи М. Вебер, дар марҳалаи муайяни инкишоф ҷомеа ҳамеша ба намуди муносибӣ–қонунӣ майл мекунад, ки афзалияти онро метавон ниҳоди мавҷудаи хизмати давлатӣ номид. Аз дидгоҳи М. Вебер, таҳаввулоти ҳокимият қисми таҳаввулоти умумии ҷомеа мебошад. Тавре ки Г. Ритсер таъкид менамояд, назарияи муносиби М. Вебер ногузирии таҳаввулоти робитаҳои ҳокимиятиро пешбинӣ менамояд.[5]

Дар китоби «Хоҷагӣ ва ҷомеа» М. Вебер намудҳои гуногуни идораи давлатро тақсимбандӣ намуда, масъалаҳои маъмуришавии ҷомеаро таҳлил кардааст.[6]

---

[1] Ниг.: Daniel Warner An ethic of responsibility in international relations [Text] / Warner Daniel. – Lynne Rienner Publishers, 1991. – P. 9–10.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ниг.: Wolfgang J. Mommsen The Political and Social Theory of Max Weber: Collected Essays [Text] / J. Wolfgang. – University of Chicago Press, 1992. – P. 46.
[4] Ниг.: George Ritzer. Contemporary Sociological Theory and Its Classical Roots: The Basics [Text] / Ritzer George. – McGraw-Hill. – P. 38-42.
[5] Ҳамон ҷо.
[6] Ниг.: The Max Weber dictionary: key words and central concepts. – Stanford University Press, 2005. – P. 18–21.

Аввалин таҳқиқот дар бораи мансабдорӣ чун ниҳоди иҷтимоӣ ба М. Вебер тааллуқ дорад.[1] Низоми анъанавии хизмати шаҳрвандии намуди минтақавӣ низ ба номи ӯ гузошта шудааст.[2]

Муҳимтарин тавсифи намуди муносибӣ–қонунии ҳокимият ва таҳаввулоти бунёдии ҷомеаи ғарбро М. Вебер маъмуришавӣ чун тарзи бештар муассир ва муносиби идораи давлат меномад.[3]

Аз назари М. Вебер, шарти ҳатмии шаклгирии дастгоҳи идорӣ чунинанд:

— зиёд шудани ҳудуди таҳти маъмурият ва теъдоди ашхоси тобеъ;

— мураккабшавии иҷрои мансабҳои маъмурӣ;

— ба вуҷуд омадани иқтисоди молиявӣ, ки дар он гардиши фаъоли маблағ ба амал меояд.[4]

Аз дидгоҳи М. Вебер, шакли намунавии маъмурӣ зинабандии аниқи вазифавӣ бо салоҳиятҳои ҷиддан муайян ва дастурамалҳои вазифавӣ дорад. Қоидаҳои нав ҷанбаи бетараф доранд. Мансабдорон бояд омодагии касбӣ дошта бошанд ва пешрафт аз рӯйи зинаҳои хизмат мутобиқи камолоти касбӣ анҷом гирад, ки бояд аз тарафи гурӯҳи коршиносон дастгирӣ шавад.[5]

Далели асосии исботкунандаи афзалияти созмони маъмуриро метавон бартарии техникии он бар дигар шаклҳои созмон номид.[6]

Тавсифи асосии маъмурият, ки аз тарафи М. Вебер дода шудааст, чунин аст:

1) салоҳияти ҳар як сатҳи маъмурият дақиқан мураттаб ва аз нигоҳи меъёрӣ мушаххас аст;
2) дараҷабандии амудӣ ба усулҳои мартаботи вазифавӣ устувор аст;

---

[1] Ниг.: Leadership that matters: the critical factors for making a difference in people's lives and organisations success. – Berrett-Koehler Publishers. – P. 52.

[2] Ниг.: Liesbet Hooghe. The European Commission and the integration of Europe: images of governance [Text] / Hooghe Liesbet. – Cambridge University Press, 2001. – P. 40.

[3] Ниг.: George Ritzer. Contemporary Sociological Theory and Its Classical Roots: The Basics [Text] / Ritzer George. – McGraw-Hill. – P. 38–42; The Max Weber dictionary: key words and central concepts. – Stanford University Press, 2005. – P. 18–21.

[4] Ниг.: Explorations in Classical Sociological Theory: Seeing the Social World.–Pine Forge Press. – P. 172–176.

[5] Ниг.: The Max Weber dictionary: key words and central concepts. – Stanford University Press, 2005. – P. 18–21; Explorations in Classical Sociological Theory: Seeing the Social World. –Pine Forge Press. – P. 172–176.

[6] Ниг.: Liesbet Hooghe. The European Commission and the integration of Europe: images of governance [Text] / Hooghe Liesbet. – Cambridge University Press, 2001. – P. 40.

3) тамоми фаъолияти расмии дохилии созмон бояд дар шакли санади хаттӣ бо нигоҳдории минбаъдаи онҳо ифода ёбад;
4) тамоми ашхоси мансабдор бояд на танҳо дар соҳаи уҳдадориҳои касбии худ (ҳуқуқдон, иқтисоддон ва ғайра) босалоҳият бошанд, балки умуман меъёрҳо, қоидаҳо ва тартиботи созмони маъмуриро донанд.[1]

Дар байни якчанд таърифи маъмурият, ки аз тарафи М. Вебер дода шудааст, таърифи зерин афзалият дорад: «ташкилот бо сохтори аҳромшакли *(пирамида)* ҳокимият, ки қоидаҳои умумӣ ва бешахсро барои нигоҳдории ин сохтор истифода бурда, таваҷҷуҳи асосиро ба ҷанбаҳои тақсимотии идоракунӣ медиҳад».[2]

Бояд эътироф кард, ки М. Вебер дар таърифи худ кӯшиш накардааст, ки тамоми ҷанбаҳои маъмуриро чун падидаи иҷтимоӣ–сиёсӣ номбар намояд. Чун методологи бузурги илми ҷомеашиносӣ, ӯ хаёлӣ будани таърифи умумиро дарк мекард, фақат шаклҳои намунавиро таҳқиқ карда, аломатҳои асосии маъмуриятро тақсимбандӣ кардааст.

Ҳамин тавр, аз назари М. Вебер, ташкилоти маъмурӣ низоми ниҳодии нисбатан муносиб буда, вазифаҳои идоракуниро дар ҷомеаи муосир иҷро менамояд. Воситаи муносиб буданро ӯ дар бешахс гардонидани фаъолияти он мебинад, ки муносибатҳои зеҳнии иҷрокунандагонро бартараф месозад.

Дар мақолаи М. Вебер «Парламент ва ҳукумат дар Германияи тағйирёфта» масъалаҳои ҳокимияти маъмурӣ баррасӣ шудааст. Дар ин ва дар дигар мақолаҳо М. Вебер низоми идоракунии давлатии Германияро дар оғози асри XX мавриди таҳлил қарор додааст.

Таҳқиқоти маъмурият дар мақолаҳои сиёсии М. Вебер ва назарияи маъмурияти патримониалии[3] ӯ дар баррасии маъмурияти намунавӣ ва дар таҳқиқоти сиёсатшиносони муосир унсури муҳим мебошад.

[1] Ниг.: Вебер М. Избранные произведения [Текст] / М. Вебер / пер. с нем., сост., общ. ред. и послесл. Ю. Н. Давыдова; предисл. П. П. Гайденко. – М. : Прогресс, 1990. – 808 с.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 321.
[3] *Патримониалӣ* – шакли идоракунии давлатӣ, ки тамоми ҳокимият дар салоҳияти роҳбари олӣ қарор дорад.

Дар ҷараёни омӯзиши ҳукмронии қонунӣ М. Вебер маъмурияти муносибро тавсиф менамояд. Хусусияти фарқкунандаи он низоми қоидаҳои расмии ба танзими фаъолияти кормандони идоракунӣ равонашуда мебошад. Дар сурати ҳукмронии қонунӣ ин қоидаҳо метавонанд тағйир ёбанд, ҳеҷ гуна маҳдудият вуҷуд надорад, фақат бояд расмияти муқарраршударо риоя кард, аммо дар ҳукмронии анъанавӣ имкони тағйири қоидаҳо ва қонунҳоро анъана маҳдуд месозад.

Ба андешаи М. Вебер тобеият на ба садоқати шахсӣ, балки ба «қарзи хизматӣ»–и дар доираи дастурҳои муқарраршуда муҳим мегардад.[1] Яъне бояд ба қоидаи расмӣ итоат кард, на ба шахси ҳоким. Самтгирӣ ба меъёрҳои бешахсияти муқарраршуда садоқати шахсиро, ки дар ҳукмронии анъанавӣ аҳамияти муҳим дошт, иваз кард. М. Вебер чунин мешуморид, ки ҳукмронии қонунӣ бояд бо унсурҳои анъанавии патримониалӣ такмил шавад, чунки он дар назари тобеон қонунмандии кофиро надорад. Дар воқеият мо намуди соф ҳукмронии қонуниро намебинем, он фақат дар таносуб бо дигар намудҳо зоҳир мешавад. Ба ақидаи М. Вебер ҳукмронии қонунӣ бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад:

1) корманд уҳдадориҳои вазифавиро иҷро мекунад, ки ба воситаи меъёрҳои муқарраршудаи доимӣ танзим мешаванд;

2) уҳдадориҳо байни соҳаҳои аз нигоҳи вазифавӣ гуногун тақсим шудааст;

3) вазифаҳо мутобиқи мақом тартиббандӣ шудаанд ва имкони назорат ба иҷрои онҳо вуҷуд дорад;

4) қоидаҳои назораткунандаи фаъолият ба дастурамалҳои техникӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ тақсимбандӣ шудаанд, барои чунин фаъолият кадрҳои махсус омӯхташуда лозиманд;

5) шахси мансабдор ҳуқуқ надорад вазифаашро аз худ намояд;

---

[1] Ниг.: Вебер М. Избранные произведения [Текст] / М. Вебер / пер. с нем., сост., общ. ред. Ю. Н. Давыдова; предисл. П. П. Гайденко. – М. : Прогресс, 1990. – С. 71.

6) ҳукмронии қонунӣ дар шаклҳои гуногун ифода меёбад, аммо ҳар андоза ин намуд равшантар ифода ёбад, ба ҳамон андоза кормандони маъмурии идоракунӣ тез–тез амал мекунанд.[1]

Дастгоҳи идориро мансабдорон ташкил медиҳанд, ки усулҳои зеринро мадди назар мегиранд:

1) озодӣ ва тобеияти мансабдорони ҳокимият фақат дар доираи уҳдадориҳои вазифавии онҳо;

2) нигоҳ доштани мансабдорон дар мақоми қатъии вазифавӣ;

3) соҳиб будан ба ҳар вазифа дар соҳаи муайяни салоҳиятҳо;

4) ишғол кардани вазифа аз тарафи мансабдор ба асоси созишномаи ихтиёрии шартномавӣ;

5) интихоб ва таъйини номзад ба асоси ихтисоси онҳо;

6) дарёфти подош ба шакли музди меҳнати доимии пулӣ;

7) вазифа – шуғли ягона ё асосии мансабдор;

8) низоми пешрафт аз рӯйи зинаҳои мансаб мутобиқи хизмат.[2]

Аз назари М. Вебер, ҳукмронии қонунӣ ва маъмурияти муносиб мафҳумҳои ҳаммонанд нестанд. Чунин мешавад, ки дастгоҳи маъмурӣ–идорӣ вақте истифода бурда мешавад, ки роҳбарият усули қонуниро ба эътибор намегирад ва ҳукмронии қонунӣ дар идоракунии ғайримаъмурӣ амалӣ мешавад.

М. Вебер зимни муқоисаи маъмурияти муосир бо шаклҳои идоракунии анъанавӣ аломатҳои маъмурияти муносибро тақсимбандӣ намудааст, ки дар он хусусиятҳои идораи анъанавӣ амалан вуҷуд надоранд. Аломатҳои маъмурияти муосир аввалин бор дар дастгоҳи идоракунии давлатии кишварҳои Ғарб зуҳур намуд. Аломатҳои муҳимми фарқкунандаи маъмурияти муосир усулҳои тахассуснокии мансабдорон ва ҳатман ҷудо кардани мансабдор аз молики воситаҳои идоракунӣ мебошад. Чунин

---

[1] Ниг.: Вебер М. Хозяйство и общество. Очерки понимающей социологии. В 4 томах. Том 1. Социология. [Текст] / М. Вебер / пер. с нем. В. А. Брун-Цеховой, И. А. Сударикова, А. Н. Беляев, Д. Б. Цыганков. – М. : Изд-во ВШЭ, 2016. – 448 с.

[2] Ҳамон ҷо.

ҷудокунӣ боиси он мегардад, ки мансабдор воситаи зиндагиро аз ташкилот дарёфт карда, дар вобастагӣ аз интизоми ташкилот қарор мегирад.[1]

Дар маъмурияти муосир байни кормандон ва ташкилот муносибат ҷанбаи шартномавӣ дорад. М. Вебер хусусан ба нақши омодагии касбии мансабдорон таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Сатҳи маълумотнокӣ бояд бо диплом тасдиқ карда шавад, ба воситаи имтиҳон санҷида шавад, ки муносиб будани маъмуриятро муайян месозад. М. Вебер қайд менамояд, ки хусусияти хоси маъмурияти муносиб аз он иборат аст, ки он бо дарназардошти қоидаҳои дақиқан шаклбандишуда амал мекунанд. Маъмурият дониши махсусро дар ҷараёни идоракунӣ истифода мебарад.

Аз назари М. Вебер ташкилоте, ки аз мансабдорони интихобшуда иборат аст, на ҳама вақт маъмурӣ буда метавонад. Мансабдороне, ки ба ғайр аз ташкилот манбаи дигари қонунӣ доранд, ба интизоми ташкилот чандон ҷиддӣ тобеъ нестанд.

Асоси идораи маъмуриро маҷмӯи дониш ва интизоми махсус ташкил медиҳад. Роҳбари ташкилоти маъмурӣ аниқ медонад, ки дастурҳои ӯ тавассути воситаҳои иртиботӣ интиқол дода мешаванд ва онҳо мутобиқи қоидаҳои муқарраршуда иҷро хоҳанд шуд. Бори дигар таъкид менамоем, ки аломати асосии ташкилоти маъмурӣ – интизоми сахт мебошад.

Дар низоми идоракунии давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, мақомотҳои низомӣ ва тартиботӣ, инчунин дар муассисаҳои бузурги сармоядорӣ – ҳама ҷо метавон ташкилоти маъмуриро мушоҳида кард. Маъмуришавӣ бештар дар давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ рушд меёбад.

Маъмурият шакли аз ҳама муассири идоракунӣ буда, сабаби ривоҷи он низ дар ҳамин аст. Аз назари М. Вебер, таҳаввули шаклҳои муосири ташкилӣ бо инкишофи идоракунии маъмурӣ мутобиқат мекунад.

---

[1] Вебер М. Избранные произведения [Текст] / М. Вебер / пер. с нем., сост., общ. ред. и послесл. Ю. Н. Давыдова; предисл. П. П. Гайденко. – М. : Прогресс, 1990. – 808 с.

Маъмурият паҳнкунандаи дониши махсуси зарурӣ барои фаъолияти ташкилоти бузург буда, бартарии он бар дигар шаклҳои идоракунӣ низ дар ҳамин нуҳуфта аст.

Баъзе ҷомеашиносон таъкид менамоянд, ки М. Вебер ба эҳтимолияти номувофиқатии вазифаҳои ташкилотҳои маъмурӣ таваҷҷуҳ зоҳир накардааст, бинобар ин, ақидаи М. Веберро дар бораи самаранокии баланди маъмурият таҳти шубҳа қарор медиҳанд. Аз назари баъзе муҳаққиқон пайравии доимӣ ва санҷиданашуда аз меъёрҳои маъмурӣ фаъолияти идоракуниро заиф месозад. Чунин андеша дар баъзе осори Р. Мертон баён шудааст. Ӯ шакли намунавии маъмурияти муносиби М. Веберро мавриди танқид қарор нададааст, бо вуҷуди ин ба он ишора кардааст, ки фаъолияти низоми маъмурӣ аксар вақт оқибати номатлуб дорад, ки бо ҳадафҳои ин ташкилот мухолифат дорад.[1]

Ҳангоми маъмуришавӣ тамоми унсурҳои шахсӣ ва эҳсосотӣ аз байн мераванд. Ҳусни таваҷҷуҳ ва афзалияти шахсӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд, маъмурият фақат меъёрҳои айниро эътироф мекунад. Хусусиятҳои шакли намунавии маъмурият хунсард, воқеъбин ва расмиятпараст будан мебошад.

М. Вебер хизмати давлатиро монанди фаъолияти илмӣ ва сиёсӣ чун «касб ва шавқ» баррасӣ мекунад. Ишғоли вазифаи роҳбарикунанда омӯзиши тӯлонии касбиро талаб менамояд. Ҳангоми ҳукмронии қонунӣ барои хизматчиён иҷрои содиқонаи вазифа ва уҳдадории ба зиммагирифта аҳамияти муҳим дорад. Дар ҳоле ки мансабдори бешавқ дар вазифаи худ қабл аз ҳама, манбаи даромадро мебинад.

Ё, тарафи дигари ин масъала, «… мавҷудияти шароити муносиби иҷтимоии рушди шахсият, яъне шиками сер ва чашми сер мебошад. Дар муҳите, ки масъалаи рақами якуми аҳли идораву илму фарҳанг таъмини маош бошад, фурсати рӯ овардан ба масъалаҳои калону баланд бисёр маҳдуд аст ва имкони расидан ба тафаккури сиёсӣ бисёр ночиз аст. Яъне, ҳеҷ имкон

---

[1] Ниг.: Блау П. Исследования формальных организаций [Текст] / П. Блау // Американская социология: перспективы, проблемы, методы. – М. : Мысль, 1972. – С. 100-102.

надорад, ки хизматчии давлатии аз назари моддӣ муҳтоҷ консепсияи давлатӣ нависад. Ба истисноӣ шахсони истисноии ҷонфидо, ки бисёр каманд…».[1]

Ишора ба мафҳуми «чашми сер» низ бесабаб нест. Зеро имрӯз бахше аз қишри идорию сиёсӣ ба шароити хуб ё олии моддӣ расидааст ва тавонистааст, ки барои худ имкони муносиби зиндагӣ, кор ва истироҳат фароҳам орад. Ин падида барои давлат шудани як давлат таъсири мусбат дорад. Вале мушкили ин қишри навпои ҷомеа ин аст, ки аксари онҳо фарҳанг ва маърифати муносиб ба мақом ва сармояи худро касб накардаанд. Ин аст, ки бо вуҷуди имкони васеи молӣ, дар чунин афрод навъе «носерӣ» боқӣ мемонад. Хулоса, метавон гуфт, ки шиками гуруснаро касе намебинад, вале чашми гуруснаро ҳамагон мебинанд. Ҳамин тавр, фақри моддии бахше аз элитаи сиёсиву фарҳангӣ ва фақри маънавии бахши дигари он монеи дигаре дар роҳи ташаккули тафаккури давлатӣ мебошад.[2]

Ҳокимияти номуносиб садоқати шахсии кормандро ба роҳбари ташкилот пешбинӣ менамояд, вале дар маъмурияти қонунию муносиб фаъолияти мансабдор робитаҳои шахсиро талаб намекунад ва фақат аз вазифаҳои касбӣ вобастагӣ дорад. Корманд пурра тобеи ташкилоти худ буда, танҳо ба он содиқ мемонад. Ба гуфтаи М. Вебер, мансабдори касбӣ «ба фаъолияти худ бо тамоми ҳастии иқтисодӣ ва ғоявии худ майл дорад. Дар аксар мавридҳо ӯ ҷузъи низоми амалкунанда мебошад, ки самти ҳаракатро барояш муқаррар намудааст».[3]

Таҳқиқоти веберии маъмурият фақат бо шакли намунавии идорӣ маҳдуд намешавад. Шакли намунавии маъмурияти муносиб дар таҳқиқоти М. Вебер фақат яке аз унсурҳои назарияи умумии маъмурият мебошад. М. Вебер мефаҳмид, ки канораравӣ аз шакли намунавӣ ногузир буда, ҷанбаи доимӣ дорад. Тамоюли васеъ кардани сарҳади салоҳияти худ ба низоми

[1] Чаро дар ҷомеаи мо тафаккури давлатӣ шакл нагирифтааст? / Сардабир Б. А. Маҳмадов // Набзи замон. – 2013. – № 1. – С. 23.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ниг.: Вебер М. Избранные произведения [Текст] / М. Вебер / пер. с нем., сост., общ. ред. и послесл. Ю. Н. Давыдова; предисл. П. П. Гайденко. – М. : Прогресс, 1990. – 808 с.

идорӣ хос буда, мансабдоронро метавон чун гурӯҳи махсуси ҷомеа бо манфиатҳои хоси худ баррасӣ намуд.

Чунин гурӯҳҳо талош мекунанд, ки вуруд ба сафи худро маҳдуд намуда, имтиёзоти мавҷударо инҳисор намоянд. Маҳдуд кардани воридшавӣ ба сафи худ аз тарафи мансабдорон барои маъмурияти номуносиб хос аст, вале имрӯз низ ин тамоюл дар сохторҳои муосири маъмурӣ боқӣ мондааст.

Асари асосии В. Вилсон «Омӯзиши маъмурият» *(«Study of Administration»)* дар соли 1887 ба нашр расид. Ӯ то ҳадде аз андешаҳои М. Вебер пешӣ ҷуста, асоси назариявии намунаи хизмати ҳукуматиро барои чандин даҳсолаи оянда гузошт. В. Вилсон баъзе масъалаҳои илми маъмурии америкоиро таҳлил кардааст.

Муқаррароти асосии назарияи В. Вилсон чунин мебошанд:

– заминаи самаранокӣ ва масъулияти ҳар гуна низоми идорӣ маркази ягонаи идоракунӣ мебошад;

– ҳамаи ҳукуматҳои муосир аз нигоҳи сохтор бо ҳам шабоҳат доранд;

– идоракунӣ аз сиёсат ҷудо мебошад;

– хизматчиён омодагии зарурии касбӣ мегиранд;

– шарти муассирии молиявӣ ва маъмурӣ дараҷабандии созмонёфта мебошад;

– шарти зарурии таҳаввули инсоният маъмурияти муносиб мебошад.

Бо вуҷуди муносибати гуногуни М. Вебер ва В. Вилсон ба масъалаи маъмурият, ҳар ду чунин мешумориданд, ки маъмурият шакли мукаммали идорӣ мебошад. Аниқӣ, зудӣ, салоҳиятнокӣ, ирсият, ягонагӣ, мартабот, арзонии нисбӣ ва ҷанбаи бешахсии фаъолият – чунинанд бартариҳои асосии низоми идоракунии маъмурӣ.

Ба ақидаи М. Вебер ва В. Вилсон – маъмурият яъне ҳукмронии касбият бар бесалоҳиятӣ, меъёр бар худсарӣ, айният бар зеҳният мебошад.

Муқаррароти асосии назарияи маъмурияти муносиби М. Вебер, чунинанд:

1) маъмурият дар ҳама низомҳои сиёсӣ истифода мегардад, аммо ба сиёсат таъсир намерасонад;

2) маъмурият шакли бештар самарабахши идорӣ мебошад;

3) арзиши асосии маъмурият – дучор нашудан ба таъсироти зеҳнии инсон мебошад.

М. Вебер зимни таҳқиқоти бартарии қонунии идоракунии маъмурӣ, масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст:

– сабабҳои техникӣ–иқтисодӣ ва фарҳангӣ–таърихии маъмуришавӣ;

– вобастагии фаъолияти маъмурият аз таъсири андешаҳои ҳуқуқӣ;

– манфиатҳои моддии гурӯҳи иҷтимоии мансабдорон;

– тамоюли асосии таъсири маъмурият ба ҷомеа.

На ҳамаи ин нуктаҳо аз тарафи М. Вебер ба сатҳи яксон таҳқиқ шудаанд, аммо дар тамоми мавридҳо ӯ методологияи намунавиро истифода бурдааст.

Метавон хусусиятҳои зерини шакли намунавии маъмуриятро ҷудо кард:

– фаъолияти идоракунӣ бе таваққуф амалӣ мешавад;

– соҳаи ҳокимият ва салоҳияти ҳар як корманд дар дастгоҳи идоракунӣ аз нигоҳи меъёрӣ муқаррар гардидааст;

– ба туфайли дараҷабандии қатъӣ, назорати асосӣ ба амали мансабдор «аз боло ба пойин» сурат мегирад;

– фард наметавонад воситаҳои идоракуниро моликияти шахсии худ ҳисобад, мансаб аз фард, ки вазифаи маъмуриро иҷро мекунад, ҷудо аст.[1]

Дар сурати набудан ё табдили хусусиятҳои номбаршуда ба унсурҳои маъмурияти номуносиб, шакли мазкури идоракуниро наметавон ҳукмронии қонунӣ номид.

М. Вебер ҳуқуқ ва маъмурияти муносибро намунаи идораи сиёсӣ меҳисобад. Далели асосии андешаи ӯ самаранокии идоракунии маъмурӣ бар

[1] Ниг.: Масловский М. В. Теория бюрократии Макса Вебера и современная политическая социология : монография [Текст] / М. В. Масловский. – Н. Новгород : ННГУ, 1999. – 186 с.

асоси аниқӣ, зудӣ, дониш, яккасардорӣ, мартабот, тағйирнопазир будани раванди идоракунӣ мебошад. Аммо тарафи дигари он низ ҳаст – ба инобат нагирифтани хусусияти вазъи мушаххас.

М. Вебер дар марҳалаҳои гуногуни муборизаи сиёсӣ симои сиёсатмадорон ва маъмурони намунавиро сохта, алоқамандии онҳоро таҳқиқ кардааст. Аз дидгоҳи ӯ омодагии иҷрои ҳар гуна дастур, хунсардӣ ва бешахсӣ, афзалият додан ба эҳсоси масъулият ва иҷрои вазифа ба шакли маъмурияти намунавӣ мутобиқ аст. Сиёсатмадори намунавӣ чунин хусусиятҳо дорад: созиш ва гузашт кардан, доштани қобилияти мустақилона амал кардан ва дастур додан, иштирок дар мубориза барои ҳокимият. Сиёсатмадор чун шахсияти қавӣ, пешво ва дорои қобилияти пирӯзӣ дар муборизаи интихоботӣ тасаввур карда мешавад. Аммо дар ин сурат хатари барқарор шудани низоми ҳокимияти шахсӣ низ вуҷуд дорад, бинобар ин, чунин сиёсатмадори оқил бояд таҳти назорат қарор гирад. Вазифаи назоратро бояд парламент ба уҳда гирад ва ба хотири суботи идоракунии ҳуқуқӣ бо сиёсатмадор муқобилат намояд.

Асосҳои интихобӣ ва парламентии роҳбарии сиёсӣ барои давлати демократӣ ҳатмӣ аст. Ба ақидаи М. Вебер, зиддияти истеъдоди худододӣ ва ҳуқуқ, пешво ва маъмурият унсурҳои ҷудонопазири ҳокимияти қонунӣ мебошанд.

Намояндагони равияҳои гуногуни илмӣ назарияи М. Веберро мавриди танқид қарор додаанд. Т. Парсонс дар муқаддима ба нашри америкоии асари М. Вебер «Хоҷагӣ ва ҷомеа» андешаи ҷой доштани ду унсури бо ҳам зидро дар маъмурияти анъанавӣ–маъмурӣ ва касбӣ таъкид намудааст. Ин фикр дар таҳқиқоти намояндагони усули сохторӣ–вазифавӣ дар ҷомеашиносӣ инкишоф дода шуд. Дониши касбӣ ва мавқеъ дар зинаи тобеият дар ҳокимият бо якдигар зиддият доранд. Тобеият ба ҳокимияти маъмурӣ-идорӣ ихтиёрӣ нест, чунки ба дастур асос ёфтааст.

Дар дидгоҳи М. Вебер роҷеъ ба маъмурият зиддият байни маъмурият ва навоварӣ ҷой дорад: агар амали мансабдор бо дастурамал ва фармонҳои

роҳбарият мутобиқат дошта бошад, он гоҳ ин амал дуруст тафсир карда мешавад. Аммо маъмурият наметавонад равандҳои эҷодиро идора кунад, чунки қобилият ба эҷодкориро наметавон ба воситаи дастурамал ва фармон интиқол дод. Рафтори «дуруст» ва тафаккури маъмурӣ–идорӣ ба мустақилӣ дар қабули қарорҳо ва ба эҷодкорӣ мусоидат намекунад.

Ҳар гуна навоварӣ тартиботи мавҷудаи ҳокимиятро халалдор месозад, бинобар ин, бо муқовимати маъмурият дучор мешавад. Ихтилофоти ниҳонӣ, манфиатҳои шахсӣ ва нуқсонии ошкорбаёнӣ аломатҳои калидии мубориза барои ҳокимият мегарданд.

Ҷ. Марч ва Г. Саймон намудҳои зерини аксуламали маъмуриятро нисбат ба навоварӣ қайд кардаанд:

– ҷустуҷӯи қарор;

– тамоюли ашхоси пешниҳодкардаи навоварӣ ҷиҳати даст кашидан аз пешниҳоди худ;

– савдои ошкорро;

– сиёсатбозӣ.[1]

Дар асари М. Крозе «Падидаи маъмурият: таҳқиқоти тамоюлоти маъмурӣ дар низоми муосири ташкилӣ ва робитаи он бо фарҳанги иҷтимоии низом дар Франсия» исбот шудааст, ки ташвиқи фаъолияти созанда ва эҷодкорона ба қобилияти маъмурият барои қабули навигарӣ мусоид мекунад.[2]

Назарияи М. Веберро сиёсатшиносони маъруфи зиёд мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ин имкон дод, ки дар асоси таҳқиқоти онҳо андешаҳои М. Вебер гурӯҳбандӣ шавад.

А. В. Кезин ба гурӯҳи аввали мунаққидони назарияи М. Вебер Г. Саймон, П. Блау, М. Крозе ва ғайраро дохил кардааст, ки дар солҳои 1950–

[1] Ниг.: Пью Д. С. Исследователи об организациях : хрест. – 4-е изд. Краткое излож. работ признанных авторитетов в теории и практике менеджмента [Текст] / Д.С. Пью, Д. Дж. Хиксон. – М. : ЛИНК, 2009. – 240 с.
[2] Ниг.: Спиридонова В. И. Бюрократия и реформа (анализ концепции М. Крозье) [Текст] / В. И. Спиридонова. – М. : ИФ РАН, 1997. – 202 с.

1960 асарҳои худро нашр кардаанд.[1] Ба ақидаи мо, дар ин марҳала фақат шаклбандии усулии назариявӣ анҷом гирифтааст.

Г. Саймон назарияи М. Веберро бо унсурҳои назарияи ташкилии ғайрирасмӣ такмил дод, бинобар ин, мавқеи ӯро метавон арзишӣ қаламдод кард, чунки М. Вебер аз равиши арзишӣ ва бетарафӣ пайравӣ мекард.

Гурӯҳи дуюми мунаққидони М. Вебер дар солҳои 1970 таҳти таъсири Д. Валдо, В. Остром ва баъзе муаллифони америкоӣ шакл гирифт. Онҳо андешаи маъмуриятро чун шакли олии ташкилот мавриди интиқоди шадид қарор дода, рӯҳияи инқилобии солҳои 1960 ва оғози солҳои 1970–и Ғарбро ифода мекарданд. Натиҷаи ин, назарияи нави маъмурияти «ғамхор», «марказмеҳварӣ», «ҳамвор» ва ғайра гардид. Аммо сохти усулии М. Вебер на аз нигоҳи назариявӣ ва на аз нигоҳи амалӣ рад карда нашуд. Ба ақидаи мо, ин саъю талош барои пайванди равишҳои кӯҳна ва нав буд, ки ба наздикшавии ташкилот ба одамон, ба эҳтиёҷоти онҳо равона шуда буд.

Ба асоси шиори собиқ муовини президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америка А. Гор – «таъсиси ҳукумате, ки қиматаш камтар бошад, вале хубтар кор кунад», тавсияҳо оид ба ислоҳи усулҳои асосии кори дастгоҳи давлатӣ шаклбандӣ шуд. Дар як силсила кишварҳои европоӣ дар солҳои 1980–1990 тағйироти ҷиддӣ рӯй дод.[2]

Андешаи методологии М. Вебер асоси назарияи идоракунӣ гардид. Сарфи назар аз он ки аҳамияти осори М. Вебер хеле бузург аст, бо вуҷуди ин хулосабарориҳои ӯ ба такмил эҳтиёҷ доранд.

Таъсиси дастгоҳи идорӣ, ки дар он маъмурони касбӣ ба як ҳалқа пайванд меёбанд, вале шаҳрвандон ба «ҳаваскорҳои» нотавони «хӯҷаинони» сиёсии худ табдил меёбанд, дар сурати дар ҳаёт татбиқ шудани шакли намунавии маъмурияти комилан рушдёфта» имкон дорад. Хатари эҳтимолии

---

[1] Ниг.: Кезин А. В. Менеджмент: методологическая культура [Текст] / А. В. Кезин. – М. : Гардарики, 2001. – С. 96–113.
[2] Ниг.: Оболонский А. В. Человек и государственное управление [Текст] / А. В. Оболонский. – М. : Наука, 1987. – С. 228–235.

чунин усули рушди ҷомеа дар шакли намунавии маъмурияти муносиби М. Вебер ҷой дорад.

Гурӯҳи сеюми мунаққидони андешаи маъмурияти муносиби М. Вебер намояндагони мактаби такмилӣ мебошанд. Онҳо бар зидди мутлақсозии маъмурият ба сифати намунаи умумӣ баромада, мавқеи М. Веберро аз ду тараф танқид мекунанд – аз назари илмӣ ва ҷаҳонбинӣ.

Онҳое, ки М. Веберро аз мавқеи илмӣ мавриди танқид қарор медиҳанд, ба маълумоти ҷомеашиносӣ ва равоншиносии муосир дар бораи муҳимтарин нақши муносибатҳои ғайрирасмӣ байни одамон такя мекунанд. Ба ақидаи онҳо, тарафдорони намунавӣ кардани андешаи М. Вебер ин омили муҳимми дастгоҳи маъмуриро ба эътибор намегиранд.

Муҳаққиқоне, ки ба нуқсонии ҷаҳонбинии фикри веберии маъмурият ҷалби таваҷҷуҳ мекунанд, аз як тараф ба ҳадафҳои башардӯстӣ ва умумидемократӣ ва аз ҷониби дигар, ба андешаи К. Маркс дар бораи дурии инсон аз низоми муносибатҳои маъмурӣ такя мекунанд.

Гурӯҳи чоруми танқидкунандагони шакли такмилии маъмуриятро намояндагони мактаби сиёсию ниҳодӣ ташкил медиҳанд. Онҳо таваҷҷуҳи асосиро ба таҳлили ҷанбаҳои расмӣ–ҳуқуқии идоракунии давлатӣ, санадҳои конститутсионӣ ва амалӣ намудани нуктаҳои онҳо дар амал ҷалб кардаанд.

Усули асосии таҳлили намояндагони ниҳодиро таҳлили таърихӣ–муқоисавӣ ва анъанавии ниҳодҳои расмӣ–ҳуқуқӣ ташкил медод. Онҳо ниҳодҳои сиёсии давлатро ба асоси тасвир ва омӯзиши маводи таърихӣ ва ҳуқуқӣ тавсиф менамоянд. Гурӯҳи олимони ин равияро на мутахассисон дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, балки ҳуқуқдонон, файласуфон ва муаррихон ташкил медоданд, бинобар ин, хусусияти чунин равиш бо масъалаҳои таҳаввулоти худи илмҳои сиёсӣ шарҳ дода мешавад, ки марҳалаи шаклгириро чун фанни мустақили илмӣ аз сар мегузаронид.

Тавре ки Б. Питерс қайд менамояд, «инстиутсионализми куҳна… ба андозаи зиёд ба фаҳмиши комилтари масъалаи идоракунӣ мусоидат кард. Таваҷҷуҳи хоси он ба ҷузъиёти сохторӣ, ба як навъ бозгашти услуби академӣ

оварда расонид, ки ин хусусан ба институтсионализми таърихӣ тааллуқ дорад. Шакли тасвирии таҳқиқот ба ин натиҷа расонид, ки ҷузъҳои дар назари аввал ночиз метавонанд ба рафтори воқеии ниҳодҳо ва фардҳо таъсири устувор расонад. Чунин равиш аз тавсифи парокандаи ҳукумат чун «қутии сиёҳ»–и таҳлили сиёсат, ки дар намояндагони сиёсатшиносии муқоисавӣ дар давраи авҷи инқилоби бихевориалӣ шуҳрат дошт, фарқ мекард».[1] Ғайр аз ин, хизмати намояндагони ниҳодӣ дар он буд, ки онҳо яке аввалинҳо шуда, барои мустақилии илмҳои сиёсӣ баромад карданд.

Тибқи нуқтаи назари намояндагони ниҳодӣ, тамоми ҷомеа чун низоми иҷтимоӣ – яъне фаъолияти муштараки одамон мебошад, ки ба воситаи меъёрҳои беруна, ё ниҳодҳо танзим мешавад.[2]

Нақши давлат аз нигоҳи намояндагони ниҳодӣ аз он иборат аст, ки ба ислоҳоти ниҳодҳо, аз ҷумла, ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳо, ба таҳаввули ниҳодҳои кухна ва таъсиси ниҳодҳои нав ва танзими бавоситаи равандҳои вобаста ба ин, мусоидат намояд.[3]

Вақте ки низоми муносиби танзими давлатӣ дар шароити бозори мутамаддин таъсис ёбад, ки тавонад иқтидори иҷтимоии худро амалӣ намуда, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ таъсири ҳалкунанда гузорад, он гоҳ бояд аҳамияти ниҳодҳои иҷтимоӣ, худи давлат ва сиёсати давлатии кадрҳо чун танзимкунандаи иҷтимоии ниҳодҳо тақвият ёбад.[4]

Ҳамин тариқ, заминаҳо, захираҳо ва асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳоро таҳлил намуда, мо ба чунин **хулосаҳо** расидем:

– дар илмҳои муосири сиёсӣ назарияҳо, андешаҳо, консепсияҳо ва назарҳои гуногун аз ҷониби намояндагони мактабҳои илмӣ оид ба асосҳои

---

[1] Питерс Б. Г. Политические институты : вчера и сегодня [Текст] / Б. Г. Питерс // Политическая наука: новые направления / под ред. Р. Гудина, Х.-Д. Клингемана. – М., 1999. – С. 219.

[2] Ниг.: Гребенников В. Г. Институционализм как методология экономической науки [Текст] / В. Г. Гребенников // Гос. ун-т управления. Вест. ун-та. – Сер. Институциональная экономика. – М., 2000. – № 1. – С. 13.

[3] Ниг.: Архипов А. Экономика. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / А. Архипов, А. Нестеренко, А. Большаков. – М. : Проспект, 2005. – С. 506–507.

[4] Кондрашева Т. К. Государство на различных этапах трансформации командно-административной системы в социальное рыночное хозяйство [Текст] / Т. К. Кондрашева // Вестн. Московского ун-та. – Сер. 6. Экономика. – 2000. – № 2. – С. 61.

методологии омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо пешниҳод карда мешавад. Табиист, ки миёни равияҳои илмии муосир оид ба ҷанбаҳои сершумори сиёсати давлатии кадрҳо ва идоракунии маъмурӣ фикру мулоҳизаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Баҳсҳои илмие, ки миёни намояндагони назарияҳои гуногун сурат мегиранд, сиёсати давлатии кадрҳоро ғанӣ месозанд;

– аз назари донишмандон, ниҳодҳое, ки барои дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии кадрҳои ҳам анъанавӣ ва ҳам нав, ё ба марҳалаи кунунӣ мутобиқшуда истифода бурда мешаванд, иборатанд аз (1) назорати давлатии мусоидатрасон ба таҳкими қонуният ва интизом дар кор бо кадрҳо; (2) ояндабинӣ намудан; (3) барномарезӣ, ки солҳои охир ҳар чи бештар чун омили тавсиявӣ истифода бурда мешавад.

– тибқи хулосаи олимони соҳа, барномаҳои ҳадафманди омӯзиши кадрҳо ҳалли вазифаҳои (1) пешрафти касбӣ ва вазифавии кадрҳои тамоми зинаҳои идоракунӣ ба мақсади тайёр кардани онҳо мутобиқи талаботи иқтисодиёт ва истеҳсолот; (2) ба таври мунтазам ва мустақилона омӯхтани дониш ва таълими кормандон аз рӯйи нақшаҳои инфиродӣ; (3) иштирок дар семинарҳои доимоамалкунанда ва омӯзиши кутоҳмуддат дар ҷойи кор ё дар марказҳои таълимӣ; (4) омӯзиши дарозмуддат ва вақт ба вақт дар марказҳои такмили ихтисос; (5) бозомӯзӣ ва дарёфти мутахассисони навро фаро мегиранд.

– тибқи хулосаҳои коршиносони соҳа, дар раванди иҷрои барномаҳои мазкур масъалаҳои (1) тайёр кардани мутахассисони баландихтисос оид ба идоракунии иқтисоди миллӣ; (2) инкишофи асоси моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ; (3) бозомӯзии кадрҳои омӯзгорӣ дар соҳаи иқтисод, ташкилӣ ва идоракунии истеҳсолот дар хориҷа ҳал мешаванд.

– М. Вебер ва В. Вилсон асосгузорони назарияи идоракунӣ ба шумор рафта, таълимоти онҳо аз ҷониби намояндагони равияҳои нави илмӣ мавриди танқид қарор мегирад. Аммо андешаҳои онҳо тамоман рад карда

намешаванд, балки бо дарназардошти равандҳои кунунии идораи давлатӣ ба замона мутобиқ мегарданд.[1]

## 2. Сиёсат, давлат ва кадрҳо ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ: ҷанбаҳои назариявии масъала, тазодҳо ва робитаҳо

Аз назари гурӯҳи муайяни коршиносон таҳқиқоти мафҳумҳои «сиёсат», «давлат» ва «кадрҳо» имкон медиҳад, ки аҳамияти сиёсати давлатии кадрҳо ва ниҳоди давлат, сиёсати давлатӣ ва идоракунии сиёсию маъмурӣ ба таври воқеъбинона таҳқиқ карда шавад.[2]

Аз назари В. А. Сулемов, истилоҳи «сиёсат», ки дар сиёсатшиносӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад, соҳаи муайяни фаъолияти иҷтимоӣ (ҳизбҳо, равандҳо ва муносибатҳои сиёсӣ)–ро ифода менамояд. Ин ба андозаи комил ба сиёсати давлатии кадрҳо чун воситаи татбиқи вазифаҳои идоракунии он тааллуқ дорад.[3] Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои ташаккул ва дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии кадрҳо дар кишварҳои гуногун ниҳодҳои махсуси давлатӣ таъсис меёбанд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгоҳи ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо ва дар Ҷумҳурии Халқии Хитой Вазорати сиёсати

---

[1] Болтроменюк О. В. Институциональный подход к проблемам социального управления и государственного регулирования [Текст] / О. В. Болтроменюк // М. М. Ковалевский: социолог, правовед, историк. – М. : РАГС, 2002. – С. 8.

[2] Ниг.: Сморгунов Л. В. Государственная политика и управление. Концепции и проблемы государственной политики и управления [Текст] / Л. В. Сморгунов. – М. : РОССПЭН, 2006 ; Боз вай. Философия и политика [Текст] / Л. В. Сморгунов. – М. : РОССПЭН, 2007 ; Комаровский В. С., Политико-административное управление [Текст] / В. С. Комаровский, Ю. И. Матвиенко. – М. : РАГС, 2004. – 228 с ; Шабров О. Ф. Системный подход и моделирование: общие принципы и специфика применения в политической сфере [Текст] / О. Ф. Шабров // Моделирование в социально-политической сфере. – 2007. – №1 ; Кулинченко В. А. Демократический централизм и развитие внутрипартийных отношений [Текст] / В. А. Кулинченко. – М. : Мысль, 1985. – 278 с ; Атаманчук Г. В. Теория государственного управления [Текст] / Г. В. Атаманчук. – М. : Омега-Л, 2014. – 524 с ; Граждан В. Д. Государственная гражданская служба [Текст] / В. Д. Граждан. – М. : Юрайт, 2015. – 640 с ; Глазунова Н. И. Государственное (административное) управление [Текст] / Н. И. Глазунова. – М. : ГК Велби-Проспект, 2006. – 560 с ; Керимов А. Д. Некоторые проблемы теории сильного государства [Текст] / А. Д. Керимов // Социодинамика. – 2013. – №3. – С. 1–45; Чепунов О. И. Конституционно-правовые основы системы органов государственной власти Российской Федерации [Текст] / О. И. Чепунов. – М. : РАГС, 2008.

[3] Ниг.: Сулемов В. А. Государственная кадровая политика в современной России: теория, история, новые реалии : моногр., 2-е изд. [Текст] / В. А. Сулемов. – М. : Изд-во РАГС, 2006. – С. 83.

кадрҳо амал мекунанд. Дар дигар давлатҳо низ раёсатҳо ва агентиҳои махсус вуҷуд доранд.

Дар таҳлили ҷойгоҳ ва нақши давлат дар низоми сиёсӣ масъалаи алоқамандии сиёсати давлатии кадрҳо бо мафҳуми «ҳокимияти сиёсӣ» муҳим мебошад. Г. В. Атаманчук чунин мешуморад, ки ҳокимият – муносибати ҷамъиятӣ буда, дар доираи он одамон бо сабабҳои гуногун (моддӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва хешовандӣ), ихтиёран ё маҷбуран волоияти иродаи дигаронро эътироф мекунанд.[1]

Т. Парсонс ҳокимияти сиёсиро чун падидаи миёнарав, мисли пул, даврзананда дар дохили низоми сиёсӣ мефаҳмид. Мутобиқи тақсимбандии Ю. В. Ирхин, «ҳокимияти сиёсӣ – шакли махсуси рафтори одамон буда, имкони тағйири рафтори онҳо… қобилияти сафарбаркунии захираҳои иҷтимоӣ аз ҷумла, кадрӣ амали намудани ҳадафҳои эътирофкардаи ҷомеа, таъсиррасонӣ ба дигаронро дорад».[2]

Ҳокимияти сиёсӣ ба захираҳои муайян – имконият ё воситаҳо, ки дар ихтиёр дорад такя мекунад ва онҳоро барои таҳкими мавқеи худ истифода мебарад. Сиёсатшиносон захираҳоро гуногун тақсимбандӣ кардаанд – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ–иттилоотӣ, қудратӣ.[3]

Кадрҳо захираи муҳимми ҳокимият буда, бо сифатҳои касбӣ, шахсиятӣ ва сиёсии инсонҳо дар мансабҳои давлатӣ арзёбӣ мешаванд. Таъйин намудани кадрҳои аз назари сиёсӣ содиқ ба табақаи ҳукмрон воситаи аз ҳама муассири назорати фазои сиёсӣ, фаъолияти ҳокимият ва идоракунӣ ба шумор меравад.[4]

---

[1] Ниг.: Атаманчук Г. В. Социальная эффективность государственного управления и ее виды [Текст] / Г. В. Атаманчук // Власть, № 10, 2006. – С. 13-21.
[2] Ирхин Ю. В. Политология [Текст] / Ю. В. Ирхин. – М. : РУДН, 1996. – С. 55.
[3] Ниг.: Шабров О. Ф. Политическое управление : проблема стабильности и развития [Текст] / О. Ф. Шабров. – М. : Интеллект, 1997. – 200 с. – С. 130.
[4] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 49.

Мутобиқи матлаби зикршуда, сиёсати кадриро метавон ба сифати мафҳуми мустақили сиёсатшиносӣ баррасӣ кард, ки муҳимтарин воситаи дар амал татбиқ намудани идоракунии сиёсиро ҳисобида мешавад.

Таҳлили мафҳуми сиёсатшиносии «давлат» чун муҳимтарин мафҳуми илмҳои сиёсӣ нишон медиҳад, ки дар таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ таърифи бисёри мафҳуми мазкур вуҷуд дорад. Он аз тарафи файласуфон, ҳуқуқдонон, ҷомеашиносон ва сиёсатшиносон ба таври гуногун шарҳу тафсир шудааст. Назарияи муосири сиёсатшиносӣ низ таърифи гуногуни мафҳуми «давлат»–ро медиҳад. Масалан, фарҳанги сиёсатшиносӣ мақоми давлатро чун «маҷмӯи муассисаҳо ва ташкилотҳои бо ҳам алоқаманд, ки идоракунии ҷомеаро амалӣ менамояд муайян кардааст… Он унсури низоми сиёсӣ буда, вазифаи ҳокимиятро иҷро менамояд; сохтори ҳокимиятӣ буда, салоҳияти мустақилона танзим намудани масъалаҳои ташкилии ҷомеаро дар миқёси кишвар дошта, бо ҷаҳони беруна муносибат менамояд; ниҳоди асосии низоми сиёсӣ, шакли созмонёфтаи ҳокимияти оммавии сиёсӣ аст.[1] Дар фарҳангномаи ҷомеашиносӣ бошад дарҷ шудааст, ки давлат – «ниҳоди асосии низоми сиёсӣ, шакли ташкилии ҳокимияти сиёсии расмӣ мебошад».[2]

Баррасии таърихӣ ва муосири мафҳуми «давлат»-ро ҷамъбандӣ намуда, метавон вазифаҳои зерини онро ҷудо кард:

1. Давлат чун ҳастаи низоми сиёсӣ хислати онро муайян менамояд, фаъолияти муштарак ва муносибати ниҳодҳои дахлдорро дар доираи меъёрҳои амалкунанда созмон медиҳад, ҳидоят мекунад ва ҳамоҳанг месозад. Давлат чун ниҳоди маркази ҳокимият ба қонун, нуфуз, ҳуқуқ ва зӯрӣ такя карда, робитаи ҷомеа ва давлатро тавассути дастгоҳи махсуси идоракунӣ танзим менамояд.

2. Давлат чун иштирокчии маркази сиёсат, таҳаввули низоми сиёсиро тарҳрезӣ менамояд, салоҳияти олии ҳукумронӣ ва қобилияти танзими муносибатҳои иҷтимоиро дорад. Тавре ки Л. В. Сморгунов қайд менамояд,

---

[1] Политология : словарь-справ. – Новосибирск : ЮКЭА, 2006. – С. 77.
[2] Социологическая энциклопедия : в 2 т. – М. : Мысль, 2003. – Т. 1. – С. 221.

«сиёсат ва идоракунии давлатиро назарияи умумии пайдоиши ҳокимият дар маҷмӯъ ва ба хусус ҳокимияти сиёсӣ муттаҳид месозад».[1]

3. Давлат чун зинаи марказии идоракунии сиёсию маъмурӣ стратегияи замонасозии иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро муайян месозад ва қарорҳои муҳимтарини сиёсиро қабул мекунад.

Аз назари аксари сиёсатшиносон, давлат се вазифаи муҳимми сиёсиро иҷро менамояд:

1. Ҳамгироӣ ва таҳкими ваҳдати сиёсии ҷомеа. Вобаста ба ин, О. И. Чепунов таъкид мекунад, сохтори ҳокимияти давлатӣ аз унсурҳои муттаҳидшуда иборат буда, тобеияти муайяни мақомоти давлатиро дар доираи низоми ягона мутобиқи сохтори махсуси силсилавӣ дар назар дорад.[2]

Ба ақидаи А. А. Старовойтов, «марказият чун тарзи амалӣ намудани вазифаи идоракунӣ бо усулҳои сохти демократӣ зиддият надорад».[3] Тавре ки таҷрибаи бунёди давлат дар фазои пасошӯравӣ нишон дод, ғайримарказонидани идоракунӣ на ба демократишавии ҷумҳуриҳои собиқи Иттифоқи Советӣ, балки ба анъанакунонӣ (Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ), поймолшавии ҳуқуқи аққалиятҳои миллӣ, ҳамкорӣ бо миллатгароён (кишварҳои Назди Балтика ва Украина) ва ҳатто ба истиқрори диктатураи бевоситаи ҳарбӣ–террористӣ (режими Ҷ. Дудаев дар Ҷумҳурии Чеченистон) оварда расонид.[4]

2. Давлат фаъолияти гуногуннавъи ҷомеаро созмон медиҳад, ниҳодҳои давлатӣ, сохторҳои мақомоти идоракуниро ташаккул медиҳад, стратегияи

---

[1] Сморгунов Л. В. Государственная политика и управление. Концепции и проблемы государственной политики и управления [Текст] / Л. В. Сморгунов. – М. : РОССПЭН, 2006. – С. 19.
[2] Ниг.: Чепунов О. И. Конституционно-правовые основы системы органов государственной власти Российской Федерации [Текст] / О. И. Чепунов. – М. : РАГС, 2008. – С. 5–6.
[3] Старовойтов А. В. К вопросу о критериях эффективности правового регулирования организации и деятельности органов исполнительной власти субъектов Российской Федерации [Текст] / А. В. Старовойтов // Управленческое консультирование. Науч.-практ. журн. – 2005. – №3. – С. 39.
[4] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 41.

рушди ҷомеа, сиёсати давлатии кадрҳо, иҷтимоъсозии шаҳрвандон, таҳкими амният ва рушди ҷомеаро тарҳрезӣ ва амалӣ менамояд.[1]

3. Давлат идоракунии маъмурӣ ва сиёсиро амалӣ месозад, қарорҳоро ҷиҳати демократикунонии сиёсати давлатии кадрҳо ва амалӣ намудани онҳо қабул ва иҷро менамояд. Аз тарафи дигар, давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳамкорӣ мекунад, масъулияти кадрҳоро барои иҷрои қарорҳои қабулшуда баланд мебардорад, замонасозии кишварро суръат мебахшад ва рушди томи онро таъмин менамояд.[2]

Ҳамин тавр, давлат – ниҳоди сиёсии расмӣ буда, дорои сохтори махсус, ҳайати касбӣ–кадрӣ ва вазифаҳо; дастгоҳи идоракунии равандҳои иҷтимоӣ, гурӯҳи махсуси амалисозии вазифаҳои роҳбарӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад.[3] Л. В. Сморгунов исбот менамояд, ки «хизматчиёни давлатӣ чун гурӯҳи иҷтимоӣ дорои хусусиятҳои хоси фаъолияти истеҳсолӣ, маишатӣ, истироҳатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра мебошанд. Бинобар ин, мо зарур мешуморем, ки онҳоро ба сифати ҷузъи махсуси мустақили низоми идоракунии давлатӣ ҷудо намоем».[4]

Давлат аз як тараф, чун иштирокчии асосии равандҳои кадрӣ ва аз ҷониби дигар, чун объект, ки ба он дигар намояндагони равандҳои кадрӣ таъсир мерасонанд, баромад мекунад, чунки «кадрҳо» яке аз унсурҳои сохтории давлат мебошанд.

Масъалаи методологии таносуби кадрӣ ва дигар намудҳои сиёсати давлатӣ аҳамияти илмӣ дорад. Баҳс байни намояндагони мактабҳои гуногуни илмӣ дар бораи он меравад, ки оё сиёсати давлатии кадрҳо шакли алоҳида ва мустақили сиёсати давлатӣ (чун сиёсати иттилоотӣ, миллӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ, ҷавонон, экологӣ) аст ё фаъолияти давлат оид ба таъмини захираҳои инсонӣ аст.

---

[1] Ниг.: Кулинченко В. А. Демократический централизм и развитие внутрипартийных отношений [Текст] / В. А. Кулинченко. – М. : Мысль, 1985. – С. 258.
[2] Политическое управление: понятие и методологические аспекты исследования (материалы методологического семинара) // Моделирование в социально-политической сфере. – 2008. – № 1. – С. 90.
[3] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 43.
[4] Сморгунов Л. В. Государственная политика и управление. Концепции и проблемы государственной политики и управления [Текст] / Л. В. Сморгунов. – М. : РОССПЭН, 2006. – С. 27.

Тибқи таърифи Г. В. Атаманчук, сиёсати давлатӣ «маҷмӯи ҳадафҳо ва вазифаҳо мебошад, ки аз тарафи давлат амалӣ мешаванд».[1] Г. В. Атаманчук мафҳуми «сиёсати давлатиро» ба воситаи мафҳумҳои стратегия, вазифаҳо ва воситаҳои техникии амалӣ намудани онҳо шарҳу эзоҳ медиҳад. Аз назари мо, ҳангоми таҳлили сиёсати давлатӣ бояд онро чун раванди сиёсии тағйирёбанда ва рушдёбанда баррасӣ кард.

Л. В. Сморгунов сиёсати давлатиро чун раванди идоракунии соҳаҳои асосии ҷомеа аз ҷониби ниҳодҳои ҳокимияти иҷроия бо такя ба салоҳияти ҳокимияти давлатӣ дар раванди таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати танзими ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар зернизомҳои ҷомеа ба воситаи ҷобаҷогузории манбаъҳо, тақсими неъматҳои ҷамъиятӣ ва дигар тадбирҳо мешуморад.[2]

Дар таърифи мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба равиши субъективӣ–объективӣ ҷалб карда шудааст, ки мутобиқи он иштирокчии сиёсати давлатӣ ниҳодҳои давлатӣ ва объекти он ҷомеа бо тамоми гуногуннавъии низоми худ ба шумор меравад.[3]

Аз назари В. В. Черепанов, «кадр – мафҳуми сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мебошад».[4]

Шурои маъмурии Созмони байналмилалии меҳнат дар соли 1978 мутахассисони кадриро *(professional worker)* ба гурӯҳи кормандоне ворид кард, ки дорои маълумот, тайёрии касбӣ, таҷрибаи эътирофшуда дар соҳаҳои илм, техника ё маъмурӣ буда, ба таври кироя вазифаҳои зеҳниро иҷро менамоянд, аз худ ташаббус ва масъулият нишон медиҳанд».[5]

---

[1] Атаманчук Г. В. Теория государственного управления. 4-е изд. [Текст] / Г. В. Атаманчук. – М. : Омега-Л, 2014. – С. 81.
[2] Ниг.: Сморгунов Л. В. Государственная политика и управление. Концепции и проблемы государственной политики и управления [Текст] / Л. В. Сморгунов. – М. : РОССПЭН, 2006. – С. 67.
[3] Ниг.: Комаровский В. С. Политико-административное управление [Текст] / В. С. Комаровский, Ю. И. Матвиенко. – М. : РАГС, 2004. – С. 27 ; Соловьёв А. И. Принятие государственных решений [Текст] / А. И. Соловьёв. – М. : КноРус, 2006. – 344 с. – С. 39.
[4] Черепанов В. В. Основы государственной службы и кадровой политики. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / В. В. Черепанов. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2012. – С. 348.
[5] Социологическая энциклопедия. В 2 т. – М. : Мысль, 2003. Т. 1. – С. 407.

Мутобиқи таърифи А. И. Турчинов, кадрҳо – ҳастаи пешбар ва қисми таркибии кормандон мебошанд. Илова ба ин, «кадрҳо, хусусан, роҳбарон, ки дар раёсати мақомоти давлатӣ қарор доранд, дорои ҳокимияти воқеӣ, симо ва эътибори баланд мебошанд».[1] Аз малакаи касбӣ, сифатҳои шахсиятӣ ва сиёсии онҳо муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ вобаста аст.

Ба асоси таърифҳои зикршуда, мафҳуми «кадрҳои мақомоти ҳокимият»–ро метавон чун гурӯҳи кормандони соҳибмаълумот ва соҳибимтиёз, ки дар таҳияи қарорҳои сиёсӣ ва назорати иҷрои онҳо иштирок мекунанд, баррасӣ кард.

Дар адабиёти илмӣ «раванди кадрӣ» ба маънои маҳдуд (амалӣ) ва васеъ (илмӣ) шарҳ дода шудааст. Равандҳои кадрӣ ба маънои маҳдуд – «маҷмӯи тағйирот дар замон ва дар макон, тавсифи сифатӣ ва микдории ҳайати кадрии мақомоти давлатӣ мебошанд».[2] Нишондиҳандаҳои раванди кадриро метавон тағйироти теъдоди вазифавӣ, сохтори ташкилӣ–штатӣ, тавсифи иҷтимоии кадрҳо, яъне синну сол, ҷинс, таркиби миллӣ, сатҳ ва соҳаи маълумот, собиқаи кор, тахассус, мақомоти иҷтимоӣ номид. Ба нишондиҳандаҳои алоқамандии раванди кадрӣ аз кор рафтани кадрҳо, пиршавии онҳо, сатҳи интизоми меҳнат, натиҷаи имтиҳонҳои тахассусӣ ва ғайраро дохил кард.[3]

Ба маънии васеъ мафҳуми «раванди кадрӣ» чун яке аз ҷанбаҳои фаъолияти давлат фаҳмида мешавад. Равандҳои кадрӣ дар давлат ба шакли таҳаввулоти ақидаҳои илмӣ ва ғоявӣ дар доираи ин ё он равияи сиёсатшиносӣ, рақобати гурӯҳҳои мухталифи нухбагон барои дарёфти мақоми ҳокимият зоҳир мешавад, ки дар ҷараёни он ҳар як гурӯҳи нухбагон

---

[1] Турчинов А. И. Кадровый состав государственной службы [Текст] / А. И. Турчинов // Государственная служба : энциклопедический словарь / под общ. ред. В. К. Егорова, И. Н. Барцица. – М. : РАГС, 2008. – С. 152.
[2] Панин И. Н. Кадровые процессы [Текст] / И. Н. Панин // Государственная служба : энциклопедический словарь / под общ. ред. В. К. Егорова, И. Н. Барцица. – М. : РАГС, 2008. – С. 146–147.
[3] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 51.

саъю кӯшиш мекунад «қоидаи бозӣ»–и барои худаш фоиданокро муқаррар намояд».[1]

Сиёсати давлатии кадрҳо бояд афзалиятҳо, воситаҳо ва захираҳои ташаккулдиҳандаи ҳайати кадрии дорои маълумоти олӣ, салоҳият, садоқат ба касб ва қобилияти замонасозии Тоҷикистонро муайян намояд. Чунонки дар Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст: «сиёсати давлатии кадрҳо – фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар самти таъсиси низоми яклухти ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, рушди иқтидори кадрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба ҳалли самараноки вазифаҳои муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ нигаронида шудааст. Сиёсати давлатии кадрҳо ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ буда, ҳамчун фишанги пуриқтидори таъсиррасон ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат хизмат менамояд».[2]

Дар илми муосир ҳангоми муайян кардани мафҳуми «сиёсати давлатии кадрҳо» ду равиш истифода бурда мешавад – фаъолмандӣ ва сиёсӣ–маъмурӣ, ки муаллифи онҳо В. А. Сулемов мебошад. Аз назари фаъолмандӣ В. А. Сулемов сиёсати давлатии кадрҳоро чун «низоми ҳадафманд оид ба амалисозии қобилияти касбии одамон»[3] тавсиф менамояд.

А. И. Турчинов низ аз чунин дидгоҳ сиёсати давлатии кадрҳоро таъриф намуда онро чун «фаъолият ва муносибати иштирокчиёни сиёсати кадрҳо дар хизмати давлатӣ оид ба ташаккул ва дархости кадрҳо, қобилияти касбии онҳо мутобиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ»[4] баррасӣ мекунад.

---

[1] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 51-52.

[2] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи мурочиат: 25.06.2019).

[3] Сулемов В. А. Государственная кадровая политика в современной России: теория, история, новые реалии : моногр., 2-е изд. [Текст] / В. А. Сулемов. – М. : Изд-во РАГС, 2006. – С. 30.

[4] Турчинов А. И. Кадровая политика в системе государственной службы [Текст] / А. И. Турчинов // Государственная служба : энциклопедический словарь / под общ. ред. В. К. Егорова, И. Н. Барцица. – М. : РАГС, 2008. – С. 143.

В. В. Черепанов бо такя ба методологияи равиши фаъолмандӣ сиёсати кадриро чун «маҷмӯи донишҳои назариявӣ ва тадбирҳои ташкилӣ–амалии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатии муқаррар намудани ҳадафҳо, вазифаҳо, хислат, шакл ва усулҳои кори кадрӣ»[1] муайян менамояд.

Сиёсати давлатии кадрҳо аз мавқеи равиши сиёсӣ–маъмурӣ чун қисми сиёсати иҷтимоӣ, низоми ташаккул ва истифодаи захираҳои меҳнатии кишвар бо мақсади баланд бардоштани муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ таҳқиқ карда мешавад.

Мутобиқи таҳқиқоти В. А. Сулемов, сухан дар бораи тарҳрезии ҳадафҳо ва усулҳои таҷдиди истеҳсолот ва истифодаи ҳайати кадрҳо бо дарназардошти манфиатҳои умумимиллӣ ва талаботи рушди ҷамъиятӣ меравад. А. Я. Кибанов – намояндаи дигари равиши мазкур чунин мешуморад, ки тахти мафҳуми сиёсати давлатии кадрҳо бояд «ташаккули стратегияи кори кадрӣ, муқаррар намудани ҳадафҳо ва вазифаҳо, муайян намудани усулҳои илмии интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили шаклҳо ва усулҳои кор бо кормандон дар шароити мушаххаси таърихии ин ё он давраи рушди давлат»[2] фаҳмида шавад.

Баъзе тарафдорони равиши сиёсӣ–маъмурӣ дар мафҳуми «сиёсати давлатии кадрҳо» сиёсати демографӣ, таълимӣ, шуғл, кор, музди меҳнат ва иҷтимоиро низ дохил мекунанд.[3]

Р. Ф. Латипов сиёсати давлатии кадрҳоро аз назари сиёсӣ чун самти афзалиятноки сиёсати захираҳои меҳнатии аз нигоҳи касбият тайёршудаи ҷомеа тавсиф менамояд.[4]

Вақтҳои охир дар сиёсатшиносӣ масъалаи баррасии мафҳуми «сиёсати давлатии кадрҳо» аз дидгоҳи консепсияи сиёсӣ–ҳокимиятӣ мавриди баррасӣ

---

[1] Черепанов В. В. Основы государственной службы и кадровой политики. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / В. В. Черепанов. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2012. – С. 342.
[2] Кибанов А. Я. Управление персоналом. 6-е изд., стер. [Текст] / А. Я. Кибанов. – М. : КНОРУС, 2018. – С. 187.
[3] Ниг.: Гладышев А. Г. Муниципальная кадровая политика [Текст] / А. Г. Гладышев, В. Н. Иванов Е. С. Савченко. – М. : Муниципальный мир, 2003. – С. 39–40 ; Халиков М. И. Государственная и муниципальная кадровая политика [Текст] / М. И. Халиков, В. В. Мухортов. – Уфа: БАГСУ, 2014. – 160 с.
[4] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 54.

қарор гирифтааст, ки имкон медиҳад ҷанбаҳо ва вазифаҳои сиёсии сиёсати кадрҳо ошкор карда шавад. Моҳияти равиши сиёсӣ–маъмурӣ аз бунёди намунаи сиёсати кадрҳо тибқи ҳадафҳои давлати ҳуқуқӣ иборат мебошад. Аммо ҳангоми дучор шудан бо воқеияти ҳаёт чунин омилҳои сиёсӣ, мисли манфиатҳои сиёсӣ, захираҳои ҳокимият, қонуни оҳанини ҳокимони мутлақ ва ғайра дар канор мемонанд. Тавре ки дар осори В. Парето, Г. Моск, Р. Михелс, ҳамчунин дар таҳқиқоти классикони марксизм – К. Маркс, В. И. Ленин ва анархизм М. А. Бакунин исбот шудааст, дар ҳар гуна ҷомеа метавон аққалияти идоракунандаро ҷудо кард (нухбагон/табақаи ҳукмрон/табақаи истисморкунанда). Имтиёзнокии нухбагон на танҳо бо сифатҳои шахсиятӣ, балки бештар ба назорати онҳо ба захираҳои муайяни ҷомеа, шакли сармоя ва ҳокимияти сиёсӣ вобаста аст.[1]

Тавре ки М. Вебер қайд менамояд, «дар ҷомеаи муосир ҳукмронии воқеӣ на дар суханрониҳои парламентӣ ва на дар гуфтаҳои ҳокимон, балки дар амал татбиқ намудани идоракунӣ, зиндагии рӯзмарра зуҳур меёбад, ки заруратан ва ногузир дар дасти мансабдорон тамаркуз ёфтааст».[2] Бинобар ин, ҳифзи назорати мақомҳои асосӣ дар зинабандии маъмурӣ барои тамоми элитаи сиёсии мавҷуда дар таърих, бидуни истисно, хос ва манфиатнок аст.

Таъйин намудани кадрҳои роҳбарикунанда дар маҳалҳо дар тамоми давраҳо усули асосии амалӣ намудани вазифаи сиёсии ҳокимияти давлатӣ будааст. Ташаббуси мустақили кадрӣ меъёри ҳокимияти ҳар гуна мансабдори давлатӣ, новобаста аз мавқеи ӯ дар табақабандии ҳокимият, мебошад. Бинобар ин, табақаи ҳукмрон «қоидаҳои бозии» ҷавобгӯи манфиатҳои сиёсии худро дар сиёсати давлатии кадрҳо қонунӣ мегардонад, ки ин ба муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ таъсир мерасонад.

Аҳамияти сиёсии сиёсати кадрҳо барои ҳар гуна низоми сиёсии муосир муҳим аст, чунки равандҳои кадрӣ дар мақомоти ҳокимият ба тақсим ва

---

[1] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 54–55.
[2] Вебер М. Политические работы (1895–1919) [Текст] / М. Вебер. – М. : Праксис, 2003. – С. 126.

aзнавтақсимкунии воқеии ҳокимият дар ҷомеа байни субъектҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунад.[1] Аз ҷониби дигар, иқтидори кадрҳои мақомоти ҳокимият ва сифатҳои касбии онҳо бояд бо вазифаҳои ҳифзи низоми сиёсӣ ва ниҳодҳои давлатӣ муносиб бошад. Дар акси ҳол, коҳиши сатҳи мазкур ногузир боиси фурӯпошии низом мегардад, ки ин дар навбати худ, бо манфиатҳои табақаи ҳукмрон мухолифат дорад.

Дар доираи равиши сиёсӣ–ҳокимиятӣ мафҳуми «сиёсати давлатии кадрҳо» чун падидаи мураккаб ва бисёрҷанба тавсиф гардида, вазифаи давлат чун ҳастаи низоми сиёсӣ ва дар айни замон, технологияи мубориза барои ҳокимият муайян карда мешавад. Дар ин ҷо манфиатҳои сиёсии иштирокчиёни бонуфузи сиёсӣ бо ҳам бармехӯранд.[2]

Сиёсати давлатии кадрҳо дорои сохтори устувор буда, муносибат ва унсурҳои онро метавон бо асосҳои гуногун муайян кард. Мутобиқи усулҳои равиши фаъолиятӣ, зинаҳои сиёсати кадриро метавон чунин муайян намуд:

– банақшагирии кадрҳо, ки ҳадафҳо, вазифаҳо, усулҳо, назарияи умумӣ, дарки қонунӣ будани он дар шуури аҳолиро дарбар мегирад;

– ҷалби кадрҳо, ки интихоб, бақайдгирӣ, кироя, тартиби қабул ба корро дарбар мегирад;

– идоракунии пешрафти хизматчиён аз рӯйи мансаб – пешбурд, ҷойивазкунӣ, аз кор озод кардани хизматчиёни давлатиро дарбар мегирад.[3]

Пешрафт аз рӯйи зинаҳои мансаб дар ҳавасмандгардонӣ нақши муҳим дорад ва ба сатҳи садоқати сиёсии кадрҳо ба давлат ва низоми сиёсӣ таъсири бевосита мерасонад. Пешрафт дар вазифа иборат аз «маҷмӯи тадбирҳои амалӣ кардаи хизмати кадрӣ мебошад, ки имкон медиҳад ашхоси босалоҳиятро маълум намуда, ба онҳо кумак расонида шавад, ки қобилияту истеъдоди худро самаранок истифода баранд».[4] Чунонки дар моддаи 38-и

---

[1] Ниг.: Гладышев А. Г. Муниципальная кадровая политика [Текст] / А. Г. Гладышев, В. Н. Иванов Е. С. Савченко. – М. : Муниципальный мир, 2003. – С. 12–13.
[2] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 56.
[3] Ниг.: Служебная карьера [Текст] / Е. В. Охотский. – М. : Экономика, 1997 – С. 16.
[4] Веснин В. Р. Управление персоналом [Текст] / В. Р. Веснин. – М. : ТК Велби-Проспект, 2008. – С. 168.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дарҷ гардидааст: «Хизматчии давлатӣ барои дастовардҳои хизматӣ, хизмати бардавому бенуқсон, иҷрои супоришҳои махсусан муҳимми давлатӣ ҳавасманд гардонида мешавад. Намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва тартиби бо он сарфароз гардониданро қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд».[1]

Иштирокчиёни раванди банақшагирии кадрҳо – Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ, (аз 29-уми феврали соли 2020, таҳти № 1463 сохтори алоҳида ва мустақили Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимии олии ҷумҳурӣ баромад мекунанд. Воситаҳои илмӣ – назорати кадрӣ, санҷиши ҳайати мақомоти давлатӣ ва маҳаллии ҳокимият ва сохторҳои қудратӣ ба шумор меравaнд.

Асоси интихоби кадриро равишҳои зерин ташкил медиҳанд:

– вазифавӣ (тибқи вазифаҳои муайян);

– касбӣ (бо дарназардошти лаёқати касбӣ);

– технократӣ (озод будан аз ғаразҳои сиёсӣ);

– гурӯҳӣ (бо дарназардошти бурсияҳои гурӯҳӣ)».[2]

Пешрафти дастгоҳи кадрӣ бо динамикаи амудӣ *(пешбурд)* ва уфуқӣ *(ҷойивазкунӣ)* тавсиф меёбад. Набудани чунин динамика яке аз сабабҳои аз кор рафтани кадрҳо мегардад (аз меъёр зиёд – яъне дар ҳудуди 5 % дар сол), ҳамчунин ҳавасманд гардонидан ба корро коҳиш мебахашад.

Барои пешбурди муваффақонаи сиёсати кадрҳо бояд ба коргузории кадрӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Яъне, пешбурди коргузории шахсии кадрӣ, ҷоизадиҳӣ, дафтарчаҳои меҳнатии кормандон, гузаронидани

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[2] Пикулькин А. В. Система государственного управления [Текст] / А. В. Пикулькин. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2004. – С. 207.

аттестатсия, имтиҳонҳою озмунҳои кадрӣ ва тадбирҳои дигари коргузории кадрӣ муҳимманд.

Омодагии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо – унсури муҳимми сиёсати давлатии кадрҳо мебошад. Тибқи маълумоти коршиносон, «некуаҳволии Россия нисф – яъне 50% ба сармояи инсонӣ асос ёфтааст (андӯхтани дониш ва малака, ки барои қабули қарорҳои муассир дар соҳаи истеҳсолот ва зиндагии рӯзмарра истифода бурда мешаванд), 40%–ро захираҳои табиӣ ва тақрибан 10%–ро сармояи физикӣ (таҷдидшаванда) таъмин менамоянд».[1] Дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка 76% неъмати миллиро сармояи инсонӣ, 19% сармояи таҷдидшаванда ташкил медиҳанд ва ба омили табиӣ 5% рост меояд. Бинобар ин, тайёр кардани хизматчиёни дорои тафаккури инноватсионӣ вазифаи таъхирнопазири сиёсати кадрҳо ба мақсади замонасозии он мебошад.[2]

Аз нигоҳи омодагии хизматчиёни давлатӣ ва маҳаллӣ бештар намунаҳои зерин ривоҷ ёфтаанд:

– «намунаи таълими америкоӣ», ки дар раванди таълим ба омӯзиши илмҳои сиёсӣ ва идоракунӣ афзалият дода мешавад;

– «намунаи европоӣ», ки дар доираи он ба омодагии ҳуқуқии кадрҳо афзалият дода мешавад.[3]

Сиёсати давлатии кадрҳо дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа ҳадафҳои мухталифро пайгирӣ менамояд. Дар соҳаи сиёсӣ ҳадафи асосӣ баланд бардоштани муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ дар давлат ба шумор меравад.

Дар адабиёти илмӣ метавон се гурӯҳи меъёрҳои самаранокии идоракунии сиёсиро ҷудо кард:

– меъёри арзишӣ, яъне мутобиқати натиҷаҳои идоракунӣ бо низоми муайяни арзишҳо;

---

[1] Пономаренко Б. Т. Система профессионального обучения государственных служащих [Текст] / Б. Т. Пономаренко. – М. : РАГС, 2006. – С. 3.
[2] Ниг.: Романова В. Л. Инновационная подготовка кадров государственной службы. 2-ое изд. [Текст] / В. Л. Романова, Л. А. Василенко. – М. : РАГС, 2007. – С. 6.
[3] Веснин В. Р. Управление персоналом [Текст] / В. Р. Веснин. – М. : ТК Велби-Проспект, 2008. – С. 39.

– меъёри ҳадафмандӣ[1], ки дар он арзёбии идоракунӣ вобаста аз дастовардҳои натиҷаҳои муайян баррасӣ карда мешавад;

– меъёри амалгароӣ[2], ки арзёбии таносуби хароҷот ва даромадро аз амалӣ намудани стратегияи идоракунӣ дар назар дорад.

Сиёсати давлатии кадрҳо бо роҳи амалӣ намудани вазифаҳои зерин ба самаранокии идоракунии сиёсии ҷомеа таъсири бевосита мерасонад:

1. Вазифаи амали намудани манфиатҳои сиёсӣ ва тақсими ҳокимияти сиёсӣ. Таҷриба нишон медиҳад, ки «бештар маҳз низоми сиёсӣ асосҳои воқеии идоракунии давлатиро инъикос ва тавсиф менамояд»[3]. Асоси усулҳои амалишавии сиёсати давлатии кадрҳоро манфиатҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд. Барои мисол, бозсозӣ аз тарафи М. С. Горбачёв бо гузориш «Дар бораи бозсозӣ ва сиёсати ҳизбии кадрҳо»[4] оғоз ёфта, дар натиҷа маъракаи бемисли аз кор озод кардани кадрҳои олирутбаи элитаи сиёсӣ ва иваз кардани онҳо бо кадрҳои содиқ ва вафодор ба роҳбари нав шурӯъ шуд.

2. Вазифаи интихоби элитаи сиёсӣ–маъмурӣ. Василаҳои муҳимтарини интихоби элитаи сиёсӣ дастгоҳи давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ мебошанд. Аз ин нигоҳ, сиёсати давлатии кадрҳо стратегияи миллии интихоби сиёсӣ-маъмуриро ташкил медиҳад. Яъне омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо маънои таҳқиқи раванди сиёсӣ дар доираи низоми сиёсиро дорад, ки дар он таҷдид ва гардиши элитаи сиёсӣ–маъмурӣ ба амал меояд.

Дар доираи вазифаи мазкур сиёсати давлатии кадрҳо ҷанбаи кушода ва пӯшидаро дорад (К. Поппер) ва аз рӯйи намунаи менеҷерӣ-соҳибкорӣ (Б. Рокмэн) амалӣ мешавад. Интихоби кадрҳо метавонад вобаста аз сатҳи таҳарруки иҷтимоии он дар дастгоҳи давлатӣ ҷанбаи кушода ё пӯшида дошта бошад, яъне пешрафти осони ашхоси берун аз элита ба зинаҳои хизматӣ.

---

[1] Ниг.: Атаманчук Г. В. Теория государственного управления. 4-е изд. [Текст] / Г. В. Атаманчук. – М. : Омега-Л, 2014. – С. 487.
[2] Ниг.: Глазунова Н. И. Государственное (административное) управление [Текст] / Н. И. Глазунова. – М. : ГК Велби-Проспект, 2006. – С. 446.
[3] Атаманчук Г. В. Теория государственного управления [Текст] / Г. В. Атаманчук. – М. : Омега-Л, 2014. – С. 382.
[4] Ниг.: Горбачёв М. С. О перестройке и кадровой политике партии // Тез. докл. Генерального секретаря ЦК КПСС М. С. Горбачёва на Пленуме ЦК КПСС 27 янв. 1987 г. – Советская Башкирия. – 1987. – 28 янв.

Намуди кушодаи интихоби кадрҳо ба сифатҳои шахсии инсон, қобилият, маълумотнокӣ ва ахлоқии ӯ асос меёбад. Намуди пӯшида аз вазъи иҷтимоии номзад, пайвастагии ӯ ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ғайрирасмӣ бармеояд.[1]

М. Бакунин ва Р. Михелс «қонуни оҳанини ҳокимияти олӣ», яъне ногузир будани афзоиши тамоюлоти ашрофӣ дар ниҳодҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро пешниҳод намудаанд. Дар ин иртибот, вазифаи сиёсати давлатии кадрҳо аз танзими ин раванд ё аққалан дар доираи муайян нигоҳ доштани он иборат мебошад.

Ба ин тартиб, вазифаи интихоби кадрҳо барои муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ аҳамияти фавқулода дорад. Он метавонад барои тамоми хоҳишмандон имкони дастрасӣ ба ҳокимиятро маҳдуд ва ё комилан маҳрум созад.

3. Вазифаи иҷтимоъсозии сиёсии кадрҳо. Дар давраи аз байнравии низоми идеологии сиёсати давлатии кадрҳои элитаи сиёсии Иттифоқи Советӣ асосноккунии ғоявии зарурати интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо истисноан аз рӯйи сифатҳои корӣ сурат мегирифт, дар ҳоле ки эътиқоди сиёсӣ ифодакунандаи озодии шахсият мебошад. Дар аксар давлатҳо талаботи садоқати сиёсӣ шарти ҳатмии ҷалби кадрҳо ба низоми сиёсӣ мебошад.

Андешаҳои сиёсӣ, арзишҳо, меъёрҳои рафтор ва манфиатҳои даркшуда шуури сиёсии ашхоси мансабдорро фаро гирифта, ба неруи моддӣ табдил меёбанд ва ба воқеияти сиёсӣ таъсир мерасонанд. Бинобар ин, давлат на танҳо ба интихоби шаҳрвандони аз нигоҳи сиёсӣ содиқ ва вафодор, балки ба иҷтимоъсозии сиёсии онҳо дар мансабҳои барои давлат манфиатнок аст.

Субъектҳои иҷтимоъсозии кадрии хизматчиёни давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои касбӣ, муассисаҳои таълимии тарбияи касбии хизматчиёни давлатӣ ва маҳаллӣ мебошанд.[2]

---

[1] Ниг.: Латыпов Р. Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России : политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления : дис. … д-ра полит. наук [Текст] / Р. Ф. Латыпов. – М. : РАГС, 2010. – С. 63-64.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 65.

4. Вазифаи таҳкими амнияти миллии давлат. Агар ба таҷрибаи муассисаҳои тиҷоратии хориҷӣ назар афканем, он гоҳ мебинем, ки «то 80% андешаҳои навро Япония ба воситаи он хизматчиёне дарёфт мекунанд, ки ба ширкатҳои рақиб шомил гардидаанд».[1] Тавре ки таърих ва амалияи муосири сиёсӣ нишон медиҳад, кӯшиши ворид кардани гумоштагони худ дар дастгоҳи давлатии кишвари хориҷӣ на танҳо дар муносибатҳои давлатҳои душман, балки дар давлатҳои дӯст низ ҳамеша ҷой доштааст.

Сиёсати давлатии кадрҳо чун мафҳуми сиёсатшиносӣ дар доираи муносибатҳои субъективӣ–объективӣ низ баррасӣ карда мешавад. Давлат ба сифати муҳимтарин мафҳуми сиёсатшиносӣ ниҳоди марказии сиёсати кадрӣ мебошад. Субъектҳои боэътибори сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

– Президент чун сарвари давлат дар раъси шохаҳои ҳокимият;

– Маҷлиси Олӣ чун мақоми олии ҳокимияти қонунгузорӣ;

– ҳизбҳои сиёсӣ, ҳокимияти судӣ ва ашхоси иҷрокунандаи вазифаҳои давлатӣ мебошанд.

Ба ғайр аз субъектҳое, ки салоҳияти кадрии онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда дарҷ гардидааст, таҳқиқоти сиёсӣ имкон медиҳад, ки мавҷудияти иштирокчиёни ғайрирасмии таъсиррасон ба ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати кадрҳо муайян карда шаванд. Ба ин ҷумла тиҷорати калон, иттиҳодияҳои бонуфузи минтақавии ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои таъсиррасон ва ғайра дохил мешаванд.

Объекти сиёсати давлатии кадрҳо метавонад ба маънои маҳдуд ва васеъ баррасӣ карда шавад. Ба маънои маҳдуд объекти сиёсати кадрӣ – кадрҳо ва захираҳои кадрҳо мебошад. Ба маънии васеъ – объекти сиёсати кадрӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ, анъанаҳо, қоидаҳои муқарраршуда нисбат ба кадрҳо, иқтидори кадрҳо, равандҳои кадрӣ ва муносибатҳои кадрӣ, ҳамчунин

---

[1] Кунаева М. В. Коммерческая информация : способы получения и защита [Текст] / М. В. Кунаева, Ю. В. Чуфаровский, А. А. Шиверский. – М. : Юристъ, 1996. – С. 21.

технология ва воситаҳои кадрии таъминкунандаи амалӣ намудани ҳадафҳо, усулҳо ва вазифаҳои субъектҳои сиёсати кадрҳо баррасӣ карда мешаванд».[1]

Субъектҳои сиёсати давлатии кадрҳо нисбат ба элитаи сиёсии вазифаҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

– Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҳизбҳои сиёсии муаррафишуда дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба асоси моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ ташкил медиҳанд. Барои хизматчиёни давлатии сиёсӣ категорияи мансабҳои давлатӣ муқаррар карда намешавад.[2]

Барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ категорияи мансабҳои давлатии зерин муқаррар карда мешавад:

– категорияи олӣ;

– категорияи якум;

– категорияи дуюм;

– категорияи сеюм;

– категорияи чорум;

– категорияи панҷум;

– категорияи шашум;

– категорияи ҳафтум.[3]

Таснифи мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ ба категорияҳо дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда мешавад.[1]

---

[1] Турчинов А. И. Объект кадровой политики [Текст] / А. И. Турчинов // Государственная служба : энциклопедический словарь / под общ. ред. В. К. Егорова, И. Н. Барцица. – М. : РАГС, 2008. – С. 224.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[3] Ҳамон ҷо.

Дар анъанаи илмии англосаксонӣ ашхоси ишғолнамудаи вазифаи давлатӣ бо мафҳуми ривоҷёфтаи «маъмурияти сиёсӣ» айният дода мешаванд. Ва тасодуфӣ нест, ки сиёсати кадрҳо дар ин соҳа бештар сиёсатзада шудааст.

Кадрҳои давлатӣ чун «қисми таркибии кормандони мақомоти давлатӣ, ки сатҳи зарурии касбият ва мақоми хизматчии давлатиро доранд шинохта мешаванд».[2] Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои алоқамандии намудҳои хизмати давлатиро (хизмати давлатии шаҳрвандӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ) дар доираи сиёсати давлатии кадрҳо муқаррар менамояд.[3]

Идоракунии равандҳои кадрии хизмати давлатӣ аз тарафи мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ амалӣ мешавад. Ба ақидаи В. В. Черепанов, «ба раванди ташакулёбии хизмати давлатӣ аз ҳама бештар омилҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд».[4]

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, омор аз рӯйи тамоми намудҳои хизмати давлатӣ ошкорро дастрас намебошад, чунки маълумот оид ба теъдоди кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати ҳарбӣ махфӣ мебошанд.

**Кадрҳои хизмати давлатии шаҳрвандӣ.** Хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба амал бароварда мешавад.[5]

Намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо дарназардошти принсипҳои асосӣ ва муқаррароти умумии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба танзим дароварда мешаванд.[6]

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[2] Турчинов А. И. Кадры государственной службы [Текст] / А. И. Турчинов // Государственная служба : Энциклопедический словарь / под общ. ред. В. К. Егорова, И. Н. Барцица. – М. : РАГС, 2008. – С. 154.

[3] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[4] Черепанов В. В. Основы государственной службы и кадровой политики. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / В. В. Черепанов. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2012. – С. 13.

[5] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[6] Ҳамон ҷо.

Субъектҳои сиёсати кадрҳои хизмати шаҳрвандӣ: давлат ё «кирокунанда» (Ҷумҳурии Тоҷикистон), ашхоси ишғолкунандаи вазифаҳои давлатӣ ё «намояндагони кирокунанда» мебошанд. Вазифаҳои сиёсии кадрҳои хизмати давлатии шаҳрвандӣ иборат аз ҳифзи ягонагии сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ ва низоми сиёсии давлат мебошад.

**Кадрҳои хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.** Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида мешавад.[1] Ба ин намуди хизмати давлатӣ воҳиди кории кормандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд.

Дар давраи муосири Тоҷикистон нақши сиёсии кадрҳои сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва махсусан, амнияти давлатӣ ба таври ҷиддӣ афзуда аст.

**Кадрҳои хизмати давлатии ҳарбӣ.** Хизмати давлатии ҳарбӣ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ буда, ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида мешавад.[2]

Сиёсати давлатии кадрҳои ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истисноан дар салоҳияти давлат аст. Субъектҳои сиёсати давлатии кадрҳои хизмати ҳарбӣ инҳо мебошанд:

– Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

---

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
[2] Ҳамон ҷо.

– Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– фармондеҳии воҳидҳои ҳарбӣ, ҳамчунин роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ мебошанд.

Теъдоди воҳидҳои кории хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шумораи воҳидҳои кории кормандони шаҳрвандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

Ҳамгироии сиёсати кадрҳои ҳарбӣ ба низоми умумии сиёсати давлатии кадрҳо дар доираи низоми сиёсии Тоҷикистон аз ҳисоби ба назар гирифтани собиқаи хизмати ҳарбӣ, аз ҷумла даъвати ҷавонон ба хизмат, дар сурати даромадан ба хизмати шаҳрвандӣ ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дарёфти иловапулии дахлдор барои собиқаи хизмат таъмин карда мешавад.

**Кадрҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.** Таърихан сиёсати кадрҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо сиёсати кадрҳо дар соҳаи хизмати давлатӣ алоқаманд аст. Дар даврони Иттифоқи Советӣ маъмурияти шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба истилоҳ сатҳи маҳаллии идоракунии давлатиро ташкил медоданд ва кадрҳои ин муассисаҳо мақоми кормандони элитаи сиёсиро доштанд.

**Кадрҳои созмонҳои буҷетӣ.** Таҳти кадрҳои созмонҳои буҷетӣ кормандони муассисаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, ки муассиси онҳо давлат ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд ва аз буҷети давлатӣ ё маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, шинохта мешаванд. Ба кадрҳои соҳаи буҷетӣ метавон кормандони илм, фарҳанг, тандурустӣ, журналистони васоити ахбори оммаи давлатӣ, маҳаллӣ ва ғайраро дохил намуд.

Субъектҳои сиёсати кадрҳо дар ин соҳа вазоратҳои соҳавии дахлдор, кумитаҳои давлатӣ, кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ мебошанд, ки муассисаҳои мазкур дар ҳудуди онҳо воқеанд. Маҳз дар соҳаи буҷетӣ масъалаи камбуди кадрҳо бештар ҳассос аст, ки яке аз сабабҳои асосиаш ин дар сатҳи паст қарор доштани музди меҳнат ва мақоми иҷтимоии ин соҳа мебошад.

Дар натиҷа, мутахассисони ҷавон аз соҳаҳои буҷетӣ барои кор ба дигар соҳаҳо ва ба хориҷа мераванд. Дар илм падидаи мазкур номи «фирори мағзҳо» ва муҳоҷирати «зеҳнҳо»–ро гирифтааст. Сиёсати кадрҳо дар бахши буҷетӣ вазифаи муҳимми давлат мебошад.

Чунонки А. Ш. Қурбонов қайд менамояд: «Дар чорчубаи амнияти миллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини амнияти зеҳнӣ аҳамияти нисбатан муҳим пайдо мекунад. Зеро ки миқёси масъалаи таъмини амнияти зеҳнӣ, мураккабии нигоҳдорӣ, афзоиш ва истифодаи самараноки нерӯи зеҳнии мамлакат, инчунин амнияти зеҳнӣ вобаста ба он ки таъмини илмӣ ва фаъолияти дигар ҷузъҳои амнияти миллиро муайян мекунад, бешубҳа яке аз соҳаҳои муҳимми он маҳсуб мешавад. Бинобар ин, дар самти амнияти зеҳнӣ ва робитаи он ба Истиқлоли давлатӣ омӯзиши масъалаи муҳоҷирати ин қишри ҷомеа, яъне олимону мутахассисони варзида нақши муҳим дорад.»[1]

Аз назари А. Ш. Қурбонов, илм барои омилҳои ғайриҳарбии амнияти миллӣ низ нақши ҳалкунанда дорад. Таърихи муосир шаҳодат медиҳад, ки давлати аз нигоҳи ҳарбӣ хеле муқтадир, агар хифзи омилҳои ғайриҳарбии амнияти миллиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намонад, пешсафии худро дар арсаи ҷаҳонӣ аз даст медиҳад. Ба ҷумлаи чунин омилҳо метавон амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ, экологӣ ва дигар омилҳои амниятии муосирро дохил намуд, ки дар ташаккули онҳо дастовардҳои илми муосир нақши ҳалкунанда доранд. Маҳз ба ин хотир, илм ва амният чун маҷмӯи проблемаҳои махсусе шинохта мешаванд, ки дар доираи он баррасии масъалаи «фирори мағзҳо» муҳим аст.

[1] Қурбонов А. Ш. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ (Таҳлили иҷтимоӣ-сиёсӣ) [Матн] / А. Ш. Қурбонов. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 5.

Мушоҳида ва таҳлили вазъи имрӯзаи муассисаҳои илмӣ ва корхонаю ташкилотҳо собит месозад, ки талафоти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт кам нест. Оид ба теъдоди неруҳои ақлонӣ, ки дар замони Истиқлолият аз ҷумҳурии мо ба кишварҳои дигар рафтанд, маълумоти оморӣ вуҷуд надорад. Лекин мувофиқи маълумотҳои Хадамоти федералии омори давлатии Федератсияи Россия фақат дар давраи аз соли 2007 то 2014 аз Тоҷикистон 123 номзад ва 92 доктори илм дар ин кишвар барои зиндагии доимӣ ба қайд гирифта шуданд, ки ин, албатта, ба амнияти зеҳнии ҷумҳурӣ таъсир мерасонад. Бояд таъкид намуд, ки на ҳар як номзад ё доктори илм дар хориҷа метавонад шуғли мувофиқу арзанда пайдо кунад. Аз ин рӯ, бо итминони комил метавон гуфт, ки олимону мутахассисоне, ки ба хориҷа мераванд, аз ҷумлаи беҳтаринҳоанд ва ин раванд барои соҳаи илм ва захираи зеҳнии миллат чун талафоти ҷиддӣ арзёбӣ мешавад.[1]

Чунонки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Яке аз вазифаҳои муҳимме, ки дар назди Академияи илмҳо қарор дорад, омода кардани кадрҳои илмӣ мебошад… Масалан, иқтидори кадрии Академияи илмҳо имрӯз назар ба солҳои пеш хеле коҳиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ соли 1985 дар сохтори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи номзадҳои илм 656 нафарро ташкил медод, вале имрӯз номзадҳои илм дар ин муассиса ҳамагӣ 360 нафарро ташкил медиҳанд, ки дар муқоиса ба соли 1985 қариб 300 нафар камтар мебошад».[2]

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки муносибати нерӯҳои зеҳнӣ дар кишвар солим набуда, дар шакли муташанниҷ сурат мегирад. Бо чунин вазъи ҷаҳонбинӣ, ормонҳои баланде чун гуногунандешӣ ба «қиёмат» табдил мешаванд.

Муҳити илмии давлат осебдидаи ҳамин рақобати носолим аст. Масалан, низоъҳои саршор аз таҳқири ҳамдигар, ки миёни доктору

---

[1] Қурбонов А. Ш. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ (Таҳлили иҷтимоӣ-сиёсӣ) [Матн] / А. Ш. Қурбонов. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 7.

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар. – Душанбе, 18 марти соли 2020 [манбаи электронӣ] URL : http://www.president.tj/node/22 643 (санаи муроҷиат: 17.06.2020).

академикҳои кишвар дар муҳити корӣ ва дар саҳифаҳои матбуот, хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ мегузарад, маҳз нишонгари ҳамин вазъ мебошанд ва аз ҳеҷ «ҷанги сард» камӣ надорад ва агар сиёсати пешгиронаи давлатӣ набошад, аз эҳтимол дур нест, ки ин ҷангҳои сард ҷангҳои гарм низ шаванд.[1]

Дар натиҷаи чунин рақобати носолим бисёре аз шахсиятҳои илмӣ, шоистасолорҳо, истеъдодҳо ва зарфиятҳои миллӣ вориди муҳити фаъоли ҷамъиятӣ намешаванд ва дар ҳошия будану аз ин муҳит дур монданро беҳтар меҳисобанд. Масалан, имрӯз кадрҳои илмии давлат дар ташкилотҳои ғайридавлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сафоратҳои хориҷӣ, лоиҳаҳои грантӣ, муассисаҳои давлатӣ, хусусӣ ва илмии кишварҳои дигар, донишгоҳҳои хориҷӣ ва ғайра фаъолият доранд. Қисми дигар ба бахши хусусию соҳибкорӣ рӯ оварда, аз робита бо муҳити илмию ҷамъиятию сиёсӣ парҳез мекунанд. Гоҳҳо ин раванди фирори кадрҳоро фақат шарҳи иҷтимоӣ дода, масъалаи маошро асоси он медонем. Дар ҳақиқат, масъалаи маош нақши муҳим дорад, аммо бахше бузурге аз ин иқтидори кадрҳои илмӣ маҳз дар натиҷаи рақобати носолим дар ҷомеа ба ин самт тамоюл кардааст.[2]

**Кадрҳои бахши ғайридавлатӣ.** Ба ташаккули назарияи муосири сиёсати кадрҳо таълимоти ғарбии идоракунии кормандон, PR-менеҷмент (идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ) дар низоми сиёсати кадрҳо), PR-инжинирин ва ғайра таъсири ҳалкунанда гузоштаанд. Яке аз воситаҳои асосии татбиқи сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ) ба ҳисоб меравад. Идоракунии ҳайат дар низоми сиёсати кадрҳо низоми таъсиррасони идоракунӣ ба кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади боз ҳам самаранок истифода намудани қобилият ва имконияти

---

[1] Набудани тафаккури давлатӣ чӣ оқибатҳо дорад? // Набзи замон / Сардабир Б. А. Маҳмадов. – 2013. – № 1. – С. 13.
[2] Ҳамон ҷо.

касбию шахсӣ ва шахсиятии онҳо мебошад.[1] Назарияи муосири идоракунии ҳайати кормандон ташаккули сиёсати кадриро ба ду давра ҷудо мекунад: умумидавлатӣ ва дохилиистеҳсолотӣ. Дар давраи аввал «асоси кор бо кадрҳо заминагузорӣ мешавад; навъҳои сохторҳои муассисаҳо, усулҳо ва шартҳои тасдиқи кадрҳо, тарзи арзёбии муассирии фаъолияти онҳо ва назорат ба ҷараёни ин кор муқаррар мешаванд. Ин кор аз тарафи парламент, вазорату идораҳо, ташкилотҳои илмӣ ва лоиҳавии тобеи онҳо анҷом мегирад».[2] Яъне афзалиятҳои ҳуқуқи инсон, баробарии имкониятҳо, манъи конститутсионии поймолшавии ҳуқуқ аз рӯйи нишонаҳои нажодӣ, миллӣ, гендерӣ, динӣ ва эътиқоди сиёсӣ, ки аз тарафи давлат муқаррар гардидааст, дар назар аст. Дар навбати худ, сиёсати кадрии дохилӣ метавонад лаҳзаҳое дар назар гиранд, ки дар сатҳи давлатӣ ба эътибор гирифта нашудаанд.

Хулоса, мафҳумҳои «сиёсат», «давлат» ва «кадрҳо»-ро ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ, ҷанбаҳои назариявии мавзуъ, тазодҳо ва робитаҳои онҳоро таҳлил намуда мо ба чунин **натиҷа** расидем, ки:

– барои дарки дуруст ва ҳамаҷонибаи сиёсати давлатии кадрҳо аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намудани мафҳумҳои марказии ин раванд – сиёсат, давлат ва кадрҳо зарур аст, чунки маҳз ба воситаи таҳқиқи онҳо дарки моҳияти сиёсати давлат дар маҷмӯъ ва ниҳодҳои он дар дар арсаи идоракунӣ ба таври аслӣ имконпазир мегардад;

– давлат чун яке аз мафҳумҳои марказии илмҳои сиёсӣ дар як замон ҳам ба сифати иштирокчии идоракунии давлатӣ, маъмурӣ ва ҳам сиёсӣ баромад менамояд. Татбиқи муваффақонаи вазифаҳои сиёсии сиёсати давлатии кадрҳо боиси баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мегардад;

– дар охири асри XX ва аввали асри XXI Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба буҳрони мураккабе дучор шуд, ки

---

[1] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 25.06.2018).

[2] Саакянц А. К. Управление персоналом в организации [Текст] / А. К. Саакянц, Г. Г. Зайцев, Н. В. Лашманова. – СПб. : Питер, 2002. – С. 7.

тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифт. Вазъи бухронии Ҷумҳурии Тоҷикистон боисрор тағйири тамоми низоми арзишҳо ва ниҳодҳои амалкунанда, аз ҷумла, ташаккули сифатан нави сиёсати давлатии кадрҳоро талаб намуд;

– таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот намуд, ки иҷрои вазифаҳои сиёсии сиёсати давлатии кадрҳо ба афзун намудани самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки аз бухрони муосири ҷаҳонӣ бо зиёни камтар раҳоӣ ёфт;

– амалисозии як силсила барномаҳои бузурги миллӣ имкон фароҳам овард, ки масъалаҳои идораи равандҳои тамоми арсаҳои давлатдорӣ ба талаботи замон мутобиқ гардонида шаванд ва рушди баъдии давлатдории кишварро таъмин намоем.

## 3. Сиёсати давлатии кадрҳо: фаҳмиши шаклӣ ва моҳиятии масъала

Дар параграфи мазкур муаллифи диссертатсия як силсила назарияи сотсиологиро мавриди баррасӣ қарор додааст: назарияи далелнокӣ, пешвоӣ, маъмурияти муносиб, омӯзиши сотсиологии равандҳои кадрӣ ва ғайра.

Ҳадафи назарияи захираҳои инсонӣ, ки муаллифи он Ч. Бернард мебошад, баланд бардоштани муассирии фаъолияти ташкилотҳо аз ҳисоби захираҳои инсонӣ мебошад. Бинобар ин, вазифаи асосии ҳар як роҳбари ташкилот ва вазорату идораҳо фароҳам овардани чунин шароите мебошад, ки ҳар як корманд қобилият ва истеъдоди худро ба нафъи ҷомеа пурра истифода бурда тавонад. Тарбият намудани сифатҳои мустақилӣ ва худназоратии кормандон ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо бевосита таъсир мерасонад.

Назарияи муносибатҳои инсонӣ саъю талоши кормандонро барои шахсияти эътирофшудаи ҷомеа будан дар назар дорад. Асосгузорони ин

мактаби илмӣ Мэри Паркер Фоллет ва Элтон Мэйо[1] буданд. Дарки вобастагии сифати кори корманд аз таваҷҷуҳи роҳбар омили муҳимми ҳавасмандии одамон аст. Аз назари донишмандони мазкур дар сурати қонеъшавии ин талабот, ангезаи шахсии муқобилият бо ҳокимияти расмӣ заиф мешавад.

Яке аз вазифаҳои муҳимми давлати иҷтимоӣ таъсири муассир расонидан ба сатҳи зисти табақаҳои гуногуни аҳолӣ мебошад. Н. Н. Грисенко дар таҳқиқоти худ давлати иҷтимоиро тарзи бештар муносиби пайванди озодӣ ва ҳокимият ба хотири некуаҳаволии ҷомеа, дар маҷмӯъ ва осудагии шахсият, дар алоҳидагӣ меномад.[2]

Сиёсати иҷтимоӣ, унсури зарурии давлат ба шумор рафта, робитаҳои иҷтимоиро тавассути манфиатҳои гурӯҳҳои асосии аҳолӣ танзим менамояд.[3] Шуғли аҳолӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ, афзоиши некуаҳволӣ, ризоияти шаҳрвандӣ, таъмини суботи сиёсӣ, ҳамоҳангсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ – чунинанд вазифаҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат.

Муҳаққиқон В. П. Мелников ва В. С. Нечипоренко ба вазифаҳои сиёсати иҷтимоии давлат – таъмини захираҳо, субот ва устувории низоми ҷамъиятӣ, коҳиши шиддати иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагиро дохил мекунанд, ки ба қонеъсозии талаботи солими аъзои ҷомеа мусоидат намоянд.[4]

Тамоми матлаби зикршуда алоқамандии сиёсати иҷтимоӣ ва сиёсати кадриро нишон медиҳад. Ҷойгоҳи сиёсати кадрҳо дар сиёсати иҷтимоӣ дар монографияи А. И. Турчинов таҳлил ва ошкор карда шудааст, ки дар он намудҳои зерини сиёсати дохилии давлат зикр гардидаанд: «сиёсати иҷтимоии давлат; сиёсати демографии давлат; идоракунии захираҳои

---

[1] Ниг.: Журавлев П. В. Мировой опыт в управлении персоналом : обзор зарубежных источников [Текст] / П. В. Журавлев, М. Н. Кулапов. – М. : Деловая книга, 2005. – 613 с.
[2] Ниг.: Гриценко Н. Н. Социальное государство [Текст] / Н. Н. Гриценко // Труд и социальные отношения. – 2003. – № 2. – С. 7.
[3] Ниг.: Общая и прикладная политология [Текст] / Под общей редакцией В. И. Жукова, Б. И. Краснова. – М. : Изд-во «Союз», 1997. – С. 98–99.
[4] Ниг.: Мельников В. П. Государственная служба в России: исторический опыт организации и современность [Текст] / В. Н. Мельников, В. С. Нечипоренко. – М. : Изд-во РАГС, 2003. – С. 368.

меҳнатӣ; сиёсати давлатии кадрҳо; идоракунии кормандони ташкилот; идоракунии таҷрибаи касбии ташкилот; низоми касбикунонии кормандон».[1]

А. И. Турчинов менависад, «касбикунонии инфиродии ҷомеа то сатҳи фаҳмиши сиёсати кадрҳо чун ҳунар ва фарҳанг, идоракунии сарвати миллӣ, инкишофи шахсӣ ва имконияти касбии инсон пухта расидааст».[2]

Аммо К. Ю. Полднев чунин мешуморад, ки «дар чунин арзёбӣ каме муболиға ҷой дорад, чунки алҳол назарияи сиёсати давлатии кадрҳо, ки равандҳои муосири иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар соҳаи фаъолияти меҳнатии кадрҳоро инъикос менамояд, ҳанӯз таҳқиқ нашудааст. Асоси қонунгузории низоми идоракунии давлат такмили минбаъдаро талаб менамояд, ҳамчунин ба баррасии иловагии дигар масъалаҳои мубрам дар низоми таъмини кадрии хизмати давлатӣ эҳтиёҷ дорад».[3]

Таҳқиқоти В. А. Сулемов, А. И. Турчинов, В. М. Анисимов, А. А. Хохлов ва дигар ҷомеашиносон дар ғанисозии сифатии фаҳмиши моҳияти иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳо нақши муҳим бозӣ кардааст.

В. А. Сулемов дар бораи сиёсати давлатии кадрҳо чун низоми созмонёфтаи иҷтимоӣ сухан меронад, ки дар он афзалиятҳо, усулҳо ва воситаҳои амалисозӣ бо ҳам алоқаманданд.[4] Вазифаи он аз фароҳам овардани шароит ва кафолат барои худамалисозии касбӣ – меҳнатӣ, дастёбӣ ба ҳамоҳангии манфиатҳои инсон ва талаботи ҷомеа иборат аст. Сиёсати кадрҳо аз тарафи гурӯҳи одамон ба хотири одамони дигар амалӣ карда мешавад. Бинобар ин, калимаи «иҷтимоӣ» яке аз ҷанбаҳои моҳиятии сиёсати давлатии кадрҳоро чун падидаи расмии ҷамъиятӣ таъкид менамояд.

А. И. Турчинов сиёсати кадрҳоро падидаи иҷтимоие меҳисобад, ки самти фаъолияти субъект, ташаккул, рушд, талабот ва истифодаи иқтидори

---

[1] Турчинов А. И. Профессионализация и кадровая политика: проблемы развития теории и практики [Текст] / А. И. Турчинов. – М. : МПСИ : Флинта, 1998. – С. 82.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 15.
[3] Полднев К. Ю. Социальная сущность государственной кадровой политики в органах власти и управления : дис. … канд. социол. наук [Текст] / К. Ю. Полднев. – М., 2004. – С. 24.
[4] Ниг.: Сулемов В. А. О социальной природе и целеустремленности государственной кадровой политики [Текст] / В. А. Сулемов // Государственная кадровая политика: проблемы формирования и реализации: материалы «Круглого стола». – М., Сыктывкар, 2001. – С. 16–17.

касбии ҷомеа (сиёсати давлатии кадрҳо) ва таъмини кадрии муассиса (сиёсати кадрҳо)-ро муайян менамояд.[1]

Дар шароити ҷомеаи демократӣ ҳангоми рушди давлати иҷтимоӣ сиёсати кадрҳо қисми сиёсати дохилии давлатӣ буда, сиёсати иҷтимоию иқтисодии онро муайян месозад. Моҳияти сиёсати кадрҳо дар сиёсати дохилии давлат хизматрасонӣ ба манфиатҳои тамоми захираҳои меҳнатии давлат мебошад.

Қисми иқтисодии сиёсати давлатии кадрҳо ба амалисозии иқтидори кадрҳо – муҳимтарин захираи давлат равона карда шуда беҳбудии иқтисодии кишвар аз он вобаста аст. Сиёсати иҷтимоӣ вазифаҳои муҳимро дар масъалаҳои рушди сифатии шароити кор, инкишофи касбӣ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон иҷро менамояд.

Фақат давлат рушди захираҳои кадриро бо дарназардошти тамоюлоти рушди иқтисодии дарозмуддат таъмин карда, вазифадор аст, ки талаботи ояндаи иқтисодиётро ба кадрҳои босифат таъмин намояд ва заминаи боэътимоди таъмини шуғл, рушди касбӣ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони худро фароҳам созад.

Метавон натиҷагирӣ кард, ки сиёсати давлатии кадрҳо – падидаи иҷтимоӣ буда, робитаи иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар соҳаи рушди муносиб ва зуҳури иқтидори кадрҳои ҷомеа чун захираи боаҳамияти иқтисодӣ танзим менамояд.

Сиёсати давлатии кадрҳо аз табиати иҷтимоии давлат бармеояд, чунки мақомоти ҳокимият ва идоракунӣ ҳамон сиёсати дохилиро татбиқ менамоянд, ки ҷавобгӯйи сиёсати иҷтимоии давлат бошад. Давлат ба талаботи ҷомеа хизмат мерасонад ва ҷомеа барои ин захираҳои лозимаро пешниҳод менамояд – моҳияти иҷтимоии шарикии давлат ва ҷомеа умуман ва аз ҷумла, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон дар ҳамин аст.

---

[1] Турчинов А. И. Человек в социальной политике государства и организации [Текст] / А. И. Турчинов // Управление персоналом. – 2002. – Гл. 1. – С. 25.

Моҳияти иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ бо вазифаҳо ва салоҳияти давлат дар самти таъмини иқтидори зеҳнӣ, касбӣ, маълумотӣ ва эҷодии кормандон дар раванди меҳнат ҳамроҳ аст. Ин фаъолияти иҷтимоӣ ва ҳадафманди субъектҳои сиёсати давлатии кадрҳо буда мақсади он ҳавасманд кардани кормандон, таъмини фазои муносиби рушди касбӣ, иҷрои вазифаҳои касбии онҳо мебошад.

Сиёсати давлатии кадрҳо аз истифодаи захираҳои меҳнатӣ вобаста аст. Самарабахшии бештари он метавонад дар давлати иҷтимоӣ зоҳир шавад. Ва ин қонунӣ аст, чунки давлате, ки дар он афзалият ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон дода мешавад, иқтидори баландтарро барои рушд дорад.

Давлатҳои иҷтимоӣ чунин кишварҳои рушдёфтаи саноатӣ, монанди Германия, Шветсия, Япония[1] ва дигарон эътироф карда шудаанд, ки на танҳо бо рушди устувори иқтисодӣ ва афзоиши даромади миллӣ, соҳибкории озод ва муносибатҳои бозорӣ, балки бо тамоюл ба баробарии иҷтимоӣ ва тақсими одилонаи неъматҳо фарқ менамояд. Дар чунин кишварҳо нақши танзимкунандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ меафзояд, ки дар самтгирии иҷтимоии иқтисоди бозорӣ, дастгирии фарҳанг, маориф, илм ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ рӯнамо мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунан давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.[2]

Муносибати бунёдии давлат чун субъекти таъминкунандаи суботи ҷомеа нисбат ба иқтидори кадрӣ дар «Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон» (минбаъд дар ин боб чун «Консепсия…» зикр мешавад) инъикос ёфтааст.[3]

---

[1] Ниг.: Управление персоналом : Энциклопедический словарь [Текст] / Под ред. А. Я. Кибанова. – М. : ИНФРА–М, 1998. – С. 344.

[2] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 3.

[3] Ниг.: Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007 №289 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=7985 (санаи муроҷиат: 16.07.2019).

Дар «Консепсия…» намунаи стратегия ва тактикаи давлат оид ба ташаккул, рушд ва талаботи иқтидори кадрҳои ҷомеа тарҳрезӣ гардидааст. Нуктаҳои он заминаи меъёрии ҳуқуқиро, ки робитаҳои меҳнатӣ ва кадрӣ, шартҳои амалисозии маълумоти касбӣ, самтҳои ниҳодҳои иҷтимоии таъминкунандаи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба истифодаи озод ва ихтиёрдории қобилияти худро танзим менамояд, фароҳам меоварад.

«Консепсия…» ва сиёсати кадрҳо аз рӯйи мазмун барои дастёбӣ ба як ҳадаф равона шудаанд, аммо аз рӯйи сохтор ва вазифаҳо айният надоранд. Вақте ки ақидаҳои дар «Консепсия…» баёншуда расман эътироф шаванд, онҳо аз тарафи мақомоти олии давлат тасдиқ гардида, стратегия ва тактикаи кори давлат бо кадрҳо мегарданд. Ҳамин тавр, нуктаҳои «Консепсия…» сиёсати давлатии кадрҳо мешаванд. Фақат дар сиёсати кадрҳо метавонанд самтҳои афзалиятноки ислоҳоти кадрии давлат муфассалтар ошкор карда шаванд, марҳалаҳо ва воситаҳои амалисозии сиёсати кадрҳо, имконияти таъминоти ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, идоракунии хоси барномаи ҳадафманди кадрии давлатӣ тарҳрезӣ шаванд.

Сиёсати иҷтимоии кадрҳо нисбат ба сиёсати давлатии кадрҳо аз нигоҳи мазмун васеътар аст, чунки дар сиёсати давлатии кадрҳо чун субъект давлат баромад мекунад, ки наметавонад танзими масъалаҳои кадриро бар дӯш гирад.

Дар ҷараёни фаъолияти давлатӣ метавонанд ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, сохторҳои соҳибкорӣ, коллективҳои меҳнатӣ низ саҳм гиранд. Сиёсати давлатии кадрҳо ва фаъолияти гуногунҷабҳа оид ба татбиқи он раванди иҷтимоии танзимшаванда мебошад. Дақиқан муайян кардани ҳадафҳо, афзалиятҳо ва усулҳои ҷанбаҳои иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳо тадбирҳо ва амалҳои гуногунро пайванд медиҳад, назария ва амалияи фаъолияти кадриро ғанӣ месозад.

Тарҳрезии тамоюлоти асосии сиёсати давлатии кадрҳо ва татбиқи мунтазами онҳо дар ҳаёт – мураккабтарин масъалаи сатҳи давлатӣ мебошанд. Он фақат аз интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда иборат нест.

Тавре ки В. А. Сулемов қайд менамояд, «давлат бояд ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, идоракунӣ, маънавию ахлоқӣ ва дигари танзими масъалаҳои кадриро дар назар гирад».[1]

Тарз ва воситаҳои ислоҳоти кадрӣ, касбисозии технологияи татбиқи онҳо воситаи нисбатан муносиби идоракунии давлатӣ мебошанд ва алоқамандии вазифаҳои гуногуни иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳоро муайян месозанд. Омилҳои муҳимми суботи иҷтимоию сиёсии ҷомеа, ҳифз ва таҳкими тамомияти арзии кишвар, усулҳои бунёди сиёсати давлатии кадрҳо мегарданд.

Дар сиёсати кадрҳо талабот ва имконоти ҷомеа ва давлат инъикос ёфтаанд. Сатҳи рушди ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии давлат, хислат ва қонунмандии инкишофи равандҳои кадрӣ ба вазъи воқеии кадрҳо ва касбияти онҳо таъсир мерасонанд.

Сиёсати кадрҳо дар асос ва доираи сиёсати давлатии дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷшуда ташаккул меёбад. Дар моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Дар моддаи 17 омадааст, «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд».[2]

Тибқи моддаи 27-и Конститутсия ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи

---

[1] Пирогов С. В. Государственная кадровая политика: концептуальные основы, приоритеты, технологии реализации [Текст] / С. В. Пирогов, Н. Волгин. – М. : Изд-во РАГС, 1996. – С. 17.
[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 9.

Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад. Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд».[1]

Мутобиқи ин нуктаҳои конститутсионӣ, дар Тоҷикистон шароити дахлдор ва воситаҳои боэътимоди амалисозии онҳо фароҳам оварда мешавад.

Аз ҳалли масъалаҳои асосии шаклгирии давлатдорӣ, намуди идоракунӣ, сатҳ ва демократикунонии воситаҳои сохти давлатӣ ба андозаи муайян ҳадафҳо, афзалиятҳо ва усулҳои сиёсати кадрҳо вобаста аст.

Моҳияти асосии сиёсати давлатии кадрҳоро В. А. Сулемов тавсиф намуда вазифаи сиёсатмадорро дар ҳалли вазифаҳои кадрии давлат чунин муайян кардааст:

– ба эҳё ва рушди устувори давлат самтгирӣ намояд, барои хизмат мутахассисони касбӣ ва дорои тафаккури навинро ҷалб намояд;

– мунтазам вазифаҳои стратегиро ҳал намояд;

– ягонагии ҳадафҳо ва усулҳои кори кадрӣ ва хусусияти соҳаҳоро ба назар гирад;

– пешрафти иҷтимоӣ, тағйироти хислати меҳнат ва равандҳои идоракуниро мадди назар гирад;

– дар ҳар як хизматчии давлатӣ хислатҳои таваҷҷуҳ ба одамон, масъулият барои фаъолияти супоридашуда, ташаббускорӣ, поквиҷдонӣ ва худназоратиро тарбия намояд;

– ба асоси қонуни кафолатдиҳандаи ҳалли воқеъбинона ва боадолатонаи масъалаи кадрӣ амал намояд».[2]

Илова бар ин, сиёсати кадрӣ бояд аз тарафи аҳли ҷомеа ва мақомоти баландпояи ҳокимият назорат карда шавад, аз ҳисоби кормандони тоза ҷалбшуда таҷдид шавад, ирсият ва қобилияти кадрҳои калонсол ҳифз шавад.

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 11–12.
[2] Охотский Е. В. Государственная кадровая политика и механизм ее реализации. Кадроведение : изд. 2-е.доп. и перераб. [Текст] / Под общ. ред. Е. В. Охотского – М. : РАГС, 1998. – С. 35.

Ирсият махсусан дар шароити замонасозии ҷомеа аҳамияти зиёд касб мекунад.

Ин ҷиҳатҳо бояд ягонагии сиёсати кадрии давлат, муносибати маҷмӯиро дар ташаккули усулҳои асосии амалисозии сиёсати давлатии кадрҳо дар шароити замонасозии ҷомеа таъмин намояд.

Муаллифи курси таълимии «Сиёсати давлатии кадрҳо ва воситаи амалисозии он» Е. В. Охотский ақида дорад, ки натиҷаи фаъолияти сиёсати давлатии кадрҳо бояд чунин бошад:

– бояд шароити мусоид ва баробари иҷтимоӣ ва кафолати ҳуқуқӣ фароҳам оварда шавад, то ин ки ҳар як корманд имкон дошта бошад қобилият ва дониши худро ошкор созад, ба қуллаи эҷодӣ ва самаранокии фаъолияти меҳнатӣ расад;

– дар тамоми соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ бояд кормандони баландихтисос ва аз нигоҳи касбӣ омодашуда шуғл дошта бошанд;

– барои одамони ба мансабпарастӣ, порахӯрӣ ва дигар васвасаҳои расидан ба ҳокимият майлдошта монеаҳои боэътимод гузошта шавад.[1]

Муқаррароти сиёсати кадрҳо бояд барои тамоми субъектҳо ҷанбаи ҳатмӣ дошта бошад, чунки асосҳои умумии ҳуқуқӣ барои кулли ҷомеа муайян карда мешаванд.

Мавзуи сиёсати давлатии кадрҳо чун намуди фаъолияти иҷтимоӣ инҳо мебошанд:

– як қисми муносибатҳои меҳнатӣ;

– кадрҳои муассисаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, сиёсати давлатии кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ;

– механизмҳои бештар умумии ташаккул ва талабот ба иқтидори кадрҳои ҷомеа (қисман механизмҳои сиёсати шуғл);

– воситаҳои назорат ба мазмун ва сифати омода кардани кадрҳо ва ҳимояи ҷомеа аз кормандони ғайрикасбӣ;

---

[1] Охотский Е. В. Государственная кадровая политика и механизм ее реализации. Кадроведение : изд. 2-е.доп. и перераб. [Текст] / Под общ. ред. Е. В. Охотского – М. : РАГС, 1998. – С. 37.

– воситаҳои ҳавасмандкунии маблағгузорӣ дар рушди соҳаи кадрии хизмати давлатии шаҳрвандӣ.[1]

Ба сифати объекти сиёсати давлатии кадрҳо иқтидори кадрии ҷомеа баррасӣ карда мешавад. Дар сурати замонасозии бунёдӣ, вазифаи аввалиндараҷа бо стратегияи рушди давлат мутобиқ намудани он мебошад. Ин бо кумаки технологияи иҷтимоӣ ва усулҳои махсус тарҳрезишудаи интихоб ва пешрафти кормандони роҳбарикунанда, мубодилаи иттилооти кадрӣ; пешбинии талабот ба кадрҳои касбӣ умуман барои давлат ва аз ҷумла, барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, баҳодиҳӣ ба кормандон, аттестатсияи онҳо, ташаккули гурӯҳ барои ҳалли вазифаҳои муҳим ва аввалиндараҷа имконпазир мегардад.

Дар масъалаи дастрасӣ ба ҳадафҳои иҷтимоӣ сиёсати кадрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зеринро матраҳ менамояд:

– бо кормандони варзида ва касбӣ таъмин кардани сохторҳои давлатӣ;

– фароҳам овардани шароит барои фаъолият ва танзими ҳуқуқии дастгоҳи давлатӣ мутобиқи меъёрҳои қонунгузорӣ;

– таъмини низоми тайёр кардан ва такмили ихтисоси мутахассисони хизмати давлатӣ, ҳавасманд кардани ташаббускорӣ ва муносибати эҷодкоронаи кормандон дар ҷойи кор;

– муайян кардани тартибот ва танзими таъйинот, ҷобаҷогузорӣ, пешрафт, арзёбӣ ва ҳавасмандкунии хизматчиёни давлатӣ.

Нисбат ба кормандони дастгоҳи давлатӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда як силсила маҳдудият ба кор бурда мешавад. Яъне риояи сирри хизматӣ (давлатӣ), имконпазир набудани иҷрои якҷояи вазифаи давлатӣ ва фаъолияти тиҷоратӣ. Қонунгузорӣ зимни ҷорӣ кардани маҳдудият, ҳанӯз ҳавасмандкуниро барои кори поквиҷдононаи хизматчиёни давлатӣ муайян накардааст. Ҳамзамон, вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки тибқи моддаи

---

[1] Ниг.: Государственная кадровая политика и механизм ее реализации // Материалы к методологическому семинару. Москва, 30 окт. 2001 г. – С. 11–12.

38-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҷиҳати ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ барои дастовардҳои хизматӣ, хизмати бардавому бенуқсон, иҷрои супоришҳои махсусан муҳимми давлатӣ ҳавасманд гардонида мешавад, пешбинӣ шудааст.[1] Намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва тартиби бо он сарфароз гардониданро қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.[2] Кафолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи хизматчиёни давлатӣ ҳанӯз низомбандӣ нашудааст, музди меҳнати зинаи миёна бо сатҳи масъулияти ба дӯши онҳо гузошташуда мутобиқат намекунад.

Солҳои охир дар адабиёти идоракунӣ ба сабаби афзуншавии нақши фаъоли инсон дар тамоми сатҳҳои ташкилӣ, пешниҳоди табдили истилоҳи «сиёсати кадрҳо» ба истилоҳи «идоракунии захираҳои инсонӣ» ба миён омадааст, чунки амалияи нав гӯё бо сиёсати анъанавии кадрӣ ихтилоф дорад.[3] Дар хориҷа чунин истилоҳ вуҷуд надорад, аммо ин маънои онро надорад, ки давлат дар идоракунии кадрҳои мақомоти ҳокимият мудохила намекунад.

А. В. Илишев фаъолияти хадамоти давлатии Японияро дар самти кор бо кормандонро мисол оварда, ин равандро шарҳу эзоҳ додааст. Мутобиқи манбаъҳои ғарбӣ, иқтидори эҷодии корманди Япония тахминан 60–75%, корманди америкоӣ ва европоӣ то 45–55% истифода бурда мешавад. Самаранокии меҳнат дар Россия аз сохторҳои хориҷӣ ба ҳисоби миёна 3 маротиба ақиб мемонад, бинобар ин, бо як ҳисоби сода метавон натиҷагирӣ кард, ки имконияти кормандони Россия дар беҳтарин маврид то 15–20% истифода бурда мешавад.[4]

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Ниг.: Глазунова Н. И. Государственное управление как система [Текст] / Н. И. Глазунова. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2001. – С. 32.

[4] Ниг.: Илышев А. В. Социальные функции государственной службы Японии : опыт реализации и возможности его адаптации в России : автореф. дис. … канд. социол. наук [Текст] / А. В. Илышев. – М. : РАГС, 1998 ; Боз вай. Как создают госэлиту в Стране восходящего солнца [Текст] / А. В. Илышев // Служба кадров. – 2001. – № 8. – С. 48–51.

Асоси таъмини хадамоти давлатии Японияро сиёсати мустақилонаи марказонидашудаи кадрӣ бо такя ба усулҳои меритократӣ ташкил медиҳад. Хусусияти нодири ин ришта мавҷудияти муассисаи мустақили марказонидашудаи давлатии ҷавобгӯи пешбурди сиёсати кадрҳо дар соҳаи хадамоти давлатӣ – Агентии кадрӣ мебошад. Аз нигоҳи ташкилӣ ва ҳуқуқӣ Агентии кадрӣ ҳамзамон бо ҳукумат амал карда, бевосита ба Шурои вазирон тобеъ намебошад.[1]

Таҳлили хусусиятҳои таъминоти кадрии хадамоти давлатии Япония аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин кишвар ҷанбаҳои кадрии хадамоти давлатӣ тартиботи дақиқ ва аниқ танзимшуда дошта, Агентии кадрӣ нақши дирижерро дар оркестри хуб созмонёфта бозӣ мекунад. Агентии кадрӣ ба қабули кормандон ба хизмати маъмурию идорӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад. Дар Япония низоми имтиҳонсупории қабул ба хизмати давлатӣ амал мекунад. Кабули марказонидашуда ба туфайли имтиҳони умумии давлатӣ сурат мегирад. Талаботи имтиҳон хеле мураккаб буда, ба сатҳи хатмкунандагони беҳтарини донишгоҳҳои марказии Токио, Кэйо, Донишкадаи забонҳои хориҷии Токио ва ғайра мутобиқ шудааст. Онҳое, ки имтиҳонро бомуваффақият месупоранд, ҳуқуқи додани дархост барои қабул ба кор дар ин ё он вазорату идораи давлатиро дарёфт менамоянд. Барои қабул ба Вазорати корҳои хориҷӣ, иқтисод, тиҷорати хориҷӣ ва саноат имтиҳони иловагӣ пешбинӣ гардидааст.[2]

Гузаронидани имтиҳон чун яке аз муҳимтарин хусусияти элитарии дастгоҳи давлатии Япония мебошад, ки муҳаққиқи америкоӣ, профессори Донишгоҳи Иллинойс Р. Ко онро чун «элитаи лаёқатмандон», яъне «элитаи интихобшуда ба асоси меъёрҳои умумии мусобиқа дар ҷараёни рақобати кушоди имтиҳонӣ ва ба асоси маълумоти дарёфтшуда»[3] муайян кардааст.

---

[1] Ниг.: Нуриддинов Р. Ш. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ. [Матн] / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 104-107.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 104-107.
[3] Полднев К. Ю. Социальная сущность государственной кадровой политики в органах власти и управления : дис. … канд. социол. наук [Текст] / К. Ю. Полднев. – М., 2004. – С. 40–41.

Яке аз хусусиятҳои хоси хизматчиёни давлатии Япония – беихтиёрона будани онҳо аст, ки дар кӯшиши доимии дарк кардани ҷойгоҳи худ дар ҷомеа, амиқтар фаҳмидани вазифаҳои худ аз нигоҳи равандҳои ҷамъиятӣ, таҳлил намудани амали худ аз назари муносиб будан ва такмили ихтисоси худ мебошад.

Пурсишҳои сотсиологӣ ва саволнома ба хизматчиёни давлатӣ, ки дар Япония гузаронида мешавад ҷамъбандӣ шуда, дар нашрияҳои махсуси иттилоотӣ оид ба хадамоти давлатӣ, ҳамчунин дар адабиёти илмӣ–оммавӣ ва даврӣ ба нашр мерасанд. Ба туфайли ин, аҳли ҷомеаи японӣ имкон дорад, ки аз масъалаҳо ва рӯҳияи хизматчиёни давлатӣ огоҳ шаванд ва онҳое, ки мехоҳанд ба хизмати давлатӣ қабул шаванд, тасаввуротро дар бораи кори ояндаи худ пайдо мекунанд.

Дастгоҳи давлатӣ дар Япония мавқеи имтиёзнок дорад. Дар он низоми тартиботи вазифавӣ ва музди меҳнати устувор барои мудирони давлатӣ ҷой дорад. Мутобиқи омори байналмилалӣ, Япония аз рӯйи сатҳи пардохти музди меҳнат барои мансабдорони дастгоҳи давлатӣ дар ҷаҳон ҷойгоҳи пешбарро ишғол мекунад. Бар иловаи ҷоиза ва иловапулиҳо, мансабдорони зинаи олӣ дар ҳудуди 130 ҳазор доллар дар сол музд мегиранд.

Ба ғайр аз музди меҳнат, низоми пардохтҳои иҷтимоӣ барои хизматчиёни давлатӣ дар Япония иловапулӣ барои нигоҳдории кӯдак, хароҷоти нақлиёт, барои эҳтиёҷоти муолиҷа, рухсатӣ, пардохтҳои якдафъаина ва ғайраро дарбар мегирад. Ҳамасола гурӯҳи махсуси Агентии кадрӣ муқоисаи мизони музди меҳнати хизматчиёни давлатиро бо нишондиҳандаҳои мушобеҳ дар бахши хусусӣ анҷом медиҳад. Натиҷаи чунин муқоиса тавсия барои ҳукумат ҷиҳати баланд бардоштани музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ мегардад. Чунин тавсияҳо маъмулан иҷро карда мешаванд.

Хизмати давлатӣ дар Япония, ҳамчунин дар назар гирифтани дигар манфиатҳои хизматчии давлатӣ, аз ҷумла, тартиби аз кор озод кардан ва

ҳифзи иҷтимоии онҳо, онҳоро дар мавқеи ҳимояи махсуси давлат қарор медиҳад.

Тавсифи муҳимми таъминоти кадрии хизмати давлатии Японияро метавон сатҳи баланди устуворӣ дар дастгоҳи маъмурӣ номид, ки бо механизми хуби ҳамоҳангии дохилӣ ва байни вазоратҳо муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, низоми дастгоҳи давлатӣ ва тақсими вазифаҳои дохилӣ ба таъмини накши пешбари ҳамоҳангкунандаи идоракунӣ равона гардида, ба нарм кардани ихтилофоти дохилӣ дар ҷараёни амалисозии идоракунии маъмурии давлатӣ мусоидат намуда, низоми маъмуриро нисбат ба осебҳои беруна устувортар месозад.

Дастгоҳи давлатии Япония дорои пояи пешрафтаи иттилоотӣ мебошад, ки ба он имкон медиҳад майдони васеи иттилооти ҷамъиятиро назорат намуда, ба равандҳои ҷамъиятӣ таъсири ҷиддӣ расонад.

Хусусияти фарққунандаи хизматчиёни давлатии Япония сатҳи баланди маълумотнокии кормандони ба хизмати давлатӣ қабулшуда мебошад. Ҳамасола ҳар як хизматчии нуҳуми давлатӣ такмили ихтисос мекунад, ки Агентии кадрӣ пешбинӣ намудааст, мунтазам бозомӯзии кормандон дар хориҷа ба муддати 2 сол ё 6 моҳ созмон дода мешавад, яъне хизматчиёни давлатии Япония дониши худро пас аз қабул шудан ба кор, дар раванди фаъолияти меҳнатӣ такмил додан мегиранд.

Бояд таъкид кард, ки устувории дохилии хизмати давлатии Япония чун ниҳоди ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ тавассути идоракунии ягона ва ҳамоҳангсозии маҷмӯӣ таъмин карда мешавад, ки ба туфайли мавҷудият ва фаъолияти мақоми махсуси давлатии ҳокимияти иҷроия – Идораи маъмурию ҳамоҳангсозӣ ва воситаҳои қабули қарорҳои мувофиқашуда амалӣ мешавад.

Таҳлили анҷомгирифта шаҳодат медиҳад, ки таҷрибаи мусбати Япония оид ба таъмини кадрии ислоҳоти давлатӣ низ истисно намебошад. Бисёр давлатҳои рушдёфтаи саноатии ҷаҳон дар идоракунии давлатӣ аз таҷрибаи Япония истифода мебаранд. Ба ақидаи А. И. Турчинов, «ин амалияи

идоракунӣ сиёсати кадрҳо номида намешавад, аммо моҳияти он аз ин тағйир намеёбад».

Натиҷаи таҳқиқоти сиёсати кадрии хизмати давлатии Япония хеле ҷолиб мебошад ва метавонад дар ҷараёни ислоҳоти хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият мавриди истифода қарор гирад.

Р. Марр ва Г. Шмидт дар асарҳои худ қайд мекунанд, ки рушди иқтисодӣ, некуаҳволӣ ва амнияти давлат, ки аз захираҳои инсонӣ бармеояд, метавонад асоси бунёдии афзалиятҳои дарозмуддатро дар мубориза и рақобатӣ афзун намояд.[1]

Аз назари А. И. Турчинов, Н. И. Глазунов, В. И. Лукяненко, алҳол мафҳуми «сиёсати кадрҳо» маънои аввалияи худро аз даст додааст ва акнун фаъолияти субъекти идоракунии иҷтимоии ба амалисозии қобилияти кадрӣ ва баланд бардоштани сифати онҳо равонашударо инъикос менамояд. Метавон гуфт, ки сиёсати кадрҳо ба шакли умумӣ – муайян намудани тамоюлот дар кор бо кадрҳо, стратегияи таҷдид ва амалисозии муассири иқтидори кадрии ҷамъият мебошад.

Дигаргуниҳои амиқи сохтории Тоҷикистон таҳаввулоти бунёдиро дар тамоми зинаҳои идоракунии давлатӣ талаб менамояд. Азбаски вазъи дастгоҳи давлатӣ, иқтидор ва тавсифҳои сифатии он ба имконият ва нақши давлат чун иштирокчии идоракунии равандҳои иҷтимоӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, масъалаи ташаккул ва такмили мақомоти ҳокимияти давлатии амалкунанда дар вазъияти нави ҳуқуқӣ ва фазои навини иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ то имрӯз бо тамоми комилӣ ва мураккабии худ матраҳ аст.

Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳад таъкид карда шавад, ки имрӯз теъдоди ҳар чи бештари сиёсатмадорон, қонунгузорон ва маъмурон–мудирон аҳамияти иҷтимоии истифодаи идоракунии ҳайат *(захираҳои инсонӣ)* дар бунёди давлати қавӣ, замонасозии дастгоҳи он ва замонасозии хадамоти давлатиро дарк мекунанд. Дар ҷумлаи тадбирҳои дигар, ин ба асоси

---

[1] Ниг.: Управление персоналом в условиях социальной рыночной экономики [Текст] / под. науч. ред. Р. Марра и Г. Шмидта. – М. : Изд-во МГУ, 1997. – С. 5.

баланд бардоштани нақши мақомоти ҳокимият, фазои ҳуқуқӣ, таҳкими интизоми давлатӣ ва ташаккули масъулияти баланди кадрҳо, махсусан, кадрҳои роҳбарикунанда имконпазир аст.

Муаллифи диссертатсия як силсила нуқсониҳоро дар ташкилии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ошкор кардааст. Ин нуқсониҳо муассирии иҷтимоии фаъолияти дастгоҳи давлатиро коҳиш бахшида, тағйироти сиёсати давлатии кадрҳоро талаб менамоянд. Барои ҳалли ин масъала:

1. Хизматчиёни давлатӣ бояд омодагии махсус гиранд. Кормандони дорои маълумоти техникӣ маъмулан таҷрибаи кофии ҳалли вазифаҳои ҳам иҷтимоӣ ва ҳам ташкилӣ–техникӣ ва таҳлилӣ пайдо намоянд. Хизматчиёни машғул дар вазифаҳои поинтар аз нигоҳи коргузорӣ, таҳия кардани протоколҳо *(суратҷаласаҳо),* фарҳанги ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии худ эҳтиёҷ доранд;

2. Тартиботи калидии идоракунии кормандон (интихоб ва таъйин ба вазифа, пешрафт ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар ҳудуди дастгоҳ, коҳиши воҳидҳо ва аз вазифа озод кардан) бояд аниқ ва танзим карда шаванд. Нуқсонӣ дар ин соҳаҳо ба фаъолнокии меҳнатии кормандон таъсири манфӣ мерасонад ва нобоварӣ ба касби худро ба вуҷуд меоварад;

3. Дар сурати мавҷуд набудани банақшагирии дарозмуҳлати кадрӣ созмондиҳии низоми интихоб ва арзёбии кадрҳо имконнопазир аст. Низоми тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ташаккул дода шавад.

4. Меъёрҳои аниқи арзёбии воқеъбинонаи фаъолияти кормандон ҳангоми аттестатсия, суҳбати роҳбарони сохторҳо бо кормандон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ такмил дода шавад. Набудани банақшагирии кадрӣ боиси куҳансолии идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ) мегардад;

5. Ба мисли собиқ, амалан дар тамоми вазорату идораҳо мансабҳои холӣ вуҷуд доранд, баъзе мансабҳо чандин моҳҳо ё сол холӣ мемонанд.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия, омӯзиши амиқтари самтҳои асосии иҷтимоии таҳаввулоти кадрҳои мақомоти ҳокимияти тамоми зинаҳо зарур

аст. Бо дарназардошти талаботи кадрҳо, ба ин асос таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низомномаҳо, барномаҳо, нашри китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, адабиёт ва дастурҳои методӣ зарур аст.

Таҳқиқоти ҷанбаи иҷтимоии сиёсати кадрҳо метавонад аз мавқеи гуногуни илмӣ ба асоси равишҳои меъёрӣ, техникӣ–идоракунӣ, ниҳодӣ, функсионалӣ ва ғайра анҷом гирад. Таҳлили маҷмӯии натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳад, ки масъалаи таъминоти кадрҳои хизмати давлатӣ низомбандӣ шавад.

Моҳияти иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳо аз ташаккули коллективҳои коршоями меҳнатӣ, истифодаи мақсаднок ва муносиби захираҳои меҳнатии давлат иборат аст. Барои сиёсати давлатии кадрҳои иҷтимоӣ меъёри асосии он – равиши шахсиятӣ ва инфиродӣ муҳим аст.

Дар зуҳури ҷанбаи иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳо андешаи баробарии иҷтимоӣ ифода меёбад. Ин масъалаи мураккаб бо ҳуқуқи баробари ҷавобгӯи усулҳои адолат, равиши воқеъбинона нисбат ба муайян намудани мутобиқат байни нақши воқеии шахсияти алоҳида ё гурӯҳи иҷтимоии ҳаёти ҷамъиятӣ ва мақоми иҷтимоии онҳо, аз ҷумла, байни ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, меҳнат ва подоши онҳо, хизмат ва эътирофи ҷамъиятӣ таъмин карда мешавад.

Маншури байналмилалии ҳуқуқи ҷудоинопазири инсон аз эътирофи ин ки тамоми одамон озоданд, дар ҳуқуқ ва шаъни худ баробаранд; қонун ва ҳимоя барои тамоми одамон баробар аст, бармеояд.

Ба ин тартиб, моҳияти иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳо бо маҷмӯи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ таъмин карда мешавад, ки ҳалли онҳо ба манфиати халқ, фаъолияти ҳаётӣ ва рушди онҳо равона шудааст.

Меъёр ва нуктаҳои сиёсати давлатии кадрҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда, консепсияҳо, барномаҳою стратегияҳои давлатӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар дигар

ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдошта ба соҳаи мазкури танзими давлатӣ сабт гардидаанд.[1]

Сиёсати давлатии кадрҳои муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бар заминаи ҳуқуқӣ асос меёбад, усулҳои демократӣ ва нуктаҳои муосири илм дар бораи ҷомеаро ба эътибор мегирад, сатҳи маълумотнокӣ, шуғл ва бекорӣ, хусусиятҳои рушди фарҳангию таърихӣ ва демографӣ, ҳамчунин дигар омилҳоро ба назар мегирад. Ба ибораи дигар, илман асоснок мебошад ва таърихан ҷанбаи мушаххас, нақшавӣ ва ояндадор дошта мебошад.

Ба сабаби гуногунҷабҳа ва мураккаб бадани объекти омӯзиш, сиёсати давлатии кадрҳо дар таҳияи стратегия, рушд ва ҳадафманд будани захираҳои меҳнатии давлат ифода меёбад.

Сиёсати давлатии кадрҳо аз дигар намудҳои сиёсати давлатӣ бо мавзуи худ ба таври бунёдӣ фарқ мекунад. Ҷиҳати иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳо дар вазифае ошкор карда мешавад, ки онро ба таври объективӣ дар ҷомеа иҷро менамояд, яъне вазифаи барномарезии таҷдиди кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

Сиёсати муосири кадрҳои давлат – натиҷаи рушди тӯлонии таърихии алоқаманд бо таҳаввулоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Он дар ду шакл вуҷуд дорад – назариявӣ ва амалӣ. Табдили шакли аввал ба шакли дуюмро субъектҳои ҳокимият таъмин мекунанд. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳо бо роҳи боло бурдани нуктаҳои он ба мақоми қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳавасмандкунанда ва танзимкунандаи

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166; Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 25.06.2018); *Фармони* Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа»; *Фармони* Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2003 №1031 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти кадрӣ»; *Консепсияи* миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006 №94 тасдиқ карда шудааст; *Стратегияи* ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 №1713 тасдиқ карда шудааст; *Барномаи* давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 №496 тасдиқ карда шудааст; *Консепсияи* ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007 №289 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=7985 (санаи муроҷиат: 14.06.2019).

равандҳои кадрӣ ба фаъолияти амалии сиёсӣ табдил меёбад. Маҷмӯи ин ва дигар омилҳо ба сифати воситаи амалисозии сиёсати кадрҳо баромад мекунанд.

Шаклҳои стратегӣ ва тактикии сиёсати давлатии кадрҳо фарқ карда мешаванд. Якум, дурнамои дарозмуддат дорад ва ба дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегии субъект равона карда шудааст. Дуюм – кутоҳмуҳлат буда, ба ҳалли вазифаҳои ҷорӣ ва аввалиндараҷа равона шудааст. Сиёсати тактикӣ, ё тактикаи таъсири субъекти сиёсати давлатии кадрҳо ба атрофиёни худ бо ин ё он тарзи таъсиррасонӣ алоқаманд аст ва гуногуннавъии онро вобаста аз хусусиятҳои худи субъект ва воситаҳои таъсиррасони дар ихтиёраш буда ифода менамояд.

Тавре ки А. И. Турчинов қайд менамояд, сиёсати кадрҳо ба маънои васеи он – низоми муносибатҳои субъекти идоракунӣ ва иқтидори кадрҳо мебошад. Аммо ба маънои маҳдуди мафҳум «сиёсати кадрҳо» – фаъолияти субъекти идоракунӣ барои нигоҳдории ҳокимият ё мубориза барои ҳокимият мебошад. Чунин маънои мафҳуми «сиёсати кадрҳо» кайҳо боз дар афкори ҷамъиятӣ реша давонидааст ва асосу ҳуқуқи мавҷудият дар доираи амалияи иҷтимоиро дорад.[1]

Имрӯз истилоҳи «сиёсати кадрҳо» дар назария ва амалияи идоракунӣ чун низоми ҳадафманди фаъолияти субъекти идоракунӣ нисбат ба кадр баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, сиёсати давлатии кадрҳо, фаҳмиши шаклӣ ва моҳиятии мавзуъро баррасӣ намуда, мо ба чунин **хулосаҳо** расидем:

– мавҷудияти субъектҳо ва объектҳои сершумор хусусият, сифат ва моҳияти иҷтимоии сиёсати давлатии кадрҳоро инъикос менамояд. Бисёр ниҳодҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ, сохторҳои соҳибкорию хоҷагӣ ва дигар сохторҳо субъектҳои ташаккул ва

---

[1] Ниг.: Турчинов А. И. Кадровая политика как социальное явление [Текст] / А. И. Турчинов // Управление персоналом. – 2002. – Гл. 3. – С. 45.

пешбурди сиёсати нави кадрӣ дар шароити шаклгирии давлати демократӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд мебошанд;

– аз тарафи муаллифи диссертатсия марҳалаҳои зерини тарҳрезии сиёсати давлатии кадрҳо чун падидаи иҷтимоӣ ошкор ва табақабандӣ шудаанд:

– ташаккули доктринаи кадрии муайянкунандаи самти консепсияи сиёсати давлатии кадрҳо;
– муайян намудани ҳадафҳо, афзалиятҳо, равишҳо ва методҳо;
– таҳия намудани барномаҳо (ҳадафнок, соҳавӣ, маҷмӯӣ ва ғайра);
– таҳия намудани нақшаҳо ва интихоби воситаҳои пешбурди сиёсати кадрҳо, муайян намудани фишангҳои таъсиррасонӣ ва усулҳои танзими масъалаҳои мушаххас.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти махсуси масъала, мо дар доираи мавзуи диссертатсия омӯзиш ва таҳлили асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳоро, бахше аз самтҳои асосии таҳқиқоти худ қарор додем. Бинобар ин, мувофиқи мақсад медонем, ки дар масъалаи мазкур баъзе **натиҷаҳоро** баррасӣ намоем:

– ба андешаи намояндагони аксари мактабҳои илмӣ сиёсати давлатии кадрҳо дар доираи сатҳҳо ва шохаҳои асосии идоракунии давлат амалӣ мешавад. Ниҳоди таъминоти кадрии идораи давлатӣ ва маҳаллӣ дар сиёсати давлатии кадрҳо ҷойгоҳи афзалиятнокро ишғол мекунад;

– донишмандон масъалаҳои ҳамалоқамандии унсурҳои ташкилию идоракунӣ ва арзишии сиёсати давлатии кадрҳоро омӯхтаанд;[1]

– танзими дурусти сиёсати давлатии кадрҳо зарурати баланд бардоштани муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ дар марҳалаи навини таърихи давлати моро эҷоб менамояд;

– асоси фаъолияти давлатро иҷрои вазифаҳои сиёсати давлатии кадрҳо чун муҳимтарин сиёсати давлат ташкил медиҳад;

---

[1] Ниг.: Охотский Е. В. Государственная кадровая политика и механизм ее реализации. Кадро-ведение : изд. 2-е. доп. и перераб. [Текст] / Под общ. ред. Е. В. Охотского – М. : РАГС, 1998. – С. 292–314.

– мафҳуми сиёсати давлатии кадрҳо, ки чун ниҳоди иҷтимоӣ баррасӣ мешавад, аз рӯйи мазмун нисбат ба сиёсати давлатии кадрҳо, ки дар он фақат давлат чун субъект баромад мекунад, васеътар аст. Дар таркиби ниҳоди иҷтимоии сиёсати кадрҳо дигар ниҳодҳо: сохторҳои соҳибкорӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ низ дохил мешаванд;

– низоми андешаҳо, донишҳои назариявӣ, усулҳо, робитаҳои ифодакунандаи сиёсати кадрҳо бо шароити мушаххаси таърихии рушди давлат алоқаманд аст. Онҳо ҳадафҳо, вазифаҳо ҷанбаҳои тадбирҳои ташкилию амалии мақомоти давлатиро (хусусӣ, ҷамъиятӣ) муайян менамоянд, ки аз мутамаддинии ҷомеа, аз хислат ва нақши давлат ва низоми ҳокимиятдорӣ вобастаанд. Ҳаҷм ва ҳудуди танзими давлатии равандҳои кадрӣ низ аз рӯйи самтгирии динамикӣ ва стратегии рушди давлатдорӣ, суръат ва сифати нишондиҳандаҳои дигаргуниҳои бозорӣ ва сатҳи мутамаддинии ислоҳоти демократӣ муайян карда мешаванд.

# БОБИ 2. ПАЙДОИШ, ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲО

## 1. Пайдоиш ва ташаккули назарияи сиёсати давлатии кадрҳо: марҳалаҳои асосӣ ва натиҷагириҳо

Ҳар як раванд ва падида роҳи мураккаби пайдоиш, шаклгирӣ ва такмилро тай менамояд. Технологияи идоракунӣ таърихи дерина дошта ва рушди он марҳалаҳои муайянро тай кардааст. Ҳар як раванд ва падида роҳи мураккаби пайдоиш, шаклгирӣ ва такмилро тай менамояд. Сиёсати давлатии кадрҳо чун падидаи иҷтимоӣ–сиёсӣ якҷо бо ниҳоди давлат пайдо шуда, дар роҳи тӯлонии рушди давлат ҳамроҳи зернизоми иқтисодии, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа таҳаввул намудаанд. Бинобар ин, таҳлили марҳалаҳои асосии пайдоиш ва рушди афкори мутафаккирон оид ба масаъалаи идоракунӣ бо такя ба усули таърихнигорӣ чун методи асосии таҳқиқоти илмҳои ҷомеашиносӣ зарур аст.

Назария ва амалияи идораи давлатӣ таҷрибаи ғании таърихӣ дорад. Тайи тамоми мавҷудияти ниҳоди давлатӣ, аз давраи Мисри Қадим сар карда, то рӯзҳои мо, олимон ва сиёсатшиносон як силсила ғояҳо ва андешаҳои ҷолиби такмили сиёсати кадриро тарҳрезӣ ва пешниҳод намудаанд.

Тибқи маълумотҳои дастрас, сиёсати кадрҳо ва хадамоти давлатии Мисри Қадим нахустин назария ва амалияи идоракунии низоми давлатдорӣ ба шумор меравад. Сохтори сиёсии Мисри Қадим намунаи давлатдории аз ҳама мутамаркази Шарқи Қадим шуморида мешавад. Ҳокимони Мисри Қадим низоми созмонёфтаи идоракунии маъмурияти давлатиро бунёд намуда буданд. Мутобиқи муқаррарот дар бораи уҳдадориҳои хизматӣ дар Мисри Қадим дастгоҳи муташаккили мансабдорон ташкил гардида буд. Мансабдорон аз рӯйи уҳдадориҳои вазифавии мушаххаси худ ба мақомҳои

гуногун ҷудо карда шуда буданд. Яъне нахустин шакли дараҷабандии маъмурӣ дар Мисри Қадим ҷорӣ гардида буд.

Дар Мисри Қадим олитарин вазифа баъд аз фиръавнро Амалдори олимақом ишғол мекард. Вазифаи ӯ иборат аз қабули тамоми мансабдорон ва гузориш додан ба фиръавн буд. Ӯ тамоми амалдорони Мисри Боло ва Мисри Пойин, масъулони иҷрои вазифаҳо дар маҳкама ва дигар мансабдоронро таъйин мекард. Амалдори олимақомро дар баъзе манбаъҳо «чати» ё «вазир» номидаанд. Ин вазифаро маъмулан фарзанди фиръавн ё хешованди наздики ӯ ишғол мекард.

Наздикатарин ёрдамчии фиръавн, ки мавқеи дуюмро дар дараҷабандии ҳокимият ишғол мекард, Идоракунандаи корҳои дарбори ҳоким шуморида мешуд, ки ҳамзамон, вазифаи хазинадори давлатро низ иҷро мекард. Муқаррарот дар бораи вазифаи шаҳрдори Фив[1] аз он шаҳодат медиҳад, ки идоракунии давлати Мисри Қадим аз рӯйи низоми дарборӣ-меросӣ ташкил шуда буд.

Дар мақоми мансабҳои Мисри Қадим мавқеи сеюмро тайёркунандаи захираҳои давлатӣ ишғол мекард. Мутобиқи таъйиноти Амалдори олимақом раёсати маъмуриятҳои маҳаллӣ-вилоятиро номархҳо[2] ба уҳда доштанд. Мансабдорон дар Мисри Қадим барои хизмати давлатӣ соҳиби мулк мешуданд.

Ба мақсади идоракунии муассири давлат фиръавн аз ҷумлаи мансабдорони олимартабаи давлатӣ ниҳоди ёрдамчиёнро ташкил медод. Масалан, вазифаҳои ёрдамчӣ оид ба корҳои хоҷагӣ, сардори маҳкама, оид ба назорати фаъолияти номархҳо, назорати захираҳо дар анборҳои ҳоким, устохонаҳои фиръавн ва ғайра вуҷуд доштанд. Дар назди ҳар як мансабдори давлатӣ теъдоди зиёди котибон кор мекарданд, ки корҳои ҳисобу китобро анҷом дода, ба ҳоким гузориш медоданд.

---

[1] *Фив* – номи юнонии пойтахти Мисри Қадим.

[2] *Номарх* – роҳбари вилоят дар Мисри Қадим. Мисри Қадим аз рӯйи тақсимоти маъмурӣ–ҳудудӣ ба 40 вилоят тақсим шуда буд.

Хусусияти хоси идоракунии давлатии Мисри Қадим аз он иборат буд, ки занон аз нигоҳи ҳуқуқӣ тақрибан дар як мавқеъ бо мардон қарор доштанд. Занон мисли мардон метавонистанд вазифаи давлатӣ ва ҳатто тахти подшоҳиро ишғол намоянд.[1]

Анъанаи дигари идоракунии давлатии Мисри Қадим аз он иборат буд, ки ҳатто мансабдорони аз ҳама олимақом ҳуқуқи фармон додан ба қувваҳои мусаллаҳро надоштанд. Ба қувваҳои мусаллаҳ шахсан фиръавн ё наздиктарин хешованди ӯ фармон медод. Баъзан фармондеҳии қувваҳои мусаллаҳ ба шахси боэътимоди фиръавн аз ҷумлаи донандагони ботаҷрибаи корҳои ҳарбӣ супорида мешуд.

Хусусияти сеюми низоми маъмурии давлати Мисри Қадим аз он иборат буд, ки мансабдорон ҳуқуқ доштанд мансаби худро ба мерос гузоранд, дар сурате, ки фарзандони даъвокунандаи мансаби давлатии онҳо аз дарси махсус мегузаштанд ва ба сифати ёрдамчиён, котибон ва ҳисобчӣ кор мекардаанд.

Мардум ба мансабдорон эҳтиром намегузоштанд, вале аз онҳо метарсиданд. Сабаби муносибати манфӣ ба дастгоҳи давлатӣ дар Мисри Қадим дар он буд, ки мансабдорон на танҳо аз ҳисоби мардум сарватманд мешуданд, балки аз ҳисоби дуздии дороии фиръавн, порахӯрӣ, суйистифода аз мансаб, ҷинояти мансабӣ ва ғайра сарват ҷамъ мекарданд.

Маводи мавҷуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки нигоҳдорандагони либос, кафш ва бодбезаки фиръавн низ ба ҷумлаи мансабдорони давлатӣ дохил мешуданд. Маълумоти муҳим дар бораи вазифаи мансабдорони Мисри Қадим дар навиштаҷот дар оромгоҳи мансабдорони олимақом, ки дар назди аҳромҳои фиръавн ҷой дода мешуданд, дарҷ гардидааст. Масалан, амалдор Мечен дар девори оромгоҳи худ дар бораи мансабҳои давлатӣ, ки дар умри худ ишғол намудааст, маълумот медиҳад: сардори хадамоти сарҳадӣ, сардори хадамоти озуқаворӣ, сардори идораи молия, сардори шуъбаи коргузорӣ,

[1] Ин анъана дар даврони подшоҳи сеюми сулолаи аввали давлати Мисри Қадим муқаррар гардида буд.

қозии мақомҳои гуногун.[1] Баъзе мансабдорон дар як замон чанд вазифаро иҷро мекарданд.

Идоракунии давлатӣ ва сиёсати кадрҳои Мисри Қадим ба усулҳои идоракунии марказ-давлатӣ асос меёфт. Чунин низоми идоракунӣ шакли низоми маъмурӣ–фармонии Шарқи Қадимро тавсиф менамояд, ки аниқ муайян кардани уҳдадорҳои вазифавии дастгоҳи давлатӣ ва тобеияти ҷиддии амудиро пешбинӣ мекард.

Дар Мисри Қадим ҷиҳати омода кардани мансабдорони давлатӣ муассисаҳои таълимии касбӣ ташкил шуда буданд, ки ба онҳо фарзандони мансабдорон ва ашрофзодагон қабул мешуданд. Барои шогирдони чунин муассисаҳои таълимӣ муҳлати санҷишӣ муқаррар мешуд ва баъд аз гузаштан аз ин муҳлат онҳо ба муассиса қабул мешуданд. Марказҳои таълимӣ, ки дар онҳо мансабдорони ояндаи давлатӣ тайёр мешуданд, дар Гелиопол ва Мемфис амал мекарданд.[2]

Назария ва амалияи сиёсати кадрӣ ва идораи давлатӣ дар Бобулистони Қадим хусусияти хоси худро дошт. Давлати Бобулистони Қадим монанди Мисри Қадим давлати подшоҳии мутамарказ буд, ки дар он ҳокимон усули муайяни идоракунии корҳои давлатиро, ки дар дарбори подшоҳ тамаркуз ёфта буд, таъсис дода буданд. Мансабҳои баланд дар давлат ба ашхосе тааллуқ дошт, ки хоҷагии подшоҳиро идора мекарданд. Дар давлати Бобулистони Қадим мансабдорони олирутбаи давлатӣ вазир, сарпешхизмат (идоракунандаи корҳои дарбори подшоҳ), сардори молия, сарфармондеҳи ҳарбӣ ва ғайра буданд. Монанди Мисри Қадим котибҳо гурӯҳи алоҳидаи дастгоҳи мансабдоронро ташкил медоданд.

Сохтори мақомоти идоракунии Бобулистони Қадим ба мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ тақсим шуда буд. Подшоҳ аз ҷумлаи атрофиёни

[1] Навиштаҷоти иероглифӣ дар девораҳои оромгоҳи назди Абусираи мансабдори Мисри Қадим Мечен (охири сулолаи III ва оғози сулолаи IV, тақрибан соли 2900 пеш аз мелод) дар осорхонаи Берлин нигоҳдорӣ мешавад.

[2] Ниг.: Хрестоматия по истории государства и права зарубежных стран [Текст] / автор-сост. : В. Н. Садиков. – 2-е изд., перераб. и доп. – М. : ТК Велби, Изд-во Проспект, 2008. – С. 5–7.

наздиктарини худ шаҳрдоронро таъйин мекард, ки шаҳрҳои калонро идора мекарданд.

Шакли идоракунии Бобулистони Қадим низоми подшоҳии шарқӣ–динӣ буда, дар дастгоҳи давлатӣ мансабдори олирутба – «лугал» ё «патеси-лугал» қарор дошт, ки тамоми ҳокимиятро дар ихтиёр дошт ва дар айни замон, сарфармондеҳи низомӣ ва қозии олӣ низ буд. Чун Миcри Қадим, дар ин ҷо низ мансабдорон якчанд вазифаро иҷро мекарданд. Онҳо ҳам фишангҳои идоракунии тамоми давлат ва ҳам идоракунии дарборро дар даст доштанд. Ёрдамчии аввали лугали Бобулистони Қадим қасрдор буд, ки ӯро «нубанда» меномиданд. Аз рӯйи анъана ин мансабро яке аз хешовандони назиктарини ҳоким ишғол мекард. Нубанда мансабдорон ва хизматгорони зиёдро дар ихтиёр дошт, амлоки подшоҳро идора мекард, ба таъсисоти обёрӣ, молия, корҳои хоҷагӣ назорат мекард. Аз рӯйи салоҳият баъд аз нубанда дигар мансабдорони меомаданд: хазинадор, сардори муҳофизон, сардори горд ва посбонон, мушовирони подшоҳ, фармондеҳони ҳарбӣ.

Сиёсати кадрии Ҳинди Қадим дар доираи анъанаҳои ғании илмӣ ва амалии Шарқ ташаккул ёфтааст. Ҳинди Қадим давлати мутамаркази истибдодӣ буд. Дар осори мутафаккирони Ҳинди Қадим андешаи идоракунии давлат инкишоф ёфта буд. «Қонунҳои Ману» ва «Артхашастра» воқеан сарчашмаи боарзиш барои омӯхтани афкори сиёсӣ ва сиёсати маъмурии ҳокимони Ҳинди Қадим мебошанд.

Рисолаи асосгузори фалсафаи сиёсии Ҳинд Чанакя Каутиля «Артхашастра»–ро сиёсатшиносон китоби дарсӣ ва дастурамал оид ба ташкил ва амалӣ намудани сиёсати кадрҳо меноманд. Тасодуфӣ нест, ки тарҷумаи ин китоб дар забони русӣ «Наука политики» *(«Илми сиёсат»)* номида шудааст. Мутафаккирони Ҳинди Қадим таълимот дар бораи идоракунии давлатро «илми ягона» мешумориданд. Ба ақидаи онҳо, «бо ин илм тамоми дигар илмҳо алоқаманданд», он «сиёсати дуруст ва нодурустро таҳқиқ мекунад, ба одамон фоида мерасонад, дар бадбахтӣ ва хушбахтӣ

рӯҳияро тақвият мебахшад ва қобилияти мулоҳиза рондан, сухан гуфтан ва амал карданро меомӯзонад».[1]

Чанакя Каутиля баъзе бобҳои рисолаи бунёдии худ «Артхашастра» *(«Илми сиёсат»)*–ро ба мавзуи сиёсати кадрҳо бахшидааст. Ӯ аз ҷумла менависад, ки лаёқати ашхос барои ишғоли мансаби вазир бо чунин меъёр муайян карда мешавад: «иҷрои он чи ки ба онҳо омӯхта шудааст ё зиёдтар аз он».[2]

Дар рисолаи «Артхашастра» тавсияҳои амалӣ барои давлатмардони Ҳинди Қадим, усулҳои идоракунӣ, таъйини вазирон, интихоби мансабдорон барои хизмати давлатӣ, тақсимбандии мансабдорон ба хуб, миёна ва бад бар асоси талаботи муайянгардида оварда шудааст.

Дар «Артхашастра» боби махсус мавҷуд аст, ки «Уҳдадориҳои подшоҳ» ном дорад. Дар он гуфта шудааст, ки подшоҳ бояд чи гуна ва дар кадом вазъият мансабдорони худро интихоб ва таъйин намояд ва дастгоҳи маъмурии худро ҷиҳати идоракунии давлат ташаккул диҳад.

Дар «Қонунҳои Ману» тавсияҳо барои подшоҳ дар бораи тарзи таъйини сафирон, ки он замон мансабдорони олирутбаи хизмати давлатӣ шуморида мешуданд, оварда шудааст. Масалан, дар моддаи 63-и «Қонунҳои Ману» гуфта шудааст, ки ба сифати сафир бояд шахсе таъйин карда шавад, ки поквиҷдон, хирадманд бошад то ин ки ба маънои ниҳонии имову ишораи беихтиёрона ва симои шахс сарфаҳм равад, асилзода бошад…сафири подшоҳ бояд хотираи хуб дошта бошад, ботаҷриба бошад, боҷуръат ва суханвар бошад.[3]

Ташаккули назария ва амалияи раванди кадрҳо дар Хитои Қадим марҳалаи олитарини идоракунии давлатӣ дар Шарқӣ Қадим ба шумор меравад. Хитои Қадим дар таърихи сиёсии Шарқи Қадим аз нигоҳи бунёди воситаҳои муассири идоракунии давлат ҷойгоҳи шоистаро ишғол мекунад.

---

[1] Ниг.: Каутилья Ч. Артхашастра [Текст] / Ч. Каутилья. – М. : Наука-Ладомир, 1993. – С. 23.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ниг.: Хрестоматия по истории государства и права зарубежных стран [Текст] / автор-сост. : В. Н. Садиков. – 2-е изд., перераб. и доп. – М. : ТК Велби, Изд-во Проспект, 2008. – С. 30–41.

Амалияи сохти давлатдорӣ, ташаккули дастгоҳи мансабдорон ва идоракунӣ дар империяи Хитой аз таҷрибаи ғании сиёсӣ–маъмурии ҷомеаи Хитои Қадим шаҳодат медиҳад.

Марҳалаи хитоии пайдоиш ва таҳаввулоти сиёсати давлатии кадрҳо нуқтаи авҷи афкори Шарқи Қадим дар соҳаи технологияи кадрҳо ва таъсиси низоми идоракунии дарборӣ шуморида мешавад. Ҳокимон ва мутафаккирони Хитои Қадим ба ҷанбаи илмии ташкилии сиёсати давлатии кадрҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд. Давлати Хитои Қадим *(хонҳо)* ҳамеша бо сатҳи баланди фаъолияти дастгоҳи маъмурӣ фарқ мекард. Мутафаккири маъруфи хитоӣ Конфутсий низоми дуруст созмонёфтаи сиёсати кадрҳоро асоси сохти давлатдории одилона мешуморид.[1]

Саҳми назария ва амалияи давлатдории Хитои Қадим аз он иборат аст, ки онҳо асоси технологияи сиёсии озмуни кадрӣ ва интихоби меритократии мансабдоронро аз рӯйи меъёри хизмати шахсӣ заминагузорӣ кардааст. Ба ақидаи С. Н. Паркинсон, дар асри XIX англисҳо ва франсиявиҳо ин андешаҳои хитоиҳоро қабул карданд ва барои ташаккули сиёсати кадрии меритократӣ дар Британияи Кабир истифода бурданд.[2]

Сарчашмаи интихоби озмунии элитаи маъмурии Хитои Қадим то анъанаҳои сиёсии Конфутсия мерасад. То таълимоти Конфутсий сиёсати кадрҳо дар Хитой аз рӯйи усули ба вазифаҳои давлатӣ таъйин кардани мансабдорон аз ҷумлаи хешовандони наздики император ё намояндагони доираи ашрофӣ сурат мегирифт. Таҷриба нишон дод, ки интихоби озмунии дастгоҳи идоракунӣ дар бунёди давлати мутамаркази воҳид дар Хитои Қадим нақши асосӣ бозӣ кардааст. Ба туфайли низоми мазкур ҳокимони хитоӣ тавонистанд мавқеи ҳокимияти императориро дар муқобили мавқеи ҷудоиталабонаи ашрофҳои пешина тақвият бахшанд.

Сарфи назар аз он ки технологияи озмунии сиёсати Хитои Қадим нақши бузурги таърихии худро бозӣ кард, тибқи қонуни диалектикаи

---

[1] Конфуций. Мысли. Изречения. Афоризмы [Текст] / Конфуций. – Минск : Современное слово, 1998. – С. 28.
[2] Ниг.: Паркинсон С. Н. Законы Паркинсона [Текст] / С. Н. Паркинсон. – Минск : ООО «Попурри», 2002. – С. 16.

иҷтимоӣ, ҳар гуна технологияи сиёсӣ дар худ нуқсониҳоро низ ниҳон дорад. Тавре ки сардафтари назарияи элита Г. Моска таъкид кардааст, «аксар вақт имтиҳонгирандагон бар ивази пул (пора – *П. Н.*) созиш мекунанд. Баъзан ҳатто ҳукумат унвонҳои гуногуни академиро мефурӯхт, ки ин боиси ишғоли мансабҳои давлатӣ аз тарафи ашхоси комилан нолоиқ мешуд».[1]

Дар Асрҳои миёна пайравони Конфутсий кӯшиш мекарданд лаҳзаҳои коррупсиониро аз сиёсати кадрӣ нобуд созанд. Масалан, пайрави Конфутсий дар асри миёна Ли Гоу (асри XI милодӣ) машварат медод, ки: «Агар номҳоро шириш карда (кур карда – *П. Н.*), нусхаҳои дастнавис аралаш шаванд, он гоҳ арзиши онҳоро ягон имтиҳонгиранда наметавонад на кам нишон диҳад, на зиёд».[2]

Асосгузори «Мактаби легизм («Фа-сзя») Шан Ян усули махсуси низоми хизмати шоистаро дар амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳо матраҳ намуд. «Усуле, ки бо кумаки он ҳокими хирадманд бояд ба Хитой роҳбарӣ кунад, чунин аст: дар тамоми корҳо аз қонун пайравӣ кунад ва ҷоизаро мутобиқи хизмати шоистаи шахсӣ диҳад. Кӯшиш барои дарёфти мақоми асилзодагӣ ё музд одамонро дар ҷанг ба диловарии беандешона тела медиҳад».[3]

На фаҳмиши бенуқсони таълимоти Конфутсий, балки хизмати шоистаи шахсӣ бояд омили асосӣ дар пешрафти мансабдор ба мақомҳои боло бошад. Бояд хотиррасон кард, ки шарафи таҳияи нахустин дар таърих «феҳристи мансаб ва рутба», ки амалияи гузариши мансабдорони ҳарбӣ ва шаҳрвандиро бо мураттабии ҷиддӣ аз зинаҳои мансабии пойин ба боло пешбинӣ менамояд, маҳз ба легистҳо тааллуқ дорад. Моҳияти сиёсии легизм дар «пешрафти бузург» ва «инқилоби фарҳангӣ»–и Мао Тзедун, дар амалияи «пешбарии кадрҳо»–и сиёсати кадрии Иосиф Сталин равшан ба мушоҳида мерасад.

---

[1] Моска Г. Правящий класс [Текст] / Г. Моска // Социол. исслед. – 1994. – № 10. – С. 192.
[2] Лю Шао. Искусство властвовать: План обогащения государства; План усиления армии; План успокоения народа (XI в.) / О человеческом существе (III в.) [Текст] / пер. с кит. Г. В. Зиновьева. – М. : Белые альвы, 2001. – С. 137.
[3] Шан Ян. Книга правителя области Шан [Текст] / Шан Ян. – М. : Рипол Классик, 2017. – С. 227.

Метавон натиҷагирӣ кард, ки анъанаҳои кадрии Шарқи Қадим ба андешаҳои муосири сиёсати давлатии кадрҳои Ғарб таъсири қавӣ расонид.

Сиёсати кадрии замони атиқа, сароғози ин навъи фаъолият дар Европа мебошад. Сиёсати кадрҳои Юнони Қадим дар шароити нави сиёсию ҳуқуқии усулан фарққунанда аз Шарқи Қадим ташаккул ёфт. Он бо зуҳури сохти нави сиёсӣ – демократияи атиқа алоқаманд аст, ки ба ташкили дастгоҳи давлатӣ таъсири ҳалкунанда расонид.

Мутафаккирони Юнони Қадим назарияи сиёсати кадриро бо бисёр навигариҳо, масалан, бо интихобӣ будани хизмати давлатӣ ғанӣ гардониданд. Дар Юнони Қадим аввалин бор фаҳмиши ҷомеаи шаҳрвандӣ чун субъекти равандҳои кадрӣ зоҳир шуд.

Афлотун дар асари худ дар бораи шаклҳои дуруст ва нодурусти идоракунии давлатӣ мулоҳизаронӣ намуда, чунин мешуморид, ки дар давлати одилона дастгоҳи маъмурӣ бояд аз ҷумлаи файласуфон–хирадмандон, ки давлатро идора намоянд ташаккул ёбад. Табақаҳои дигар – посбонон бояд ба муҳофизат ва ҳунармандон ба тавлиди неъматҳои моддӣ машғул шаванд. Ин ҷо мо таъсири таълимоти Конфутсийро мушоҳида мекунем, ки гуфта буд: «дар идоракунии давлат ҳоким – ҳоким, амалдор – амалдор, падар – падар ва писар – писар бошанд».[1]

Ба ақидаи Афлотун, ҳангоми интихоб ва тарбияи файласуфон–ҳокимон ва посбонон бояд ашхоси аз ҳама боэътимод, ҷасур ва хушқаду қоматро интихоб кард. Бояд на танҳо ба ашхоси ашрофзода, балки ба дигар шахсоне, ки чунин хислатҳоро доро ҳастанд, таваҷҷуҳ зоҳир намуд.[2]

Усулҳои афлотунии тарбияи кадрии элитаи ҳоким дар назарияи мактабҳои ҷамъиятии элита дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Иттифоқи Европа ба инобат гирифта шуд. Сарфи назар аз муносибати расмию ҳуқуқӣ нисбат ба ишғоли мансабҳои давлатӣ, интихоби кадрҳои элитаи сиёсӣ амалан аз ҷумлаи хатмкардагони мактабҳои бонуфуз сурат мегирад.

---

[1] Политология : хрестоматия [Текст] / Б. А. Исаев. – СПб. : Питер, 2008. – С. 12.
[2] Ниг.: Платон. Государство. Законы. Политика [Текст] / Платон / Предисл. Е. И. Темнова. – М. : Мысль, 1998. – С. 161.

Арасту зимни таҳлили усулҳои интихоби шаҳрвандон барои ишғоли мансабҳои давлатӣ, ки дар асари «Давлат»–и Афлотун зикр гардидааст, ӯро танқид карда, навиштааст: «ҳокимият, ки ҳамеша дар дасти одамони алоҳида мебошад, сарчашмаи қаҳру ғазаби ҳатто одамони ором мегардад, на танҳо тундхӯён *(бадфеълон)* ва ҷангҷӯён».[1]

Аз назари Арасту, номзадҳо ба мансабҳои давлатӣ бояд се сифат дошта бошанд: «*аввалан,* нисбат ба сохти мавҷудаи давлатӣ хайрхоҳ бошанд; *баъдан*, қобилияти хуби иҷрои вазифаҳои худро дошта бошанд ва *сеюм,* бо некӯкорӣ ва адолати мутобиқ бо ҳар як шакли давлатдорӣ фарқ кунанд».[2]

Арасту зимни мулоҳизаронӣ дар бораи намудҳои ҳукмронии боадолатона ва беадолатона, таъкид менамояд, ки ҷанбаи баргузидагии ҳокимият дар тарзи таъйини ашхос ба ягон мансаб зоҳир мешавад: «масалан, аз рӯйи қуръа аз ҷумлаи ашхоси пешакӣ интихобшуда… вақте, ки дигарон аз ин маҳруманд».[3] Дар ин сурат, хатари забоняккунии чанд ашхос ба миён меояд, ки аз рӯйи майлу хоҳиши худ интихоб мекунанд».[4]

Метавон таъкид кард, ки маҳз ақидаҳои Арасту асоси низоми муосири интихоби кадрро заминагузорӣ кард, ки дар замони мо дар давлатҳои дорои низоми демократӣ ба таври васеъ ривоҷ ёфтааст.

Дар рушди сиёсати кадрӣ афкор ва амалияи Рими Қадим назаррас аст. Дар давлати намунавии Рим дастгоҳи доимии мансабдорон вуҷуд надошт. Тамоми ҳокимияти иҷроия дар дасти магистраторҳо – ашхоси мансабдори интихобӣ тамаркуз ёфта буд. Иҷрои уҳдадориҳои магистрат ифтихорӣ буд, аммо ройгон, бинобар ин, шаҳрвандони одии Рим наметавонистанд вазифаи магистратураро ишғол намоянд. Фақат дар соли 63 пеш аз милод Гай Юлий Сезар аз сенат ва мардум ҳуқуқи тавсияи номзадҳо ба вазифаи магистратро дарёфт намуд, аммо амалан интихоб ва таъйини ашхос ба ин мақом дар ихтиёри ин ҳокими муқтадир қарор дошт.

---

[1] Аристотель. Политика. Афинская полития [Текст] Аристотель / Предисл. Е. И. Темнова. – М. : Мысль, 1997. – С. 67.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 184.
[3] Аристотель. Политика [Текст] / Аристотель – М. : РИПОЛ-классик, 2010. – С. 108–109.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 110.

Ворисi Сезар – Октавиан Август ба ташаккули мақомоти доимии идоракунӣ оғоз кард. Ин идораҳои дорои низоми тобеъият, воҳиди кормандони доимӣ ва идораи коргузорӣ буданд. Дар ин дастгоҳи мақомоти иҷроия низоми интихоби магистратур як ҷузъи тобеи он гардид. Октавиан Август дар таърихи сиёсати кадрҳо боз аз он ҷиҳат ворид шуд, ки кӯшиш мекард бо кумаки сиёсати кадрӣ масъалаҳои демографиро ҳал намояд: «Ӯ беникоҳиро сарзаниш мекард ва падарони оилаи серфарзандро дар хизмати давлатӣ ҳавасманд мекард».[1]

Баъдан ин анъана дар давлатҳои германии асри XVIII идома ёфт. Дар Пруссия дар замони ҳукмронии Фридрихи Бузург «аз ҷумла, ашхоси муҷаррад аз ҳуқуқи иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ маҳрум карда шуданд».[2] Чунин амалия қисман дар Иттифоқи Советӣ низ дар сиёсати кадрӣривоҷ дошт, яъне дар шароити баробар ҳангом таъйин ба мансаб, ё барои кор ба хориҷа ба кормандони оиладор афзалият медоданд.

То ҳукмронии император Адриан дар Рими Қадим идораҳои маъмурӣ чун қисми хоҷагии шахсии император баррасӣ мешуданд. Адриан роҳбарони идораҳоро аз ҷумлаи ҷанговарони савора таъйин мекард, барои онҳо музди меҳнати баланд муқаррар намуда, салоҳияти ҳуқуқӣ медод. Дар дохили ин идораҳо раёсатҳо ва шуъбаҳо ташкил шуда буданд, ки дар онҳо воҳиди сершумори мансабдорон амал карда, тобеи роҳбари идора буданд. Ташаккули ҳокимияти ниҳоии Рими Қадим пас аз ислоҳоти маъмурии император Диоклетиан анҷом ёфт.

Таҳлили таҳаввулоти сиёсати кадрии Рими Қадим равшан шаҳодат медиҳад, ки он аз сатҳи рушди сиёсии ҷомеа ва дараҷаи мураккабии низоми иҷтимоӣ вобаста буд. Афзоиши шумораи тобеон, мураккабшавии низоми иқтисодӣ ва робитаҳои иҷтимоӣ, яксон набудани худуд ва таркиби қавмии аҳолӣ дастгоҳи фарохи маъмурӣ ва воситаҳои мукаммалтари кадриро талаб менамояд.

---

[1] Соколов Б. В. Сто великих политиков [Текст] / Б. В. Соколов. – М. : Вече, 2013. – С. 47.

[2] Платонов Ю. П. Этнический фактор. Геополитика и психология [Текст] / Ю. П. Платонов. – СПб. : Речь, 2002. – С. 92.

Давраи атиқа низоми рушдёфтаи маъмурӣ надошт, бинобар ин, ба ақидаи мо, тарҳрезии назариявии роҳу воситаҳои кадрии замони атиқа ба низоми мушобеҳи давлатҳои Шарқи Қадим намерасид. Аммо андешаҳои матраҳкардаи онҳо, монанди: халқ асоси иҷтимоии равандҳои кадрӣ мебошад ва ҳуқуқи баробари тамоми шаҳрвандон барои ишғоли вазифа, ба рушди минбаъдаи сиёсати кадрӣ таъсири назаррас гузошт. Масалан, дар Рими Қадим дар замони Юстиниан қоидаи ҳатман зина ба зина гузаштан аз мансаби пойин ба мансаби боло шакл гирифт: «Яъне касе, ки шоистаи мартабаю рутбаи пойин набошад, ба ҳеҷ сабаб шоистаи рутбаи баланд намешавад».[1] Маҳз ҳамин андешаро дар асри XX низоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрии Иттифоқи Советӣ қабул кард.

Сиёсати идоракунии Шарқ дар Асрҳои миёна дар назария ва амалияи фаъолияти кадрии давлатҳои Сосониён ва Сомониён инъикоси худро пайдо намуд. Ҷараёни сиёсӣ–таърихии рушди давлати Сосониён ва Сомониён бунёди давлати муқтадири мутамарказро талаб мекард. Сомониҳо бо мақсади ҳифзи истиқлол ва таҳаввулоти идоракунии давлатӣ дастгоҳи давлатиеро тарҳрезӣ намуданд, ки аз дастгоҳ ва идоракунии марказӣ иборат буд.

Чунонки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Сохтори идории сиёсиву иҷтимоии давлати Сосониён дар давраҳои аввали таъсисёбиаш аслан ба равиши усули давлатдории Ашкониён такя мекард. Давлатдории Сосониён дар аҳди Ардашери I ва Шопури I тавассути ду рукни асосии идоракунӣ – яке сохтори ҳукумати марказии шоҳаншоҳӣ ва дигаре сохтори мулуку-т-тавоиф (кадаг – хвадай) ба танзим оварда мешуд. Дар ин давра қаламрави Эроншаҳр ба мулкҳои мансуб ба хонаводаи шоҳӣ ва мулкҳои ниммустақилу нисбатан мухтор тақсим мешуд. Ба мулкҳои хонаводаи шоҳӣ ҳама шаҳристонҳои аз ҷониби шоҳаншоҳони

[1] Памятники римского права: Законы XII таблиц. Институции Гая. Дигесты Юстиниана. – М. : Зерцало, 1997. – С. 177.

сосонӣ бунёдёфта ё ба шарафи пирӯзиҳои онҳо номгузорӣ шуда шомил буданд».[1]

Ҳукумат дар аҳди Сосониён дар шахси шоҳаншоҳ муттаҳид гардида, низоми идоракунии мамлакат, фармондеҳии умумии лашкар ва кишвар, қазияи ҷангу сулҳ ва умури иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба ӯ вобаста буд. Ардашер ҳамчун сиёсатмадори дурандеш ва лашкаркаши боистеъдод аз сиёсати такя кардан ба сипоҳиёни зархарид, ки дар аҳди Ашкониёни Порт хеле роиҷ буд, тадриҷан даст кашида, аз ҳисоби қавмҳои бумии ориёӣ дастаҳои муназзаму доимиро таъсис дод. Ӯ инчунин ислоҳоти пулӣ гузаронда, низоми андозситониро ба тартиб овард. Мардум дар тамоми қаламрави мамлакат аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда андоз мепардохтанд.[2]

Вилоятҳои парокандаи Ашкониёни Порт дар атрофи давлати мутамаркази Сосониён муттаҳид шуда, умури идоракунии марказӣ вусъат мепазируфт. Аз ҷумла, як қатор вазоратхонаҳо, аз ҷумла девонҳои сипоҳ, молиёт, сиккахона, чопархона, дабирон, додрасон ва ғайра таъсис ёфта, низоми идоракунӣ мукаммалтар мегардид. Дар катибаи «Каъбаи Зардушт» рӯйхати маъмурони дарбори шоҳ, аз ҷумла «бузург-фрамадор» (нахуствазир), «сипаҳбад» (сарвари сипоҳ), «дабирпат» (сарвари дабирон), «хутухшпат» (сарвари ҳунармандон) зикр шуданд, ки аз усули такмилёфтаи давлатдорӣ шаҳодат медиҳад. Инчунин сарварони вилоятҳо, марзбонҳо ва сарони сипоҳ аз ҷониби шоҳаншоҳ таъйин гардида, бевосита ба ӯ итоат мекарданд.[3]

Низоми идоракунии давлатӣ ва сиёсати интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳои маъмурӣ дар давлати Сомониён бо дарназардошти ҳудудҳои бузург, гуногунқавмӣ, ҷойгиршавии геостратегӣ, муносибатҳои мураккаби ҳамон замон ва ғайра шакли мутамарказ, дарборӣ ва подшоҳӣ буд. Низоми идоракунии давлати сомониҳо аз даҳ девон *(вазорат ё идора)* иборат буд:

---

[1] Ниг.: Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби сеюм [Матн] / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 70.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ҳамон ҷо.

1. Девони вазир – девони асосӣ, ки девонҳои дигар ба он тобеъ буданд. Тамоми муассисаҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлатро назорат мекард;

2. Девони муставфӣ – хазинадории давлат (сардори аҳли девон, ки аз муҳосибон ҳисоб мешуд). Он корҳои молиявӣ, даромаду харочоти давлатро пеш мебурд;

3. Девони амид–ул–мулк *(такягоҳи давлат)*. Муносибатҳои дипломатӣ бо дигар давлатҳоро назорат мекард, асноди расмиро таҳия менамуд;

4. Девони соҳиб–уш–шуҳрат *(девони сардори гвардия)*. Маводи ғазоӣ ва моҳонаи сарбозонро таъмин ва нигоҳубин мекард;

5. Девони соҳиб–ул–барид *(сардори алоқа)*. Иттилооти расмиро мерасонид. Ғайр аз ин, маълумоти махфиро дар бораи ҳокимон ва мансабдорони давлатии маҳаллӣ ҷамъоварӣ мекард;

6. Девони мушриф *(нозирон)*. Даромад ва харочоти хазинаро назорат мекард;

7. Девон–ад–дия *(девони мулки шахсии подшоҳ)*. Доройӣ ва мулки подшоҳро идора мекард;

8. Девони муҳтасиб (назораткунанда ба риоя карда шудани тартибу қоида дар бозор, ба дурустии сангу тарозу, молҳои фурӯшии барзгарон ва пешаварон. Ҳамчунин ба ахлоқи мардум, масҷидравӣ ва истеъмоли машрубот низ назорат мекард);

9. Девони вақф – муассисаҳои диниро назорат мекард;

10. Девони қозӣ – ба парвандаҳои маҳкама расидагӣ мекард, шикоят аз ашхоси мансабдорро баррасӣ менамуд.

Ба ғайр аз девонҳои зикргардида дар давлати Сомониён вазоратҳои – заминҳои давлатӣ (мумоликоти хос), вазорати моликият (авқоф) ва маҳкама (қозӣ) фаъолият мекарданд. Сомониҳо нахустин шуда, ниҳоди махсуси Шурои вазирон ва бинои махсус барои он – дарбори даҳ девонро таъсис доданд, ки дар он дастгоҳи марказии давлатии идоракунӣ ҷойгир буд.

Мисли дигар давлатҳо, дар давлати Сомониён мансабдорон барои ишғоли вазифа аз ҷумлаи дарбориён, ашрофзодагон, заминдорон ва табақаи

руҳониён интихоб мешуданд. Усулҳои интихоби кадрҳо ба хизмати давлатӣ тарҳрезӣ шуда буд. Номзад ба мансаби давлатӣ бояд ба забонҳои арабӣ ва форсӣ озодона суҳбат карда ва хонда метавонист, Қуръон ва шариатро бояд хуб медонист.

Барои идораи шаҳрҳо аз марказ раисон – мансабдорони давлатии дар хизмати давлатӣ дар ҳукумати Амири Кабир қарордошта таъйин мешуданд. Кадрҳои роҳбарикунандаи маҳаллӣ бо хонаводаи сомониҳо наздикии хешовандӣ доштанд, ё аз ҷумлаи намояндагони ашрофзода буданд. Дар минтақаи мо, дар ҳазор соли охир давлатҳо на танҳо хусусияти қавмӣ, балки моҳияти оилавӣ ва сулолавӣ низ доштанд, ки ҳатто номи онҳо ба ин ишора мекунад.

Низоми идоракунии давлати Сомониён ба асоси анъанаҳои маъмурии Эрон бунёд ёфта буд. Он ба дастгоҳи қавии маъмурӣ такя мекард, ки дар ин бора номи девонҳо, вазифаи онҳо, ки ба андозситонӣ аз аҳолӣ равона шуда буд, шаҳодат медиҳад. Дар давлати Сомониён бо буҷети умумӣ ба андозаи 45 млн. дирҳам тақрибан 20 млн. барои нигоҳдории мансабдорони давлатӣ ва қувваҳои мусаллаҳ масраф мешуд.

Ҳамзамон, вобаста ба ин, метавон номаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш Абдуллоҳ ибни Тоҳирро овард, ки дар он низоми давлатдориро амалан як ниҳоди шахшудаву қолабӣ намешуморад ва таъкид мекунад, ки дар ҳама давру замонҳо подшоҳону ҳокимон бояд сарварии моҳирона, уҳдабароёна ва зираконаву эҷодкоронаро ба роҳу равиш ва ҳадафу ормонҳои пешгирифтаашон мутобиқ намоянд. Дар фаъолияти ҳаррӯзаашон таҳаммулу дурандешӣ, татбиқи пайгиронаи ҳадафҳо, қавиirодагиву устуворӣ ва ҷасорату тобовариро дар муқобили ҳамагуна бархурду зиддиятҳо роҳандозӣ кунанд. Ӯ ба тарзу усули идораи дастгоҳи давлатӣ диққати ҷиддӣ дода, масъалаҳои марбут ба сиёсати давлатдориро аз қабили муносибати халифа бо волиён, муносибати волиён бо зердастони хеш, муносибати амалдорону соҳибмансабони нисбатан хурд бо табақаҳои гуногуни мардум, пуштибонии

адолату инсоф ва ҳимояи ҳуқуқи раъиятро чун яке аз масъалаҳои муҳимми умури мулкдорӣ баррасӣ менамояд.[1]

Вазирону ҳокимон, омилону раисон, соҳибхабарону муншиён, надимону муқаррабон ва аҳли лашкару посбонон бояд дар умури дастгоҳи идораи давлат мақому манзалат ва мавқеи муайяни худро дошта бошанд. Агар халифа ва зердастони ӯ боақлу борикбин, зираку дурандеш, сохибмаърифату бофарҳанг, қаноатпешаву адолатпарвар, ростқавлу бошараф, накӯкору хайрхоҳ бошанд, саросари мулк ва рӯзгори мусулмонон дар сояи сарварии оқилонаи онхо пеш меравад ва рушду нумӯъ мекунад.[2]

Тоҳир ибни Ҳусайн яке аз шартҳои асосии устувор доштани пояи давлат ва таъмини амнияти мулкро дар танзими лашкар ва риояи адолати сипоҳдорӣ мебинад. Беҳуда нест, ки дар аҳди Тоҳириён низоми лашкардорӣ ва таъмини амнияти мулк боло рафта, аз ҳисоби ҷавонмардони ҳузарби мансуби табақаҳои гуногуни ахолӣ, бахусус хуросониён шӯҳрату неруи фавҷи бағдодӣ афзуд, ки ин дастаҳои муназзаму муташаккил барои саркӯб сохтани мухолифати душманони беруна ва исёнҳои қаламрави хилофат мусоидат мекард.[3]

Метавон гуфт, ки Тоҳир ибни Ҳусайн ва дертар писараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар заминаи такомули низоми давлатдорӣ ва корҳои идории кишвар ба таҷрибаи девону давлатдории Сосониён такя карда тавонистанд, ки дар қаламрави густурдаи хилофат, бахусус вилоятҳои мухталифи Ироқу Мисру Шом нафақат ошубҳову зиддиятҳоро барканор созанд, балки фазои сиёсии нисбатан орому осуда ва низоми иқтисодиву шакли андозғундории пешрафтаро пайгирӣ карда, қудрати хилофати Аббосиёнро афзунтар намоянд. Дар ҳамин росто Тоҳир ибни Ҳусайн таҷрибаи кофии лашкаркашӣ, умури давлатдорӣ ва идораи мулкро омӯхта, баъдтар аз номи хонадони Аббосиён саросари ҳудуди Хуросонро муттаҳид сохт. Ӯ баръакси

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Точикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2009. – С. 623.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 624.
[3] Ҳамон ҷо.

Абумуслим, хонадони Бармакиён, Саҳлиён ва афшинҳои Истаравшан бо барандохтани номи халифа аз хутба истиқлолияти воқеии Хуросони бузургро эълон карда, тавонист, ки гоми ҷасуронае ба суйи давлату давлатдории мустақилона гузорад. Ҳангоми қоиммақоми Хуросон будани Тоҳир ибни Ҳусайн яке аз писаронашон Талха ибни Тоҳир ҳокими вилояти Марв ва Хоразм, писари дигараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир волии Бағдод, Алҷазира, Миср ва Искандария ва Сулаймон ибни Абдуллоҳи Тоҳир ҳокими вилояти Табаристон буданд.[1]

Ё дар мисоли дигар, ҳокими сулолаи Хоразмшоҳиён – Муҳаммад шахси содаю тарсончак набуд, балки як фармондеҳи варзида буд. Стратегияи мубориза ӯ бо муғулҳо санҷидашуда ва ба асоси маълумоти мавҷуда дар дарбор бунёд меёфт…[2]

Бояд гуфт, ки сиёсати идоракунии Шарқ, хусусан фаъолияти идоракунию кадрии сулолаи Салҷуқиён инъикоси худро дар «Сиёсатнома»–и Низом ул Мулк пайдо намуд.

Муҳаққиқони «Сиёсатнома» чунин мешуморанд, ки ин асар дастурамали сиёсии сулолаи Салҷуқиён мебошад. Дар воқеъ, Низом ул Мулки зираку ботадбир мефаҳмид, ки худсарӣ, беадолатӣ ва зулму ситами ҳокимони азхудрафтаи Салҷуқиён пояи ҳукмронии онҳоро суст менамуд. Бинобар ҳамин ҳам ӯ чунин дастурамалеро пешниҳод мекунад, ки ғояи асосии он иборат аз барқарор намудани адлу адолат, ҷорӣ кардани тарзи оқилонаи давлатдорӣ, поквиҷдону порсо будани арбобони давлатӣ, аз паи ободонии кишвару осоиштагии раият шудани шахсони масъул мебошад. Муаллиф барои водор кардани арбобони давлатӣ бар андешаҳои олии инсондӯстиаш ду омилро бомуваффақият истифода мебарад: Пеш аз ҳама донишмандию ботаҷрибагии худро ба кор андохта, ҳар як мутолиакунандаи асарашро асирӣ афкори талқин намудааш менамояд. Дигар, аз осори илмӣ,

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2009. – С. 624.

[2] Нуриддинов Р. Ш. Фаъолияти иттилоотӣ таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ. Нашри дуюми такмил-ёфта [Матн] / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддин. – Душанбе: «Эр–граф», 2018. – С. 314.

тарбиявӣ-ахлоқӣ ва эҷодиёти даҳонии халқ мукаммал баҳраманд мегардад. Масалан, Низом ул Мулк тавсия мекунад, ки ба тариқи зерин бояд ҳукуматдорӣ намуд: «Омили шаҳри Ҳамс ба Умари Абдулазиз набишт, ки девори шаҳри Ҳамс хароб шудааст, онро иморат бояд кардан. Ҷавоб набишт, ки баҳри шаҳри Ҳамс аз адл девор бояд кард. Роҳҳо аз зулму хавф пок кун, ки ҳоҷаг нест ба гилу хишт ва сангу гаҷ».[1]

Чунонки Низом ул Мулк менависад, адолат натанҳо дар доду диҳиш, гӯш ба нолишу фарёди бечорагон ниҳодан, мададгори заифон будан, ҳуқуқи инсонро поймол накардан ва ғайра зоҳир мегардад, балки пеш аз ҳама ҳар як амалдор кори бомашварат бикунад: «Ва машварат накардан дар корҳо аз заифии раъй бошад ва чунонки ҳеҷ кор бе мардум натавон кард, ҳамчунин ҳеҷ шуғле бемашварат неку наёяд».[2]

Дар «Сиёсатнома» чунин афкори муаллиф сабт мегардад, ки бештар кору кирдори вазири оқил ва хислатҳои наҷиби он мавриди тасвир гардад, то ки майлу рағбати шоҳонро ба вазирон ҷалб намояд. Дар ҳар маврид шоҳ бо салоҳу маслиҳати вазир кор кунад. Баробари ин Низом ул Мулк дар бисёр масъалаҳои идоракунии давлат фаъолияти шахсӣ доштану истиқлоли фикрӣ варзидани шоҳро дархост менамояд. Ӯ ҳамчун шахси бомаърифату донишманди давр мушоҳида мекард, ки вазирону амалдорон дарбор бо толону тороҷ кардани халқ бо фисқу фуҷури дилбеҳузуркунанда овора буда, зулму ситамро сарвари амалиёти худ қарор дода буданд. Пас, Низом ул Мулк дар чунин маврид маҷбур мешавад, ки бо фаъолияти шахсии шоҳ бо тадбирҳои оқилонаи ӯ мардумро аз гирифторӣ наҷот диҳад. Масалан, чунин меоварад: «Чора набошад подшоҳро аз он ки дар ҳафтае ду рӯз ба мазолим бишинаду дод аз бедодгар биситонаду инсоф бидиҳад ва чанд қисса, ки муҳимтар бувад, бояд ки арза кунад ва дар ҳар як мисоле диҳад. Чун ин хабар дар мамлакат пароканда шавад, ки Худованд мутазаллимону додхоҳонро пеш мехонаду дар ҳафтае ду рӯз сухани эшон мешунавад ва золимонро шикаста

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома / Муҳаррир Р. Ҳабибов. – Душанбе : М. Н. «Адабиёти бачагона», 2019. – С. 9.
[2] Ҳамон ҷо.

медорад, дастҳои эшон кӯтоҳ шавад ва кас наёрад бедодӣ кардан аз хатари уқубати он».[1]

Дар корҳои идораи давлат Низом ул Мулк асосан тарафдори тарзи давлатдории сулолаи Сомониён ва то дараҷае Ғазнавиён буд, зеро ба ақидаи ӯ он тартибот аз санҷиши рӯзгор гузаштааст. Бинобар ҳамин ҳам як силсила ҳикоёти Низом ул Мулк ба фаъолияти шоҳони ин ду сулола бахшида шудааст. Дар ин гуна ҳикояҳо он шоҳон ҳамчун шахсони одилу ботадбир, кордону донишманд тасвир меёбанд. Албатта, ин тавр хислатҳои олии инсонӣ, ки ба онҳо нисбат дода мешаванд, фақат маҳсули хаёлот ва орзуи муаллиф асту халос. Аз ин рӯ, аксарияти ҳикояҳои дар бораи шахсони таърихӣ овардаи муаллиф ба ҳақиқати таърихӣ ва хислатҳои асосии тасвиршудагон мувофиқат надошта, хислат ва образҳои дилхоҳи Низом ул Мулк мебошанд. Аз чунин тарзи баёноти муаллиф пай бурда мешавад, ки ӯ амирон, ҳокимон ва шоҳони даврро ба адлу инсоф сафарбар карданист.[2]

Шоҳони сулолаи Салҷуқиён *(Алпарслону Маликшоҳ)* баъзан ба андешаю тадбирҳои Низом ул Мулк аҳамият намедоданд ва ин гуна муносибати онҳо вазирро ноумед мекард. Илова бар ин, дар пеши назари ӯ аллакай пояи ҳукмронии сулолаи салҷуқӣ меларзид. Бинобар ин дар «Сиёсатнома» ба ишораҳое дучор меоем, ки аз бетартибиҳои амирону лошахӯрони онҳо шикваҳо мекунад. Ба таври мисол, «Ҳоли амирони ин замон ба чӣ монад, ки аз динори ҳаром бок надоранд ва ҳақро ботил гардонанд ва оқибати корро нанигаранд».

Низом ул Мулк борҳо хотиррасон менамояд, ки дар идораи давлат мавқеи шахсиятҳои донишманд, кордону бомаҳорат ва содиқу вафодор бузург аст. Барои дар амал татбиқ кардани чунин таълимоти худ Низом ул Мулк чораи зиёде мебинад. Маҳз бо саъйи шахсии ӯ дар шаҳрҳои Бағдод, Нишопур, Исфаҳон ва ғайра мадрасаҳо кушода, кори таълиму тарбия намудан ба роҳ монда мешавад. Дигар, ин ки ӯ исроркорона тавсия мекунад,

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома / Муҳаррир Р. Ҳабибов. – Душанбе : М. Н. «Адабиёти бачагона», 2019. – С. 10.
[2] Ҳамон ҷо.

ки сарварони давлат бо одамони дар асоси таълиму тарбия ва бо мурури замон бавоярасида бо мулоҳизаву эҳтиёткорӣ рафтор кунанд: «Бандагоне, ки парварда бошанд ва бузург карда, нигоҳ бояд дошт, ки умре дигар ва рӯзгори мусоид бояд то бандаи шоиста ва озмуда ба даст ояд».[1]

Низом ул Мулк масъалаи муносибати шоҳ бо хидматгорони дарбор мебошад, зеро ки чӣ гуна ранг гирифтани тақдири минбаъдаи шоҳ вобастаи онҳост. Ӯ баноҳақ озурдани ин ё он хидматгорро гуноҳи азим мешуморад. Ишора мекунад, ки дар дарбор шахсони ҳасадбару бадтинат ҳамеша вуҷуд дошта метавонанд, ки онҳо аз рӯйи ҳасаду тинати бад дар ҳаққи шахсони поку соф бадгӯйи мекунанд. Вазифаи бошарафи шоҳ иборат аз он аст, қайд менамояд Низом ул Мулк, ки шоҳ ҳақиқати ҳолро фаҳмида, аниқ карда, пас амал намояд: «Андар корҳо шитобзадагӣ набояд кардан. Ва чун хабаре шунавад, ё сирате бандад, андар он оҳистагӣ кор бояд фармуд, то ҳақиқати он падид ояду дурӯғ аз рост пайдо гардад, ки шитобзадагӣ кори заифон аст, на кори қодирон».[2]

Дар қисме аз ҳикояҳои асар мавзуи мудофиаи ҳаққи бекасону ятимон, кашшоқону бечорагон ҷойи асосиро ишғол менамояд. Дар ҳикояҳо ҳисси ватандӯстӣ ва қаҳрамонии халқ дарҷ мегардад. Гарчанде Низом ул Мулк бо халифа муносибати хуб дошт, вале баъзан дар ҳикояҳо майли воқеии ӯ инъикос ёфтааст. Ин гуна ҳикояҳо нишон медиҳанд, ки ӯ қаҳрамонони халқ ва сарварони ҳаракати зиддихилофатро (гарчи дар ин бобат ақидаҳои ӯ пурихтилофанд) то як дараҷа бо таваҷҷуҳи махсусе қайд менамояд. Ба таври мисол, ӯ қайд менамояд: «Ҳангоме ки Яъқуби Лайс бар зидди халифа мебарояд, халифа ба ӯ номае навишта изҳор мекунад, ки ӯ аз ин амалиёти пешгирифтааш даст кашад, вале Яъқуби Лайс чунин ҷавоб медиҳад: «Бирав ва халифаро бигӯй, ман марде рӯйгарзодаам ва аз падар рӯйгарӣ омӯхтаам ва хӯрдании ман нони ҷавину моҳӣ ва пиёзу тара будааст. Ва ин подшоҳӣ ва ганчу хостаро аз сари айёрӣ *(зиракӣ)* гирифтаам ва аз роҳи мардӣ ба даст

---

[1] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғ. Ғафуров. – Душанбе : Ирфон, 2020. – С. 504.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома / Муҳаррир Р. Ҳабибов. – Душанбе : М. Н. «Адабиёти бачагона», 2019. – С. 11.

овардаам, на аз падар мерос ёфта ва на аз ту дорам. Аз пой нанишинам, то сари туро ба ҳадя нафиристам ва хонаводаи туро вайрон накунам».[1]

Махсусан таъсири қаҳрамонии Бобак ҷолиби диққат аст. Вақте ки мувофиқи ҳукми халифа ба буридани дастони Бобак шурӯъ менамоянд, ӯ бо хуни худ гунаҳояшро сурх мекунад. Ҳангоме ки халифа аз Бобак сабаб ва чӣ ҳикмат доштани чунин кирдорро мепурсад, ӯ ин навъ маънидод менамояд: «Шумо ҳар ду дасту пойи ман бихоҳед бурид ва гунаи рӯйи мардум аз хун сурх бошад, хун аз рӯй биравад, зард бошад. Ман рӯйи хеш аз хуни худ сурх кардам, то чун хун аз тана берун шавад, нагӯянд, ки рӯяш аз бим зард шуд».[2]

Ғайр аз ин, Низом ул Мулк як қатор андешаҳои ахлоқию тарбиявиро дар «Сиёсатнома» овардааст, ки онҳо имрӯз ҳам қобили қабуланд. Гуфтан ба маврид аст, ки тамоми тадбиру чорабиниҳои Низом ул Мулк маҳз барои мустаҳкам намудани пояи хукмронии сулолаи Салҷуқиён буд. Баъзе муаррихон ин чорабиниҳои сиёсию иқтисодии ба амал баровардаи Низом ул Мулкро таҳлил карда, ба фаъолияти сиёсии ӯ ниҳоят баҳои баланд медоданд. Вобаста ба ин, Б. Ғафуров менависад: «Сиёсатнома» сарчашмаи хеле муҳимми таърихист, ки муаллифи он тартиби идораи давраи Салҷуқиёнро аз мавқеи тарафдори давлати марказиятноки феодалӣ танқид кардааст. Пас аз фавти Низом ул Мулк «Сиёсатнома» аз нав таҳрир ёфта, ба матни он иловаҳо дохил шуда буд. Бо вуҷуди ин, асари мазкур дар ҳамон шакле, ки то замони мо расидааст, осори хеле пурарзиши насри охири асри XI ба шумор меравад. Забони он сода ва равон аст».[3]

«Сиёсатнома» ё «Сияр ул Мулук» ғайр аз моҳияти таърихию этнографӣ доштанаш, чунонки И. С. Брагинский қайд менамояд, дар омӯхтани баъзе хусусиятҳои забони адабӣ ва фолклори низ асари муаллиф кумак мерасонад. И. С. Брагинский осори насрии боқимондаи ин даврро аз ҷиҳати сохт ва мавзуъ асосан ба се гурӯҳ тақсим менамояд: «Асарҳои насрие, ки гарчанде

[1] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғ. Ғафуров. – Душанбе : Ирфон, 2020. – С. 505.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ҳамон ҷо.

ҳамчун насри бадеӣ ба шумор нарафта, бештар хусусияти таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабиётшиносӣ дошта бошанд хам, вале онҳо пур аз новелла мебошанд. Ба қатори ин гуна асарҳо пеш аз ҳама «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ ва «Сиёсатнома» дохил мешаванд».[1]

«Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ дар таҳқиқи ҳаёти маданӣ ва адабии асри муаллиф ва даврахои пеш аз он сарчашмаи гаронбаҳоест. Фаслҳои асосии «мусоҳиботи» он ба тавсифи пешаҳои табиб, мунаххим, шоир ва муншии дарбор бахшида шудаанд. Дар ҳар фасл яке аз ин пешаҳоро тавсиф намуда, доир ба намояндагони баргузидаи ин пеша даҳ ҳикоя ба тариқи мисол нақл карда мешавад. Ин китоб бештар аз ҳар гуна сарчашмаҳои дигар дар бораи шароити зиндагии ходимони маданияти он замон маълумот медиҳад. Хусусан ҳамон фасле, ки ба шоирон ва аҳволи бади онҳо дар давлати феодалӣ бахшида шудааст, қимати зиёде дорад.[2]

Хулоса, сиёсати идоракунии Шарқ дар Асрҳои миёна дар назария ва амалияи фаъолияти кадрии давлатҳои минтақа инъикоси худро пайдо намуд. Аз суқути замони Сомониён то Истиқлоли давлатӣ тоҷикон ҳамеша дар сиёсат буданд, мансабҳои баланди сиёсӣ низ доштанд. Онҳо беҳтарин мушовирон, вазирон, қозиён, мураббиён, эҷодкорон ва рӯҳониён буданд. Тоҷикон дар ташаккулу идораи давлатҳо саҳм доштанд.

Раванди сиёсати кадрии Европа дар Асрҳои миёна дар рушди назария ва амалияи давлатдорӣ саҳми муайян гузоштааст. Ба сиёсати кадрӣ тамоюлоти сода кардани сохтори иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа ба муқоисаи давраи атиқа таъсири азим гузошт. Гузариш аз сиёсати кадрии Империяи Рим ба роҳу воситаҳои идоракунии ибтидои Асрҳои миёна амалан ҷанбаи ақибнишинӣ дошт. Тавре ки яке аз асосгузорони ҷомеашиносии муосир Г. Зиммел дар асараш «Фалсафаи меҳнат» қайд кардааст: «барои он ки ҷой дар мартабаи мансабдорони олӣ вуҷуд дошта бошад, бояд аввалан, дар соҳаи

---

[1] Брагинский И. С. Очерки из истории таджикской литературы [Текст] / И. С. Брагинский. – Сталинабад, 1956.
[2] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғ. Ғафуров. – Душанбе : Ирфон, 2020. – С. 505.

маъмуриятчигӣ кори зиёд анҷом дода шавад, бояд руҳия ва рушди фарҳанги умумӣ ин ҷойҳоро имконпазир ва зарурӣ созанд; дуюм, ҳар гуна меҳнати алоҳидаи касби олӣ меҳнати пешакии касбҳои пойинро дар назар дорад».[1]

Дар Асрҳои миёна зичии аҳолӣ шадидан коҳиш ёфт, хоҷагидорӣ сода шуд, дастгоҳи маъмурӣ ҷойро барои низоми идоракунии заминдорӣ, ки истисноан ба усулҳои анъанавӣ асос ёфта буд, холӣ кард. Таназзул ҳатто дар сатҳи маъноӣ баъзе унвонҳои ашрофзодагони Асрҳои миёнаи европоӣ ба мушоҳида мерасид. Масалан, унвони «граф» дар ибтидо дар феҳристи мансабии римӣ маънои мансабдори соҳаи коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ, дукс *(гертсог)* – сардори маъмурияти шаҳрвандӣ ё шаҳрдориро дошт. Ба хизмат дар Рим маҷбуран «ваҳшиён» – федератҳо ҷалб карда шуданд, ки ба пешвоёни онҳо ба иловаи моҳона, «вазифаи» муайян дода шуда, онҳо инро меросӣ мекарданд.

Вазифаҳои камшумор ва мулкҳои заминдорӣ меросӣ мешуданд ва шарти ин, ҷойгоҳи шахс дар мартабаи низоми феодалӣ буд. Ҳатто башардӯсти нахустини давраи Эҳё Данте Алигери дар асари сиёсии худ «Ҳоким» навишта буд, «ашрофзодагон ба сабаби ашрофияти худ сазовори ҷойгоҳи махсусанд».[2] Андешаи мутафаккири машҳури асримиёнагӣ М. Падуанский дар бораи ин ки шоҳ намояндаи сиёсии халқи худ мебошад, аз тарафи муосирон дарк нашуд. Дар айни ҳол, саҳми анъанаҳои европоии асримиёнагиро дар рушди сиёсати кадрӣ набояд фақат манфӣ арзёбӣ кард. Ба ақидаи ҷомеашиноси маъруф П. Сорокин, сарфи назар аз дастрасии зоҳирии элитаи асримиёнагӣ, аз он ҷумла элитаи маъмурӣ, таҳарруки амудии иҷтимоӣ дар онҳо нисбат ба давлатҳои европоии охири асри XIX, ки андешаҳои «озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ»–ро талқин мекарданд, болотар буд. Нақши лифти иҷтимоии интихоби кадрҳоро, ки холигии маъмуриро аз ҳисоби омма пур мекард, калисо бозӣ мекард. Ғояи хизмати содиқона аввал ба подшоҳ,

---

[1] Зиммель Г. Избранное. Созерцание жизни [Текст] / Г. Зиммель. – М. : Центр гуманитарных инициатив, 2014. – С. 321.
[2] Данте Алигьери. Монархия [Текст] / пер. с итал. В. П. Зубова. – М. : КАНОН-пресс, 1999. – 192 с.

баъдан ба давлат як қисми ахлоқи маъмурии европоии замони нав, махсусан «мансабдори намунавии пруссӣ» (ибораи М. Вебер) гардид.

Н. Макиавеллиро, ки ҳомии арзишҳои давраи навин ва чун охирин намояндаи анъанаи асримиёнагӣ меноманд, намунаҳои зерини интихоби кадрии ҳокимони давრашро ҷудо кардааст: интиқоли меросии ҳокимият, идоракунӣ бо иродаи мардум, тасарруфи ҳокимият «бо аслиҳаи худ ё далерӣ», «бо аслиҳаи бегона ё ба ҳукми тақдир», «бо бадкирдорӣ» (дасисаи пасипардагӣ ва табаддулоти давлатӣ). Ӯ бо истифода аз усули сайри таърихӣ ва мушаххасотӣ исбот намудааст, ки ду намунаи аввал ба ҳокимият ҷанбаи қонунӣ медиҳанд, аз ин рӯ, муассиртаранд. Муаллифи «Шаҳриёр» Н. Макиавелли ақида дошт, ки «дар бораи хиради ҳоким қабл аз ҳама бо он қазоват мекунанд, ки ӯ кадом ашхосро ба худ наздик мекунад».[1] Дар навбати худ, ҳокими намунавӣ барои дастрасӣ ба ҳокимият ва нигоҳдории мақоми худ бояд «ба шер ва рӯбоҳ монанд бошад».[2] Яъне дар худ ҳам қувва ва ҳам маккориро таҷассум намояд.

Бояд таъкид намуд, ки ақидаҳои Н. Макиавелли нисбат ба назарияи сиёсати давлатии кадрҳо хеле хос мебошанд. Масалан, чунин ақидаро метавон дар рисолаҳои ҳаммуосири ӯ Ф. Гвиччардини ёфт.[3] Мутаассифона, ин ақидаҳо фақат дараҷаи номукаммалии дастгоҳи идоракунии давлат ва содагии фаъолияти кадриро нишон медиҳанд, ки ҳатто дар давраи Эҳё ба сатҳи Империяи Рим нарасиданд.

Дар доираи таҳқиқоти мо Франсияи мутлақияти асрҳои XVII–XVIII бо амалияи фурӯши қонунии мансабҳо дар дастгоҳи маъмурӣ ҷолиб аст. Аз рӯйи меъёрҳои ҳуқуқии аз давраи асримиёнагӣ боқимонда, фақат ашхоси мутааллиқ ба табақаи ашрофиён ба мансабҳои роҳбарикунанда роҳ меёфтанд. Аммо намояндагони синфи ташаккулёбандаи буржуазия имкон доштанд, ки «пули бадастовардаашонро барои дарёфти мансаб сарф кунанд», барои худ

[1] Макиавелли Н. Государь. Рассуждения о первой декаде Тита Ливия [Текст] / Н. Макиавелли. – М. : Попурри, 2016. – С. 88.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 67.
[3] Ниг.: Гвиччардини Ф. Заметки о делах политических и гражданских [Текст] / Ф. Гвиччардини. – М. : Наука, 2004. – 240 с.

ва барои насли ояндаи худ вазифа, аз ҷумла, дар парламент ҷой дарёфт намоянд, ки ин ба онҳо ҳуқуқ медод «либоси ашрофиро пӯшанд». Чунин мансабҳо мисли дигар молу мулк меросӣ мешуданд.[1] Кардинал А. Ришеле ба чунин амалҳо асоси ғоявӣ додааст: «Шахсе, ки пули худро дар тартиботи мазкури давлатӣ сарф намудааст, ба вайроншавии он мусоидат намекунад».[2] Ба ақидаи А. Ришеле, пуштибонии арзишҳои кӯҳна ба ваҳдати сиёсӣ таҳдид мекард, дар ҳоле ки тавассути амали мазкур ашрофзодагони бузург аз имкони аз ҳисоби шоҳ ҷалб кардани тарафдорони худ, то ин ки онҳо «дар замони зарурӣ ва дар ҷойи зарурӣ ба зарари манфиатҳои давлат шахсан ба онҳо хизмат намоянд», маҳрум сохт.[3]

Таърихи минбаъдаи инкишофи ҳодисаҳои сиёсӣ дар марҳалаи Замони нав иштибоҳ будани ақидаҳои А. Ришелеро нишон дод. Дар натиҷа, дастгоҳи идоракунанда муассирӣ ва садоқати сиёсии худ ба ниҳоди подшоҳиро аз даст дод ва «либоспӯшони ашрофӣ» неруи ҳаракатдиҳандаи баромадҳои зиддиподшоҳии Фронд ва Инқилоби бузурги буржуазии Франсия гардид.

Таҳлили сиёсӣ–фалсафии ниҳоди идориро Г. В. Ф. Гегел дар асари машҳури худ «Фалсафаи ҳуқуқ» анҷом додааст. Ин нобиғаи фалсафаи германӣ як силсила андешаҳои пешқадам оид ба ташаккули сиёсати давлатии кадрҳоро ба миён гузоштааст, ки то рӯзҳои мо аҳамияти худро аз даст надодааст.

*Якум,* ин ақидаи арзишманд ба Г. В. Ф. Гегел тааллуқ дорад, ки ҳадафи сиёсати давлатии кадрҳо на дар интихоби ашхос ба хизмати давлатӣ мебошад, чунонки то ҳоло баъзе назарияпардозони муосир кӯшиш мекунанд бо кумаки тестҳо амалӣ намоянд, балки дар интихоби одамоне мебошад, ки тавонанд поквиҷдонона ва дақиқан вазифаҳои мушкилро иҷро кунанд.

*Дуюм,* Г. В. Ф. Гегел нақши ҷомеаи шаҳрвандиро дар амалӣ намудани сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ асоснок кард: «Барои он ки

---

[1] История Франции. Т. 1. [Текст] / отв. ред., В. М. Далин, В. В. Загладин, С. Н. Павлова, С. Д. Сказкин. – М. : Наука, 1972. – С. 256.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 243.
[3] Ришелье А. Политическое завещание или принципы управления государством [Текст] / А. Ришелье. – М. : Ладомир, 2008. – С. 146.

ин табақа вазъияти ҷудогонаи ашрофиро қабул накунад ва бомаърифатӣ ва қобилият ба василаи худсарӣ табдил наёбад, онро муассисаҳои ҳокимияти мустақил аз боло ва ҳуқуқи иттиҳодияҳо аз пойин назорат мекунанд».[1]

*Сеюм,* Г. В. Ф. Гегел таъсири самаранокии сиёсати кадрҳо ба қонунӣ будани ниҳоди давлат аз назари фардӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро исбот кард: «Ин он чиз аст, ки аз он қаноатмандии шаҳрвандон ва эътимоди онҳо ба ҳукумат вобаста аст».[2]

Аз нигоҳи имрӯза, равшан аст, ки андешаҳои баёнкардаи Г. В. Ф. Гегел аз назарияи инқилобии веберии маъмурияти воқеӣ пешдастӣ карда, асоси ғояи дастаҷамъии «мансабпарастии намунавии германӣ» ва назарияи «маъмурияти намунавӣ»–ро ташкил дод.

Дар доираи мавзуи таҳқиқоти мо шохаи дигари таҳаввулоти афкори сиёсии германиро К. Маркс пешниҳод кард. Агар Г. В. Ф. Гегел ва М. Вебер асосгузорони назарияи «маъмурияти оқилона» буданд, пас, К. Маркс ва Ф. Энгелс мунаққидони он аз «чап» буданд. К. Маркс имкони иҷтимоӣ намудани маъмуриятро бо роҳи тағйирдиҳии сиёсати кадрӣ инкор мекард. Маъмурият чун гурӯҳи иҷтимоӣ эҳтиёҷоти синфи ҳукмронро ифода менамояд ва «он чи ки ба маъмури алоҳида робита мегирад, пас, ҳадафи давлатӣ ҳадафи шахсии ӯ мегардад, яъне саъю талоши ӯ барои расидан ба мақому мартаба».[3] Андеша дар бораи нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сиёсати давлатии кадрҳо аз тарафи марксизм рад шуд. Мансабдорон намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ намебошанд, тавре ки Г. В. Ф. Гегел чунин мешуморид. Ва худи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ на субъект ва на намояндаҳои сиёсати давлатии кадрҳо намебошанд.

Ба ақидаи К. Маркс, ҳатто низоми аз ҳама шаффоф ва демократии интихоби кадрии мансабдорон муқобилияти давлат бо ҷомеаи шаҳрвандиро ифода менамояд, чунки мансабдор дигар қисми ҷомеаи шаҳрвандӣ набуда,

---

[1] Гегель Г. В. Ф. Философия права [Текст] / Г. В. Ф. Гегель / пер. с нем. : ред. и сост. Д. А. Керимов и В. С. Нерсесянц. – М. : Мир книги, 2007. – С. 389.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 388.
[3] Маркс К. Полное собрание сочинений. 2-е изд. К критике гегелевской философии права [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – М. : Государственное издательство политической литературы, 1954. – Т. 1. – С. 272.

қисми иттиҳодияи маъмурӣ мегардад: «Имтиҳон чизе нест ба ҷуз эътирофи дониши сиёсӣ ба сифати имтиёз».[1] Ғайр аз ин, тартиби имтиҳонгирӣ ҳамеша аз иродаи субъекти сиёсӣ вобаста аст: «Ҷанбаи субъективӣ – он чиз аст, ки маҳз ҳамин фард аз ҷумлаи бисёриҳо интихоб мешавад, ба ӯ вазифа дода мешавад, ваколатдори иҷрои корҳои ҷамъиятӣ мегардад – ин яъне муқаррар намудани вобастагии фард аз вазифа аст… ин салоҳияти ҳоким чун ҳокимияти давлатии ҳалкунанда ва мустақил мебошад».[2] Пас, ҳатто мукаммалтарин сиёсати кадрҳо наметавонад муқобилияти маъмурият ва синфи коргарро аз байн барад, бинобар ин, ниҳоди маъмурӣ дар ҷараёни инқилоби коммунистӣ бояд аз байн бурда шавад.

«Ҳокимияти ҷавонмардон» дар сиёсати кадрии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба назарияи «ашрофзодагии табиӣ» асос ёфтааст, ки аз тарафи Б.Франклин ва Т.Ҷефферсон ба доираи илмӣ ворид шудааст ва он пешбарии кадрҳоро мутобиқи сифатҳои ахлоқии номзадҳо дар назар дорад. Дар амалия ин маънои ба мансаб таъйин кардани ашхоси наздик ба доираи элита «муборизон барои истиқлоли Штатҳои Муттаҳидаи Америка»–ро дошт. Дар шароити маҳдуд будани шумораи кормандони дастгоҳи идоракунии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар он солҳо чунин сиёсати кадрҳо комилан имконпазир буд.

Аммо бо мураккаб шудани сохтори иҷтимоию иқтисодӣ ва афзоиши аҳолии давлати ҷавон сиёсати кадрҳои ба усули «ҳокимияти ҷавонмардон» асосёфта бо воқеият комилан номуносиб гашт. Муқаррар намудани усулҳои нави ҷобаҷогузории кадрҳо дар дастгоҳи давлатиро бо давраи ҳокимияти Э. Ҷексон иртибот медиҳанд. Дар сиёсати ӯ усуле муқаррар гашт, ки номи «ғолиб ҳама чизро мегирад»–ро гирифт. Истилоҳи «ғанимат» ба сенатор У. Марси тааллуқ дорад, ки чунин эълон дошт: «Ғанимат ба ғолибон тааллуқ дорад!». Ба сифати ғолиб ҳизби ҳукмрон ва таҳти ғанимат мансабҳои давлатӣ

---

[1] Маркс К. Полное собрание сочинений. 2-е изд. К критике гегелевской философии права [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – М. : Государственное издательство политической литературы, 1954. – Т. 1. – С. 277.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 279.

шинохта мешуд.[1] Дар амалия ин маънои онро дошт, ки баъд аз ғалабаи «гурӯҳи Ҷексон» дар интихобот, тақрибан тамоми хизматчиёни ҳукумати собиқ аз кор озод шуда, ҷойи онҳоро дӯстон ва рафиқон гирифтанд.[2]

А. де Токвил нуқсонии «низоми ғанимат»–ро нишон дода, навиштааст: «одамон тасодуфан ба мансаби давлатӣ мерасанд ва онҳо ҳеҷ гуна боварӣ надоранд, ки дар он ҷо мемонанд».[3] Аз ин ҷо бесуботии идоракунии давлатӣ бармеояд.

Махсусияти сохтори дастгоҳи маъмурии америкоӣ ва сиёсати кадриро А. де Токвил аз хусусияти низоми сиёсии демократии Штатҳои Муттаҳидаи Америка баровардааст. Ҳайсияти хизмати давлатиро муаллиф хеле паст арзёбӣ кардааст, ки ба ақидаи ӯ натиҷаи фарҳанги сиёсии демократӣ мебошад.[4] Аммо амалияи сохтмони давлатдорӣ дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка нишон дод, ки бе низоми боэътимоди интихоби кадрии мансабдорон ҳокимияти муассири давлатӣ ва идоракунӣ имконнопазир аст. Сиёсатшиносон ва ҳуқуқшиносони америкоӣ маъмулан чунин мешуморанд, ки маҳз дар усули «ғанимат ба ғолиб» самаранок набудани маъмурияти онҳо ниҳон аст, чунки ҷойи усули салоҳиятнокиро усули ҳизбӣ гирифт ва дар амалия ин маънои садоқати шахсӣ ба роҳбарро дошт.

Ақидаи зиддимаъмурии А. де Токвил дар осори файласуфони англис Д. С. Милл ва Г. Спенсер тақвият ёфт. Д. С. Милл дар рисолаи маъруфи худ «Дар бораи озодӣ» ба чунин натиҷаи ғайриоддӣ расидааст, ки сиёсати кадрии оқилона дар дастгоҳи давлатӣ ба озодӣ таҳдид мекунад ва метавонад асосҳои ҷомеаи шаҳрвандиро барҳам занад. Тавре ки Д. С. Милл таъкид менамояд, «ҳар андоза он тамоми табақаҳои ҷомеаро ба худ ҷалб намояд, ҳар андоза он

---

[1] Ниг.: Государственная служба в зарубежных странах : сбор. – Уфа : РИО БАГСУ, 1995. – С. 21.
[2] Ниг.: Оболонский А. В. Кадровая политика в федеральной государственной службе США: история и современность [Текст] / А. В. Оболонский // Общественные науки и современность. 2001. – № 3. – С. 41–61.
[3] Токвиль А. де. Демократия в Америке [Текст] / А. де Токвиль / пер. с франц. предисл. Г. Дж. Ласки. – М. : Весь мир, 2000. – С. 166.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 458.

одамонро барои мақсадҳои худ бомуваффақият тарбия намояд, ба ҳамон андоза асорати умумӣ бештар мешавад».[1]

Г. Спенсер ба натиҷаи рушди технологияи кадрӣ, ба такмил ва демократикунонии он ишора кардааст, ки дар таҳдиди ногузир барои озодии сиёсии шахсият ифода меёбад. Масалан, Г. Спенсер зимни арзёбии таҷрибаи имтиҳонҳои озмунӣ, ки барои ҷавонон роҳро ба сӯи хизмати давлатӣ боз мекунад, навиштааст: «Яке аз натиҷаҳои ин дар он аст, ки одамоне, ки дар шароити дигар шояд ба рушди минбаъдаи маъмуриятчигӣ бо хусумат нигоҳ мекарданд, акнун агар бо таъриф набошад ҳам, ба ҳар ҳол таҳаммулпазирона муносибат мекунанд, чунки ба туфайли чунин амал наздикони онҳо имкони пешрафт дар мансабро дарёфт мекунанд».[2] Ҳамин тавр, Д. С. Милл ва Г. Спенсер нуқтаи назари аҷибро ба миён гузоштанд, ки сиёсати кадрҳои ба мақсад мувофиқи давлатӣ ба рушди навсозии ҷомеа мусоидат намекунад.

Дар охири асри XIX элитаи сиёсии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дарк намуд, ки «низоми ғанимат ба ғолиб» аз рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ақиб мондааст ва муассирии идоракунии давлатиро коҳиш мебахшад. Кофист хотиррасон намуд, ки шумораи кормандони дастгоҳи давлатӣ дар давраи аз соли 1816 то соли 1861 тақрибан ҳашт маротиба афзуд – аз 5 ҳазор нафар ба тақрибан 37 ҳазор нафар расид. Тӯдаи ҳизбиҳо дигар қобилияти идора кардани раванди кадриро дар чунин миқёс надоштанд. Инқилобро дар сиёсати кадрӣ дар дастгоҳи давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америкаро «Қонуни Пендлтон»[3] ба амал овард, ки дар соли 1883 қабул шуд ва сиёсати кадрии Америкаи Шимолиро дар ҷумлаи низоми рушдёфтаи маъмурӣ қарор дод. Низоми нави интихоби номзадҳо ба хизмати давлатӣ номи «низоми хизмати арзанда ва шоиста»–ро гирифт ва ба худсарии субъективии фаъолон ва пешвоёни ҳизбӣ то ҳадде хотима гузошт.

---

[1] Милль Д. С. О свободе. Антология западно-европейской классической либеральной мысли [Текст] / Д. С. Миль. – М. : Наука, 1995. – С. 390.
[2] Спенсер Г. Личность и государство [Текст] / Г. Спенсер. – М. : Социум, 2007. – С. 53.
[3] *Ҷорҷ Ҳант Пендлтон* (солҳои 1825–1889) – сиёсатмадор, ҳуқуқдон ва аъзои Ҳизби демократии Штатҳои Муттаҳидаи Америка. Муаллифи воқеии қонун «Дар бораи хадамоти граждани» (соли 1883) мебошад.

Асосноккунии илмии ин низомро дар охири соли 1880 Президенти ояндаи Штатҳои Муттаҳидаи Америка, В. Вилсон дар асараш «Омӯзиши маъмурият» анҷом дод. Ба ақидаи ӯ, қабул ба хизмати давлатӣ бояд чун низоми боадолатона ва боинсофонаи интихоб мутобиқи лаёқати номзадҳо ва озод аз ҳар гуна табъиз ва таассуб баррасӣ шавад.[1] Тақсими мансабдорони Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба «мансабӣ» (аксарият) ва «сиёсӣ» (таъйиншавандагон, ки ин ё он сиёсатмадор онҳоро сарпарастӣ мекунад) сурат гирифт.

Дар доираи кори мо таҳқиқоти сиёсии ниҳоди маъмурияти оқилона, ки аз тарафи ҷомеашиноси машҳур М. Вебер анҷом гирифтааст, фавқулода муҳим аст. Ӯ нахустин шуда исбот кард, ки маъмурияти ғарбӣ, хусусан германӣ аз нигоҳи интихоби кадрҳо падидаи сифатан нави сиёсӣ мебошад.[2] Сиёсати кадрҳо дар доираи низоми маъмурияти оқилона на ба асоси тааллуқияти шахс ба ин ё он табақа ва на ба асоси иродаи субъективии пешвои маъруф, балки ба асоси салоҳияти касбии номзад, ки ба воситаи чанд аломат муайян карда мешавад, амалӣ мешавад. Асоси тақсимбандии намунаҳои сиёсати давлатии кадрҳоро, ки аз тарафи мо анҷом гирифт, ақидаҳои веберӣ ташкил дод.

Г. Зиммел дар асари худ «Фалсафаи меҳнат» тамоюлоти маъмуршавии ҷомеаи муосирро, ки дар осори М. Вебер таҳқиқ шудааст, ба таври ҷолиб таъриф ва тафсир кардааст. Г. Зиммел исбот мекунад, ки сохтори мураккаби зинабандии давлатҳои муосири мутамарказ бо дастгоҳи калони давлатӣ на танҳо аз нигоҳи сиёсӣ, балки аз лиҳози иҷтимоӣ ба сабаби афзалияти воситаҳои созмонёфтаи тақсими меҳнат дуруст аст, ки имкон медиҳад дар воҳиди дастгоҳи маъмурӣ ба муқоисаи давлатҳои хурди мустақил хеле сарфа шавад.[3] Тасдиқи инро мо дар мисоли давлатҳои пасошӯравӣ мушоҳида

---

[1] Ниг.: Оболонский А. В. Бюрократия для XXI века? Модели государственной службы: Россия, США, Англия, Австралия [Текст] / А. В. Оболонский. – М. : Дело, 2002. – С. 83.
[2] Ниг.: Вебер М. Избранные произведения [Текст] / М. Вебер / пер. с нем., сост., общ. ред. и послесл. Ю. Н. Давыдова; предисл. П. П. Гайденко. – М. : Прогресс, 1990. – С. 47.
[3] Зиммель Г. Избранное. Созерцание жизни [Текст] / Г. Зиммель. – М. : Центр гуманитарных инициатив, 2014. – С. 232.

мекунем, ки дастгоҳи маъмурии онҳо пас аз касби истиқлол баъд аз фурӯпошии Иттифоқи Советӣ шадидан афзуд, ки дар вазъияти мазкур ҷанбаи ногузир дошт.

Бояд саҳми арзандаи асосгузорони назарияи элита Р. Михелс, В. Парето ва Г. Москро дар рушди назарияи сиёсати кадрӣ қайд кард. Дар доираи таҳқиқоти мо фаҳмиши «қонуни гардиши элита», ки аз тарафи асосгузори назарияи элита дар ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ В. Парето асоснок шудааст, хеле муҳим аст. Сарфи назар аз он ки дар ибтидо ашхос ба элита ба туфайли сифатҳои барҷастаи худ ворид мешаванд, элитаи ҳукмрон ба ҷалби мунтазами ашхоси боистеъдод ва кордон аз ҷумлаи табақаҳои ғайриэлитаи иҷтимоӣ эҳтиёҷ дорад.[1] Ин равандро В. Парето «гардиши элита» номидааст, вале дар ҷомеашиносии муосир ба ин истилоҳ мафҳуми «таҳарруки амудӣ» наздик аст.

Ба ақидаи мо, барои таҳлил ва арзёбии воқеъбинонаи сиёсати давлатии кадрҳо қонуни гардиши элита хеле муҳим аст, зеро он исбот мекунад, ки сиёсати кадрие воқеан муассир шуморида мешавад, ки сатҳи қобили қабули таҳарруки амудии дастгоҳи маъмуриро таъмин менамояд, ки ин нишондиҳандаи суботи низоми сиёсӣ мебошад.

Г. Моска дар осори худ исбот намудааст, ки манфиатҳои элита ба ниҳодсозии усулҳои сиёсати давлатии кадрҳо ва ба истифодаи амалии он таъсири азим мерасонад. Ӯ таъкид мекунад, ки «тамоми синфҳои ҳоким кӯшиш мекунанд меросӣ шаванд, ё аз рӯйи қонун ё амалан».[2]

Г. Моска зимни исботи ин ки усули мазкур аз ҷумла, барои низоми кадрии мансабдорон низ умумӣ мебошад, менависад, ки усули демократии интихоби ашхоси мансабдор асло бо анъанаи мавҷуда зиддият надорад.[3] Дар ин иртибот Г. Моска (ва қабл аз ӯ назарияпардози равияи беҳокимиятӣ М. Бакунин, ки асари ӯ ба қавли В. А. Куличенко ба афкори сиёсии италиявӣ

---

[1] Ниг.: Парето В. Компендиум по общей социологии [Текст] / В. Парето ; пер. с итал. А. А. Зотова ; науч. ред., предисл. к рус. изд., указ. имен М. С. Ковалёвой. – 2-е изд. – М. : Изд. дом ГУ ВШЭ, 2008. – С. 67.
[2] Моска Г. Правящий класс [Текст] / Г. Моска // Социол. исслед. – 1994. – № 10. – С. 193.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 194.

таъсири азим расонид) аз кашфи «қонуни оҳанини ашрофӣ» пешдастӣ кард, ки ин на танҳо дар доираи таҳқиқоти мо, балки барои фаҳмиши илмии равандҳои сиёсии кадрҳо муҳим аст.

Р. Михелс зимни омӯзиши раванди гардиши элитаи сиёсӣ, таъкид менамояд, ки «шакли демократии зоҳирии сохти ҳаёти ҳизбӣ–сиёсӣ метавонад лағзиши онро ба сӯйи ашрофзодагон ё дақиқтар гӯем ба тарафи асилзодагон аз назари мушоҳид пинҳон созад – раванде, ки ҳар гуна ташкилоти ҳизбӣ бо он гирифтор аст».[1] М. А. Бакунин ва Р. Михелс зимни исботи ин ки падидаи мазкур хоси тамоми шаклҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ҳам демократӣ, ҳам консервативӣ мебошад, қонуни иҷтимоии машҳурро кашф карданд, ки бештар бо номи «қонуни оҳанини ашрофон» машҳур аст. Тибқи ин қонун, «аломатҳои ашрофӣ дар ҳар гуна ташкилоти инсонӣ, ки ҳадафҳои амалиро пайгирӣ менамоянд, мавҷуданд».[2] М. А. Бакунин ин қонунро тавсиф намуда, дар бораи Сербияи туркӣ навиштааст, ки дар он «на табақаи дарбориён ва сарватмандони калон, на саноатчиён ва тоҷирони хеле бой вуҷуд надоранд. Ба ҷойи ин ашрофони нави маъмурӣ зуҳур кард, он аз ҷавононе, ки аксаран аз ҳисоби давлат дар шаҳрҳои калони рушдёфта тарбия ёфтаанд, иборат аст. Ба сабаби ҷавонии худ онҳо ҳанӯз ба хизмати давлатӣ қабул нашудаанд ва бо ватандӯстӣ, мардумдӯстӣ ва либерализми содиқона фарқ мекунанд. Аммо ҳамин ки онҳо ба хизмати давлатӣ қабул шуданд…ватандӯстони ҷавон аз сар то пой мансабдор мешаванд».[3]

Барои фаҳмиши моҳият ва неруи ҳаракатдиҳандаи раванди кадрҳо «қонуни оҳанини ашрофон» аҳамияти муҳим дорад. Аз назарияи алоқамандӣ барои мо хусусияти низомҳои кушода ва пӯшида маълум аст. Рушди ҳар гуна низом ба собит яъне ба хилватгузинӣ оварда мерасонад, ки дар навбати худ он боиси афзудани равандҳои харобшавии низом мегардад. Ин падида мо махсусан дар равандҳои кадрҳо равшан мушоҳида мегардад. Дар ин бора П.

---

[1] Михельс Р. Демократическая аристократия и аристократическая демократия [Текст] / Р. Михельс // Социол. исслед. – 2000. – № 1. – С. 112.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 114.
[3] Бакунин М. А. Государственность и анархия. Борьба двух партий в интернациональном обществе рабочих [Текст] / М. А. Бакунин. – М. : «Едиториал УРСС», 2020. – С. 39–40.

Бурде дар асарҳои худ қайд карда, оид ба истиқрори инҳисори давлатӣ ва мубориза барои инҳисор ва имтиёзот навиштааст. Ҳар гуна мансаби хизмати давлатӣ аз тарафи П. Бурде чун шакли ниҳодшудаи «сармояи сиёсӣ» баррасӣ шудааст».[1]

Самти таҳаввулоти минбаъдаи сиёсати кадрҳои Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Европаи Ғарбӣ дар охири асри XX ва оғози асри XXI–ро метавон ба шакли лаппиши паллаи тарозу байни назарияи маъмурияти «мансабӣ» ва «сиёсӣ» бо ҷойивазкунии марказ гоҳ ба як тараф ва гоҳ ба ҷониби дигар тавсиф намуд.

Имрӯз дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Иттифоқи Европа ба чунин ақидаи муштарак расидаанд, ки «менеҷменти давлатӣ» дурустии худро исбот карда натавонист. Заифшавии муайяни ахлоқи маъмурии хизматчиёни давлатӣ, ҳамчунин коҳиши муассири ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ ба амал омадааст. Ҷавоб ба чунин озмоиши ғайримуваффақонаи ҷорисозии низоми менеҷменти давлатӣ кӯшиши пайванд додани усулҳои идоракунии маъмурии анъанавӣ бо қоидаҳои идоракунии нав гардид, ки дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка номи «маъмурияти хайрхоҳ»–ро гирифт. Дар Иттифоқи Европа ва Россия ба мақсади дарки илмӣ–назариявии пайванди сиёсати кадрии идоракунии анъанавӣ ва менеҷменти давлатӣ мафҳуми нав – «вебериании нав» пешниҳод гардид.[2]

Таҳлили таҷрибаи муосири ҷаҳонии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳо имкон медиҳад, ки намунаҳои миллии он тақсимбандӣ шаванд. Бо такя ба методологияи Л. В. Сморгунов, метавон чор намунаи ғарбии сиёсати давлатии кадрҳоро ҷудо кард:

– *кишварҳои англосаксонӣ* (Англия, Ирландия, Америка), ки барои онҳо саҳми нисбии зиёди таъйиноти сиёсӣ ва арзёбии кадрҳо аз рӯйи меъёри самаранокии иқтисодӣ хос аст;

---

[1] Ниг.: Бурдьё П. Социология политики [Текст] / П. Бурдье / Пер. с фр., сост., общ. ред. и предисл. Н. А. Шматко. – М. : Socio-Logos, 1993. – С. 216.

[2] Ниг.: Капогузов Е. А. Модернизация государственного управления в Европе : на пути к неовеберианству? [Текст] / Е. А. Капогузов // Современная Европа. Журн. обществ.-полит. исслед. – 2009. – № 1. – С. 29–40.

– *кишварҳои «наполеонӣ»* (Франсия, Португалия, Италия, Испания), ки бо таъсири қавии марказ ба сиёсати кадрҳои тамоми сатҳҳо, тақсими дақиқи ҳуқуқӣ ва танзими салоҳиятҳои кадрӣ байни сатҳҳои мухталифи идоракунии давлатӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, суботи баланди кадрҳои хизмати давлатӣ тавсиф мешаванд;

– *кишварҳои германӣ* (Германия, Австрия ва қисман Швейтсария), ки дар онҳо низ таъсирии қатъии танзимкунандаи марказ ба идоракунӣ дар минтақаҳо ҷой дорад, аммо он бо воситаҳои дастаҷамъии идоракунии ҳудудҳо ва озодии зиёди онҳо дар амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳо пайванд шудааст;

– *кишварҳои скандинавӣ* (Дания, Финляндия, Исландия, Норвегия, Шветсия), ки дар онҳо салоҳияти кадрии марказ бо салоҳияти ҳалкунандаи мақомоти маҳаллӣ ва таъсири фаъоли ниҳоди афкори ҷамъиятӣ ба таъийноти кадрӣ пайванд шудааст.

Дар адабиёти илмӣ низомҳои дигари тақсимбандии намунаҳои европоии хизмати давлатӣ аз рӯйи «усули миллӣ» вуҷуд доранд. Масалан, С. Л. Сергеева ба сифати намунаҳои асосӣ «намунаи Штатҳои Муттаҳидаи Америка», «намунаи Британияи Кабир» ва «намунаи франсиявӣ»–ро ҷудо кардааст.[1] Аммо ба ақидаи мо, тақсимбандии Л. В. Сморгунов ҷанбаи дақиқтар дорад, чунки дар натиҷаи ислоҳоти хизмати давлатии Британияи Кабир, байни сиёсати кадрҳои Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Британияи Кабир нисбат ба фарқият монандӣ бештар аст, ки муттаҳидкунии онҳо дар намунаи ягонаи миллӣ дурусттар аст. Муҳаққиқ А. В. Оболонский ин тақсимбандиро бо «намунаҳои хитоӣ ва америкаи лотинӣ» такмил додааст.

Намунаи муосири хитоӣ «кӯшиши пайванд додани шакли осиёии *merit system*, яъне имтиҳонсупорӣ, арзёбии ҳамасола ба фаъолияти хизматчиён бо усули ҳизбият мебошад»[2]. «Намунаи америкаи лотинӣ то ҳадде ба усулҳои

---

[1] Сергеева С. Л. Политика и государственная служба (национальные модели взаимоотношений в США, Великобритании и Франции) [Текст] / С. Л. Сергеева. – М. : РАГС, 2008. – С. 32.
[2] Оболонский А. В. Государственная служба: комплексный подход [Текст] / А. В. Оболонский. – М. : Дело, 2009. – С. 507.

расидан ба замонасозӣ дар шакли ғарбишавӣ устувор аст. Ба ин кишварҳо ташаккули хизмати давлатии босубот ба асоси низоми хизмат зарур аст».[1]

Дар ҳудуди пасошӯравӣ низоми бештар пешрафтаи идоракунии равандҳои кадрҳо «намунаи қазоқистонӣ»–и такмили сиёсати давлатӣ мебошад. Нахустин бор дар ҳудуди пасошӯравӣ бо Фармони собиқ Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Н. А. Назарбоев 18 сентябри соли 1998 мақоми босалоҳияти тобеъ ва ҳисоботдиҳанда ба роҳбари давлат – Агентии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба корҳои хизмати давлатӣ таъсис ёфт, ки бояд сиёсати ягонаи давлатиро амалӣ намояд.[2]

Агентии мазкур низоми ҷумҳуриявии иттилоотии идоракунии кадрҳои хизмати давлатиро ҷорӣ кард, ки имкон дод тартиботи интихоби озмунии кадрҳо ва менеҷменти кадрӣ қисман ихтиёрӣ шавад ва назорати вазъи хизмати давлатӣ амалӣ шавад. Ба туфайли дар сохтори Агентии идоракунии давлатии кадрҳо таъсис ёфтани «Маркази иттилооткунонӣ ва тестӣ» дар соли 2001 Ҷумҳурии Қазоқистон дар байни давлатҳои аъзои ИДМ якумин шуда технологияи озмунии ивазкунии вазифаҳоро ҷорӣ кард.

Ҳамин тариқ, пайдоиш ва ташаккули назарияи сиёсати давлатии кадрҳо, марҳалаҳои асосӣ ва натиҷагириҳои онро баррасӣ намуда, метавон чунин хулоса намуд:

– назария ва амалияи сиёсати давлатии кадрҳо роҳи мураккаби пайдоиш, ташаккул ва такомулро сипарӣ намудааст;

– назария ва амалияи идоракунии давлатӣ таърихи тулонӣ дорад. Дар таърихи худ андеша ва таҷрибаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи кадрҳо шакли он тағйир ёфта, моҳияти аслии он – идораи корҳои давлатӣ бетағйир боқӣ мондааст;

– дар Мисри Қадим сохтори ташаккулёфтаи сиёсӣ ва давлатдорӣ, низоми мукаммали идораи маъмурӣ, мушаххассозии вазифаҳо ва

---

[1] Оболонский А. В. Государственная служба: комплексный подход [Текст] / А. В. Оболонский. – М. : Дело, 2009. – С. 465.
[2] Турисбеков З. Казахстанская модель реформирования государственной службы [Текст] / З. Турисбеков // Государственная служба. – 2002. – № 2. – С. 41.

уҳдадориҳои хизматчиёни давлатӣ, дастгоҳи мансабдорон ва дараҷабандии онҳо ташаккул ёфта буд;

– Бобулистони Қадим марҳалаи баъдии рушди назария ва амалияи сиёсати идоракунии давлатӣ дар Шарқи бостонӣ ба шумор меравад. Бобулистон, ки давлати подшоҳии мутамарказ буд, усули идораи давлат хислати дарборӣ дошт. Наздикони подшоҳ мансабҳои олии давлатиро ишғол намуда, аз номи шоҳ хон дар марказ ва хон дар маҳал хоҷагидории ӯро идора мекарданд;

– Ҳиндустони Қадим намунаи олии назария ва амалияи сиёсати давлатии кадрҳоро барои инсоният пешкаш намудааст. Андешаи идораи умури давлатии Ҳиндустони Қадим дар «Қонунҳои Ману» ва «Артхашастра» таҷассуми худро ёфтаанд. Дар Ҳиндустони Қадим низоми боадолатонаи муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфта буданд. Ба таври мисол, дар «Артхашастра» боби махсус «Уҳдадориҳои подшоҳ» вуҷуд дошт ва он сарҳади фаъолияти ҳокимияти олиро мушаххас месохт.

– шакли аз ҳама рушдёфтаи идоракунии давлатӣ дар таърихи сиёсии Шарқи Қадим дар таҷрибаи давлатдории Хитои Қадим ташаккул ёфта буд. Мутафаккирони Хитои Қадим доир ба санъати идоракунии давлатӣ, интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ташаккули дастгоҳи мансабдорон аз худ осори ғанӣ боқӣ гузоштаанд. Мисли дигар давлатҳои Шарқи Қадим дар Хитой низ шакли империявии давлатдорӣ ташаккул ёфта буд. Вобаста ба ин, низоми идораи давлатдории мутамарказ барои роҳбарӣ намудани давлат ва дар тобеият нигоҳ доштани маҳалоти дурдаст таъсис дода шуда буд;

– назария ва амалияи ғарбии сиёсати давлатии кадрҳо аз таърихи сиёсии Юнони Қадим сарчашма мегирад. Андеша ва таҷрибаи идораи давлатӣ дар Юнони Қадим аз давлатҳои Шарқи Қадим фарқ мекард, чунки он дар шароити нави сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул ёфта буд. Донишмандони Юнони Қадим назарияи сиёсати кадриро бо андешаи интихобӣ будани хизматчиёни давлатӣ рушд дода буданд;

– дар Асрҳои миёна низоми пешрафтаи идораи давлатӣ, сиёсати кадрӣ ва эҷоди маъмурияти ҷавобгӯйи замон дар давлати Сомониён ташаккул ёфта буд. Девони вазирони давлати Сомониён намунаи беҳтарини таъсиси ҳукумат ба шумор мерафт. Бори аввал дар таърихи идораи давлат ва сиёсати кадрӣ сомониҳо ниҳоди махсус – Шурои вазирон ва бинои махсуси ҳукуматӣ – дарбори даҳ девонро таъсис доданд. Давлати Сомониён давлати шоҳӣ буда, тамоми корҳои давлатдорӣ ба таври мутамарказ аз дарбори шоҳ идора мегардид;

– мураккабшавии низоми иҷтимоӣ дар ҷараёни таҳаввулоти ҷомеаи европоӣ дар Асрҳои миёна, бухрони низоми муносибатҳои заминдорӣ наметавонистанд ба рушди сиёсати кадрҳо таъсир нарасонанд. Хусусияти хоси таҳаввулоти кишварҳои европоӣ дар Замони нав шаклгирии низоми сиёсии шоҳии мутлақ буд ва он бо рушди босуръати дастгоҳи маъмурии мутамаркази давлат ҳамроҳ буд, ки ба ҷойи худидоракунии асримиёнагии коммунҳои шаҳрӣ ва низоми «истиқлоли» заминдорӣ–ашрофзодагӣ ташаккул ёфта буд;

– таърихи рушди сиёсати кадрии Штатҳои Муттаҳидаи Америка, аз давраи эълони Истиқлол, шартан ба се марҳала ҷудо карда мешавад. Масалан, А. В. Оболонский бо такя ба анъанаи сиёсатшиносии Америкаи Шимолӣ, онро ба «ҳокимияти ҷавонмардон», «ғанимат ба ғолиб» ва «низоми хизмат» ҷудо кардааст.

## 2. Таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбӣ

Сиёсати давлатии кадрҳо чун қисми таркибии сиёсати давлат дар доираи муқарраароти меъёрӣ асос ёфта бо тағйири тамоюлоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра тағйир меёбад.

Ба таҳаввулоти сиёсати кадрӣ аксар вақт ивазшавии пешвои давлат ва тағйири самти рушди он таъсир мерасонад. Масалан, муҳаққиқи Россия В. Л. Колесников таъкид менамояд, ки «сиёсати давлатии кадрҳо чун самти сиёсии синфи ҳукмрони ҷомеаи мазкур ва баъзан, шахси алоҳида тавсиф мешавад».[1]

Таҳқиқи масъалаи сиёсати кадрии Иттифоқи Советӣ ба осори доираи маҳдуди муаллифон асос ёфтааст, чунки таваҷҷуҳи аксарият коршиносони Иттифоқи Советӣ асосан ба тамоюлоти умумӣ ва ҷараёни таҳаввулот дар сиёсати дохилии Иттифоқи Советӣ тамаркуз ёфта буд.

Барои таҳқиқи масъалаи ташаккул ва рушди сиёсати давлатии кадрҳои ин давра мо асарҳои сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, файласуфон ва муаррихонро, ки ба масъалаҳои пайдоиши муассисаҳои давлатӣ ва идоракунии давлатии даврони советӣ машғул буданд, мавриди истифода қарор додем: Инҷо метавон осори В. Г. Игнатов, А. В. Понеделков, Е. М. Трусова, С. А. Кислисин, Ф. И. Поташев, А. М. Старостин, В. Н. Сергеев, В. Н. Смирнов, А. Г. Данилов, В. Ф. Патракова, В. А. Рогозин, Л. Л. Хоперская, В. В. Черноус ва ғайраро нишон дод.[2]

Хизмати муаллифони мазкур аз он иборат аст, ки онҳо масъалаи ба давраҳо тақсимкунии пайдоиш ва таҳаввули сиёсати давлатии кадрҳои давраи Иттифоқи Советиро таҳқиқ кардаанд.

Бояд қайд кард, ки равишҳои назариявӣ–методологӣ ва илмӣ дар давратақсимкунии сиёсати кадрҳои Иттифоқи Советӣ вобаста аз мавзуъ ва нуктаҳои иҷтимоию фалсафии муҳаққиқи мушаххас тағйир ёфтаанд.

Таҳлили масъалаи мазкур барои мо аз он ҷиҳат мубрам аст, ки пайдоиш ва таҳаввули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад аз нигоҳи ду марҳалаи бузурги таърихӣ беҳтар баррасӣ карда шавад: марҳалаи Иттифоқи Советӣ ва пасошӯравӣ. Чунин давратақсимкунӣ шартӣ

---

[1] Колесников В. Л. Государственная кадровая политика: политико-институциональный аспект : дис. … канд. полит. наук [Текст] / А. Л. Колесников. – Ростов н/Д., 2002. – С. 19.

[2] Ниг.: Понеделков А. В. Компетентность востребована (социол. аспект) [Текст] / А. В. Понеделков. – М. : Луч, 1991. – 172 с ; Игнатов В. Г. Теория и история административно-политических элит России [Текст] / В. Г. Игнатов, А. В. Понеделков, А. М. Старостин, В. В. Черноус. – Ростов н/Д., 1996; Игнатов В. Г. Эффективность государственной службы. Государственная служба: теория и организация [Текст] / В. Г. Игнатов, А. В. Понеделков, А. М. Старостин. – Ростов н/Д., 1988.

аст, аммо он имкон медиҳад, ки шаклгирии сиёсати давлатии кадрҳо низомбандӣ шавад ва давраҳои асосии инкишофи Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гиранд.

Тавре ки В. П. Мелников таъкид менамояд, идоракунии давлатӣ – яке аз шартҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.[1]

Бо дарназардошти давраи гузариши ҷомеаи Тоҷикистон, сиёсати давлатӣ такмили минбаъдаи сиёсати давлатии кадрҳоро ба мақсади тақвияти муассирии танзими идоракунии давлат талаб менамояд.

Ҳангоми таҳқиқи ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳои даврони советӣ муаллиф усулҳои илмии таҳлили муқоисавиро истифода бурд. Омӯзиши муқоисавии таҷрибаи гузашта ва имрӯза дар ин соҳа, ошкор намудани ҷанбаҳои мусбат ва манфии он дар алоқамандӣ бо арзёбии низоми сиёсати давлатии кадрҳои Тоҷикистони советӣ имкон медиҳад, ки як силсила омилҳои умумӣ ва фарққунанда дар ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои давраҳои гуногуни давлатдории Иттифоқи Советӣ равшан шаванд.

Истифодаи равиши муқоисавӣ–таърихӣ дар таҳқиқот имкон медиҳад, ки ниҳодҳои асосии таълимоти кадрӣ ҷудо карда шаванд, хулосаҳо шаклбандӣ гарданд, ки метавонанд дар ҷараёни тарҳрезии сиёсати давлатии кадрҳои муносиб ва таъсиси ниҳодҳои хизмати давлатӣ ба назар гирифта шаванд.

Ба ақидаи аксари коршиносон, ба сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ мероси Россияи подшоҳӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ таъсири ҷиддӣ расонид. Муҳаққиқони ҷанбаҳои ҳуқуқии ин мавзуъ (Н. Коркунов ва ғайра[2]) идоракунии давлатии ин давраро чун «хизмат ба подшоҳ ва ба тамоми давлат» тавсиф кардаанд. Ба ақидаи ин коршиносон, сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ дар он зоҳир мешуд, ки масъалаҳои

---

[1] Ниг.: Мельников В. П. Государственная служба России: отечественный и исторический опыт [Текст] / В. Н. Мельников // Государственная служба: теория и организация. – Ростов н/Д., 1996. – С. 400.

[2] Ниг.: Нелидов Н. Юридические и политические основания государственной службы [Текст] / Н. К. Нелидов – М. : «Лань», 2013. – С. 136–137 ; Коркунов Н. Русское государственное право. Т. 1. [Текст] / Н. Коркунов. – СПб., 1914. – С. 400–401.

амалисозии ҳадафҳо ва ҳалли вазифаҳои давлатро хизмати давлатӣ ба уҳда гирифта буд.

Тавре ки таҷрибаи аксари ҷомеаҳои муосир нишон медиҳад, ба сиёсати давлатии кадрҳо идеологияи давлатӣ таъсир мерасонад, ки ба он ҳамеша ҳокимият ва идоракунӣ эҳтиёҷ доранд. Бинобар ин, назария дар бораи хислати ҳокимият ва идоракунии муайянкунандаи мазмуни назарияи давлатии кадрҳо аз нигоҳи илмӣ ва назариявӣ таҳия ва аз нигоҳи қонунӣ асоснок шуд.

Идеологияи давлатӣ бояд қонунмандии ҳокимият ва идоракунӣ, ба мақсад мувофиқ будани воситаҳои амал ва муассирии онҳоро таъмин намояд. Дар айни замон, хизмати давлатӣ имкони азим ва воситаҳои истиқрори идеологияи давлат чун маҷмӯи арзишҳои муайяни ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоии дар ҳокимият қарордоштаро дорад.

Барои муносиб шудани таҳлили масъалаи ташаккул ва таҳаввули сиёсати кадрҳои Иттифоқи Советӣ муаллиф зарур донист, ки марҳалаҳои асосии зерини онро ҷудо намояд:

Марҳалаи аввали сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ аз ғалабаи Инқилоби Бузурги Сотсиалистии Октябр оғоз гардида, то вафоти бунёдгузори давлати Советӣ В. И. Ленин идома ёфт. Марҳалаи мазкур бо омадани «болшевикон»–тарафдорони В. И. Ленин ба сари қудрат алоқаманд аст, бинобар ин, онро метавон чун давраи ленинии ташаккул ва амалисозии сиёсати кадрӣ тавсиф кард. Муҳимтарин вазифаи сиёсати кадрҳои болшевикон амалӣ намудани ягонагии низоми ҳокимияти давлатӣ дар тамоми кишвар буд.

То оғози соли 1918 мақомоти идоракунии давлатии куҳна барҳам дода шуда, комиссариатҳои халқӣ таъсис ёфтанд. Асоси ҳуқуқии ислоҳоти болшевикҳоро Конститутсияи ҶСФСР ташкил дод, ки миёнаи соли 1918 қабул гардида буд.

Сиёсати кадрии болшевикҳо усулҳои зерини ташкилии дастгоҳи давлатиро ба инобат мегирифт:

– яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ будан;

– роҳбарии ҳизбӣ;

– назорат ва тафтиши иҷро;

– марказияти демократӣ;

– такмили мунтазами дастгоҳи хизмати давлатӣ ва ғайра.

Дар марҳалаи аввали бунёди давлати сотсиалистӣ неруҳои асосӣ ба мутобиқати идоракунии давлатӣ бо усулҳои идеологӣ сафарбар шуда буд. Заминаи идеологияи коммунистиро бартарии нуқтаи назари синфӣ, пролетарӣ ба раванду ҳодисаҳо ташкил медод, ки ин боиси мутлақияти аҳамияти равишҳо ва усулҳои ҳизбӣ–маъмурӣ дар ҳалли вазифаҳо гардид. В. И. Ленин навишта буд: «Ба вазифаҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ бояд ашхоси бешубҳа, боэътимод, пешбарӣ карда шаванд, ки тавони ишғоли мансаб чун намояндагони тамоми синфро дошта бошанд».[1]

Хусусияти дигари сохтмони давлатии ин давра афзоиши нақши мақомоти иҷроияи ҳокимият бар зарари демократияи намояндагӣ ва бевосита буд. Дастгоҳи давлатии қатъӣ маъмуришуда мавқеи новобаста аз мақомоти конститутсиониро ишғол карда, тамоми фишангҳои ҳокимиятро ба даст овард. Чунин вазъ то андозае натиҷаи дар амал татбиқ намудани сиёсати кадрҳо аз тарафи роҳбарони бонуфузи давлати Иттифоқи Советӣ буд.

Ба ақидаи И. А. Исаев, ҳадафи сиёсати кадрии болшевикон бо шакли нави давлатдорӣ мутобиқ кардани дастгоҳи куҳнаи давлатӣ ва аз байн бурдани маъмурияти мансабдорон – мероси низоми куҳна буд. Дар айни замон, зарур буд, ки дастгоҳи идоракунӣ бо дарназардошти усулҳои ташкилии илмии меҳнат ва асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ бозсозӣ шавад.[2]

---

[1] Ленин В. И. Полное собрание сочинений в 55 томах. Т. 36. – М. : Изд-во политической литературы, 1981. – С. 467.

[2] Ниг.: Исаев М. А. История российского государства и права [Текст] / И. А. Исаев. – М. : Статут, 2012. – С. 323.

Дар марҳалаи мазкур ташаккул ва амалӣ намудани меъёрҳои нави конститутсионии ҳокимият ва идоракунии ба афзоиши нақши шуроҳҳо мусоидаткунанда дар тамоми сатҳҳо оғоз гардид.

Марҳалаи дуюми сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ бо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани сиёсати нави иқтисодӣ алоқаманд аст. Т. П. Коржихина ва А. С. Сенин менависанд, ки ниҳодҳои сиёсати кадрҳои давраи сиёсати нави иқтисодӣ акнун ба асосҳои конститутсионии дар кодексҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, тартиботи мурофиаи судӣ, Кодекси меҳнат ва ғайра дарҷшуда, ки дар соли 1922 амалӣ шуданд, такя мекарданд.[1]

В. И. Ленин дар моҳҳои охири ҳаёташ ҳамеша таъкид мекард, ки бояд ба он роҳ дода нашавад, ки «муҳимтарин вазифаҳои давлатиро ҳизби роҳбаринакунанда анҷом диҳад».[2]

Марҳалаи сеюми сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ аз давраи ба сари қудрат омадани И. В. Сталин оғоз гардид. Асосҳои сиёсати кадрҳои И. В. Сталин ҳанӯз қабл аз ба сари қудрат омадани ӯ гузошта шуда буд. Масалан, ӯ дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи Ҷаласаи I умумироссиягии кормандони масъули Зиёиёни коргарӣ–деҳқонӣ 15 октябри соли 1920 ба идоракунии кишвар аз тарафи роҳбарони дастгоҳи иҷроияи давлат ишора кард. Барои идоракунӣ «бояд намояндаҳои ботаҷрибаро на танҳо дар он ҷойҳое, ки масъалаҳо ва қарорҳо баррасӣ мешаванд, балки дар он ҷойҳое, ки қарорҳо дар ҳаёт татбиқ мешаванд, дошта бошем».[3]

Муҳаққиқи низоми идоракунии Иттифоқи Советӣ М. С. Восленский зимни муқоисаи таълимоти ленинӣ ва сталинӣ, қайд намудааст, ки агар В. И. Ленин ташкилоти мутаҳҳарик, хуб созмонёфтаи инқилобчиёни касбиро бунёд кард, пас, И. В. Сталин дастгоҳи идоракунии Россияро ихтироъ кард.[4]

---

[1] Ниг.: Коржихина Т. П. История российской государственности [Текст] / Т. П. Коржихина, А. С. Сенин. – М. : Интерпракс, 1995. – С. 171, 173.
[2] Ленин В. И. Полное собрание сочинений в 55 томах. Т. 36. – М. : Изд-во политической литературы, 1981. – С. 467.
[3] Сталин И. В. Собрание сочинений в 13 томах. Т. 4. – М. : Изд-во политической литературы, 1947. – С. 366–367.
[4] Восленский М. С. Номенклатура [Текст] / М. С. Восленский. – М. : Изд-во Захаров, 2015. – С. 82.

Асоси низоми идоракунии Иттифоқи Советиро усулҳои идеологӣ ташкил медиҳанд, ки ин низоми маъмурии Иттифоқи Советиро аз усулҳои пешинаи маъмурияти табақавӣ ва ҳамчунин аз низоми хизмати давлатии буржуазӣ фарқ мекунонд.

Ба ақидаи М. С. Восленский, И. В. Сталин асоси кадрии дастгоҳи идоракунии шахсиро ташаккул дод, ки хислати стратегӣ дошт. Номзадҳоро ӯ «аз тариқи ғалбери *(элаки)* манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсии худ месанҷид ва онҳоро дар сатҳҳои мухталифи дастгоҳи идорӣ таъйин мекард, мисле, ки оҳангсоз бо нота сарукор дорад, ӯ низ мехост, ки симфонияи барояш зарурӣ ба вуҷуд ояд».[1] Афзалият дар низоми кадрҳои сталинӣ ба садоқати ҳизбӣ, баромади (асли) синфӣ, сатҳи шуурнокии инқилобӣ, вафодор будан ба ҳизб, оштинопазирӣ нисбат ба тарзи ҳаёти буржуазӣ ва ғайра дода мешуд. Хизматчиёни давлатӣ бояд нуктаҳои умумии Низомнома ва Барномаи ҳизби коммунистӣ, муқаррароти Бюрои сиёсӣ ва Кумитаи Марказии ҳизбро медонистанд. Чунин муносибат боиси шах шудани тафаккур ва ташаккули ҳамфикрии якҷониба гардид.

Дар низоми сталинӣ сиёсати кадрҳо дар заминаи шаҳрвандӣ–ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ бунёд намешуд, балки комилан аз амрҳои ҳизбӣ, талаботи Низомнома вобаста буд, ки чун асоси меъёрии ҷомеаи ба идеология асосёфта хизмат мекарданд. Ҳамин тавр, масъулият (ҳуқуқӣ, моддӣ) барои қарорҳои иштибоҳнок ҳамчунин аз нигоҳи меъёрҳои ҳизбӣ баррасӣ мешуданд. Агар кумитаи ҳизбӣ лозим медонист, аъзои ҳизбро аз сафи худ хориҷ карда, метавонист ӯро ба дасти маҳкамаи советӣ супорад. Бад-ин тартиб, на усули умумишаҳрвандӣ, балки низоми дугонаи сиёсати кадрҳо вуҷуд дошт: яке барои аъзои ҳизб ва дигаре барои дигарон.

Марҳалаи чоруми сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ ба соли 1941, яъне ба оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ рост омада, хусусиятҳои хоси худро дошт ва бо хатми ҷанг низ поён ёфт.

---

[1] Восленский М. С. Номенклатура [Текст] / М. С. Восленский. – М. : Изд-во Захаров, 2015. – С. 85.

Тавре ки Т. П. Коржихина қайд менамояд, сиёсати давлатии кадрҳо дар шароити ҷанг ҷанбаи фавқулода ва ғайриоддиро гирифт. Сиёсати дохилӣ дар он замон ба усули «тамаркузи роҳбарии сиёсӣ, хоҷагӣ ва ҳарбӣ» асос ёфт.[1]

Марҳалаи панҷум, баъдиҷангии сиёсати давлатии кадрҳо аз соли 1945 оғоз шуда, то соли 1953, яъне то фавти И. В. Сталин идома ёфт.

Тамоюлоти асосии сиёсати кадрҳои ин давра ғайриҳарбӣ кардани идоракунӣ, барҳам додани мақомоти ғайриконститутсионии фавқулода, ки мутобиқи талаботи замони ҷанг таъсис ёфта буданд ва қисман демократӣ кардани идоракунӣ буд.

Дастгоҳи хизматии давлатии пас аз ҷанг дар назди сиёсати кадрии Иттифоқи Советӣ вазифаҳои навро гузошт. Гузаштан ба ҳаёти осоишта тарбияи кадрҳо ва мутахассисони навро талаб мекард, ки бояд малакаи кор дар шароити замони осоиштаро медоштанд.

Зеро, ҳанӯз дар миёнаи солҳои 1940 дар идоракунии давлат падидаҳои бухронӣ зоҳир шуданд. Коҳиши муассирияти хизмати давлатӣ бозсозӣ ва таҷдиди тамоми дастгоҳи сиёсати давлатии кадрҳоро талаб мекард.

То миёнаи асри XX замина барои замонасозии хизмати давлатӣ ва тарҳрезии таълимоти кадрии тағйирёфта гузошта шуд, ки сароғози марҳалаи минбаъдаи рушд гардид.

Марҳалаи шашуми сиёсати давлатии кадрҳо аз дидгоҳи аксари муҳаққиқон, даврае буд, ки таълимоти кадрии давлатии Иттифоқи Советӣ ба аҳкоми марксистӣ–ленинӣ дар бораи тадриҷан барҳам хурдани давлат зимни гузариши кишвар ба давраи коммунистии ҷамъиятию иқтисодӣ такя мекард. Дар марҳалаи аввали бунёди давлати сотсиалистӣ нукта дар бораи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд барои иштирок дар идоракунии давлат матраҳ ва асоснок гардида буд. Аммо ҳаёт дар татбиқи ин нақшаи пешбинишуда тағйирот ворид кард. Табдили давлат ба худидоракунии ҷамъиятӣ имконпазир гардида, идоракунии воқеии давлат пурра дар ихтиёри ҳокимияти ҳизбӣ

[1] Коржихина Т. П. История российской государственности [Текст] / Т. П. Коржихина, А. С. Сенин. – М. : Интерпракс, 1995. – С. 235.

(ҲКИС) қарор мегирифт. Дар натиҷа, мулоҳизаҳои мазкур бо андешаи дигар – нақши роҳбарикунанда ва ҳидояткунандаи ҳизб табдил ёфт. Давлати аз ҳама муқтадири коммунистӣ натавонист вазифаи усулӣ – таъсиси шакли нави кадриро ҳал намояд. Дар натиҷа хизматчиёни давлатӣ чун махсусияти давлати буржуазӣ, табақаи имтиёзноки ҳукмронии аққалият бар аксарият боқӣ монданд.

Дар натиҷаи сабабҳои зикршуда, санади махсуси миқёсноки меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи хизмати давлатӣ ва сиёсати кадрӣ дар Иттифоқи Советӣ қабул нашуд. Ниҳоди советии сиёсати давлатии кадрҳо асосан ба воситаи қонунгузории меҳнат танзим шуда, аз ҷониби низоми таъйини мансабҳо назорат мешуд. Дар натиҷа, таҳти мафҳуми васеи «хизматчиёни давлатӣ» тамоми кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин табибон, муаллимон, хизматчиёни муҳандисӣ–техникии муассисаҳои давлатӣ ва бисёр дигар кормандони кори ғайриҷисмонии машғул дар хоҷагии халқ фаҳмида мешуд.

Марҳалаи ҳафтуми сиёсати давлатии кадрҳо бо фаъолияти пешвои навбатии ҳизб ва давлати Иттифоқи Советӣ Н. С. Хрушев алоқаманд аст. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, сиёсати давлатии «нармкунии хрушевӣ» бо сиёсати кадрӣ бар асоси иродаи пешво, таҷдиди ифротии дастгоҳи давлатӣ, фош намудани шахспарастии И. В. Сталин, такмили низоми идоракунии хоҷагии алоқаманд бо ғайримарказикунонии идораи иқтисод тавсиф карда мешавад. Ҳадафи сиёсати давлатии кадрҳо наздик кардани мақомоти ҳизбии идоракунӣ бо истеҳсолоти мушаххас буд. Низоми иҷтимоию сиёсии марҳалаи мазкур сиёсати кадрҳои фармонфармоӣ–маъмурӣ буд.

Марҳалаи ҳаштуми сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советиро бо омадани Л. И. Брежнев ба роҳбарии ҳизбӣ–давлатӣ алоқаманд мекунанд. Дар ин марҳала сиёсати давлатӣ асосан ба тақвияти назарраси усули таъйини мансабҳои ҳизбӣ равона шуда буд. Унсури муҳимтарини низоми кадрҳои ин марҳала дастгоҳи ҳизбӣ гардид, ки вазифаи мақомоти интихобии ҳизбӣ ва советиро ба дӯш гирифт. Дар давраи Л. И. Брежнев ба бисёр ташаббусҳои

мусбати И. В. Сталин ва Н. С. Хрушев хотима дода шуд. Асоси сиёсати кадрии Л. И. Брежневро таълимоти «сотсиализми рушдёфта» ташкил медод.

Дар низоми идоракунии давлат мартабаи хоси сиёсӣ шакл гирифт, ки дар он мақомоти ҳизбӣ, давлатӣ ва советӣ шомил буданд. Тавре ки файласуфи маъруфи рус А. Зиновев таъкид кардааст, дар замони Иттифоқи Советӣ «тамоми низоми ҳокимият як навъ дастгоҳи ҳизбӣ буд».[1] Ҳастаи элитаи сиёсии сатҳҳои гуногунро кумитаҳои ҳизбӣ ташкил медоданд. Тавре ки як силсила муҳаққиқон қайд мекунанд, дар оғози солҳои 1980 коммунистҳо беш аз 43% кадрҳои роҳбарикунандаро ташкил медоданд, гарчи дар байни тамоми аҳолӣ теъдоди коммунистон 8–9% буд. Зимнан, тамоми раисони Шурои Олӣ, Шурои вазирони ҷумҳуриҳои советӣ ва мухтор, кумитаҳои иҷроияи вилоятҳо он солҳо ҳатман коммунист буданд. Дар байни вакилони Шурои Олии Иттифоқи Советӣ шумораи коммунистҳо 67%, дар байни кормандони кумитаҳои ҷавонон (комсомол) 72%, дар таркиби Иттифоқи касаба ва Комиссияи марказии тафтишоти иттифоқҳои касабаи Иттифоқи Советӣ 75% буданд. Ғайриҳизбиён дар байни кадрҳои роҳбарикунанда хеле камшумор буданд.[2] Аз сӯи дигар, дар таркиби мақомоти ҳокимияти ҳизбӣ ҳиссаи кормандони ҳизбии ғайрикасбӣ афзуд. Дар солҳо 1930 дар таркиби Кумитаи Марказии ҳизби коммунисти Иттифоқи Советӣ ҷойи муайянро намояндагони мақомоти марказии давлатӣ ишғол мекарданд ва дар солҳои 1980 теъдоди онҳо нисбат ба кормандони ҳизбии дастгоҳи марказӣ се баробар афзуд (тақрибан 30% дар муқобили 11,5%).[3]

Чунонки А. В. Понеделков менависад, дар ин давра, дар тарбияи кадрҳо ба рушди сифатҳои иҷрокунандагӣ бештар таваҷҷуҳ мегардид. Шахсиятҳои дорои мавқеи худ, шоистасолор ва дорои қобилияти истодагарӣ дар нуқтаи назари хеш маъмулан ба хизмати давлатӣ роҳ дода намешуданд. Ҷойи салоҳиятнокии корманд ва пойбандии он ба дониш ва илмро аксар вақт

---

[1] Зиновьев А. А. Коммунизм как реальность. Кризис коммунизма [Текст] / А. Зиновьев. – М. : Центрполиграф, 1994. – С. 324.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Политические процессы в условиях перестройки. – М. : Изд-во Институт, 1991. – Вып. 2. – С. 17.

садоқати ӯ ба роҳбарият ва иҷрои фармонҳою муқаррарот мегирифт.[1] Ин хусусиятҳо ҳанӯз дар замони сталинӣ зоҳир гардида буданд. Баъдтар, дар сиёсати кадрҳо ба касбият ва салоҳияти корманд таваҷҷуҳи бештар мешуд.

Ба ақидаи А. Зиновев, «зарурати тамаркузи саъю талош ба барқарорсозӣ ва бозсозии иқтисоди миллӣ (хоҷагии халқ) дар солҳои баъдиҷангӣ равиши хоҷагию техникӣ дар интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳои ҳизбӣ ташаккул ёфт, ки ин боиси зуҳури равиши технократӣ дар фаъолияти онҳо гардид. Ва ин тамоюл то солҳои охир давом ёфт».[2]

Марҳалаи нуҳуми сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ аз ба сари ҳокимият омадани М. С. Горбачев оғоз гардид, ки на танҳо шакли идоракунии дастгоҳи ҳизбӣ, балки тамоми низоми давлатдорӣ ва сиёсиро шикаст.

Сиёсати давлатӣ дар ин давра бо фаъолияти мақомоти ҳизбӣ ва советӣ оид ба суръатбахшӣ ба рушди иқтисод ва аз байн бурдани воситаҳои боздоранда ва монеъкунанда тавсиф мешавад. Дар ин давра таҷдиди ҳайратангези элитаи сиёсӣ рӯй дод.

Мутобиқи сиёсати кадрҳо табдили сартосарии кадрҳои роҳбарикунанда амалӣ шуд. Табдили шадиди кормандони дастгоҳи идоракунӣ дар мақомоти ҳокимияти марказӣ ва дар маҳалҳо боиси коҳиши салоҳияти роҳбарони хоҷагӣ ва ҳизбӣ гардид.

Тағйироти кадрӣ ва бозсозӣ рушди иқтисодиро таъмин карда натавонистанд. Сабаби асосӣ дар он буд, ки дар ин давра дар кишвар ҳокимияти марказии қавӣ, ки тавонад ислоҳоти миқёсноки иқтисодиро анҷом диҳад, вуҷуд надошт.

Дар шароити шикасти низоми маъмурию фармонфармоӣ ва бухрони сартосарии сиёсат, ҷомеа ва иқтисод, ҳамзамон мебоист давлати нав ва воситаҳои навини идоракунӣ бунёд мешуд.

---

[1] Понеделков А. В. Компетентность востребована (социол. аспект) [Текст] / А. В. Понеделков. – М. : Луч, 1991. – С. 51.

[2] Зиновьев А. А. Коммунизм как реальность. Кризис коммунизма [Текст] / А. Зиновьев. – М. : Центрполиграф, 1994. – С. 326.

Тавре ки рӯйдодҳои минбаъда нишон доданд, М. С. Горбачев натавонист гурӯҳи роҳбарикунандагони давлатиро ташкил диҳад, аз ин рӯ фишангҳои асосии идоракунии Иттифоқи Советиро аз даст дод. Дар натиҷа, қарор дар бораи барҳам додани кишвари советҳо қабул гардид, ки дар шикастпораҳои он ниҳодҳои нав ва мустақили сиёсӣ зуҳур намуданд. Дар назди онҳо дар шароити таҳаввулоти сиёсӣ вазифаҳои ҷустуҷӯи сохтори муносиби давлатӣ, гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ва усулҳои роҳбарии демократӣ, ҳамчунин ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии сиёсати давлатдорӣ меистод.

Тавре, ки мо мушоҳида намудем, пешвоёни Иттифоқи Советӣ нақш ва аҳамияти сиёсати кадрҳо ва ниҳоди хизмати давлатии мавҷудаи беш аз 100 солро, ки дар аксарият кишварҳои европоӣ бомуваффақият амал мекунад, муддати тӯлонӣ дарк карда натавонистанд. Бинобар ин, пешниҳодҳои сершумори тарроҳон ва таҳиякунандагони лоиҳа ва санадҳои қонунгузорӣ дар бораи сиёсати кадрҳо ва хизмати давлатӣ аз тарафи роҳбарони кишвар ба эътибор гирифта намешуд.

Танҳо пас аз касби истиқлол ва оғози ислоҳот дар давлатҳои пасошӯравӣ дарку фаҳмиши таҳияи сиёсати давлатии кадрҳо, истифодаи таҷрибаи таҳаввулоти советӣ ва хориҷии хизмати давлатӣ ба амал омад. Батадриҷ нақши усулҳои умумишаҳрвандӣ ва демократӣ дар созмондиҳии намунаи муосири хизмати давлатӣ дарк шуд.

Баррасии таҷдиди равандҳои кадрҳо дар пасманзари таҳқиқоти муқоисавӣ ва таърихӣ ба ошкор намудани табиат ва устувории онҳо, ҳамалоқамандии тағйироти робитаҳои кадрҳо, динамикаи вазифаҳои сафарбаркунандаи амал ва рафтори ашхоси ҷалбшуда ба равандҳои кадрҳо мусоидат мекунад.

Ҳамзамон бо ҷиҳатҳои мусбат, таҳлили бартарии таърихи рушди сиёсати давлатии кадрҳо имкон медиҳад ҷанбаҳои манфӣ низ ошкор шаванд, ки аз онҳо натиҷагирии дахлдор дар амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳо бароварда мешавад.

Гуфтан ба маврид аст, ки мавҷудияти таҷрибаи амалии идоракунии давлатӣ зарур мебошад. Вобаста ба ин, бахше аз қишри сиёсӣ ва идории Тоҷикистон таҷрибаҳои мушаххаси корӣ ва идоракунии ҳам даврони советӣ ва ҳам даврони муосирро доранд. Таҷрибаи ташкилӣ ва идорие, ки аз замони советӣ боқӣ мондааст, яке аз дороиҳои бисёр муҳим дар самти давлатдорӣ мебошад, ки бояд бисёр ҷиддӣ гирифта шавад. Маҳз дар ин давра дубора насле аз коргузорони тоҷик ба вуҷуд омад, ки бо низоми нисбатан муосир ва мураккаби идорӣ ва давлатӣ сару кор гирифта, таҷрибаи чунин фаъолиятро касб намуданд.

Вале ин таҷрибаи насли идорӣ ва сиёсии тоҷикон бо чанд мушкилот рӯбарӯ шуд:

1) чун тоҷикон асосан дар мақомҳои идории сатҳи пойин, миёна ва ё ҷумҳуриявӣ буданд, онҳо таҷрибаи роҳбарии воқеии мустақилонаи сиёсиро камтар фаро гирифтанд. Вазифаи асосии роҳбарони аксари вилоят ва шаҳру ноҳияҳо идоракунии бахши иқтисод ва хоҷагидории минтақаҳо буда, ба ин вазифаҳо пеш аз ҳама, шахсони дорои ихтисосҳои иқтисодӣ ва кишоварзӣ (бо гузоштани курсҳои кӯтоҳи ҳизбӣ) таъйин мешуданд. Чунин ҳолат аз ҳолати идоракунии давлатию сиёсӣ то ҷое фарқ дорад. Аз ин рӯ, насли идории мо дар замони советӣ мудирони иҷроияи хуб шуданд, вале на ҳамаи онҳо истеъдоди идоракунии сиёсию давлатро аз худ карда тавонистанд. Яъне, бештари таҷрибаи онҳо на дар сиёсатгузории давлатӣ, балки дар «хоҷагидорӣ» ва «ҳокимияти иҷроия» хулоса мешуд;

2) бо фурӯпошии Иттифоқи Советӣ ва тағйири шароити давлатдорӣ, бахше аз таҷрибаи насли идорию сиёсии он замон корбурди сиёсии худро аз даст дод. Вазъияти нав равишҳои нави идоракунии ҳам сиёсӣ ва ҳам иқтисодиро талаб менамуд, вале бахши муайяне аз ин қишр, ҳатто то имрӯз, худро ба шароити нави сиёсию иқтисодӣ мутобиқ сохта натавонист. Аз ин рӯ, баъзе аз онҳо ногузир дар ҳошияи равандҳо монданд;

3) илова бар ин, дар аввали солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон тағйири ҷиддии элитаҳо ба вуҷуд омад. Дар натиҷа бахши бисёр калони

идориёни дорандаи таҷрибаи муфид аз низоми идории давлат хориҷ шуданд. Барои муқоиса, дар кишварҳои дигари минтақа ин гузариши элитаҳо ба таври тадриҷӣ ва табиӣ анҷом шуд ва ё ҳанӯз ҳам идома дорад. Аз ин рӯ, боз як қисми дигари таҷрибаи идории меросии советӣ аз гардиши давлатӣ берун монд.[1]

Ҳамин тавр, насли имрӯзаи идории мо асосан, пешинаи сиёсатгузорӣ ва мудирияти сиёсии давлатӣ надошта, фақат бахше аз он таҷрибаи иҷроии муфид дорад. Ин аст, ки ташаккули кадрҳои давлатӣ дар чунин муҳит хеле кунд сурат мегирад, зеро як бахши бузурги ин кадрҳои давлатӣ бояд аз донишу таҷрибаи идораи мустақили давлатӣ ва сиёсӣ сарчашма гирад. Ва чунин таҷриба бояд бисёр тӯлонӣ давом ёфта бошад.[2]

Ҳамзамон, мавзуи омӯзиши таҷрибаи амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои давлатҳои тавонои ғарбӣ хеле ҷолиб аст ва имкон медиҳад, ки нуқсониҳои ташкилии хизмати давлатии шакли нав ошкор карда шаванд.

Аз ин нигоҳ таҷрибаи англосаксонӣ ва қитъавӣ–европоӣ имкони басандаро барои муқоиса медиҳад. Сарфи назар аз он ки дастгоҳи давлатии Британияи Кабир яке аз куҳнатарин дар Европа ва ҳатто дар ҷаҳон мебошад, англисҳо онро мукаммал намешуморанд ва вақт ба вақт онро замонасозӣ мекунанд. Яке аз чунин замонсозии бештар назаррас дар охири солҳои 1960 бо тавсияи Комиссияи лорд Фултон, ки махсус ба ин мақсад ташкил шуда буд, амалӣ гардид.

Дар натиҷаи чунин замонасозӣ шароити мусоидтар барои ҷалби шахсиятҳои нав ба дастгоҳи давлатӣ фароҳам оварда шуд ва ин таъсири мутахассисон–технократҳоро дар он то андозае таҳким бахшид. Барои омодагии касбӣ ва такмили кадрҳои роҳбарикунанда махсус Коллеҷи хизмати шаҳрвандӣ таъсис дода шуд.

Ислоҳоти хадамоти давлатии Британияи Кабир, ки аз тарафи ҳукуматҳои М. Тэтчер ва Д. Мейҷор дар солҳои 1980–1990 анҷом гирифт,

---

[1] Чаро дар ҷомеаи мо тафаккури давлатӣ шакл нагирифтааст? / Сардабир Б. А. Маҳмадов // Набзи замон. – 2013. – № 1. – С. 20.
[2] Ҳамон ҷо.

хислати қатъӣ дошт. Вазифаҳои назораткунанда чи дар худи дастгоҳи давлатӣ ва чи аз болои он хеле тақвият ёфт ва ба ин мақсад хадамоти қаблан вуҷуддоштаи тафтишотӣ ва хадамоти дигари дорои ҷанбаи ҳуқуқӣ тавсеа дода шуданд, ки мебоист мунтазам идораҳо, агентиҳо ва воҳидҳоро тафтиш намуда, оид ба фаъолияти онҳо хулосаҳои воқеъбинонаи худро пешниҳод намоянд.

Боз як самти ислоҳоти дастгоҳи давлатӣ дар Британияи Кабир тиҷоратсозии он буд. Таҷрибаи пардохти музд вобаста аз самаранокии кори ниҳодҳо ва кормандони онҳо тақвият ёфт.

Шартҳои рақобатии хизматрасонӣ дар сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии амалкунанда дар доираи худидоракунии маҳаллӣ маҷбуран ҷорӣ шудан гирифтанд. Тарзи дигари тиҷоратсозии идоракунии давлатӣ ворид намудани технологияи идории дар доираи сохторҳои бузурги хусусии дастаҷамъӣ амалишуда гардид.

Сарварони ширкатҳои дар ҷаҳон маълум, монанди «Марк энд Спенсер» *(Marks & Spencer)*, «Юниливер» *(Unilever)* ва ғайра як силсила пешниҳодҳоро оид ба раванди идоракунӣ таҳия намуданд, ки мебоист услуби то ҳоло ҳукмрони расмӣ–маъмурӣ дар дохили хадамоти давлатиро ба таври назаррас тағйир медоданд.[1]

Пайванди ин ду омили асосии ислоҳот – *тиҷоратсозӣ* ва *назорат* – ягонагии таркибӣ ва муассирии ислоҳотро таъмин кард. Усулҳо ва унсурҳои нисбатан қавии он – рақобати солим, пардохт аз рӯйи меҳнат, пайванди марказият ва мухторият – ба тамоми низоми ислоҳот ҷанбаи ҳадафманд доданд, ки на танҳо хадамоти давлатӣ, балки шаффофияти ахлоқии онро мукаммал сохт. Айни ҳол дар Британияи Кабир такя ба ислоҳоти конститутсионӣ мекунанд.[2]

Хадамоти давлатии америкоӣ аз ин ниҳоди Европа хеле тафовут дорад. Маъмурияти рушдёфта дар Америка баъд аз демократия ва асоси ҷомеаи

---

[1] Ниг.: Перегудов С. П. Тэтчер и тетчэризм [Текст] / С. П. Перегудов. – М. : Наука, 1996. – С. 134–136.
[2] Ниг.: Перегудов С. П. Великобритания после выборов 1997 г. : обычная смена власти или прорыв в XXI век? [Текст] / С. П. Перегудов // Мировая экономика и международные отношения. – 1998. – № 3. – С. 74-89.

шаҳрвандӣ ба вуҷуд омадааст. Америкоиҳо салоҳияти ҳокимиятро ба маҷлиси шаҳрвандон ва ашхоси интихобшаванда доданд ва дар ибтидо гумон мекарданд, ки бе воҳиди кормандони доимӣ метавон қаноат кард. Аммо бо таассуф мушоҳида карданд, ки ашхоси интихобшаванда ҳам мисли хизматчиёни доимӣ даст ба суиистифода мезананд. Набудани мудирони касбӣ боиси беҳокимиятӣ гардид ва дар натиҷа дар Конститутсия зикри ашхоси таъйиншаванда ба вазифа пайдо шуд.

Дар соли 1829 Президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америка Э. Ҷексон низоми таъйини хизматчиёни давлатӣ аз рӯйи усули «ғанимат – ба ғолиб»–ро ҷорӣ кард. Ин маънои онро дошт, ки намояндагони ҳизби ғолиб, аниқтараш фаъолони маъракаи интихоботӣ даъвои мансаб мекарданд. Андешаи дигари Э. Ҷексон сода кардани муносибатҳои маъмурӣ то ҳадде буд, ки онро ҳар як шахси бомаълумот иҷро карда тавонад. Бар хилофи хадамоти давлатии аксарият кишварҳои европоӣ, ин андеша сифати қавии мусбат дорад: яъне самтгирӣ ба шаҳрванд – «мизоҷ», на ба як навъ манфиатҳои олии давлат. Ин махсусияти хадамоти давлатии америкоиро муайян кард.

Қонуни Пендлтон «Дар бораи хадамоти шаҳрвандӣ», ки соли 1883 қабул шуд ва сароғози хадамоти давлатии муосир гардид, низоми ягонаи вазифаҳо, музди меҳнат ва имтиҳони такмили ихтисос супоридани хизматчиёни давлатиро ҷорӣ кард.

Президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америка В. Вилсон низ дар ислоҳоти хадамоти давлатии америкоӣ саҳми шоиста гузошт. Он дар бисёр мавридҳо аз М. Вебер пешӣ ҷуст ва заминаи назариявии намунаи муносиби хизмати идоракуниро барои бисёр солҳои оянда гузошт. Чунин аломатҳо – ягонагии идоракунӣ, мартабаи аниқ, касбият ва назораткунӣ аз тарафи тарроҳони низоми сиёсати кадрӣ иқтибос карда шуд. В. Вилсон нисбат ба М. Вебер дар масъалаҳои тақсими сиёсат ва идоракунӣ куҳнапараст буд. Ӯ ба касбияти зиёди хизмати давлатӣ исрор варзида, мулоҳизаҳои «Қонуни Пендлтон»–ро рушд дод ва чунин мешуморид, ки байни онҳо марзгузорӣ кардан мушкил аст.

«Қонуни Ҳэтч», ки соли 1939 қабул шуд, «Қонуни Пендлтон»–ро ҷонибдорӣ кард ва фаъолияти сиёсии хизматчиёни давлатӣ ва паёмади формулаи ҷексонии «ғанимат – барои ғолиб»–ро маҳдуд кард. Ин қонун ҳадафи худро маҳдуд кардани фасод, таъсиррасонӣ ба раъйи интихобкунандагон ба воситаи ҳукумат, роҳ надодан ба имконоти суйистифода аз мансаби хизматӣ ба манфиатҳои шахсӣ гузошт.

Бояд қайд кард, ки тамоюли пешбари даҳсолаҳои охири сиёсати кадрҳои америкоӣ «ғайрисиёсӣ» кардани хизмати давлатӣ мебошад. Президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америка Р. Никсон низ рӯҳияи зиддимаъмурӣ дошт. Ҷ. Картер, ки ҷойгузини Р. Никсон шуд, талош мекард назорати сиёсӣ бар маъмурияти давлатиро тавсеа бахшад. Ӯ самти афзалиятноки сиёсати худро замонасозии босуръати маъмурияти федералӣ мешуморид, ки дар соли 1978 бо «Қонун дар бораи хизмати шаҳрвандӣ» анҷом ёфт.[1]

Дар мубориза бо маъмурият Президент Р. Рейган бо қатъият амал мекард. Ӯ таҷрибаи санҷиши бевоситаи номзад ба мансаби давлатиро муқаррар намуд, яъне номзад бояд ба сиёсати ӯ содиқ бошад. Президент Ҷ. Буш нисбат ба номзадҳо ба вазифаи хизматӣ беэътинотар буд. Б. Клинтон андешаи танқиди маъмуриятро тарафдорӣ карда, шиори «Ҳукумате, ки камшумортар бошад, вале кори бештарро анҷом диҳад»–ро ба миён гузошт.

Дастгоҳи давлатии америкоӣ тайи солҳои охир хеле тағйир ёфтааст. Шаҳрвандон аз андозпардози ғайрифаъол ба мизоҷони фаъол – истифодабарандагони хизматрасонии хадамоти давлатӣ табдил ёфтанд. Андешаҳои Р. Рейган ва М. Тэтчер дар бораи муносибати хизмати давлатӣ ва мизоҷ чун муносибати бозорӣ, ки тақрибан дар як замон дар Америка ва Англия амалӣ мешуд, самараи худро дод.[2]

---

[1] Ниг.: Организация управления и требования к гражданской службе в США // Вестник государственной службы. – 1992. – С. 57.

[2] Ниг.: Оболонский А. В. Эволюция государственной службы в Великобритании [Текст] / А. В. Оболонский // Государство и право. – 1996. – №6. – С. 121–130.

Аз соли 1979 дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка хадамоти роҳбарони олирутба ба кори худ оғоз кард. Ин хадамот бояд захираи устувори кадриро барои таъйиноти сиёсӣ таъмин мекард ва сифати кормандони маъмуриро баланд бардошта, идоракунии кормандонро ҳамоҳанг месохт.[1]

Самти умумии хадамоти давлатии Британияи Кабир ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка бо шаклу усулҳои фаъолият аз рӯйи усулҳои бозорӣ, ғайританзимкунӣ ва хусусигардонӣ сурат мегирифт.

Дар кишварҳои рушдёфта усули асосии тарҳрезӣ ва таъсиси хадамоти давлатӣ иборат аз тақсимбандии вазифаҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои дақиқи уҳдадориҳои мансабдорони ҳар як сатҳ ва тақсимбандии талабот нисбат ба онҳо мебошад.

Пешравии зина ба зинаи корманд дар мансаби давлатӣ бо рушди касбият, маълумотнокӣ ва хизмати арзандааш вобаста аст.

Масалан, дар сохторҳои давлатии Германия 16 мансаб *(мартаба)* барои мутахассисон қабул шудааст (А1–А16).[2] Мутобиқи мазмуни хизмати давлатӣ ва ҷанбаи фаъолияти мутахассис, вазифаи ишғолкардаи онҳо ба чор сатҳ ҷудо карда мешавад.

Сатҳи аввал – кормандонеро муттаҳид месозад, ки вазифаҳои одиро иҷро мекунанд – инҳо номарасонҳо, ёрдамчиёни мансабдорон ва ғайра мебошанд. Барои кормандони ин сатҳ вазифаи мушаххас ва музди меҳнат аз рӯйи категорияи аз А1 то А5 муқаррар карда мешавад.

Сатҳи миёна – полисҳо, ёрирасонҳои ҳукуматӣ ва дигар мутахассисонро дарбар мегирад. Кормандони ин гурӯҳ бояд таълимоти умумии 10 соларо хатм карда бошанд ва омодагии дусола барои хизматро гузаранд. Пас аз ин онҳо метавонанд вазифа гиранд, ки ба мартабаи аз А6 то А9 дахл дорад.

---

[1] Ниг.: Лобанов В. В. Служба высших руководителей в США [Текст] / В. В. Лобанов // Государство и право. – 1996. – №6. – С. 131–139.

[2] Ниг.: Волгин А. П. Управление персоналом в условиях рыночной экономики (опыт ФРГ) [Текст] / А. П. Волгин. – М. : Дело, 1992. – С. 38–40.

Сатҳи баланд – комиссарҳои полис, бозрасонҳои молиявӣ ва ҳукуматӣ, ки бояд маълумоти умумии 12 сола дошта, омӯзиши махсуси сесоларо гузаранд, ҳамчунин собиқаи кории тайёрии се соларо дошта бошанд. Ин сатҳ мартабаи аз А10 то А13–ро дарбар мегирад.

Мартабаи олии вазифавӣ маълумоти олӣ ва гузаштан аз тайёрӣ ба хизматро талаб менамояд. Мутахассисони ин сатҳ то қабули онҳо ба кори доимӣ бояд аз муҳлати санҷишии 2–3 сола гузаранд. Ба онҳо масалан, мутахассисони пешбари вазоратҳо ва идораҳо дохил мешаванд. Кормандони ин гурӯҳ ба хизмат аз рӯйи мартабаи олии аз А14 то А16 қабул карда мешаванд.

Барои ҳайати роҳбарикунандаи сохторҳои давлатӣ феҳристи махсуси мартаба амал мекунад (В1–В11). Масалан, барои мудири *(сардори)* шуъбаи магистрати шаҳрӣ мартабаи В5 амал мекунад.

Шарти ҳатмӣ барои номзад ба мансаби маъмурӣ (ба ғайр аз сиёсӣ) супоридани имтиҳони дахлдор, гузаштан аз озмун ва аттестатсияи ҳарсола мебошад. Барои интихоби номзадҳо ба мансаби давлатӣ дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Британияи Кабир, Япония ва баъзе кишварҳои дигар усули тестӣ, имтиҳони хаттӣ ва мусоҳиба ба кор гирифта мешавад.

Мақомоти махсуси новобаста аз манфиатҳои тангназаронаи сиёсӣ ва идоравӣ номзадҳо ба мансабҳои маъмурӣ ва пешрафти онҳо аз рӯйи хизматро назорат мекунанд. Мансаби саридораи кадрҳо назорат бар риояи усули хизмат ва амалӣ намудани роҳбарии умумӣ ба кадрҳои тамоми дастгоҳи федералӣ мебошад.

Дар сохтори Директорати тафтишоти ҷиноятии БФТ Штатҳои Муттаҳидаи Америка шуъбаи махсус вуҷуд дорад, ки санҷиши номзадҳоро ташкил медиҳад ва дархостро ба маҳалли истиқомат, таҳсил ва кор мефиристад. Дархост барои ашхосе, ки хизмати ҳарбӣ мекунанд, ба бойгонии ҳарбӣ фиристода мешавад, ки дар он ҷо ҳуҷҷатҳо нигоҳдорӣ мешавад. Кормандони Қасри сафед супоришро барои санҷиши махсуси номзадҳо барои кор дар муассисаҳои ҳукуматии Штатҳои Муттаҳидаи Америка омода

карда, мефиристонанд ва БФТ санҷишро анҷом медиҳад, ки натиҷаи он ба интихоби кадрҳо таъсир мерасонад.

Ҳадафи чунин тафтиш таъмини маъмурияти Штатҳои Муттаҳидаи Америка бо иттилооти комил ва воқеъбинона дар бораи эътимоднокӣ (садоқат ба сохт), эътибор ва робитаҳо, хусусиятҳои хислати номзад ба мансаб дар муассисаҳои ҳукуматии давлат мебошад. Дар ҷараёни тафтиш инҳо ба назар гирифта мешаванд:

- вазъияти моддӣ;
- иштирок дар равандҳои шаҳрвандӣ;
- сабаби озод шудан аз вазифаи пешина;
- робита бо намояндагони дигар кишварҳо;
- салоҳиятнокӣ ва касбият;
- тамоми ҳолатҳои ихтилофнок дар соҳаи бизнес;
- ақидаи табибон–равоншиносон;
- маълумот дар бораи суйистифода аз вазифаи худ;
- одат ва рафтори ношоиста.

Дар ҷараёни тафтиши номзадҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда дар Қасри сафед на камтар аз 35 нафар аз ҷумлаи ҳар гуна шиносҳо, ки метавонанд дар бораи садоқат, хусусиятҳои хислат ва эътибори номзад изҳори назар намоянд, пурсида мешаванд, барои номзадҳо ба дастгоҳи кормандони Қасри сафед на камтар аз 20 нафар пурсида мешаванд.[1]

Дар кишварҳои рушдёфта фаъолияти дастгоҳи давлатӣ ба воситаи қонун дар бораи хизмати давлатӣ танзим мешавад.

Қарор дар бораи нигоҳдории ниҳоди мансабдории касбӣ дар Қонуни асосии Германия дарҷ шудааст. Мутобиқи он, аз мансабдори давлатӣ хизмат ва иҷрои масъулият ба манфиати шаҳрванд талаб карда мешавад ва давлат бояд чунин хизматро пурра таъмин намояд. Қонун тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти ҳаётии хизматчиёни федералӣ: ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо,

---

[1] Ниг.: Чтоб комар носа не подточил. Процедура проверки кандидатов на высшие посты в администрации США // Независимая газ. – 1992. – 27 нояб.

тартиботи таъйин шудан ба мансаб, додани мартаба, пешрафт аз рӯйи хизматро танзим менамояд.[1]

Дар қонун талаботи муайян нисбат ба мансабдори давлатӣ шаклбандӣ шудааст:

- дар иҷрои масъалаҳои ба ӯ супоридашуда салоҳиятнок бошад;
- боинтизом бошад;
- фақат ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ машғул шавад;
- мартабаи хизматиро риоя намояд;
- мутобиқи вазифаи худ музд гирад;
- мунтазам дар хизмат пешрафт намояд.

Зимни бакоргирии чунин усулҳои умумӣ дар ҳар як кишвар, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъала фақат дар он аст, ки сатҳи бакоргирии онҳо чи гуна аст.

Вазифаҳои худро дастгоҳи мансабдорони касбӣ фақат дар шароити таъминоти муносиби ҳуқуқӣ ва моддӣ иҷро карда метавонад. Ба ҷумлаи усулҳои анъанавии тартиби дастгоҳи мансабдорони давлатӣ усули хизмати якумра ва усули таъмин аз ҳисоби давлат дохил мешаванд.

Дар кишварҳои рушдёфта қонунҳо ба усули бетарафии сиёсӣ нисбат ба хизматчиёни касбии давлатӣ самтгирӣ мешаванд. Аммо баъзан таъйин ба мансаби маъмурӣ бе озмуни маъмулӣ бо роҳи таъйини бевосита аз тарафи роҳбари ҳокимияти иҷроия сурат мегирад. Шумораи мансабҳое, ки аз тарафи намояндагони ҳизби ғолиб пур мешаванд маъмулан маҳдуд аст. Масалан, дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка ин тақрибан чоряки мансабҳо дар раддаҳои олии дастгоҳи давлатӣ мебошад. Категорияи «С» (си) – яъне шумораи мансабдорони сиёсӣ, ки аз тарафи президент таъйин мешаванд, тахминан 3 ҳазор нафар мебошанд.[2] Дақиқан маҳдуд кардани вазифаи хизматчиёни касбӣ

---

[1] Ниг.: Волгин А. П. Управление персоналом в условиях рыночной экономики (опыт ФРГ) [Текст] / А. П. Волгин. – М. : Дело, 1992. – С. 40–43.

[2] Ниг.: Загладин Н. В. Государственная служба в США : современное состояние [Текст] / Н. В. Загладин // Государственная служба в Российской Федерации: концепция, опыт, проблемы. – 1993. – С. 103.

ва сиёсӣ барои ҳимояи кормандони касбӣ аз таъсири манфии сиёсати ҳизбӣ ва таъмини суботи рушди касбӣ зарур аст.

Раванди тайёр кардани элитаи идоракунанда дар кишварҳои рушдёфта интихоби дақиқи шумораи ками номзадҳоро дар назар дорад. Ба ин ҳайсияти хизмати олии давлатӣ ва рақобати ҷиддӣ байни хатмкунандагони беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат мекунад. Масалан, дар Англия 250–300 нафар ҳамасола дар барномаи тайёр кардани номзадҳо ба мансабҳои олӣ иштирок мекунанд ва фақат баъзе аз онҳо аз тамоми санҷишҳо мегузаранд. Дар ҷараёни таълим таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди қобилияти таҳлилӣ, малакаи қабули қарорҳои идоракунанда дар ташкилотҳои калон, маҳорати тарҳрезии стратегияи ҳалли масъалаҳои амалӣ зоҳир карда мешавад, на ба доштани дониши махсуси назариявӣ.

Маъмулан дар кишварҳои рушдёфта нисбат ба ишғоли озмуни вазифаҳо дар зинаҳои олии хизмати давлатӣ қоидаҳои умумӣ вуҷуд надоранд. Мутобиқи талаботи ҳукумат ҷобаҷогузории кадрҳо дар зинаи боло озодтар амалӣ мешавад.

Ба ташаккули ахлоқи элитарӣ дар ин табақа нақши муҳимми намояндагони хадамоти олии давлатӣ дар танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳайсият ва мақоми баланди ахлоқӣ, ҳамчунин низоми интихоб ва тайёр кардани кадрҳо мусоидат мекунад. Зинаи олии хизматчиёни давлатӣ аз коррупсия ва тақсимоти ҳизбӣ нисбатан озоданд ва аксаран чун суботкунандаи тавозуни идоракунии давлатӣ дар вазъияти ҳассоси сиёсӣ хизмат мекунанд.

Аз дидгоҳи мо, маводи баёншуда барои натиҷагирӣ дар бораи муроҷиат кардан ба таҷрибаи таърихии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун яке аз боарзиштарин манбаи дониш, ҳамчунин муроҷиат ба таҷрибаи хориҷии ислоҳоти идоракунии маъмурӣ асос медиҳад ва бо кумаки он, дар сурати истифодаи эҷодкорона, метавон самти ислоҳоти хизмати давлатиро муайян кард.

Асоси таъсиси шакли нави ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳоро арзиши рушди ҷамъиятӣ, шакли муосири муносибатҳои субъектҳои иҷтимоӣ дар давлат ва ҷомеа, равияи нави идоракунии иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Таҳқиқи муқоисавӣ ва таърихии таҷрибаи советӣ ва хориҷӣ барои мо маводи фаровонро ҷиҳати тарҳрезии муосир ва амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳо медиҳад. Дар натиҷаи таҳлил мо метавонем дар бораи се намунаи гуногуни ташкилии хизмати давлатӣ ва сиёсати давлатии кадрҳо сухан гӯем:

– автократӣ, бештар дар шароити ҷомеаи табақотӣ–подшоҳӣ зоҳир мешавад, ки дар он усулҳои асосӣ бо самтгирӣ ба ҳайсияту нуфузи ҳоким (подшоҳ), ҳукмфармоии арбоби давлатӣ алоқамананданд;

– идеократӣ, ки дар он нақши пешбарро на усулҳои умумишаҳрвандӣ ва ҳуқуқи инсон, балки муносибати синфӣ, миллӣ, шохавӣ бозӣ мекунанд;

– демократӣ, яъне муносибати яксон ба тамоми шаҳрвандон ва асосёфта ба арзишҳои ҳуқуқ ва озодии инсон ва риояи усулҳои маъмурияти оқилона дар идоракунии давлатӣ ва самтгирии низоми ҳокимият.

Бо дарназардошти хусусиятҳои давлатдории кунунии Тоҷикистон ва тағйири муносибатҳои иҷтимоӣ, барои таъсиси хадамоти муассири Ҷумҳурии Тоҷикистон мо метавонем бисёр ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳои кишварҳои таҳқиқшударо бомуваффақият истифода барем.

Мутаассифона, бояд қайд кард, ки сиёсати давлатии кадрҳо дар марҳалаи муосир аз нигоҳи ҳаҷми талаботи ниҳодӣ, сатҳи таъмини ҳуқуқӣ ва коркарди ҳуқуқии санадҳои қабулшаванда, ҳамчунин аз лиҳози ҳаҷми фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва феҳристи ниҳодҳои хизмати давлатӣ, ки бояд аз рӯйи усули меъёрӣ танзим шаванд, аз асоси меъёрии ҳуқуқии давлатҳои муосир хеле ақиб мондааст.

Таҳқиқоти воситаҳои кадрӣ дар анъанаи сиёсатшиносии муосир барои мо имкон медиҳад, ки намунаҳои сиёсати давлатии кадрҳоро тақсимбандӣ карда, ба туфайли ин сабабҳои пайдоиш, таҳаввул ва ташаккули он ошкор карда шавад. Тайи тамоми муддати рушди ҷомеаи инсонӣ усулҳои сиёсати

давлатии кадрҳо қабл аз ҳама, аз рӯйи манфиатҳои элитаи ҳукмрон ва баъдан аз рӯйи салоҳияти идоракунӣ муайян шудааст. Бинобар ин, ба ақидаи мо, асоси бештар эътимодноки тақсимбандии сиёсати давлатии кадрҳо «шакли ҳукмронии сиёсӣ» (ба шарти замонасозии назарияи мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои имрӯза) мебошад, ки дар асарҳои М. Вебер асоснок шудааст.

М. Вебер менависад, ки мо дар тақсимбандии худ аввалан, «намунаи анъанавӣ»–и сиёсати давлатии кадрҳоро ҷудо мекунем. Он бо муносибати ҷӯрабозӣ дар таъйиноти кадрҳо ва субъективӣ кардани нақши тааллуқияти қавмӣ ё ҳамдиёрӣ тавсиф карда мешавад. Тааллуқият ба ягон табақа, қишр ё гурӯҳи динӣ низ ба интихоб ва пешрафти мансабдорон таъсир мерасонад.[1]

Ба ақидаи М. Вебер, маъмуриятро аввалин бор мо метавонем дар давлатҳои анъанавӣ бинем. Ин мансабдорон қабл аз ҳама, хизматгорони шахсии хоҷа буданд. Дар низоми идоракунии анъанавӣ нуктаҳои мазкур суст ифода ёфтаанд ё аслан вуҷуд надоранд:

а) салоҳияти воқеъбинона ва устувор тақсимшуда (ба ҷойи салоҳияти корӣ рақобат байни супоришҳо ва салоҳиятҳои додаи ҳоким саравал худихтиёрона ва баъдан доимӣ ва ниҳоят, аксар вақт анъанавии қолабӣ ҷой дорад);

б) мартабаи қонунии устувор (аксар вақт номувофиқӣ байни мақоми расмӣ ва ғайрирасмии шахси мансабдор ҷой дорад);

в) аз рӯйи шартномаи озод таъйин кардан ба вазифа ва пешрафт дар хизмат мутобиқи тартиботи муқарраршуда (пешрафт дар хизмат аз ихтиёр ва иродаи хӯҷаин вобаста аст);

г) омӯзиши касбӣ (хӯҷаин номзадро аз рӯйи тааллуқаш ба доираи муайян бе тахассус интихоб мекунад);

д) музди меҳнати собит ба пул (масалан, диктатори Конго Мобуту ба мансабдорони худ музд намедод ва зиндагии онҳоро аз ҳисоби пора қонунӣ мекард).

[1] Ниг.: Вебер М. Хозяйство и общество. Очерки понимающей социологии. В 4 томах. Том 1. Социология. [Текст] / М. Вебер / пер. с нем. В. А. Брун-Цеховой, И. А. Cудариковa, А. Н. Беляев, Д. Б. Цыганков. – М. : Изд-во ВШЭ, 2016. – 448 с.

Намунаи анъанавии идоракунии давлат нахустин шакли ҳукмронии сиёсӣ буда, доиман тағйир меёбад, вале моҳиятан аз байн намеравад. Мисоли чунин замонасозии сатҳӣ советисозии Осиёи Марказӣ ва Қафқоз шуда метавонад, ки ҳатто дар солҳои сотсиализми рушдёфта мавҷудияти сиёсати кадрҳои анъанавӣ ба таври ниҳонӣ идома меёфт. Пош хӯрдани Иттифоқи Советӣ ва касби истиқлоли ҷумҳуриҳо боиси эҳёи ҳақиқии сиёсати кадрҳои анъанавӣ дар ҷумҳуриҳо гардид.

Шакли дуюми ҳукмронии сиёсиро М. Вебер ҳокимияти харизматикӣ, яъне асосёфта ба як навъ сифатҳои олӣ, ки ба шахсият нисбат медиҳанд, шуморидааст. Сарфи назар аз таносуби мантиқии муайянкардаи М. Вебер, дар доираи тақсимбандии мо он ба замонасозӣ эҳтиёҷ дорад.

Намунаи сеюми идоракунии давлатиро М. Вебер чун ҳимоятӣ тақсимбандӣ кардааст, чунки пешво ё мансабдори олирутба, ки элитаро аз рӯйи усули садоқати шахсӣ интихоб менамояд, на ҳама вақт аз тарафи атрофиёни худ шахси харизматикӣ *(пешво)* шинохта мешавад. Дар ин намуна интихоби мансабдорон аз ҷумлаи ашхоси содиқ ба худ боқӣ мемонад.

Унсурҳои сиёсати кадрҳои ҳимоятиро дар доираи ҳар гуна низоми сиёсӣ бо таносуб ва андозаи гуногун мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка амалияи ҳимоятӣ фақат нисбат ба ёрдамчиёни наздик, мушовирон ва котибон иҷозат дода мешавад. Асоси иҷтимоии чунин шакли интихоби кадрҳо дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка аз манбаъҳои зерин ташаккул меёбад: «уҳдадории сиёсӣ, таҷрибаи фаъолияти муштараки ҳизбӣ–сиёсӣ; наздикии муқаррароти идеологӣ; касбият ва дӯстии шахсӣ».[1]

Шакли чоруми ҳокимияти сиёсиро М. Вебер чун қонунӣ муайян кардааст. Ин намунаи сиёсати давлатии кадрҳо чунин тавсиф мешавад:

– мавҷуд набудани азхудкунии шахсии ҷойи хизмат;

---

[1] Лазарев М. В. Проверка политической лояльности кадров на государственные должности [Текст] / М. В. Лазарев // ЧиновникЪ. – 2003. – № 2. – С. 36.

– хизмати корманд аз рӯйи шартнома ба асоси интихоби озод аз рӯйи тахассус ва касбият ва сатҳи маълумот, ки диплом тасдиқ менамояд;

– интихоби номзадҳо ба мансаб бо кумаки имтиҳон сурат мегирад;

– пешрафт ба «зинаҳои боло» аз рӯйи муҳлати хизмат ё муваффақият дар кор;

– интизоми ҷиддӣ ва назорат;

– хизмат аз рӯйи меъёрҳо ва қоидаҳои техникӣ, ки барои истифодаи онҳо шахс бояд тахассуси хуб дошта бошад.

Ба намунаҳои сиёсати кадрҳои қонунӣ инҳо дохил мешаванд: лаёқатмандӣ (шоистасолор – *П. Н.*), низоми хизмат, интихобӣ ва низоми идоракунии интихоби кадрҳо. Низоми хизмат ё лаёқатмандӣ интихоби кадрҳоро ба мансабҳои болотар аз табақаи пойин ва пешрафти зина ба зина ба мансабҳои болотар, ҳамчунин «сатҳи баланди ниҳодсозии раванди интихобро» дар назар дорад. Нақши софкунак – талабот барои ишғоли вазифаро – метавонанд, ҳизбият, синну сол, собиқаи кор, хислатномаи додаи роҳбарият ва ғайра бозӣ кунанд.

Намунаи интихобӣ мавҷудияти доираи васеи интихобкунандагонро дар назар дорад, ки метавонад тамоми интихобкунандагони округи ҳудудӣ, минтақа ва ҳатто кишварро дарбар гирад, ки бо шаффофияти зиёди равандҳои кадрӣ тавсиф мешавад. Чунин шуморида мешавад, ки низоми интихобӣ бештар ба низоми сиёсии демократӣ мутобиқат дорад. Аммо усули хизматии интихоби кадрҳо асоси сиёсати давлатии кадрҳоро дар мақомоти маъмурии бисёр давлатҳои демократӣ ташкил медиҳад. Дар айни замон, набояд дар мавриди сатҳи шаффофияти низоми интихобӣ муболиға кард. Имрӯз рушди арзиши маъракаи интихоботӣ чунин аст, ки дар бораи иштироки мустақилонаи намояндагони табақаи пойин ва ҳатто миёна дар интихобот сухан гуфтан нашояд. Дастгирии номзад аз тарафи ин ё он тиҷорат – сохтори бонуфуз, маъмулан дар сарнавишти сиёсатмадор нақши ҳалкунандаро бозӣ мекунад.

Тамоюли ҷаҳонии тақвияти саҳми тиҷорати калон боиси пешрафти намунаи дигар, яъне намунаи «қонунӣ»–и сиёсати давлатии кадрҳо дар шароити муосири сиёсӣ гардид. Ин намуна аз бозсозии сиёсат бо усули PR-мудири тиҷорат – сохтор, аз ҷумла истифодаи баъзе воситаҳои идоракунии равандҳои кадрӣ, ба шумул аутсорсинги кадрӣ иборат буд.[1] Усули кироям якумрӣ, кафолати иҷтимоӣ ва ахлоқи иттиҳодиявии хизматӣ ҷойи худро ба шуғли маъмулии шартномавӣ, ки хоси сохторҳои тиҷоратӣ буд, дод.

Ҳамин тариқ, сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбиро таҳлили муқоисавӣ намуда, мо ба чунин хулосаҳо расидем:

– таҳқиқи пайдоиши давлатдории Иттифоқи Советӣ, сиёсати кадрҳо ва хизмати давлатии замони советӣ барои дарку фаҳмиши масъалаҳои муосири идорӣ ва муайян намудани роҳҳои такмили минбаъдаи он зарур аст. Ин махсусан барои давлатҳои тозатаъсиси мустақил дар ҳудуди пасошӯравӣ муҳим аст, то ин ки дар амалӣ намудани чунин ҷузъи сиёсати давлатӣ, монанди масъалаи кадрӣ ба иштибоҳот роҳ надиҳанд;

– Иттифоқи Советӣ чун яке аз марказҳои пешбари ҷомеаи ҷаҳонӣ таҷрибаи махсуси миқёснок ва бисёрҷонибаи ташкилии хизмати давлатиро андӯхта буд. Бинобар ин, таҳлили таърихии таҷрибаи идоракунии давлатии Иттифоқи Советӣ имкон медиҳад, ки дар он бисёр чизҳои муфид дида шавад. Дар сурати муносибати эҷодкорона, таҳлили он барои замонасозии сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ҷолиб хоҳад буд;

– сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ дар таърихи хеш ҳашт марҳалаи рушдро аз сар гузаронида, худро ба талаботи замон ва вазифаҳои дар назди ин давлати абарқудрат гузошташуда мутобиқ сохтааст;

– иштибоҳи пешвоёни Иттифоқи Советӣ аз он иборат буд, ки онҳо аҳамияти сиёсати кадрҳо ва ниҳоди хизмати давлатиро бо дарназардошти таҷрибаи ғании хеш ва аксари кишварҳои рушдёфта дарк ва амалӣ карда

[1] Ниг.: Василенко Л. А. Аутсорсинг – инновационная кадровая технология государственной службы [Текст] / Л. А. Василенко. – М. : Наука, 2007. – С. 59.

натавонистанд. Чунки қолаби ҳукмронии ҳизбӣ дар сиёсати давлатӣ имкон надод, ки пешниҳодҳои самаранок ва санадҳои меъёрии муҳим дар сиёсати кадрҳо ва хизмати давлатӣ ба эътибор гирифта шаванд;

– тақсимбандии сиёсати давлатии кадрҳо аз рӯйи меъёри самтгирии сиёсӣ–идеологии давлатҳо ҷоиз нест;

– намунаи интихобии кадрҳо бештар ба идеологияи либералӣ мутобиқат дорад, намунаи ҳимоятӣ ба кухнапарастӣ, лаёқатмандӣ ба сотсиал–демократӣ, таъйинотӣ ба коммунистӣ, қонунӣ ба консервативии нав мутобиқат доранд;

– низомҳои сиёсӣ, ки аз идеологияи муайян пайравӣ мекунанд ба сиёсати давлатии кадрии мутобиқ ба худ афзалият медиҳанд. Дар натиҷа, метавон дар бораи шаклҳои либералӣ, консервативӣ, консервативии нав, сотсиал–демократӣ ва коммунистии сиёсати давлатии кадрҳо сухан гуфт;

– намунаҳои баррасишаванда то андозае ҷанбаи истисноӣ доранд ва дар шакли соф амалан дучор намешаванд. Ҳамчунин бисёр чиз аз хусусиятҳои минтақавӣ вобаста аст, агар сухан дар бораи давлати федералӣ равад.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти махсуси масъала, мо дар доираи мавзуи диссертатсия омӯзиш ва таҳлили марҳалаҳои асосии пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули сиёсати давлатии кадрҳоро, бахше аз самтҳои асосии таҳқиқоти худ қарор додем. Бинобар ин, мувофиқи мақсад медонем, ки дар мавзуи марҳалаҳои асосии пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули сиёсати давлатии кадрҳо баъзе **натиҷаҳоро** баррасӣ намоем:

– ба андешаи мо бо дарназардошти он, ки нахустин шаклҳои ибтидоии давлат чун ниҳоди сиёсӣ дар Мисри Қадим ташаккул ёфтаанд, онҳо асосгузорони назария ва амалияи идоракунии низоми давлатӣ ба шумор мераванд;

– дар Бобулистони Қадим низоми идораи давлатии шоҳигарии шарқӣ ташаккул ёфта, тамоми умури идораи давлат дар дасти шоҳ ва дафтари ӯ тамаркуз ёфта буд. Хусусияти хоси ҳокимияти шоҳии Бобулистони Қадим аз

он иборат буд, ки шоҳ ҳокими мутлақ набуд. Салоҳияти ӯро қонунҳои илоҳӣ, ҳокимияти руҳониён ва «ҳуқуқи худмухтории» шаҳрҳои бузург маҳдуд менамуданд;

– ташаккул ва рушди низоми идораи давлатӣ дар Ҳиндустони Қадим хусусиятҳои хоси худро дошт, ки аз дигар кишварҳои шарқӣ фарқ мекард. Қабл аз ҳама ба раванди ташаккул ва рушди идораи давлатӣ дин таъсири азим расонидааст. Дар Ҳиндустони Қадим мисли дигар давлатҳои Шарқи Қадим давлати мутамарказ ташаккул наёфта буд. Чунки, аз як ҷониб умумиятҳои устувор ва худкифои иҷтимоӣ дар баробари ҳокимияти марказӣ худмухторӣ доштанд ва аз ҷониби дигар низоми варнакастагӣ, ки баромади иҷтимоӣ ва мансубияти одамро дар зинабандии ҷомеа муайян мекард. Илова бар ин ҳокимияти шоҳ дар Ҳиндустони Қадим маҳдуд буд. Ӯ ҳокимияти мутлақи қонунгузорӣ надошт. Дар дарбори подшоҳ сохтори машваратӣ таъсис ёфта буд, ки ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳо подшоҳ бо он машварат мекард;

– Дар Хитои Қадим сиёсати давлатии кадрҳо бо нуқтаи олии худ дар таърихи сиёсии Шарқ расида буд. Мисли дигар тамаддунҳои шарқӣ дар Хитои Қадим низоми идоракунии дарборӣ ташаккул ёфта буд. Хусусияти фарққунандаи сиёсати кадрӣ дар Хитои Қадим аз он иборат буд, ки ҳокимон ба ҷанбаҳои илмии он таваҷҷуҳ мекарданд. Дастгоҳи маъмурӣ дар Хитои Қадим шакли рушдёфтатарин ба ҳисоб мерафт. Хитои Қадим бешубҳа асосгузори технологияи сиёсии озмуни кадрӣ ва интихоби меритократӣ (арзандаҳо, шоистаҳо) ба шумор меравaнд. Тибқи маълумотҳо европоиҳо (англисҳо ва франсиявиҳо) назария ва амалияи хитоиҳоро барои татбиқи сиёсати давлатии кадрии хеш қабул ва истифода намудаанд;

– назарияи ва амалияи сиёсати кадрӣ дар Юнони Қадим дар асоси таҷрибаи сиёсии ғарбӣ рушду ташаккул ёфт. Воқеияти сиёсии Юнони Қадим низоми демократии идоракунӣ, шакли тақсимоти маъмурии шаҳр-давлат, моликияти шахсӣ, озодии инфиродӣ, фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ташаккули сиёсати хоси кадрӣ таъсир расониданд. Байни донишмандони

Юнони Қадим дар бораи шаклҳои идораи давлатӣ фикру андешаҳои гуногун вуҷуд дошт. Барои мисол, Афлотун шаклҳои дуруст ва нодурусти идоракунии низоми давлатиро муайян намуда, он давлатеро одилона мешуморид, ки дар роҳбарии он файласуфон ва хирадмандон қарор дошта бошанд;

– низоми идораи давлатӣ ва интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар давлати Сомониён рушду такомул ёфта буд. Давлати Сомониён, ки дар шакли империя ташкил шуда, масоҳати хеле бузургро фаро мегирифт ба дастгоҳи қавии идорӣ зарурат дошт. Аз ин рӯ дар давлати Сомониён сиёсати кадрии хуб ба роҳ монда шуда буд. Мансабдорон дар давлати Сомониён дар доираи анъанаи шарқӣ аз ҳисоби дарбориёни шоҳ, ашрофзодагон, заминдорони бузург ва руҳониён таъйин мешуданд. Дар осори мутафаккирони замони Сомониён ба хислатҳои роҳбари давлат диққати ҷиддӣ дода шудааст. Онҳоро ба сарварии одилона, моҳирона, уҳдабароёна, таҳаммул, дурундешӣ, таҳия ва қабули қарорҳои ҷавобгӯйи манфиатҳои ҷамъиятӣ, татбиқи пайгиронаи онҳо даъват мекарданд;

– таҳқиқи пайдоиши давлатдории Иттифоқи Советӣ, сиёсати кадрҳо ва хизмати давлатии замони советӣ барои дарку фаҳмиши масъалаҳои муосири идорӣ ва муайян намудани роҳҳои такмили минбаъдаи он зарур аст. Ин махсусан барои давлатҳои тозатаъсиси мустақил дар ҳудуди пасошӯравӣ муҳим аст, то ин ки дар амалӣ намудани чунин ҷузъи сиёсати давлатӣ, монанди масъалаи кадрӣ ба иштибоҳот роҳ надиҳанд;

– дар Иттифоқи Европа ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка метавон омехтаи намунаҳои шоистасолорӣ, лаёқатмандӣ, интихобӣ ва фарогирии сиёсати кадриро мушоҳида кард;

– дар Ҷумҳурии Халқии Хитой намунаи ҳимоятӣ–лаёқатмандии сиёсати давлатии кадрҳо амал мекунад;

– дар Федератсия Россия намунаи ҳимоятии сиёсати давлатии кадрҳо амал мекунанд;

– ҳамзамон бояд таъкид кард, ки барои намунаҳои сиёсати давлатии кадрҳои ривоҷёфта дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Иттифоқи Европа ва Федератсияи Россия тақвияти тадриҷии хусусиятҳои намунаи қонунӣ хос аст.

# БОБИ 3. ТАШАККУЛ, ИНКИШОФ ВА ВОСИТАҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. Асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрамӣ ва тақвияти муассирии сиёсати давлатии кадрҳоро чун омили муҳимми фаъолияти муваффақонаи давлат ошкор сохт.

Татбиқи вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти хизмати давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои касбии шакли нав, масъалаи баррасии таҷрибаи андухташуда, ташаккул ва фаъолияти идораи давлатӣ, инчунин таъсири он ба равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодиро боз ҳам муҳимтар сохт.

Дар оғози асри нав зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои хоси рушди сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷагирӣ аз таҷрибаи андухташуда ба миён омад.

Хусусиятҳои ташаккули давлатдории кишвари мо дар даврони Иттифоқи Советӣ дар табдили мунтазами ислоҳот ва зиддиислоҳот ифода меёбад. Чунки дар замони советӣ бо омадани пешвои нави сиёсӣ пайвастагии ҳаёти ҷамъиятӣ ва хизмати давлатӣ тағйир меёфтанд.

Бо дарназардошти ба миён омадани зарурати танзими меъёрии хизмати давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми апрели соли 2005 таъкид карданд: «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав таҳия ва ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод карда шавад»[1], ки бояд бо талаботи муосири хадамоти давлатӣ мутобиқ

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/199 (санаи мурочиат: 20.12.2019).

бошад. Қонуне, ки соли 2007 қабул шуд, аз рӯйи мазмун аз қонунҳои пешинаи ин соҳа хеле тафовут дошт. Қонуни нав дастгоҳи хизмати давлатӣ, категорияҳои тақсими хизматчиёни давлатӣ (маъмурӣ ва сиёсӣ)-ро муайян кард, савганди хизматчиёни давлатӣ, Феҳристи хизматчиёни давлатӣ ва уҳдадориҳои иловагии хизматчиёни давлатии маъмуриро тасдиқ кард.

Тайи солҳои амали ин қонун, барои бунёди хадамоти миллии давлатӣ корҳои зиёде анҷом дода шуд. Аз ҷумла баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ аҳамият доштанд. Аммо фаъолияти амалии хизмати давлатӣ дар доираи қонуни мазкур баъзе норасоиҳоро ошкор сохт. Барои мисол, зарурати такмили ниҳоди хизмати давлатӣ мутобиқи воқеияти давраи гузариш, беҳтар намудани сатҳи таъсиррасонии ҳадафманд ба равандҳои иҷтимоӣ ба миён омад.

Яке аз талаботи муҳимми рӯз таъмини истифодаи оқилонаи кадрҳо, таҳияи воситаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ, созмондиҳӣ ва далелнокии меҳнати муносиб буд. Таҷдиди муносибат ба кори кадрӣ ба адозаи зиёд бо мутобиқати сохторҳои идоракунӣ, муайян намудани вазифаҳо ва салоҳияти он, инчунин тақвияти масъулияти шахсии ҳайати роҳбарикунанда алоқаманд аст.

Баррасии масъалаи ташаккули сиёсати кадрӣ, таъсис ва амали хизмати давлатӣ, таҳлили хусусиятҳои асосӣ ва зиддиятҳо, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии он имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии кадрҳо такмил дода шавад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» «хизмати давлатӣ – фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст».[1]

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панчум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 95.

Албатта, сухан дар бораи фаъолияти сиёсӣ меравад, чунки самти умумии фаъолияти дастгоҳи идоракуниро роҳбарон ё ниҳодҳои сиёсӣ муайян мекунанд.

Сиёсати кадрҳоро мо бо дарназардошти таъриф дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чун «низоми тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, ки татбиқи онҳо барои таъмини масъалаҳои интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи кадрҳо имкон медиҳад»[1], мефаҳмем.

Сиёсати давлатии кадрҳо – фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар самти таъсиси низоми яклухти ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, рушди иқтидори кадрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба ҳалли самараноки вазифаҳои муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ нигаронида шудааст, мебошад. Сиёсати давлатии кадрҳо ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ буда, ҳамчун фишанги пуриқтидори таъсиррасон ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат хизмат менамояд.[2]

Бояд таъкид кард, ки кишвари мо таърихи бойи фаъолияти кадрӣ ва идоракунии давлатиро дорад, ки ба туфайли он метавон ниҳодҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳоро дар шароити кунунӣ муайян кард.

Ислоҳоти муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, майл ба иқтисоди бозории ҷанбаи иҷтимоидошта сабаб шуд, ки санадҳои қонунгузории танзимкунандаи ниҳоди хизмати давлатӣ қабул карда шаванд. Аз ҳамин давра асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ, такшкилӣ, кадрӣ, ахлоқӣ, илмӣ–методии хадамоти давлатӣ ташаккул ёфтанд.

---

[1] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 17.04.2019).
[2] Ҳамон ҷо.

Инчунин ба сабаби нақши нави Ҷумҳурии Тоҷикистон чун иштирокчии муносибатҳои байналмилалӣ аҳамият ва таъсири сиёсати давлатии кадрҳо афзуд.

Соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо бисёр вазифаҳои методологӣ, назариявӣ ва амалиро ба миён мегузорад, ки боиси таваҷҷуҳи рӯзафзуни муҳаққиқон ба ин соҳа мегардад. Дар шароити муосир ин қабл аз ҳама, ба ҷанбаҳои сиёсӣ ва ниҳодии сиёсати давлатӣ дахл дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати ташаккули муносибатҳои иқтисоди бозориро пеш гирифтааст, низоми пешини идоракунии ҳизбӣ ва советӣ наметавонист бидуни тағйир фаъолият намояд. Бинобар ин, пас аз касби Истиқлоли давлатӣ, дар Тоҷикистон пояи хизмати давлатии тавсеаёфта ва тағйирёфта ташаккул ёфт. Асоси ҳуқуқии онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, ташкил медиҳад.

То имрӯз масъалаи мафҳумҳои хизмати давлатӣ, доираи хизматчиёни давлатӣ ва ҳимояи иҷтимоии онҳо, маҳдудияти ҳуқуқи онҳо, такмили дастгоҳи идоракунӣ ва ғайра ба тарзи комилан нав танзим гардидаанд.

Дар ниҳоди ҳуқуқии хизмати давлатӣ ҷойгоҳи асосиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд. Бисёр моддаҳои он ба ин ё он навъ асосҳои сиёсати давлатии кадрҳоро ифода менамоянд.

Дар моддаи 35-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст: «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст».[1] Моддаи 14-и Конститутсия асосҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқ ба хизмати давлатиро муайян намуда, онҳо дар доираи қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 13.

Мутобиқи моддаи 6-и Конститутсия, «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда... Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст. Ғасби ҳокимият ва ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст».[1]

Моддаи 27-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз моддаҳои асосии муайянкунандаи «ҳуқуқи баробар доштани шаҳрвандон барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ», ҳамчунин «ба хидмати давлатӣ» мебошад.[2]

Ҳокимияти давлатӣ мутобиқи моддаи 9-и Конститутсия ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад.

Мутобиқи моддаи 48-и он «Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад».[3]

Дар моддаҳои 64 ва 65-и Конститутсия дар бораи Президент чун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) сухан меравад. Мутобиқи моддаи 65-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент метавонад ба тарзи умумӣ мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол, аммо як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад. Маҳдудияти дар ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат татбиқ намегардад. Вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.[4]

Шахсе ба номзадии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад. Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 4.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 11.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 16.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 27-28.

ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд.[1]

Тибқи моддаи 73-и Конститутсия «Аъзои Ҳукумат бояд танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд ва онҳо наметавонанд вазифаи дигареро иҷро намоянд, вакили мақомоти намояндагӣ бошанд, ба соҳибкорӣ машғул шаванд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ».[2]

Моддаи 76-и Конститутсия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз мақомоти намояндагӣ ва иҷроия иборат буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунад. Моддаи 77-и он чунин муайян кардааст: «Мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси вакилони халқ аст, ки онро раис роҳбарӣ мекунад. Муҳлати ваколати Маҷлиси вакилони халқ 5 сол аст».[3]

Мутобиқи моддаи 78-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия роҳбарӣ менамояд. Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияро дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ раис сарварӣ мекунад. Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро Президент таъйин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд. Раис дар назди мақомоти болоӣ ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор масъул аст. Тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд.[4]

Ҳокимияти мустақили судӣ аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлатро ҳифз менамояд.

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 28.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 34.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 35.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 35-36.

Дар моддаи 84-и он мақомоти амаликунандаи ҳокимияти судӣ номбар шудаанд: инҳо Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе мебошанд.[1]

Мулоҳиза дар бораи асосҳои сиёсӣ ва ниҳодии амалисозии сиёсати давлатии кадрҳоро инкишоф дода, таъкид менамоем, ки санади дигари муҳим Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»[2], мебошад, ки асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Дар боби якуми Қонун, ки муқаррароти умумӣ ном дорад, дар моддаи 1-и он мафҳумҳои асосии истифодашуда дар матн, муқаррарот ва амали умумӣ муайян карда шудаанд. Дастгоҳи давлатӣ – низоми мақомоти давлатӣ буда, фаъолияти он барои амалӣ намудани вазифа ва сиёсати давлат равона шудааст, ки ваколати давлатию ҳокимиятиро тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорад.[3]

Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мансабҳои давлатиро чун воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ таъсис дода шудаанд, муайян менамоянд. Фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст, хизмати давлатӣ (сиёсӣ ва маъмурӣ) ба ҳисоб меравад.[4]

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хизматчии давлатиро чун «шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 38.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[3] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 95.

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст» тавсиф мекунад.[1]

Хизматчии давлатии сиёсӣ чун хизматчии давлатӣ, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умумидавлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад. Ҳамзамон, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хизматчии давлатии маъмурӣ чун «хизматчии давлатӣ, ки уҳдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст» таъкид гардидааст.[2]

Феҳристи мансабҳои давлатӣ тибқи Қонуни мазкур – номгӯи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар басти кории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ барои ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ пешбинӣ гардидааст, муайян шудааст.[3]

Дар доираи Қонуни зикргардида, талаботҳои тахассусӣ чун талаботҳое муайян гардидаанд, ки бо мақсади муайян кардани тайёрии касбӣ ва мувофиқат ба мансаби мушаххаси давлатии хизмати давлатӣ ба шаҳрвандон ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтари давлатии хизматӣ пешниҳод карда мешаванд.

Ӯҳдадориҳои мансабӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» чун уҳдадориҳои пешбининамудаи мансаби муайяни

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 96.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
[3] Ҳамон ҷо.

давлатӣ, ки ҷавобгӯи мақсад ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ мебошанд, муайян шудаанд.[1]

Моддаи 2-и Қонуни мазкур бори дигар ҳуқуқи баробарии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба дастрасӣ ба хизмати давлатӣ таъкид менамояд. Миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ набояд ба ҳуқуқи шаҳрванд барои қабул ба хизмати давлатӣ таъсир расонанд.

Мақоми муҳимро дар Қонун ваколатҳои сарвари давлат дар ташаккул ва амалисозии сиёсати давлатии кадрҳо ишғол мекунад. Мутобиқи Қонун, муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ маҳз ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад.[2]

Низоми хизмати давлатӣ – хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбиро дарбар мегирад. Тибқи Қонуни мазкур, хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ба амал бароварда мешавад. Хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ тақсим мешавад.

Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба мақсади таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ амал мекунанд. Ҳамзамон, дар Қонуни мазкур, хизмати давлатии ҳарбӣ чун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 96.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 98.

ҳарбӣ буда, ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида мешавад, таъкид шудааст.

Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо дарназардошти усулҳо ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим дароварда мешаванд. Ҳамзамон, дар Қонун таъкид гардидааст, ки хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизмати давлатии ҳарбӣ ва намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар қисме, ки бо қонунгузории соҳавӣ ба танзим дароварда нашудааст, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тибқи Қонуни мазкур қабул карда шудаанд, ба танзим дароварда мешаванд.

Моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» доираи амали Қонуни мазкурро маҳдуд намуда, мақомоти зерини давлатии хизмати давлатиро муайян менамояд:

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– дастгоҳи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
– кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
– мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ (барои хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ);
– дастгоҳи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

- мақомоти дигари марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ (байниҳукуматӣ);
- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.[1]

Ба хизматчиёни давлатии маъмурӣ инчунин шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, баробар карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нисбат ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои зерини давлатӣ татбиқ намегардад:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раис, муовинони раис, судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе;
- кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ;
- хизматчиёни шаҳрвандии (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ;
- кормандони дигар сохторҳои давлатие, ки дар қисми якуми ҳамин моддаи Қонуни мазкур номбар нашудаанд».[2]

Мутобиқи моддаи 7-и Қонун, хизмати давлатӣ волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф мекунад, ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд афзалият медиҳад, хусусияти дунявӣ дорад.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[2] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 99–100.

Хизмати давлатӣ дар руҳияи садоқат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба ҷуз фаъолияте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри дар доираи қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Хизмати давлатӣ новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, низоми ягона буда, касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ, тобеъияти онро эътироф мекунад, барои баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ масъул буда, фаъолияти хизматчии давлатиро дар асоси дастовардҳои хизматӣ арзёбӣ мекунад.[1]

Хизмати давлатӣ метавонад инчунин дигар усулҳоеро, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд, ба инобат гирад.[2]

Ба мақсади татбиқи сиёсати ягонаи хизмати давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот ва сохтори мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатиро тасдиқ намудааст, ки вазифаи он иборат аз таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ва пешниҳод намудани онҳо барои баррасӣ ба Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорат ба фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ, аз ҷумла, пешниҳодҳо доир ба бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки бо қонунгузории ҷумҳурӣ ихтилоф доранд, мебошад.

Ин мақом дар доираи салоҳияти худ баргузории озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ аттестатсия ва ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатиро назорат мекунад, мониторинги ҳолати кадрҳои хизмати давлатӣ ва захираи кадрҳоро анҷом медиҳад, эҳтиёҷоти мақомоти давлатиро оид ба кадрҳо пешбинӣ менамояд, фармоиши давлатии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
[2] Ҳамон ҷо.

давлатиро таҳия намуда, фаъолияти мақомоти давлатиро дар ин самт ҳамоҳанг менамояд.[1]

Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ пешниҳод намудани таклифҳоро оид ба такмили низоми пардохти музди меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ ба миён мегузорад, дар таҳияи лоиҳаи шартномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои хизмати давлатӣ иштирок менамояд. Илова бар ин, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ доир ба тартиби татбиқи хизмати давлатӣ тавсия медиҳад, дастурҳои методиро таҳия ва пешниҳод менамояд ва ахбор нашр мекунад.[2]

Боби 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ташкил ва адои хизмати давлатиро муайян менамояд.

Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷой ва нақши мақоми давлатӣ дар низоми мақомоти давлатӣ, амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои давлат, татбиқи салоҳияти мақомоти давлатӣ, хусусияти ваколати мансабҳои мушаххас ва аҳамияти онҳо дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ тақсим шуда муайян карда мешавад. Таснифи хизматчиёни давлатӣ ба сиёсӣ ва маъмурӣ дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.[3]

Дар моддаи 10-и Қонуни мазкур Феҳристи мансабҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ тақсим мешаванд. Барои хизматчиёни давлатии сиёсӣ категорияи мансабҳои давлатӣ муқаррар карда намешавад.

Хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум тақсим мешаванд. Мутобиқати

[1] Санадҳои меъёрии хуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 102.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ ба категорияҳо дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда мешавад.[1]

Барои таъмини салоҳияти мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиёни давлатӣ ва мувофиқати хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ талаботи тахассусӣ муқаррар карда мешавад, ки меъёри асосии интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ ва омили муайянкунандаи фаъолияти хизматчии давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад.[2]

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» шахсони довталаби ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешниҳодгардида, бояд талаботи тахассусӣ, яъне таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ (бо дарназардошти ихтисос ва категорияи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ), собиқаи умумӣ ва таҷрибаи кор аз рӯйи ихтисос, собиқаи хизмати давлатӣ, донистани забони давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд, қонеъ созанд.

Тибқи Қонун, сатҳи талаботи тахассусии хизматчиёни давлатии сиёсиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ муайян карда мешаванд.

Дар моддаи 12-и он хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ) мақомоти давлатӣ муайян карда шудааст. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мансабии онҳо мувофиқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ муайян карда мешаванд. Номгӯи чунин мансаб ва касбҳо бо пешниҳоди

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 104.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.[1]

Мутобиқи тартиботи муқаррарнамудаи Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони ба хизмати давлатии маъмурӣ қабул кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 18 расидаанд ва бо талаботи дахлдори тахассусии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқат доранд, вуҷуд дорад.

Тибқи моддаи 13-и Қонун, ҳангоми ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ қабул шудани шаҳрвандон ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 26-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд: аризаи шахсӣ; маълумотнома дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ; маълумотномаи тиббӣ дар бораи вазъи саломатӣ; ҳуҷҷатҳои дигаре, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хусусияти мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешбинӣ намудаанд. Шаҳрванд ба хизмати давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур қабул карда шуда, бо ӯ шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ баста мешавад, ки намунаи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.[2]

Парвандаи шахсии хизматчиёни давлатӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақоми дахлдори давлатӣ тартиб дода шуда, рафти адои хизмати давлатӣ дар он қайд карда мешавад.[3]

Шаҳрванде, ки бори аввал ба мансаби маъмурии хизмати давлатӣ қабул мешавад, дар ҳузури кормандони мақомоти давлатӣ ботантана савганд ёд менамоянд, ки матни он дар парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад. Хизматчии нави давлатӣ савганд ёд мекунад, ки адои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 105.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
[3] Ҳамон ҷо.

ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат дарк намуда, Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя менамояд, дар фаъолияти худ принсипҳои қонуният, адолат, беғаразӣ ва ростқавлиро ба роҳбарӣ мегирад, тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бовиҷдонона ва ба дараҷаи баланди касбӣ хизмат мекунад, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром мекунад, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ қарор медиҳад ва барои вайрон намудани савганди ёдкардааш худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобад.[1]

Хизматчии давлатӣ савгандро бо имзои шахсии худ тасдиқ ва санаи қабули онро сабт менамояд. Матни савганди хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳарбӣ тибқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ муқаррар карда мешаванд.[2]

Дар моддаи 16-и Қонун ҳолатҳое, ки ба хизмати давлатӣ қабул намудани шаҳрванд ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатиро истисно мекунанд, муайян карда шудааст. Шаҳрванд дар ҳолатҳои зерин наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул гардад ва ҳамчун хизматчии давлатӣ дар хизмати давлатӣ бошад:

– саркашӣ кардан аз адои ба расмият даровардани иҷозат ба маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегирад, агар иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ба истифодаи ин маълумот вобастагӣ дошта бошад;
– агар шаҳрвандии давлати дигарро дошта бошад;
– аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромада, шаҳрвандии давлати дигарро гирифта бошад;
– нафақагири Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати хориҷӣ бошад;
– мавҷудияти беморӣ, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизмати давлатӣ монеа мегардад;

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 106–107.
[2] Ҳамон ҷо.

- саркашӣ кардан аз пешниҳоди эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкӣ;
- доштани доғи судӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиркарда.[1]

Мутобиқи моддаи 17-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъйин шудани ӯ мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

Агар санҷиш ҳолатҳои барои ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъйин шудани шаҳрванд монеъшавандаро ошкор намояд, ба ӯ дар бораи радкунии таъйин ба мансаби давлатӣ ва сабабҳои он хаттӣ хабар дода мешавад.[2]

Дар моддаи 18-и Қонуни мазкур сухан дар бораи роҳандозии озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ (ба истиснои мансабҳои категорияи олӣ) таъкид шудааст. Қоидаҳои гузаронидани озмунро Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани «Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ», ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар мекунад.[3]

Моддаи 19-и Қонун таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ миёнаи касбиро дар шакли тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ, пешбинӣ менамояд. Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.[4]

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 107–108.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
[3] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 108.
[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

Моддаи 20-и Қонун тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмуриро бо мақсади мувофиқат кардан ба мансаби ишғолнамуда ва таъмини болоравии касбии онҳо, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, (ба истисной хизматчиёни давлатие, ки мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ва мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро ишғол мекунанд) муайян менамояд.[1]

Тибқи моддаи 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», рутбаҳои тахассуси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.[2]

Моддаи 23-и Қонун асосҳои қатъ шудани хизмати давлатиро муайян мекунад. Хизмати давлатӣ ғайр аз асосҳои пешбиникардаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавридҳои зерин қатъ мегардад:

– истеъфои хизматчии давлатии сиёсӣ;

– расидан ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ;

– қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар ё тарки доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– гирифтани нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистои ё давлати хориҷӣ;

– вайрон намудани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

– эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунии суд;

– риоя накардани маҳдудиятҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар ҳолатҳо асос шуда метавонанд.[3]

Аз мансаби давлатӣ озод намудани хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъйин ва озод карданро дорад, мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Дар сурати норизо будани хизматчии

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 109.

[2] Ҳамон ҷо. – С. 110.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

давлатӣ аз озод намуданаш аз мансаби давлатӣ ӯ ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд.[1]

Моддаи 24-и Қонуни мазкур, синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будан барои занон то 58-солагӣ ва барои мардон то 63-солагӣ муайян карда шудааст. Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад баъди мувофиқа бо мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ бо қарори (амри) худ муҳлати дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатии ба синни ниҳоӣ расидаро то ду сол дароз намояд. Дар ин сурат бо хизматчии давлатӣ шартномаи (қарордоди) муҳлатноки меҳнатӣ баста мешавад.[2]

Дар моддаи 25-и Қонун дар бораи истеъфои хизматчии давлатии сиёсӣ мувофиқи аризаи хаттии хизматчии давлатии сиёсӣ, ки асоси он монеаи сиёсӣ барои минбаъд ишғол намудани мансаби сиёсии хизмати давлатӣ мебошад, омадааст. Истеъфо аз тарафи мақоми давлатии ваколатдор қабул ё рад карда мешавад. Дар сурати рад кардани истеъфо хизматчии давлатии сиёсӣ бояд иҷрои уҳдадориҳои мансабиашро давом диҳад ва ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи бо хоҳиши худ аз мансаби сиёсии хизмати давлатӣ озод карданаш муроҷиат намояд.[3]

Дар моддаи 26-и Қонун дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатӣ дарҷ гардидааст, ки он бо мақсади таъмини хизмати давлатӣ бо кадрҳо, болоравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ, қобилият, истеъдод ва тайёрии касбӣ, сари вақт ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ ташкил карда мешавад. Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ аз ҳисоби мутахассисони босалоҳият, ташаббускор, дорои сатҳи баланди тайёрии касбӣ, қобилияти ташкилотчигӣ ва малакаи идоракунӣ ташаккул меёбад. Тартиби ташаккул ва кор бо захираи кадрҳои хизмати давлатиро Низомнома

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[2] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 111-112.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар менамояд.[1]

Боби 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба масъалаҳои вазъи ҳуқуқии хизматчии давлатӣ бахшида шудааст.

Масалан, хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқ доранд, ки дар доираи ваколатҳои худ дар баррасии масъалаҳо ва қабули қарор иштирок намуда, иҷрои онҳоро аз тарафи мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдор талаб намояд. Хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқи ба тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии дахлдор аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ фаро гирифта шавад, ба фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад, дар хизмати давлатӣ, бо дарназардошти тахассус, қобилияти касбӣ ва сатҳи иҷрои уҳдадориҳои мансабии худ, баланд равад, дар сурати айбдоркунии беасос гузаронидани санҷиши хизматиро талаб намояд ва бо натиҷааш шинос шавад, бо ташаббуси худ фаъолиятро дар хизмати давлатӣ қатъ намояд, тибқи талаботи қонунгузорӣ бо нафақа таъмин гашта, аз ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бархурдор бошад. Инчунин, хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад оид ба такмили хизмати давлатӣ ба мақоми давлатие, ки дар он фаъолият мекунад, инчунин ба мақомоти давлатии болоӣ ва шахсони мансабдори он таклиф пешниҳод намояд.[2]

Дар моддаи 28-и Қонун уҳдадориҳои асосии хизматчии давлатӣ муайян карда шудаанд, ки аз инҳо иборатанд:

- Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;
- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро риоя, ҳифз ва эҳтиром намояд;

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 111-112.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 112.

- муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ баррасӣ намуда, аз рӯйи онҳо чораҳои дахлдор андешад;
- интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд;
- фармон, фармоиш ва амрҳои роҳбарон, қарор ва дастури мақомоти болоӣ ва шахсони мансабдорро, ки дар доираи ваколати онҳо дода шудаанд, иҷро намояд;
- сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунҳо ҳифзшавандаро, аз ҷумла баъди қатъи хизмати давлатӣ, дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дорад;
- ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ маълумотро дар бораи ҳаёти шахсӣ, шаъну шарафи шаҳрвандон махфӣ нигоҳ дорад, аз онҳо пешниҳод намудани чунин маълумотро талаб накунад (ба истисноӣ мавридҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- ҳифзи моликияти давлатиро таъмин намояд;
- сатҳи касбӣ ва тахассусии худро барои иҷрои самараноки уҳдадориҳои мансабӣ баланд бардорад.[1]

Уҳдадориҳои мушаххаси хизматчии давлатӣ, ки аз уҳдадориҳои асосӣ бармеоянд, тибқи талаботи тахассусӣ муайян карда шуда, дар дастурамалҳои мансабие, ки аз тарафи роҳбарони мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ карда мешаванд, инъикос мегарданд.[2]

Дар моддаи 29-и Қонун муайян шудааст, ки бо розигии хизматчии давлатии маъмурӣ ва роҳбари мақомоти давлатӣ мумкин аст ба зиммаи хизматчии давлатии маъмурӣ иҷрои уҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ вогузошта шавад. Ҳаҷми пардохти иловапулиро барои иҷрои уҳдадориҳои

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
[2] Ҳамон ҷо.

иловагии хизмати давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.[1]

Дар моддаи 30-и он маҳдудиятҳо вобаста ба хизмати давлатӣ номбар шудаанд. Яъне, хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад:

- бе иҷозати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофот, унвонҳои фахрӣ ва махсуси давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро қабул намояд;
- ҳангоми иҷрои ваколатҳои мансабӣ аз хизматрасониҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба манфиати шахсӣ истифода барад;
- дар дигар амалҳо, аз ҷумла корпартоиҳо, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои мансабиро халалдор месозанд, иштирок намояд.

Моддаи мазкур дар мубориза бо коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ равона шудааст, ки ба таҳкими эътимоди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳокимият таъсири мусбат мерасонад.

Чунонки дар моддаи 31-и Қонуни мазкур таъкид шудааст, эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» амалӣ карда мешавад.[2]

Роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаб таъйин ва аз мансаб озод намуданро дорад, ба хизматчии давлатӣ барои кирдори интизомии содирнамудааш, ҳамчунин барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои соҳавии одоби хизматчии давлатӣ, роҳ додан ба бархурди манфиатҳо ҳангоми адои хизмати давлатӣ ва ё дигар кирдорҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дорои

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 113.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноят намебошанд муҷозоти интизомиро татбиқ менамояд. Ба таври мисол, сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии навбатӣ, ба мансаби паст гузаронидан ва аз мансаб озод кардан.[1]

Муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ дар моддаи 33-и Қонуни зикршуда муайян карда мешавад. Дар он қайд шудааст, ки хизматчии давлатӣ бояд дар доираи ваколатҳо ва уҳдадориҳои мансабӣ амал намояд.

Дар сурати ба қонунӣ будани фармон ва ё амри барои иҷро гирифташуда шубҳа пайдо кардани хизматчии давлатӣ, ӯ бояд ба таври хаттӣ фавран ба роҳбари бевоситааш муроҷиат намояд. Агар роҳбари бевосита ё шахси мансабдори болоӣ дурустии фармон ва ё амри додашударо хаттӣ тасдиқ намояд, хизматчии давлатӣ вазифадор аст онро иҷро намояд, ба шарте ки он дорои оқибатҳои ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ набошад. Масъулият барои оқибатҳои иҷрои фармон ё амр ва дастури ғайриқонунӣ дар ин ҳолат ба зиммаи шахси мансабдоре гузошта мешавад, ки онҳоро тасдиқ кардааст.[2]

Боби 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба масъалаҳои кафолатҳо ва ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ бахшида шудааст.

Масалан, мутобиқи моддаи 34-и он ба хизматчии давлатӣ шароити корӣ барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, музди меҳнат, аз ҷумла мукофотпулӣ, кӯмакпулӣ, иловапулӣ, ҷубронпулӣ ва изофапулӣ, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва дигар рухсатиҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус бо нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар, бо тартиби муайяннамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[2] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 116.

дар тамоми давраи таҳсил кафолат дода мешавад. Хизматчии давлатӣ суғуртаи ҳатмии давлатӣ барои беморӣ ё гум кардани қобилияти меҳнатӣ, фавт ё расондани зарар ба саломатӣ ва молу мулки ӯ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, таъмини нафақа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини нафақаи хизматчии давлатӣ дар ҳолати фавти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ, ки таҳти саробониаш қарор доранд дарёфт менамояд. Ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигар (ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон) розигии хизматчии давлатӣ ҳатман гирифта мешавад.[1]

Ҳамзамон, гуфтан ба маврид аст, ки тибқи моддаи мазкур хароҷоти вобаста ба сафарҳои хизматӣ, ҷойивазкунӣ (ротатсия), гузаронидан ба мақоми давлатии воқеъ дар маҳалли дигар (вилоят, шаҳр, ноҳия), инчунин хароҷоти нақлиёт ва манзили хизматчии давлатӣ вобаста ба чунин гузариш ҷуброн карда мешаванд. Дар сурати вафоти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ дар ҳаҷми панҷ музди моҳонаи меҳнат аз ҷойи кори охиринаш кӯмакпулии яквақта дода мешавад. Дар сурати озод шудан аз мансаби давлатӣ, бинобар содир намудани кирдори ғайриқонунӣ, хизматчии давлатӣ аз кафолатҳо ва ҷубронпулиҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешбинӣ кардааст, маҳрум мегардад.[2]

Иваз шудани роҳбари мақоми давлатӣ барои бо ташаббуси роҳбари нав қатъ шудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ асос шуда наметавонад, ба истиснои шартномаи (қарордоди) меҳнатие, ки бо хизматчиёни давлатии сиёсӣ баста мешаванд.[3]

Тибқи моддаи 35-и Қонуни мазкур ба хизматчии давлатӣ ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ бо дарназардошти дараҷаи тахассус, касб ва мансаби пеш ишғолнамудааш дар дигар мақоми давлатӣ

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

[2] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 117.

[3] Ҳамон ҷо.

мансаби давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешавад (агар бо розигии ӯ додани дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақоми давлатӣ ғайриимкон бошад).

Ба хизматчии давлатӣ, ки ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ аз мансаби давлатӣ озод шудааст аз рӯйи мансаби пеш ишғолнамудааш бе ҳисоби кӯмакпулии аз кор рафтан, дар давоми се моҳ музди меҳнат ва кӯмакпулӣ барои бекорӣ дода мешаванд. Музди меҳнати пештарааш ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигари давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақом ё мақоми дигари давлатӣ дар давоми се моҳ ҳифз мешавад (агар музди меҳнати наваш назар ба маоши пештарааш кам бошад) ва хизматрасонии тиббӣ ба ӯ ва аъзои оилааш дар ҳамон муассисаи табобатӣ, ки то ба мансаби нави давлатӣ гузарониданаш расонида мешуд, нигоҳ дошта мешавад.[1]

Дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатӣ (25 сол барои мардҳо, 20 сол барои занҳо) ва на камтар аз 10 сол собиқаи хизмати давлатӣ, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз муҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ ба нафақа барояд. Дар сурати набудани имконияти мувофиқи ихтисосаш ба дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ гузаронидани хизматчии давлатӣ ӯ то як сол дар мақоми давлатӣ, бо нигоҳ доштани собиқаи хизмати давлатӣ, дар захираи кадрҳо мемонад ва барои такмили ихтисосаш имконият фароҳам оварда мешавад.[2]

Мутобиқи моддаи 36-и Қонун музди меҳнат бояд шароити моддии заруриро барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ фароҳам оварда, ба ӯ ва аҳли оилааш сатҳи муносиби зиндагиро таъмин намояд, инчунин барои бо кадрҳои салоҳиятноку таҷрибанок таъмин намудани

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 118.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

мақомоти давлатӣ мусоидат намуда, омили меҳнати поквиҷдонона ва ташаббускоронаи хизматчии давлатӣ бошад.

Музди меҳнати хизматчии давлатӣ аз маоши мансабӣ, иловапулиҳо ба маоши мансабӣ барои рутбаи тахассусӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ иборат мебошад. Андозаи маоши мансабӣ, иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ, инчунин шартҳо ва тартиби пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.[1]

Моддаи 38-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҳавасмандгардонии хизматчии давлатиро муайян менамояд. Асос барои ин дастовардҳои хизматӣ, хизмати бардавому бенуқсон, иҷрои супоришҳои махсусан муҳимми давлатӣ шуда метавонанд.[2]

Ба хизматчии давлатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хизмати давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи мазкур, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда дода мешавад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» давомнокии рухсатии асосии ҳарсолаи пардохтшавандаи хизматчиёни давлатӣ чунин муқаррар карда шудааст: 35 рӯзи тақвимӣ – ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ, 30 рӯзи тақвимӣ – ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи якум ва дуюм, 28 рӯзи тақвимӣ – ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум.[3]

Дар сурати 5, 10, 15 ва 20 сол будани собиқаи хизмати давлатӣ, ба мӯҳлати рухсатии асосии ҳарсолаи пардохтшаванда мувофиқан 3, 6, 10 ва 15 рӯзи тақвимӣ илова карда мешавад. Рухсатии ҳарсола ва рухсатии иловагӣ

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панчум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 119.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
[3] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панчум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 119-120.

ҷамъ карда мешавад ва бо хоҳиши хизматчии давлатӣ мумкин аст, ки қисм-қисм дода шавад. Давомнокии як қисми рухсатии асосӣ набояд аз 14 рӯзи тақвимӣ кам бошад. Хизматчии давлатӣ дар давоми сол барои гирифтани рухсатии бемузди давомнокияш на бештар аз 60 рӯзи тақвимӣ ҳуқуқ дорад.[1]

Моддаи 40-и Қонун ба хизматчии давлатӣ таъминоти иҷтимоиро, кафолат медиҳад, яъне аз фонди давлатӣ манзили истиқоматӣ дода мешавад, барои беҳтар кардани шароити манзил, сохтмони манзили шахсӣ ва ё кооперативӣ қитъаи замин ҷудо карда мешавад, ки тартиби ҷудо карда шудани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ҳамзамон, барои харидан ё сохтмони манзил, инчунин беҳтар намудани шароити манзилӣ ба мухлати то 20 сол қарзи бефоиз дода мешавад, ки шартҳо ва тартиби додани чунин қарзро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Ба хизматчии давлатии сиёсӣ ва хизматчии давлатии маъмурии категорияи олӣ илова ба майдони истиқоматӣ 20 метри мураббаъ барои ҳуҷраи корӣ дода мешавад. Дар сурати на камтар аз 15 сол собиқаи бефосилаи хизмати давлатӣ доштани хизматчии давлатӣ хонаи истиқоматии дар фонди манзили давлатӣ ишғолкардааш (ба ғайр аз хонаҳои истиқоматии хизматӣ) ройгон ба моликияти ӯ дода мешавад.[2]

Моддаи 41-и Қонуни мазкур таъмини нафақа ва дигар кӯмакпулиҳо ба хизматчии давлатиро муайян менамояд. Он мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нафақа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъминоти нафақавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ гардонида мешавад. Хизматчии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба нафақа барои хизмати дарозмуддат ҳуқуқ дорад. Ба ӯ ҳангоми ба нафақа баромадан дар ҳаҷми музди меҳнати семоҳа кӯмакпулии якваҚта дода мешавад.[3]

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панчум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 119-120.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
[3] Ҳамон ҷо.

Дар боби 5-и Қонун муқаррароти хотимавӣ муайян шудаанд. Ба таври мисол, моддаи 42 тартиби баррасии баҳсҳои меҳнатии хизматчиёни давлатӣ, ки ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ ё суд муроҷиат мекунанд, муайян менамояд.[1] Дар моддаи 43 бошад, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур муайян карда шудааст.[2]

Моддаи 44-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 «Дар бораи хизмати давлатӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, моддаи 297; с. 2002, № 4, қисми 1, моддаи 203; с. 2005, № 7, моддаи 407; соли 2006, № 3, моддаи 154) аз эътибор соқит дониста шудааст.[3]

Ҳамин тариқ, асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, мо ба чунин **хулосаҳо** расидем:

– санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба сифати асоси қонунгузории танзимкунандаи ташаккули хизмати давлатӣ дар раванди татбиқи сиёсати идоракунии ҷомеа аҳамияти муҳим доранд. Аз ин гурӯҳи манбаъҳо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шурои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳлӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия», «Тартиби нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар ҳангоми таҳсил ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ» бештар муҳимманд;

– ба туфайли сиёсати кадрии даҳсолаи охир пояи асосии ниҳоди хизмати давлатӣ тарҳрезӣ, таҳия ва ҷорӣ шуд, нақшаҳои омодагии санадҳои

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 120.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
[3] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе : «Нашри Камол», 2020. – С. 121.

меъёрии зарурӣ барои афзоиши муассирии фаъолияти ин ниҳод муайян карда шуданд. Дар айни замон, усулҳои асосии ҷомеаи демократӣ дар низоми нави хизмати давлатӣ ва сиёсати кадрӣ ба сурати комил амалӣ нашудааст.

## 2. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мутафаккирон, олимон, шоирони бузург, ҳокимони бомаърифат, халқи хирадманд ва таърихи чандинасраи худ воқеан ифтихор мекунад.

Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр зимни рафъи мушкилот ва монеаҳо бо роҳи рушди давлати дунявию демократӣ пеш меравад ва намунаи сиёсати давлатии кадрҳои худро ташаккул медиҳад. Такмили риштаҳои сиёсию амалӣ ва ҳуқуқии идораи давлатӣ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт, таълим ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ – инҳо масъалаҳое ҳастанд, ки барои давлати ҷавони Тоҷикистон муҳим мебошанд.

Сиёсати давлатии кадрҳо муҳимтарин ниҳоди давлати Тоҷикистон (ва зимнан, барои ҳар як давлати дигар низ) буд, ҳаст ва хоҳад буд. Сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ вазифаи ташаккули хизмати давлатии нави муносиб бо давраи гузариш, бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёдро дар асоси иқтисоди рушдёфтаи бозорӣ гузоштааст.

Бинобар ин, омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо дар Тоҷикистон, ҷанбаҳои гуногуни бунёд ва фаъолияти он, таҳқиқи асосҳои қонунгузорӣ ва асосҳои назариявии он, хусусиятҳо, анъанаҳо, таърихи пайдоиш ва рушди он аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Бояд хотиррасон намуд, ки марҳалаи ибтидоии шаклгирии хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон бар хилофи дигар кишварҳои пасошӯравӣ дар шароити муқобилияти шаҳрвандӣ сурат гирифт, ки албатта, ба натиҷаи рушди сиёсати давлатии кадрҳо таъсир расонид.

Ба туфайли имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон»[1] дар соли 1997 ва сиёсати кадрии дуруст ва санҷидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар сулҳу субот барқарор шуд, ки ин дар навбати худ, ба таъсиси ниҳоди сиёсати давлатии кадрҳо ва хизмати давлатӣ ва ислоҳи идораи давлатӣ мусоидат кард. Ва имрӯз ин масъалаҳо дар маркази тавaҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта, дар паёмҳои ӯ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мулоқотҳо ва суханрониҳои ӯ бо зиёиён, ҷавонон, занон ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ инъикос меёбанд.

Ислоҳоти имрӯзаи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёди чунин низоми давлатӣ равона шудааст, ки тавони ба таври самарабахш ҳал намудани вазифаҳои давлати муосири демократӣ ва ҳуқуқбунёдро дошта бошад. Ниҳоди хизмати давлатӣ ба ин масъалаҳо дар ҷараёни ислоҳоти низоми идораи давлатӣ машғул аст.

Марҳалаи аввали тарҳрезии самтҳои асосии ислоҳоти фаъолияти хадамоти давлатии кадрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асосноккунии назариявии сиёсати давлатии кадрҳо, ки ба низоми андешаҳои пешқадами мактабҳои гуногуни илмӣ такя менамуд, ба ҳалли масъалаҳои кадрӣ дар заминаи устувори илмию назариявӣ равона гардида буд.

Таҷриба исбот менамояд, ки сиёсати давлатии кадрҳо ва раванди ташаккули он айният надоранд. Чунки, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҷорӣ фаъолияти кадрӣ метавонад ғайришаффоф ва коррупсионӣ шавад, агар самти стратегӣ ва ҳадафҳои сиёсии дар консепсияи рушди он муайяншуда ба инобат гирифта нашаванд. Сиёсати давлатии кадрҳо бояд хислати расмӣ дошта аз назари меъёрӣ дар доираи қонун амалӣ гардад. Андешаҳо ва нуктаҳои консепсия бояд фақат баъд аз қабули санадҳои дахлдори қонунгузорӣ стратегияи расмии фаъолияти кадрӣ гарданд.

[1] Общее соглашение об установлении мира и национального согласия в Таджикистане (Москва, 27 июня 1997 год) [манбаи электронӣ] URL : https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/183/33/PDF/N9718333.pdf?OpenElement (санаи мурочиат: 20.05.2019).

Тибқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, банақшагирии кадрӣ – таркиби сохтории сиёсати кадрҳо буда, мақсади он аз таҳияи чорабиниҳо дар бораи муайян кардани талаботи дахлдори ташкилот ба мутахассисони соҳибихтисос ва тайёр намудани қарорҳои пешакӣ оид ба ташаккул, инкишоф, эҳтиёҷоти иқтидори кадрӣ иборат мебошад.[1]

Мафҳуми дигари муҳимми сиёсати давлатии кадрҳо идоракунии давлатӣ мебошад, ки дар Консепсияи мазкур он чун таъсири танзимкунандаи давлат ба ҷомеа бо мақсади ба низом овардан ва рушди он бо такя ба ваколатҳои давлатӣ ва ҳокимият муайян карда шудааст.[2] Менеҷменти кадрӣ яке аз намудҳои идоракунии кор бо кадрҳои мақомоти давлатӣ буда, восита, усул ва технологияи кадрии дар шароити иқтисоди бозоргонӣ истифодашударо дар бар мегирад. Технологияи менеҷменти кадрӣ (аз қабул то озод кардани кормандон) метавонад дар ҷараёни омӯзиши бозори меҳнат; ҳангоми ҷустуҷӯ, ҷалб, интихоб ва ҷобаҷогузории кормандон; чун кумак дар баҳогузорӣ ба кормандон ҳангоми қабул, аттестатсия ва тарҳрезии дастурамалҳои вазифавӣ; мутобиқшавии кормандон бо коллектив ва самтгирии касбии онҳо, ба кор бурда шавад. Технологияи менеҷменти кадрӣ ҳамчунин ҳангоми банақшагирии пешрафти кормандон, ба мақсади идораи рафтори кормандон дар ташкилот, рушди иҷтимоии кадрҳо, аз кор озод кардани кормандон, риояи интизоми меҳнат, тартиб додани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ, риояи этикаи муносибатҳои корӣ ва фарҳанги корпоративӣ; дар ҷараёни идораи ихтилофот ва стресс, омӯзиш, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо зарур аст.

Иқтидори кадрҳо сарвати миллии ҳар як кишвар мебошанд. Аз тамоми захираҳои давлат захираҳои меҳнатӣ (аҳолии қобили меҳнат) аз ҳама муҳим аст. Аз одамон, яъне аз кадрҳо (кадрҳо – ҳайати кормандоне, ки бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва худидоракунии маҳаллӣ муносибатҳои

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе : «Контраст», 2012. – С. 157.

[2] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 07.05.2019).

меҳнатӣ доранд[1]), аз тахассус, касбият ва таҷрибаи онҳо муваффақияти кор дар ҳар як соҳа, махсусан дар низоми хизмати давлатӣ вобаста аст. Иқтидори кадрҳо чун омили муайянкунандаи муассирии идоракунии давлатӣ дар кишвар баррасӣ карда мешавад.

Иқтидори кадрҳо, тибқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин қобилияти кадрҳо дар ҳалли масъалаҳои дар назди онҳо қарордошта мебошад. Нишондиҳандаи асосии муайянкунандаи иқтидори кадрҳо шумораи кадрҳо, сатҳи таҳсилот ва касбу тахассус, синну сол, сифатҳои шахсӣ ва натиҷаи фаъолнокии меҳнатию эҷодии кормандон мебошад.

Кор бо кадрҳо маҷмӯи чорабиниҳои бо ҳам алоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, психологию педагогӣ оид ба интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи мақсадноки кадрҳоро дар назар дорад. Фаъолияти хадамоти кадрӣ дар самти амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати кадрҳо маънои татбиқи сиёсати давлатии кадрҳоро дорад.[2]

Мувофиқи Консепсияи мазкур, сиёсати кадрӣ ин низоми тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, ки татбиқи онҳо ба таъмини масъалаҳои интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи кадрҳо равона гардидааст, мебошад.

Сиёсати кадрҳо падидаи бисёрсатҳӣ мебошад. Сиёсати давлатии кадрҳо дар Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чун фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар самти таъсиси низоми яклухти ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, рушди иқтидори кадрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба ҳалли самараноки вазифаҳои муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ нигаронида шудааст, баррасӣ мешавад.

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе : «Контраст», 2012. – С. 157.

[2] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 05.05.2019).

Сиёсати давлатии кадрҳо ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ буда, ҳамчун фишанги пуриқтидори таъсиррасон ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат хизмат менамояд.[1]

Сиёсати давлатии кадрҳо – ифодаи стратегияи давлат доир ба ташаккул, рушди касбӣ ва талаботи захираҳои (иқтидори кадрҳо) меҳнатии давлат мебошад. Чунонки дар қисмати аввал зикр гардид, сиёсати кадрҳо ва ё ба ибораи дигар, дуруст пайдо намудани неруи ақлонии лозима ва ба таври зарурию самаранок истифода намудани он вазифа ва мақсади аввалиндараҷаи ҳар як давлат аст. Аз назарияи мутахассисон бармеояд, ки рӯйи кор омадани кадрҳоро набояд интизор шуд, балки онҳоро бояд тарбият кард ва аз қишрҳои гуногуни ҷомеа пайдо намуд».[2]

Номутобиқатии суръати бунёди низоми бозори муносибатҳои меҳнатӣ ва тарҳрезии пояи қонунгузории он сабаби нодуруст амалӣ гардидани сиёсати давлатии кадрҳо мегардад. Вазъияти солҳои 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси коҳиши шумораи мутахассисони соҳибкасб дар соҳаҳои ҳаётан муҳим (тиб, иқтисод, маориф ва ғайра) паст гардидаани эътибори намудҳои меҳнати зеҳнӣ гардид. Ҳамаи ин сабаби ба таври пурра амали нагардидани сиёсати давлатии кадрҳо гардид.

Нобаробарии тақсими иқтидори кадрҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ боиси коҳиши имкони амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон барои истифодаи озодонаи қобилияти худ гардид ва ин равандҳо ба пайдоиши падидаҳои манфӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ оварда расониданд.

Дар айни замон, заифшавии низоми бозомӯзии кадрҳо, назорати давлатӣ ва иҷтимоии фаъолияти сохторҳои давлатӣ ба амал омад. Дониш ва таҷрибаи коршиносони баландихтисос берун аз ҳудуди фаъолияти меҳнатӣ қарор гирифт, хизмати онҳо ба нафъи ҷомеа ва давлат истифода намешуд.

Набудани фишангҳои самараноки таъсири давлатӣ ба ташаккул бозори захираҳои кадрӣ боиси ақибмонии рушди сиёсӣ ва иқтисодии давлат гардид.

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе: «Контраст», 2012. – С. 157.
[2] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 303.

Фақат тадбирҳои қатъӣ, мунтазам, маҷмӯӣ ва саривақтӣ метавонист ин равандро боздорад.

Бо ин мақсад қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он қабули як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим[1] ба раванди ташаккулёбии иқтидорҳои кадрӣ, бартарафсозии камбудиҳо дар татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо, болоравии сатҳи касбӣ мусоидат намуданд.[2]

Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳал намудани масъалаҳои тарбия, интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳо ва умуман, идоракунии захираҳои инсонии мақомоти давлатӣ ва бахши ғайридавлатӣ асос гузоштанд.[3]

Консепсияи мазкур ба афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, барои татбиқи мақсадҳои стратегии ташаккули иқтисоди бозории хислати иҷтимоидошта, ҳамгироии бештару амиқтари кишвар ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ, такмили воситаҳои идоракунии ҷомеа дар асоси якҷоякунии усулҳои танзими давлатӣ ва бозорӣ,

---

[1] *Фармони* Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа»; *Фармони* Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2003 №1031 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти кадрӣ», *Барномаи* миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2004-2006, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2003 №294 тасдиқ карда шудааст; *Консепсияи* миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006 №94 тасдиқ карда шудааст; *Стратегияи* ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 №1713 тасдиқ карда шудааст; *Барномаи* давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 №496 тасдиқ карда шудааст; *Консепсияи* ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007 №289 тасдиқ карда шудааст; *Стратегияи* миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007 №704 қабул карда шудааст; *Қонуни* Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166; *Консепсияи* сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст.

[2] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 16.05.2019).

[3] Ҳамон ҷо.

истифодаи технологияҳои муосири сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоии кадрӣ равона шудааст.[1]

Дар шароити ҳозира таъсиси воситаи муносиби идоракунии ҳайати кормандон дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисод, ки ҳалли масъалаҳои истифодаи самараноки омилҳои инсониро таъмин менамояд, аҳамияти хоса пайдо мекунад.[2] Барои дар амал татбиқ намудани технологияи кадрии муосири иқтисодӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ, такмили низоми идораи ҷомеа ба асоси пайванди усулҳои танзими давлатӣ ва бозорӣ зарур аст. Дар кишвар бояд воситаи муносиби идоракунии кормандон дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисод такмил дода шавад, ки метавонад истифодаи самараноки омили инсониро таъмин намояд.

Шаклгирии фаъолияти давлат дар самти ҳамоҳангсозии такмил ва рушди захираҳои меҳнатии давлат, рушди вазифаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки сиёсати давлатии кадрҳоро ташаккул медиҳанд ва ҳадафи он фароҳам овардани шароити сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию маънавӣ ҷиҳати истифодаи иқтидори аҳолии қобили меҳнати кишвар мебошад, ба манфиати ҷомеа аст.

Мутобиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳо, вазифаҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо чунинанд:

– пешбинӣ ва банақшагирии таъмини соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ бо кадрҳо;

– таҳия намудани воситаҳо ва расмиёти интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо;

– мутобиқсозии захираҳои кадрии ҷумҳурӣ ба талаботе, ки дар бозори байналмилалии меҳнат пешниҳод карда мешаванд;

– баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии кадрҳо ва таъмини ҳамгироии онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ;

– ташаккули механизми идораи захираҳои меҳнатӣ;

---

[1] Санадҳои меъёрии хуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе: «Контраст», 2012. – С. 160.
[2] Ҳамон ҷо.

– мониторинг ва таҳлили пешравӣ дар мансаб тавассути истифодаи технологияҳо ва механизмҳои муосири кадрӣ;

– таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба таҳсилоти иловагии касбӣ барои кормандон ва рушди малакаи касбии онҳо;

– таҳияи воситаҳои рушди ҳамкории байналмилалӣ дар самти таҳсил ва бозомӯзии кадрҳо дар хориҷи кишвар.[1]

Ҳамзамон, тибқи Консепсияи мазкур ба самтҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо метавон инҳоро дохил кард:

– ташаккули талаботи муосир нисбат ба кадрҳои соҳаҳои гуногуни фаъолият ва сатҳи идоракунӣ;

– таҳияи меъёрҳои муосири интихоби кадрҳо бо дарназардошти сифатҳои касбӣ ва ахлоқию психологии онҳо;

– такмили механизми муосиру таъсирбахши институти захираи кадрҳои роҳбарикунанда;

– ҳавасмандгардонии меҳнати самаранок;

– таҳия намудани тадбирҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ;

– таҳияи усулҳо ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои гендерӣ, ҷалби занони қобили меҳнат ва ҷавонони лаёқатманд ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ.[2]

Рушди устувори давлат умуман ва рушди сиёсӣ ва иқтисодии он бояд усулҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳоро таъмин намоянд. Ҳамаи онҳо дар Консепсия дарҷ шудаанд. Таҳлили онҳо барои дарки бештари Консепсия зарур аст.

Мақсади асосии *усули демократизм ва шаффофият* мутобиқати пурра ва доимии фаъолияти корманд ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошад. Ин усул ба таври демократӣ ва шаффофона амалӣ намудани тадбирҳо, ивазшавии ҳайати кормандон, гузаронидани озмун

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе. : «Контраст», 2012. – С. 161-162.

[2] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 №582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 17.04.2019).

ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ҳамчунин баробарии ҳуқуқу имконияти шаҳрвандон зимни интихоби касб ва соҳаи фаъолиятро пешбинӣ менамояд.

*Усули банақшагирӣ* барои татбиқи дурнамои эҳтиёҷот ба кадрҳо, банақшагирии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандон, ҷойивазкунӣ ва истифодаи кафолатҳои иҷтимоӣ равона шудааст.

*Усули арзёбии маҷмӯии сифатҳои кормандон* уҳдададор месозад, ки дар самти кор бо кадрҳо ҳангоми интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, пешбарии кормандон сифатҳои хизматӣ, шахсӣ, кордонӣ ва ҳолати саломатии онҳо ба инобат гирифта шаванд. Чунин муносибат ба баҳодиҳии корманд истифодаи маҷмӯи шаклҳо ва усулҳо, аз ҷумла аттестатсия, баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият, тестҳо, пурсишҳои анкетавӣ ва дигар шаклу усулҳоро дар назар дорад.[1]

*Усули кордонӣ* тақозо менамояд, ки донишҳои касбӣ, маҳорат ва малакаи ишғолкунандаи мансаб ба талаботи тахассусие, ки нисбат ба ин мансаб пешниҳод мегардад, мутобиқат намояд. Ин усул мавҷудияти дастурамалҳои мансабии тасдиқгардида, инчунин тайёрии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандонро талаб менамояд.

*Усули мушаххас* будан маънои зарурати баҳисобгирии на танҳо мутобиқати умумии сифатҳои номзад ва талаботро нисбат ба мансаб, балки ҳолати мушаххаси дар ноҳия, шаҳр, вилоят ё умуман дар ҷумҳурӣ, ҳамчунин вазъи дар мақомот мушаххас бамиёномадаро низ дар назар дорад.[2]

Татбиқи *усули ҷубронпазирӣ* чунин тарзи интихоби кадрҳоро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар назар дорад, ки тарафҳои заифи як корманд бо сифатҳои дахлдори қавии дигар корманд ҷуброн карда мешаванд. Камбудиҳо дар

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе. : «Контраст», 2012. – С. 162.
[2] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 №582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?show detail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 17.04.2019).

донишҳои назариявӣ, малака ва таҷрибаи амалии онҳо аз ҳисоби чунин сифатҳои дигарон ҷуброн гардида, дар натиҷа ҳайати ягонаи қобили кор ва салоҳиятноки идоракунӣ таъсис меёбад. Ин усул бо такя ба пайвастагии кадрҳои ҷавон ва таҷрибадор, намояндагии табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, миллатҳо ва минтақаҳоро низ дар назар дорад.[1]

*Ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии кадрҳо* ба санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иртиботӣ ва ҳуқуқӣ ба мақсади кори муваффақонаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идора, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ такя менамояд.

*Мониторинги амалисозии сиёсати кадрҳо* барои муайян намудани натиҷа ва самаранокии тадбирҳои андешидашаванда оид ба ҳалли масъалаҳои таъминоти кадрӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ хизмат мекунад.

Фақат истифодаи бошууронаи маҷмӯи усулҳои мазкур ҳангоми қабули қарор метавонад натиҷаи хуб диҳад. Дар татбиқи сиёсати кадрҳо дастури амал қарор додани танҳо як ё якчанд усулҳои мазкур ҷоиз нест. Танҳо дар натиҷаи ба роҳбарӣ гирифтани маҷмӯи усулҳои асосӣ метавон ба муваффақият ноил гардид. Вале на риояи механикӣ, балки ҳангоми қабули қарорҳо воқеъбинона ба роҳбарӣ гирифтани онҳо муҳим мебошад.

Воситаи асосии татбиқи сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ идоракунии ҳайат *(захираҳои инсонии)* таъминкунандаи татбиқи имкониятҳои инсон ҳам ба нафъи шахсӣ ва ҳам ба нафъи ташкилот буд ва боқӣ мемонад.

Вазифаҳои асосии такмили идоракунии ҳайат чунинанд:

– таҳия намудани барномаҳо оид ба тайёр кардани мутахассисони идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ);

– такмили сохтор ва фаъолияти хадамоти кадрӣ, баланд бардоштани нақши онҳо дар таъмини дастгоҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе. : «Контраст», 2012. – С. 163-164.

идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бо кадрҳои ихтисосманд, фаъол, хушахлоқ, ташаккули кордонӣ, фарҳанги равандҳои идоракунӣ ва технологӣ;

– таҳия ва татбиқи асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба талаботи ҳозираи ислоҳоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҷавоб дода тавонанд;

– таҳия ва амалигардонии технологияҳои нави идоракунии ҳайат, ки ба гузаронидани озмун, аттестатсия, баҳодиҳии фаъолият, нақшаи болоравӣ дар мансаб ва ҳавасмандгардонии кормандон алоқаманд мебошанд;

– таҳия намудани низомномаҳо оид ба гузаронидани аттестатсия, озмун, талаботи тахассусӣ барои кормандони соҳаҳое, ки амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нисбаташон татбиқ намегардад;

– истифодаи бештару самараноки иқтидори зеҳнию кадрии дастгоҳи давлатӣ, ҳифз ва зиёд кардани он;

– фароҳам овардани шароити мусоид ва кафолат барои ошкор кардани қобилияти ҳар як хизматчӣ, дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои мусбӣ ва нақшаҳои шахсӣ, ҳавасмандгардонии ҳамаҷонибаи инкишофи касбӣ ва пешравии хизматӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти меҳнатии ӯ;

– идоракунии ташаккули сифатҳои касбии хизматчии давлатӣ.[1]

Хадамоти кадрӣ – сохтори мустақил буда, барои таҳия ва татбиқи стратегияи кадрҳо, ташкили низоми кор бо кадрҳо (ҳайат) дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва идора масъул мебошад. Хадамоти кадрӣ вазифаи маркази идоракунии ҳайатро *(захираҳои инсониро)*, ки мақсади ниҳоии он кори муваффақонаи мақомот ва ташкилот аст, иҷро менамояд.[2]

Дар марҳалаи гузариш ваколати хадамоти кадрӣ бе дарназаргирии дурнамо муайян гардида буд. Бинобар ин, дар марҳалаи муосир бояд

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе. : «Контраст», 2012. – С. 164–165.
[2] Ҳамон ҷо.

шаклҳои нави созмондиҳӣ – сохтории идоракунии кормандон фаъолона ҷорӣ карда шаванд.

Фаъолияти бисёрҷонибаи идоракунии кормандон акнун наметавонад бе асоси илмӣ имконнопазир бошад. Таъмини дастгоҳ бо мутахассисони баландихтисос бе рушди босуръати илм ва амалияи қабули қарорҳои идоракунӣ номумкин аст.

Сиёсати кадрҳо талабот ва имконияти ташкилоти мушаххасро ба назар гирифта, истифодаи самараноки қобилияти касбӣ ва шахсиятиро таъмин менамояд, дар татбиқи вазифаҳои гузошташуда иштирок мекунад ва ба татбиқи ҳадафҳои идораи давлатӣ мусоидат мекунад.

Солҳои охир дар самти рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омадааст, ки ба раванди сиёсати давлатии кадрҳо таъсир мерасонад. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Шумораи мутахассисони ҷавон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бештар мешавад.

Бояд таъкид кард, ки ҳанӯз ҳодисаҳои ба эътибор нагирифтани усулҳои татбиқи захираҳои кадрӣ аз тарафи роҳбарон ҷой дорад, кадрҳо аз рӯйи ихтисос кор намекунанд, ба хориҷа мераванд, талаботи технологияи кадрӣ дар интихоб ва пешрафти кадрҳои роҳбарикунанда пурра татбиқ намешавад, раванди такмили он ба кундӣ пеш мерафт. Вобаста ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «… ба роҳбарони вазорату идораҳо, бахусус, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот зарур аст, ки интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро танҳо тавассути озмун ба роҳ монда, барои тоза кардани сафи мақомот аз шахсони тасодуфӣ, риояи қатъии Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва татбиқи усулҳои муассири назорати

дохилӣ чораҷӯӣ намоянд».[1] Пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар фаъолияти онҳо, аз ҷумла роҳ надодан ба амалҳои коррупсионӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии онҳо, инчунин, андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Инчунин, масъалаи бекорӣ байни аҳолӣ ба мушоҳида мерасад. Чунин ҳодисаҳои манфӣ монеи истифодаи муассири захираҳои кадрӣ мегардад.

Барои рафъи нуқсониҳои мавҷуда бояд омӯзиши касбии аҳолӣ роҳандозӣ шавад, раванди ислоҳоти иқтисодӣ, робитаҳои меҳнатӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи шуғл такмил дода шаванд.

Дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳоти идораи давлатӣ, макроиқтисод, рушди бахши хусусӣ, баланд бардоштани самаранокии бахши энергетикӣ ва тарҳҳои сармоягузории сайёҳӣ, рушди саноати маъдан як силсила тадбирҳо амалӣ гардиданд, ки дар натиҷа бар пояи идораҳои мавҷуда на камтар аз 8-10 комплекси саноатӣ-истеҳсолӣ, энергетикӣ, саноати хусусӣ ва давлатии дорои аҳамияти минтақавӣ таъсис дода шуданд.

Дар ҳамаи зинаҳои таҳсил стандартҳо, нақшаҳо ва барномаҳои давлатии таълимии муносиб ва такмилёфта ҷорӣ гардиданд. Дар назар дошта шуда буд, ки сатҳи саводнокии аҳолии синни аз 15 то 24 сола то 99,1 фоиз мерасад. Ҳар сол 20-25 фоизи омӯзгорон ва дигар кормандони бахши маориф аз бозомӯзӣ ва такмили ихтисос бояд мегузаштанд.[2]

Сиёсати давлатии кадрҳо бояд ба омода кардани кормандон аз рӯйи ихтисосҳои нодир ва ояндадор бо дарназардошти вазифаҳо ва талаботи нав таваҷҷуҳи хос зоҳир намояд. Яке аз талаботи муҳим таъмини истифодаи

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 22 декабри соли 2017 [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/16771 (санаи муроҷиат: 5.11.2019).
[2] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе. : «Контраст», 2012. – С. 179.

оқилонаи кадрҳо мебошад, ки инро метавон ба воситаи тарҳрезии механизми меъёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилӣ ҷиҳати меҳнати муассир ва босифат таъмин кард. Таҷдиди усулҳои кор бо кадрҳо ба мутобиқатии сохтори идоракунӣ, муайян намудани вазифаҳо ва салоҳияти он вобаста аст.

Бо мақсади муайян намудани чунин ҳадафу вазифаҳо, усулҳо, самтҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо ва воситаи татбиқи он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 таҳти № 582 Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида буд.

Асоси меъёрии ҳуқуқии «Барномаи амалисозии Консепсия барои солҳои 2009–2016»–ро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки самтҳои кор бо кадрҳоро муайян менамоянд.

Мақсади Барнома фароҳам овардани шароити ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва фарҳангию маънавӣ барои аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ, таъмини ҳамаи соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ бо кормандони ихтисосманд, касбӣ, ташаббускор, дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, истифодаи самараноки иқтидори зеҳнию кадрӣ, захираҳои меҳнатӣ, нигоҳдорӣ ва афзоиши он мебошад.

Ба вазифаҳои асосии Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нуқтаҳои зерин дохил мешаванд:

– мутобиқсозии иқтидори кадрии ҷумҳурӣ ба талаботе, ки дар бозори байналмилалии меҳнат пешниҳод карда мешаванд;

– баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии кадрҳо ва таъмини ҳамгироии онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ;

– ташаккули механизми фасеҳи *(гибкий)* идораи захираҳои меҳнатӣ;

– мониторинг ва таҳлили пешравӣ дар мансаб тавассути истифодаи технологияҳо ва воситаи муосири кадрӣ;

– таҳияи меъёрҳои муосири интихоби кадрҳо бо дарназардошти сифатҳои касбӣ ва ахлоқию психологии онҳо;

– такмили шаклу усулҳои арзёбии фаъолияти кадрҳо;

– такмили воситаи муосиру таъсирбахши ниҳоди захираи кадрҳои роҳбарикунанда;

– истифодаи оқилонаи кадрҳо;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои кор ва пешравии касбии онҳо;

– такмили низоми тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кадрҳо;

– рушди ҳамкории байналмилалӣ дар самти таҳсил ва бозомӯзии кадрҳо дар хориҷи кишвар;

– таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз ҳудуди кишвар ба кор мераванд, мусоидат намудан ба онҳо дар гирифтани ихтисос ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус;

– ташаккули воситаи самараноки дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва таъмини кор ба бекорон, аз ҷумла маблағгузории ҷойҳои нави корӣ дар бахши соҳибкории хурд ва миёна.[1]

Сохтори тадбирҳои амалӣ намудани Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чор самт иборат аст, ки тадбирҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳоро дарбар мегиранд:

– таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низомномаҳо, барномаҳо, нашри китобҳои таълимӣ, адабиёт ва дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои кадрӣ ва банақшагирии фаъолияти кадрӣ;

– тадбирҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии кадрҳо;

– масъалаҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар;

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе. : «Контраст», 2012. – С. 181.

– чорабиниҳои ташкилӣ оид ба омӯзиш ва такмили фаъолият дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо.

Маблағгузории Барнома дар доираи бароварди *(сметаи)* хароҷоти тасдиқгардидаи вазорату идораҳо ва маблағҳои ғайрибуҷетӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ анҷом дода мешавад.[1]

Иҷрокунандагони Барнома Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо муайян гардида буданд. Дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои махсус гузошта шудаанд, ки ба ҳалли масъалаҳои кадрӣ равона шудаанд. Тадбирҳои ташкилӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати иҷрои Барномаро бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо амалӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии онро баррасӣ намуда, мо ба чунин хулосаҳо расидем:

– таҳлили илмии тағйироти ба амаломада дар соҳаи фаъолияти дастгоҳи идораи давлатӣ имкон медиҳад, ки таъсири сиёсати давлатии кадрҳо ба ниҳодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ омӯхта шавад;

– дар мавриди зернизоми меъёрӣ ва арзишӣ такмили низоми қонунгузории кадрӣ, мушаххас намудани самтгирии он ба ҳалли вазифаҳои муҳим зарур аст. Мукаммал намудани «Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд на ҷанбаи расмӣ, балки ҷанбаи мантиқӣ ва мушаххасии ислоҳотро зимни муқаррар намудани низоми поксозии ниҳодии сиёсати давлатии кадрҳо ва муҷозот барои вайрон кардани онҳо таъмин намояд;

– дар айни замон, бояд таъкид кард, ки дар ин самт чун дар дигар кишварҳо, як силсила масъалаҳо ҷой доранд: низоми номуназзами пардохти

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе. : «Контраст», 2012. – С. 182.

музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, самаранокии заифи баъзе мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ғайримуассирии ниҳоди амалкунандаи захираи кадрӣ, самаранокии пасти воситаи огоҳсозии ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ ва мубориза бо он, норасоии кадрҳои илмӣ дар соҳаи идораи давлатӣ, хизмати давлатӣ ва идораи захираҳои инсонӣ.

## 3. Низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои муваффақ шудан ба мақсадҳо ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда дар назди сиёсати давлатии кадрҳо, бояд низоми амалӣ намудани он ба вуҷуд оварда шаванд. Онҳоро муфассалтар баррасӣ менамоем.

Таъминоти ташкиливу методии сиёсати давлатии кадрҳо банақшагирии намудҳои гуногуни технологияи кадриро пешбинӣ менамояд. Ба чунин чорабиниҳо метавон инҳоро дохил кард:

– таъсиси низомҳо ва усулҳои дурнамои эҳтиёҷот ба нерӯи кории ихтисосманд дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти ҷомеа;

– ҳамоҳангсозии амалҳои иштирокчиёни сиёсати давлатии кадрҳо;

– таҳияи барномаҳои маҷмӯии бо кадрҳо таъмин намудани минтақаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот;

– рушди низоми таҳсилоти баъдаздипломии кадрҳо дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии бонуфуз ва донишкадаю курсҳои доимоамалкунандаи такмили ихтисос;

– таҳия ва истифодаи технологияҳои муосири кадрӣ дар самти интихоб, ҷобаҷогузорӣ, пешбарӣ, баҳодиҳии фаъолият ва ҳавасманд-гардонии меҳнатии кадрҳо.[1]

[1] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 13.10.2019).

Таъмини иттилоотӣ чунин самтҳои асосии фаъолиятро ифода менамояд, ки дар натиҷаи он бояд таркиб ва сохтори иттилоот, ки барои қабули қарорҳои самарабахш дар соҳаи ташаккули захираҳои кадрӣ зарур мебошанд муайян карда шавад; имкони таъсиси низоми ҷумҳуриявии иттилоотии мониторинги баҳисобгирӣ ва таҳлили захираи кадрҳои роҳбарикунанда, тарбия ва истифодаи кадрҳо, инчунин махзани ягонаи маълумот оид ба захираи кадрҳо ба вуҷуд меояд.[1]

Таъминоти моддиву техникӣ ва молиявии сиёсати давлатии кадрҳо бояд ташкили дурнамо ва банақшагирии эҳтиёҷот ба захираҳои моддӣ ва молиявӣ барои таъмини кори самараноки дастгоҳи давлатӣ, тарбия, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои мақомоти идораи давлатӣ, соҳаҳои гуногуни иқтисод ва дигари фаъолиятро дарбар гирад. Илова бар ин, бояд рушди заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти баъдаздипломӣ назорат карда шавад.[2]

Дар ҷараёни татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо бояд ҷанбаҳои зерин муайян карда шаванд:

– татбиқи усулҳои асосии сиёсати кадрҳо;

– сиёсати ташкилию бастӣ – банақшагирии эҳтиёҷот ба захираҳои меҳнатӣ, ташаккули сохтор ва бастҳои корӣ, таъсиси захираи кадрҳо;

– сиёсати иттилоотӣ – таъсис ва татбиқи низоми иттилооти кадрӣ;

– сиёсати молиявӣ – муайян намудани усулҳои тақсимоти маблағҳо, таъмини низоми самарабахши ҳавасмандгардонии меҳнат;

– сиёсати рушди ҳайати кормандон – таҳия ва татбиқи нақшаҳои рушд, тамоюли касбӣ ва мутобиқсозии кормандон, банақшагирии пешрафти инфиродӣ, ташаккули ҳайат, тарбияи касбӣ ва такмили ихтисос;

– дастгирии занон ва ҷавонон – таъмини ҳуқуқи афзалиятноки дастрасии занони қобилиятнок ва ҷавонони лаёқатманд ба меҳнат;

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе. : «Контраст», 2012. – С. 174.
[2] Ҳамон ҷо.

– баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият – таҳлили мутобиқати сиёсати кадрҳо ва стратегияи ташкил, ошкорсозии масъалаҳои баҳсталаби кор бо кадрҳо, арзёбии захираи кадрҳо ва натиҷаҳои фаъолияти корманд;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идорӣ оид ба масъалаҳои таъминоти кадрӣ.[1]

Афзалиятҳои сиёсати давлатии кадрҳо барои ноил гардидан ба мақсадҳои стратегӣ мутобиқи барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ бояд дар паст кардани шиддати бозори меҳнат, боз ҳам кам кардани бекории ғайрирасмӣ ва пӯшида; баланд бардоштани эътибори кор дар соҳаи идоракунии давлатӣ, тандурустӣ, илм, маориф, фарҳанг, кишоварзӣ, ки ба рушди иқтисоди кишвар, таҳкими асосҳои ахлоқии ҳаёти ҷомеа, саломатии ҷисмонии шаҳрвандон ва амнияти озуқаворechи давлат мусоидат менамояд, ифода ёбад. Бояд низоми муосири идоракунии ҳайати кормандон дар тамоми сатҳҳо ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатии кадрҳо ташаккул дода шавад. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири раванди тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории хизматчиёни давлатӣ ва кадрҳои бахши иқтисод, ба баланд бардоштани сатҳи кордонӣ, тахассус ва таҳсилоти шаҳрвандон мусоидат мекунад.[2]

Дар вазъияти мушаххаси ҷамъиятию сиёсӣ вазифаҳои сиёсати давлатии кадрҳо бояд инкишоф ёбанд. Ба онҳо шакли сохти давлатӣ, сатҳи рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа, мақоми сиёсати давлатии кадрҳо, омилҳои миллӣ, минтақавӣ ва дигар шароити объективии фаъолияти сиёсӣ таъсир мерасонанд.

Иҷрои вазифаҳои сиёсии хоси сиёсати давлатии кадрҳо муҳимтарин ҷанбаи фаъолияти давлат мебошад. Ба сифати амалӣ намудани вазифаҳои сиёсии сиёсати давлатии кадрҳо дар Тоҷикистон манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ, фаъолшавӣ ва ҳамгироии гурӯҳҳои сиёсӣ,

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе. : «Контраст», 2012. – С. 175.

[2] Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст [манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 10.11.2019).

идеологияи сиёсӣ ва доктринаи сиёсӣ, ташаккули равандҳои афзалиятҳои нави сиёсӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 1990, мубориза барои азнавтақсимкунии ҳокимият байни элитаи сиёсии марказӣ ва маҳаллӣ, тағйироти шуури сиёсии омма ва дигар омилҳо таъсир расониданд.

Дар айни замон, амалӣ намудани вазифаҳои сиёсати давлатии кадрҳо қобилияти иштирокчиёни сиёсиро дар мавриди таъсиррасонӣ ба равандҳои кадрӣ ва мусоидат ба рушди онҳо мутобиқи ҳадафи таъйиншударо дар назар дорад.

Ҳамгироии давлати Тоҷикистон, эътирофи қонунӣ будани низоми сиёсии пасошӯравӣ, рушди демократии ҷомеа, ҷалби шаҳрвандони дорои малакаи баланди касбӣ ва шахсӣ ба идоракунии давлат, пешгирии ихтилофот ва зиддият байни элитаҳои сиёсӣ – чунинанд феҳристи нокомили ҳадафҳои сиёсӣ, ки дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Хислат ва самарабахшии татбиқи вазифаҳои сиёсии сиёсати давлатии кадрҳо аз натиҷаи созиши инъикоскунандаи тақсими қудрат байни элитаҳои гуногуни сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар мубориза барои ҳокимият вобаста аст. Ҳар як вазифа дар сохторҳои давлатӣ аз назари мавқеи муайян баррасӣ карда мешавад, бинобар ин, объекти чунин мубориза феҳристи мансабҳо мегардад.

Паст будани муассирияти ҳокимияти давлатӣ дар афкори ҷамъиятии аксари шаҳрвандон ихтилофоти «ҳадаф–натиҷа»–ро ба вуҷуд меорад. Дар солҳои 90-уми асри XX фарқияти ошкоро байни ҳадафи замонасозии низоми сиёсӣ ва сатҳи пасти созмондиҳии сиёсати давлатии кадрҳои Тоҷикистон вуҷуд дошт.

Ҳамзамон, зарур ба таъкид аст, ки вақте нигоҳҳо, мавқеъҳо ва амалкардҳо дар сиёсати кадрӣ дар сатҳи шахсию маҳаллию ҳизбию гурӯҳӣ боқӣ мемонанд, худи давлат низ заиф ва осебпазир мегардад. Дар чунин ҳолат, ба сабаби шахсӣ, ҳизбӣ, гурӯҳӣ ё маҳаллӣ боқӣ мондани нигоҳҳо, тағйири доираҳои элитаи сиёсӣ хусусияти мутлақ мегирад, яъне, гурӯҳи роҳбари нав маъмулан, гурӯҳи роҳбари пешинаро бо тамоми аъзояш «аз боло то пойин» аз саҳна дур карда, тамоми низоми сиёсии давлат ва ҳайати кадрии

давлатро аз нав ташкил мекунад ва ба ин восита, ҳокимияти ҳар нерӯи сиёсии нав ҳамеша «аз сифр» оғоз мешавад.

Сиёсати давлатии кадрҳо – низоми дар ҳоли таҳаввул қарор дошта буда, дар ваҳдати наздик бо низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ қарор дорад. Он ниҳоди махсуси ҳуқуқӣ ва иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки «бе он на танҳо фаъолияти одии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, балки худи мавҷудияти давлат номумкин аст. Хизмати давлатии муассир – омили калидии устувории ҳокимият ва эътибори он мебошад».[1]

Сиёсати давлатии кадрҳо дар иртиботи ногусастанӣ бо ҳадафҳо, самтҳои фаъолият ва сохтори мақомоти идоракунии давлат рушд ёфта ва мутобиқи тасдиқи олимон, «он яке аз ниҳодҳои асосии давлат буд, ҳаст ва дар оянда низ чунин боқӣ хоҳад монд».[2]

Фаҳмиши ҷанбаҳои гуногун ва хусусиятҳои фаъолияти сиёсати давлатии кадрҳо дар тасаввуроти назариявӣ дар бораи таърихи пайдоиш ва рушди он ифода меёбад. Дуруст муайян кардани ҷойгоҳи сиёсати давлатии кадрҳо дар воситаи идоракунии давлатӣ ба фаъолияти муваффақонаи тамоми дастгоҳи идоракунӣ таъсири қавӣ мерасонад.

Муҳиммии дарки илмию методии шаклгирии сиёсати давлатии кадрҳои муассир бо як силсила омилҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ вобаста аст:

– натиҷабахшии фаъолияти давлат ва беҳбудии ҷомеа аз иҷрои босифати вазифаҳои идора дар тамоми сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ, вазъи дастгоҳи идоракунӣ ва захираи кадрии он мустақиман вобаста аст;

– ниҳоди мураккаби иҷтимоию сиёсӣ ва ташкилию ҳуқуқии сиёсати давлатии кадрҳо бо шабакаи сершохаи унсурҳо, муносибатҳо, қонунмандӣ ва хусусиятҳо тавсиф карда мешавад;

[1] Охотский Е. В. Государственная служба в парламенте : Отечественный и зарубежный опыт : монография [Текст] / Е. В. Охотский. – М. : МГИМО, РОССПЭН, 2002. – С. 89.
[2] Государственная служба [Текст] / под. ред. А. В. Оболонского. – М. : Дело, 1999. – С. 9.

– дар робита ба ташкилӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ хислати маҷмӯии муносибатҳои давлатию хизматӣ ва ҷамъиятӣ ба миён меояд.[1]

Ин ҷанбаҳо роҳандозии сиёсати кадрии оқилонаи ба заминаи ҳуқуқӣ ва ташаккулдиҳандаи кори босифати мансабдорони касбӣ асосёфтаро талаб мекунанд.

Аз тарафи дигар, «бо вуҷуди мавҷудияти асарҳои гуногуни бахшида ба муассирии фаъолияти мақомоти ҳокимият, масъалаи вобаста ба тарҳрезии асосҳои бунёдииислоҳоти сиёсати давлатии кадрҳо ва хизмати давлатӣ чун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ҳанӯз ба таври кофӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор нагирифтааст».[2]

Имрӯз дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва сиёсӣ дар бораи фаҳмиши сиёсати давлатии кадрҳо ва хизмати давлатӣ назари яксон вуҷуд надорад.

Дар ин иртибот Г. В. Атаманчук қайд мекунад, ки то ҳанӯз дар тафсири моҳияти хизмати давлатӣ ва дар баррасии он ба сифати падидаи давлатӣ ва ҳуқуқӣ аниқӣ вуҷуд надорад. Ҳар як муҳаққиқ ва таҳлилгари хизмати давлатӣ дар мавриди фаҳмиши он ақидаи худро дорад. Зимнан, муҳаққиқон мулоҳизоти худро изҳор дошта, ба нуқтаи назари дигарон кам аҳамият медиҳанд.

Набудани фаҳмиши ягонаи хизмати давлатӣ то андозае ба ин чиз таъсир расонид, ки дар амалияи ҷаҳонӣ қолаби ягона ва намунаи ҳамаҷонибаи хизмати давлатӣ вуҷуд надорад. Чунонки Е. А. Литвинсева қайд менамояд «… ҳар як ҷомеа вобаста аз тавсифҳои иҷтимоӣ, фалсафаи миллӣ, менталитет, идеология, эътиқод ва анъана дар бораи вазифаҳои давлат фаҳмиши худро дорад».[3]

Дастгоҳи давлатӣ бояд низоми воҳид, бутун, демократӣ, рақобатиро бо ҳастаи рушдёфтаи зеҳнӣ пешниҳод намояд. Он бояд ба таври маҷмӯӣ, фаъол

---

[1] Государственная служба [Текст] / под. ред. В. Г. Игнатова. – М. : Март, 2004. – С. 11.
[2] Ниг.: Пирназаров И. А. Становление государственной службы как политико-социального института : дис. … канд. полит. наук [Текст] / И. А. Пирназаров. – Душанбе, 2006. – 160 с.
[3] Литвинцева Е. А. Государственная служба в зарубежных странах [Текст] / Е. А. Литвинцева. – М. : РАГС, 2004. – С. 6.

ва доимӣ фаъолият карда, истисноан аз мудирони касбӣ иборат бошад, ки фазои эҷодиро ба мақсади ошкор намудани қобилияту малакаи ҳар як хизматчии давлатӣ дастгирӣ намояд.

Тамоми таърихи ташаккули давлат ва идораи давлатӣ исбот менамояд, ки сохти идораи давлатӣ ва кори босуботи он ба мавҷудияти худи давлат ва шаҳрвандони он таъсир мерасонад.

Воситаҳои идоракунии давлатӣ, ки дар созмондиҳии хизмати давлатӣ амалӣ мешаванд, дар рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши назаррас бозӣ мекунанд, онҳо ба ҳалли вазифаҳои идоракунии давлатӣ ва амалӣ намудани ваколатҳои ҳокимиятии ба мансабдорон додашуда равона шудаанд.

Банақшагирӣ, созмондиҳӣ, далелнокӣ, назорат, қабул ва татбиқи санадҳо *(қарорҳои идоракунӣ)* – ҳамаи ин амалҳои хизматчии давлатӣ тартиботи худро доранд, ки сиёсати давлатии кадрҳо ба он машғул мешавад.

Ислоҳоти хизмати давлатӣ самаранокии онро ба мақсади таҳаввулоти шуури ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими давлат хеле афзун менамояд. Ташаккули низоми ягонаи хизмати давлатӣ бе дастрасӣ ба ин ҳадафҳо имконнопазир аст.

Самти асосии ислоҳоти сиёсати давлатии кадрҳои Тоҷикистонро метавон таҳлили моҳияти иҷтимоию сиёсии он, таъсиси дастгоҳи идоракунӣ дар сатҳҳои мухталиф, ҳамкории муназзам байни мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷараёни қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои ҷамъиятию сиёсӣ бо дарназардошти хусусиятҳои таърихии миллӣ номид.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти хизмати давлатӣ дар роҳи рушди давлати соҳибихтиёр омили афзалиятнок гардидааст. Кӯшиши ҳалли масъалаҳои ҷории давлат ҳадафҳои асосии ислоҳоти онро муайян менамояд. Оғози мавҷи охирони ислоҳоти сиёсати давлатии кадрҳо ба солҳои 1990 рост меояд. Тоҷикистон зимни таҳлили таҷрибаи хизмати шаҳрвандии кишварҳои рушдёфта, талош мекунад, ки унсурҳои алоҳидаи онро бо хусусиятҳои миллии худ мутобиқ намояд.

Ба ақидаи мо, чунин равиш пурра дуруст буда наметавонад. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ набояд ба нусхабардории кӯр-кӯронаи он оварда расонад. Бо дарназардошти омилҳои зикргардида, равиши танқидии эҷодӣ нисбат ба истифодаи таҷрибаи хориҷӣ зарур аст.

Ба таври мисол, Б. Бади масъалаи татбиқи намунаи сиёсии Ғарбро ба кишварҳои ғайриғарбӣ таҳлил намуда, истифодаи кӯр-кӯронаи намунаи ғарбии сохтори сиёсиро дар Шарқ нодуруст ҳисоб мекунад. Ба ақидаи ӯ, маҳз ин омил сарчашмаи асосии беназмӣ дар муносибатҳои муосири байналхалқӣ ва равандҳои зиддиятноку мураккаби бозсозии ҷаҳон, ки дар Шарқи Наздик сурат гирифтааст, мебошад.[1]

Ба он андозае, ки давлати воридшаванда бо анъанаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи воридкунанда мутобиқат надошта бошад, ба ҳамон андоза аъзои ҷомеаи воридшаванда худро бо намунаи сиёсии давлати воридкунанда мутобиқ карда наметавонанд. Азбаски равандҳои иҷтимоӣ холигиро намепазиранд, акторҳои иҷтимоӣ шаклҳои дигари сиёсиро ҷустуҷӯ менамоянд. Мисоли равшани ин ҳолатро дар таҷрибаи сохтмони сотсиализми советӣ ва капитализми америкоӣ дар Афғонистон мушоҳида кардан мумкин аст.[2]

Аз дидгоҳи баъзе таҳлилгарон, ислоҳоти хизмати давлатӣ тақрибан дар тамоми кишварҳо ҳадафҳои зеринро пайгирӣ менамояд:

– таъмини тавозуни нақши таъйиноти сиёсӣ дар дастгоҳи хизмати шаҳрвандӣ ва маъмурияти касбии ғайриҳизбӣ;

– таъмини тавозун байни фасеҳӣ ва устувории хизмати давлатӣ;

– таъмини шаффофияти хизмати шаҳрвандӣ, мутобиқ намудани он бо талабот ва манфиатҳои шаҳрвандон ва ҷомеа;

– дар дастгоҳи хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҷорӣ намудани усулҳои бозорӣ (дар мисоли чунин кишварҳо, монанди Британияи Кабир, Италия, Нидерланд, Зеландияи Нав ва ғайра);

---

[1] Нуриддинов Р. Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Нашри дуюми иловадор [Матн] / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 30.
[2] Ҳамон ҷо.

– таъсис додани сохторҳои ғайриҳукуматӣ, ки ба асоси озмун бо ҳукумат барои иҷрои ин ё он мансаби давлатӣ ё хизматрасонӣ шартнома мебандад;

– тавсеа додани санҷиши аттестатсионӣ ва озмунҳо ҳангоми қабул ба хизмат ва пешрафт аз рӯйи зинаҳои хизмат;

– коҳиш додани воҳиди хизматчиёни шаҳрвандӣ ва имтиёнҳои онҳо, дар айни замон, баланд бардоштани музди меҳнати онҳо ва ҷорӣ намудани ҷадвали рушди афзоиши он бо дарназардошти натиҷаи кори онҳо.[1]

Ислоҳоти микёсноки хизмати давлатӣ дар давлатҳои дар марҳалаи гузариш қарордошта бо муваффақияти комил анҷом наёфтааст (ҳатто дар чунин кишварҳои рушдёфта, монанди Бразилия ва Кореяи Ҷанубӣ). Ва натиҷаи ислоҳоти хизмати давлатӣ дар дигар кишварҳоро коршиносон ҳатто манфӣ арзёбӣ кардаанд. Дар Британияи Кабир дар натиҷаи ислоҳот низоми воҳиди хизмати давлатӣ вайрон шуд ва эътибори он аз даст рафт.

Баъзе коршиносон чунин вазъиятро дар масъалаи ба эътибор нагирифтани вазъи воқеии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди ҷомеа нисбат ба рушди хизмати давлатӣ, ки дар доираи он кадрҳо барои роҳбарӣ ташаккул меёбанд, мебинанд.[2] Ҳоло дар кишварҳои гуногун бо дарназардошти асосҳои сохти конститутсионии онҳо ва омилҳои миллии асоси давлат, ҳамчунин низоми мавҷудаи ҳуқуқӣ, ҷустуҷӯи намунаи самарабахши созмондиҳии сиёсати давлатии кадрҳо ва хизмати давлатӣ идома дорад.

Дар доираҳои илмӣ барои кишварҳои пасошӯравӣ дар мавриди намунаи хизмати давлатӣ ду нуқтаи назар ҷой дорад. Баъзеҳо намунаи «кушода»–и англосаксонии хизмати давлатии шаҳрвандӣ (менеҷменти нави

---

[1] Старовойтов А. В. Реформирование российской государственной гражданской службы и опыт зарубежных стран. Фонд «Развитие парламентаризма в России» [Текст] / А. В. Старовойтов. – М. : «Фонд РПФ», 2003. – С. 88.

[2] Грекова Ж. В. Реформирование государственной службы как политико-административный процесс (опыт Великобритании и США в контексте российских реалий) : автореф. дис. … канд. полит. наук [Текст] / Ж. В. Грекова. – М., 2001; Старовойтов А. В. Реформирование российской государственной гражданской службы и опыт зарубежных стран. Фонд «Развитие парламентаризма в России» [Текст] / А. В. Старовойтов. – М. : «Фонд РПФ», 2003. – С. 88.

давлатӣ)–ро беҳтар мешуморанд, дигарон ба намунаи «пӯшида», ки бештар дар кишварҳои Европаривоҷ ёфтааст, афзалият медиҳанд.[1]

Коршиносони соҳа чор намуди сиёсати давлатии кадрҳо ва хизмати давлатии шаҳрвандиро ҷудо менамоянд:

– мутамарказ «пӯшида» (давлати ягона);

– нисбатан ғайримутамарказ «пӯшида» (давлати федеративӣ);

– нисбатан ғайримутамарказ «кушода» (давлати ягона);

– ғайримутамарказ «кушода» (давлати федеративӣ).

Намунаи «пӯшида»–и хизмати давлатии шаҳрвандиро мо дар аксарият кишварҳои Европа мебинем. Он бо аломатҳои зерин тавсиф мешавад:

– созмондиҳии мартаботии дастгоҳи хизмати давлатӣ, тартиботи ҷиддии меъёрии салоҳияти ҳар як сатҳи хизмати давлатӣ;

– низоми пӯшидаи интихоби кадрҳо;

– мақоми баланди ҳуқуқӣ ва иҷтимоии хизматчии давлатӣ, ки пешрафт дар мансаб, музди меҳнат ва имтиёзҳои ӯ аз собиқаи кор ва мансаб вобаста аст;

– тартиботи мураккаби озод кардан аз вазифа.

Намунаи «кушодаи» сиёсати давлатии кадрҳо дар кишварҳои англосаксонӣ инъикос ёфта чунин тавсиф мешавад:

– набудани танзими дақиқи меъёрии ҳуқуқии муносибатҳои хизматӣ;

– низоми кушодаи озмунии интихоби кадрҳо ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ;

– вобастагии музди меҳнат ва пешрафт дар вазифа аз натиҷаи кор;

– тартиботи содаи озод кардан аз кор.

Ҳангоми тарҳрезии усулҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо барои Тоҷикистон истифодаи на танҳо унсурҳои намунаи европоӣ – яъне мақоми баланди иҷтимоии хизматчии давлатӣ, суботи хизмати давлатӣ, балки унсурҳои алоҳидаи намунаи англосаксонӣ – яъне таъсири натиҷаи кор ба

---

[1] Старовойтов А. В. Реформирование российской государственной гражданской службы и опыт зарубежных стран. Фонд «Развитие парламентаризма в России» [Текст] / А. В. Старовойтов. – М. : «Фонд РПФ», 2003. – С. 89.

музди меҳнат, ҷорӣ намудани низоми озмунии интихоб ва пешрафти кадрҳо ба мақсад мувофиқ хоҳад буд.

Шаклгирӣ ва фаъолияти сиёсати давлатии кадрҳо, тарҳрезии асосҳои назариявӣ, бунёдӣ ва методологии он доимо дар маркази таваҷҷуҳи олимон қарор доштааст, ки «кӯшиш мекарданд таъйиноти иҷтимоии хизмати давлатӣ дар сохтори давлатро муайян намоянд».[1]

Барои ҳалли муваффақонаи вазифаи ташаккули сиёсати давлатии кадрҳо ва хизмати давлатӣ истифодаи самараноки таҷрибаи андӯхтаи фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, таърих, сиёсатшиносӣ, иқтисоди сиёсӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, назарияи идоракунии давлат зарур аст. Ба андешаи В. П. Мелников «хулоса, «сохтмончиёни» хизмати давлатӣ бояд ҳуқуқдонон, файласуфон, ҷомеашиносон, муаррихон гарданд, то ин ки дар бораи хизмати давлатӣ тасаввуроти том пайдо шавад ва дар ҷараёни шаклгирии он тадбирҳои саривақтӣ ва бамавқеъ амалӣ шаванд».[2]

Ҳамин тариқ, низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, мо ба чунин **хулосаҳои таҳлилӣ расидем:**

– барои ҳалли вазифаҳои мубрами дар ҷараёни ташаккули давлати соҳибихтиёр бавуҷудомада, бояд ба тарҳрезии асосҳои назариявӣ ва методологии сиёсати давлатии кадрҳо таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда шавад;

– дар шароити такмили низоми сиёсӣ ва рушди намунаи мутамаркази давлати Тоҷикистон нақши сиёсати давлатии кадрҳо дар таҳкими ҳамкории марказ ва минтақаҳо дорои аҳамияти муҳим аст;

– гузаштани сиёсати давлатии кадрҳо аз намунаи феҳристӣ ба пасошӯравӣ, ки дар солҳои 1990 рӯй дод, сабаби содашавӣ, куҳнашавӣ, тақсимшавӣ аз рӯйи ҳокимияти амудӣ ва ҷудошавӣ аз рӯйи ҳокимияти уфуқӣ гардид. Падидаи мушобеҳ ва дар шакли шадидтарро метавон бидуни истисно дар тамоми давлатҳои пасошӯравӣ мушоҳида кард. Ин нишонаи афзуншавии

---

[1] Мельников В. П. Государственная служба в России: исторический опыт организации и современность [Текст] / В. Н. Мельников, В. С. Нечипоренко. – М. : Изд-во РАГС, 2003. – С. 48.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 344.

энтропия[1] ва бесубботии сиёсати давлатҳои пасошӯравӣ мебошад, ки имкони таҳдиди мустақим на танҳо барои фаъолияти самараноки ҳокимияти давлатӣ, балки барои тамомияти арзии давлатро дорад;

– масъалаи таҳкими нақши равандҳои кадрӣ ва такмили баъдии низоми сиёсати давлатии кадрҳо дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бояд таъкид кард, ки дар шароити сохтори муосири ҷомеа, бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои берунӣ ва дохилисиёсии эҳтимолӣ ва воқеӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи кунунии таърихӣ, таъмини муассирии идоракунӣ, ҳифзи мақоми геосиёсии давлати Тоҷикистон бо такя ба намунаҳои куҳна ва содаи сиёсати давлатии кадрҳо ғайримкон ба назар мерасад;

– дар амалия ҷорӣ намудани низоми тадбирҳо дар бобати таҳкими одоби хизматчиёни давлатӣ, таҳияи санади махсус бо номи «Усулҳои умумии рафтори хизматии хизматчиёни давлатӣ», ворид кардани нуктаҳои асосии он ба барномаи аттестатсия ва озмуни кадрӣ, ба хизматчиёни давлатӣ талқин намудани андеша дар бораи худ на чун корманди кироя, балки аъзои иттиҳодияи дорои решаҳои амиқи таърихӣ ва дахлдор ба таърихи кишвари мо зарур аст;

– тавре ки таҷрибаи Штатҳои Муттаҳиддаи Америка, Иттифоқи Европа, Исроил ва Япония нишон медиҳад, одоби касбӣ метавонад монеаи қавӣ дар роҳи коррупсия ва дар айни замон, омили ҳамгироии сиёсии хизматчиёни давлатӣ гардад;

– дар мавриди зернизоми ниҳодӣ ташкили мақоми идоракунии сиёсати давлатии кадрҳо дар шакли кумита, сарраёсат ё агентии сиёсати давлатии кадрҳо зарур аст. Ин сохтор бояд ба таври ҳатмӣ воҳидҳо оид ба таҳқиқоти хизматӣ ва банақшагирии кадрӣ, таъминоти иттилоотию таҳлилӣ ва илмии сиёсати давлатии кадрҳоро фаро гирад;

– бояд ниҳоди ҳуқуқшиносии маъмурӣ таъсис ёбад. Маҳдудияти захираҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мо имкон намедиҳад, ки таҷрибаи

[1] *Энтропия* дар назарияи идоракунӣ – мизони номуайянии вазъият ё рафтори низом дар шароити мазкур.

Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба сурати комил истифода бурда шавад, аммо чунин воҳидҳо барои Тоҷикистон заруранд.

Мо дар доираи мавзуи диссертатсия омӯзиш ва таҳлили ташаккул, инкишоф ва воситаҳои амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, бахше аз самтҳои асосии таҳқиқот қарор додем. Вобаста ба ин, мувофиқи мақсад медонем, ки дар мавзуи мазкур баъзе **хулосаҳои таҳлилиро** пешниҳод намоем:

– дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алҳол тамоми асосҳои зарурии демократии конститутсионӣ барои шаклгирӣ ва рушди хизмати давлатӣ вуҷуд доранд;

– сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин воситаи тағйирот дар дастгоҳи идораи давлатӣ, дар соҳаҳои иқтисод, иҷтимоъ, фарҳанг ва риштаҳои дигар мегардад;

– сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои хизматчиёни давлатиро ба таври ҷиддӣ танзим менамояд ва дар айни замон, ба онҳо имкони васеъро барои қабули қарорҳо вогузор менамояд;

– амалӣ намудани идоракунии давлатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони давлатро таъмин менамояд ва чун ниҳоди давлат ба мақсади таъмини некуаҳволии ҷомеа ва шаҳрвандон фаъолият менамояд, бо шароити иқтисодӣ мутобиқат менамояд ва самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро тавассути таъмин намудани онҳо бо кадрҳои нави идоракунандаи дорои тахассуси олӣ ва касбият баланд мебардорад;

– такмили амиқи низомии сиёсати давлатии кадрҳо бо дарназардошти мураккабшавии ниҳодии он дар сатҳи зернизом ва баланд бардоштани самаранокӣ ба туфайли манбаъҳои технологияи навтарини иттилоотӣ зарур аст;

– дар мавриди зернизоми меъёрӣ ва арзишӣ такмили низоми қонунгузории кадрӣ, мушаххас намудани он ва самтгирии он ба ҳалли вазифаҳои муҳим зарур аст. Мукаммал намудани «Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд на ҷанбаи расмӣ, балки ҷанбаи мантиқӣ ва мушаххасии ислоҳотро зимни муқаррар намудани низоми

поксозии ниҳодии сиёсати давлатии кадрҳо ва муҷозот барои вайрон кардани онҳо таъмин намояд;

– дар мавриди зернизоми назоратӣ ва ташкили хадамоти мустақили назорат ба риояи қонунгузории кадрӣ, баробарии имконниятҳо ва агентиҳо зарур аст.

# БОБИ 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ОН

## 1. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Намунаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо баъд аз пошхурии Иттифоқи Советӣ бо низоми рушдёфтаи феҳристи сиёсати давлатии кадрҳо алоқаманд буда, ба сатҳу сифати идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таъсир намондааст. Сабабҳои тағйири низоми мазкур як силсила заминаҳои айнӣ ва зеҳнии сиёсӣ ва иҷтимоӣ гардид. Аз ин рӯ, барои дарки мукаммали самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили баъзе ҷанбаҳои асосии сиёсати мазкур дар Иттифоқи Советӣ зарур аст.

Дар Иттифоқи Советӣ сиёсати давлатии кадрҳо дар ташаккули низоми сиёсӣ бо дарназардошти усули «роҳбарии ҳизбӣ ба кадрҳо, қабл аз ҳама, ба интихоби кадрҳои роҳбарикунанда, назорат ва роҳбарӣ мекунад»[1], нақши калидӣ бозӣ мекард. Дар замони советӣ якчанд низоми сиёсати кадрҳо дар соҳаи идоракунии давлат вуҷуд дошт.

В. В. Черепанов намунаҳои зерини сиёсати кадрии советиро тавсиф менамояд:[2]

1. Усули роҳбарии ҳизбӣ ба кадрҳои советӣ ва хоҷагӣ.

2. Усули «муносибати синфӣ» ҳангоми тарбияи хизматчиёни дастгоҳи давлатӣ ва ҳизбӣ, ки дар доираи он роҳбарият кадрҳоро аз рӯйи аломатҳои сиёсӣ интихоб мекунад.

---

[1] Зиновьев А. А. Коммунизм как реальность. Кризис коммунизма [Текст] / А. А. Зиновьев. – М. : Центрполиграф, 1994. – С. 325.
[2] Ниг.: Черепанов В. В. Основы государственной службы и кадровой политики. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / В. В. Черепанов. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2012. – С. 563–564.

3. Усули «камолоти сиёсӣ», ки дар арзёбии садоқат ба ғояҳои марксизм–ленинизм, ҳизб ва пешвоён ифода меёбад; мутобиқи истилоҳи вориднамудаи мо – усули «иҷтимоъсозии сиёсии кадрҳо».

4. Усули «фармондеҳӣ»-и интихоби хизматчиён ба вазифаҳои идораи ҳизбӣ–давлатӣ.

5. Усули садоқати шахсӣ ва усули ҷобаҷогузории кормандон дар мансаб бо дарназардошти сифатҳои касбӣ ва кории онҳо.

6. Усули ҷойивазкунии мунтазами кадрҳо, ки дар интиқоли зуд–зуди хизматчиён аз кори ҳизбӣ ба кори хоҷагӣ ва баръакс, аз кори хоҷагӣ ба кори ҳизбӣ ифода меёфт. Чунин таҷрибаи кори кадрӣ дар аксарият идораҳо ва сохторҳо ҳангоми ташаккули захираи кадрҳо ва рӯйхати номзадҳо барои пешбарӣ риоя мешуд. Ҳамчунин омӯзиши зуд–зуди мутахассисон дар курсҳои такмилӣ амалӣ мешуд.

7. Усули пӯшида будани сиёсати кадрӣ, ки дар ҷанбаи пинҳонӣ ва феҳристии фаъолияти кадрӣ ифода меёфт. Ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ ҳангоми таъйиноти кадрӣ ба ҳар ҳол, нисбат ба «намунаи пасофеҳристӣ», ки дар даҳсолаи охири асри XX шакл гирифта буд, бештар ҷой дошт.

Хусусияти муҳимми сиёсати феҳристӣ дар сохтори он мавҷуд будани воситаҳои назорат ба равандҳои кадрӣ ва воситаҳои худназоратии мансабдорони ҳизбӣ буд.

Ташаккули низоми пасофеҳристии сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми фазои пасошӯравӣ бо пошхӯрии низоми сиёсии Иттифоқи Советӣ вобаста аст. Ин нуқтаи назар ҳоло дар аксари

таҳқиқоти ба масъалаҳои сиёсати давлатии кадрҳои ин кишварҳо бахшидашуда ҷой дорад.[1]

Дар айни замон, истифодаи усули методологии таърихият имкон медиҳад чунин фарзияи илмӣ ба миён гузошта шавад, ки замина ва тамоюли табдилёбии низоми феҳристии сиёсати кадрҳо ба «намунаи пасосоветӣ»-и интихоби кадрҳо ҳанӯз дар дохили низоми сиёсии Иттифоқи Советӣ ташаккул ёфта, натиҷаи амали қонунҳои объективӣ ва равандҳои дохилии сиёсӣ буд.

Таҳқиқи иттилооти илмии ҷамъоваришуда имкон дод, ки тамоюли муайяни равандҳои сиёсии сабабгори буҳрон ва нобудшавии низоми сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ муайян карда шавад. Ба ақидаи мо, сабабҳои шикасти низоми мазкур инҳо буданд:

– дастгоҳи бузурги маъмурии Иттифоқи Советӣ боиси аз даст додани идораи равандҳои кадрӣ гардид;

– коҳиши таҳарруки иҷтимоӣ ба амал омад. Ба истилоҳи Р. Михелс – «қонуни оҳанини олигархия»–и дастгоҳи маъмурӣ дигар кор накард;[2]

– «буҳрони нуфуз» – коҳиши қобилияти мақомоти маркази идора баҳри амалӣ кардани қарорҳои худ, аз ҷумла дар масъалаҳои кадрӣ дар

---

[1] Ниг.: Фёдоров А. В. Кадровая политика СССР на завершающем этапе индустриальной модернизации : конец 1950–1980-е годы : дис. ... канд. ист. наук [Текст] / А. В. Фёдоров. – М., 2005 ; Дудкина Д. В. Советская кадровая политика и местный государственный аппарат (1917–1991) : дис. ... канд. ист. наук [Текст] / Д. В. Дудкина. – Самара, 2002. – 242 с ; Гаман-Голутвина О. В. Политические элиты России: Вехи исторической эволюции [Текст] / О. В. Гаман-Голутвина. – М. : РОССПЭН, 2006. – 446 с ; Ашин Г. К. Элитология : история, теория, современность : монография [Текст] / Г. К. Ашин. – М. : МГИМО, 2010. – 600 с ; Зубкова Е. Кадровая политика и чистки в КПСС (1945–1956) [Текст] / Е. Зубков // Свободная мысль. – 1999 ; Джавланов О. Т. Номенклатура: эволюция отбора (Историко-политологический анализ) [Текст] / О. Т. Джавланов, В. А. Михеев. – М. : Луч, 1993. – 138 с ; Пихоя Р. Г. Москва. Кремль. Власть. Сорок лет после войны, 1945–1985 [Текст] / Р. Г. Пихоя. – М. : Русь-Олимп, 2007. – 720 с ; Гудков Л. Д. Проблема «элиты» в сегодняшней России: Размышления над результатами социологического исследования [Текст] / Л. Д. Гудков, Б. В. Дубинин, Ю. А. Левада. – М. : Фонд «Либеральная миссия», 2007. – 372 с ; Зиновьев А. А. На пути к сверхобществу [Текст] / А. А. Зиновьев. – М. : Астрель, 2008. – 576 с ; Афанасьев М. Н. Клиентелизм и российская государственность: Исследование клиентарных отношений, их роли в эволюции и упадке прошлых форм российской государственности, их влияния на политические институты и деятельность властвующих групп в современной России : изд. 2-ое и доп. [Текст] / М. Н. Афанасьев. – М. : Моск. общ. научный фонд, 2000. – 318 с ; Латыпов Р. Ф. Советская номенклатура: мифы и реальность [Текст] / Р. Ф. Латыпов // 1917–2007: Уроки СССР и будущее России (ресурсно-энергетическое, экономико-политические и социально-культурные параметры): доклады и выступления. – М. : ЛЕНАНД, 2007.

[2] Михельс Р. Демократическая аристократия и аристократическая демократия [Текст] / Р. Михельс // Социол. исслед. – 2000. – № 1. – С. 107-116.

сатҳҳои гуногуни фазои иҷтимоӣ – дар минтақаҳо, сатҳи қавмҳои хурд, музофотҳо ба амал омад;

– заифшавии зернизоми назоратии сиёсати давлатии кадрҳо боиси тавсеаи амалияи ғайрирасмии кадрӣ гардид.

Ҳамин тариқ, самти афзалиятноки таҳаввули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминоти кадрӣ ба мақсади ҳалли вазифаҳои иқтисодии давлат мебошад.

Истифодаи мақсадноки захираҳои меҳнатӣ, тақсими оқилонаи онҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисод, замонасозии пояҳои ҳуқуқии танзими давлатии шуғли аҳолӣ, кафили иҷрои вазифаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд.

Вазифаҳои муҳимтарини идораи захираҳои меҳнатӣ – рушди низоми ояндабинии захираҳои меҳнатӣ, равандҳои демографӣ ва ба назар гирифтани ин натиҷаҳо ҳангоми интихоби самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳо мебошанд.

Барои истифодаи сифатноки захираҳои меҳнатӣ таҳияи барномаҳои гуногуни таъминкунандаи мақсаднокии иқтисодӣ, мавҷудияти ҷойи кор дар минтақаҳо, соҳаҳои иқтисод ва дигар бахшҳои фаъолият зарур аст. Тамоми шаҳрвандон, аз ҷумла занони қобили меҳнат ва мутахассисони ҷавон бояд имкони баробари дарёфти ҷойи корро бо дарназардошти сатҳи тахассус дошта бошанд. Барои ин бояд тадбирҳо оид ба кафолати иҷтимоӣ ва тавсеаи вазифаҳои иҷтимоии шартномаҳои дастаҷамъӣ такмил дода шаванд.

Чунонки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 иброз намуданд: «Дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занону бонувон дар ҳаёти ҷомеа диққати ҷиддӣ дода мешавад. Мувофиқи натиҷаҳои интихоботи соли 2020 ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ 8 нафар занон ё 25,8 фоиз ва Маҷлиси намояндагон 15 нафар ё

23,8 фоиз интихоб шуданд, ки нисбат ба интихоботи гузашта қариб 4 фоиз зиёд мебошад».

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Занону бонувони лаёқатманд ва соҳибкасбу баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлат торафт бештар ҷалб гардида истодаанд.

Ба ҳолати 1-уми январи соли 2021 аз шумораи умумии 19 210 нафар хизматчиёни давлатӣ 4 485 нафар ё 23,4 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Саҳми занон дар рушди соҳаҳои илму маориф ва тандурустии мамлакат торафт афзуда истодааст. Имрӯз дар соҳаи маорифи кишвар 73 фоиз ва тандурустиву ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қариб 68 фоизро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Фаъолияти бонувон дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар низ назаррас буда, ҳоло шумораи роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби занон 35 600 нафар ва занони соҳибкор 77 400 нафарро ташкил медиҳад.

Ҷудо намудани қарз яке аз василаҳои беҳтар намудани шароити иқтисодии занон ва оилаҳо мебошад. Соли 2020 ба занону бонувони соҳибкор ба маблағи 2 миллиарду 100 миллион сомонӣ қарз дода шудааст.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ташаббусҳои занону бонувони кишварро минбаъд низ дастгирӣ карда, ба хотири ҷалби бештари онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад».[1]

Бо ин мақсад, ба Кумитаи кор бо занон ва оила супориш дода шуд, ки лоиҳаи қарори Ҳукуматро дар бораи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030» ва нақшаи амалисозии онро барои солҳои 2021–2025 таҳия ва пешниҳод намояд.

Истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ бе тағйири низоми пардохти музди меҳнат номумкин аст. Ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон,

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [манбаи электронӣ] URL : http://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 29.01.2021).

пардохти музди меҳнат вобаста аз фаъолияти корманд, дараҷаи мураккабӣ ва тахассус бояд бо дарназардошти мунтазам зиёд кардани музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилотҳои буҷетӣ анҷом гирад.

Мутобиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифт, ки:

– такмил додани низоми самтгирии касбии кадрҳои корӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки барои кор ба хориҷа меравад, мусоидат ба онҳо дар дарёфти тахассус ва такмили ихтисос;

– тарҳрезии воситаи самараноки дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва бо кор таъмин намудани бекорон, аз ҷумла, маблағгузории ҷойҳои нави корӣ дар соҳибкории хурд ва миёна тибқи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ;

– бо вазъи иқтисодӣ мутобиқ кардани низоми таъминоти нафақа, такмили воситаҳои суғуртаи нафақавӣ ва иҷтимоӣ;

– дастгирии занон ва ҷавонон, фароҳам овардани шароит барои кор дар ҳама соҳаҳои иқтисод, идораи давлатӣ, соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ.

Муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаҳои гуногуни идораи кадрҳо баррасӣ менамоем.

*Бахши воқеии иқтисод.* Самтҳои афзалиятноки соҳаи идораи захираҳои кадрии бахши воқеии иқтисод дар татбиқи вазифаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ифода меёбанд. Дар самти мазкур бояд маҷмӯи тадбирҳои зерин амалӣ шаванд:

– таъсиси низомҳои соҳавии мониторинги захираҳои кадрӣ ва дурнамои эҳтиёҷот ба кадрҳо ва бо ин мақсад таҳия намудани дастурҳои дахлдор;

---

[1] Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2010, № 1557 «Дар бораи тасдиқ намудани Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» [манбаи электронӣ] URL : http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=11862 (санаи муроҷиат: 26.01.2020).

– таҳия ва татбиқи барномаҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати таъминоти кадрии соҳаҳои иқтисод, ки бояд заминаи фармоиши дахлдори давлатӣ барои тарбияи кадрҳо гарданд;

– мутобиқсозии сохтори тарбияи мутахассисон бо талаботи соҳаҳои иқтисод дар асоси истифодаи шакли шартномавии тайёр кардани кадрҳо барои соҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоидошта;

– ташаккули воситаи танзими давлатии бозори меҳнат;

– вусъатбахшии тарбияи мақсадноки мутахассисон ва таҳияи воситаҳои ҳавасманд гардонидани меҳнати онҳо;

– таъмини имкони вогузор намудани вазифаҳои мақомот ва ташкилот ба сохторҳои дахлдори поёнӣ;

– ҷустуҷӯ ва дарёфти кадрҳо аз ҳисоби занони ташаббускор, қобилиятнок ва ҷавонони лаёқатманд бо мақсади ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, аз ҷумла мутобиқи эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисод ҷалб кардани онҳо;

– рушди низоми тарбияи мутахассисони соҳаҳои маҳдуд (аз ҷумла, ҳуқуқшиносон, иқтисоддонҳо) барои соҳаҳои асосии иқтисод (энергетика, энергетикаи обӣ, гумрук, андоз, молия, сармоягузорӣ, сохтмон, заминсозӣ, истифодаи захираҳои зеризаминӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, алоқа, нақлиёт, кишоварзӣ).[1]

Ҳамзамон, дар соҳаи иқтисод иҷрои тадбирҳои зерин зарур шуморида шуд:

1. Такмил ва таҷдиди сохтори ҳукумати ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дигар зинаҳои идоракунӣ бо мақсади таъмини самаранокии идоракунии давлатӣ.

Бо мақсади ташаккули низоми самараноки идоракунии давлатӣ ҷиҳати таъмини банақшагирии стратегӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоии давлат Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 ноябри соли 2013 таҳти №12 тасдиқ гардидааст.

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе : «Контраст», 2012. – С. 168–169.

Ба низоми мақомоти идоракунии давлатӣ вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, кумитаҳо, хадамот, агентиҳо ва саридораҳо дохил мешаванд, вазифаҳои мақомоти идоракунии давлатие, ки роҳбарии фаъолияти онҳоро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд, дар низомномаҳои ин мақомот, ки мутобиқан бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд, муайян карда шудааст.

Бо ин мақсад, ҷиҳати роҳ надодан ба сӯйистифода аз фишангҳои дохилисоҳавӣ барои ҳимояи манфиатҳои дохилиидоравӣ, муносибати байниҳамдигарии вазорату кумитаҳои давлатӣ бо хадамот ва агентиҳои низоми онҳо тибқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

– ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистои чор муовин, аз ҷумла як муовини якум муқаррар карда шудааст.

– Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шудааст. Вазифаҳои марбут ба саноат аз доираи ваколатҳои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, иҷрои вазифаҳои марбут ба пешбурди сиёсати об аз Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд.

– Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Вазифаҳои марбут ба саноат аз доираи ваколатҳои Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид.

– Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шудааст. Вазифаҳои пешбурди сиёсати илм аз доираи ваколатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) бароварда шуда, ба Вазорати мазкур вогузор гардид.

– Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардид.

– Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Вазифаҳои марбут ба ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тобеияти идоравии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

– Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуд.

– Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ гардид.

– Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ карда шуд.

– Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

– Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи куҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт.

– Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикори Кумитаи

ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми Агентии мазкур шомил гардид.

– Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Вазифаҳои марбут ба беҳдошти замин ва обёрии Вазорати барҳамдодашудаи мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии мазкур вогузор гардид.

– Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

– Бо мақсади пешбурди ислоҳот дар низоми идоракунии маҳал, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мусоидат дар рушди баробари минтақаҳои кишвар Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

– Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.[1]

Ҳамзамон, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 ноябри соли 2013 №12, сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муайян шудааст:

1) мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

---

[1] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [манбаи электронӣ] URL : http://www.president.tj/node/5619 (санаи муроҷиат: 20.03.2020).

– Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (вазоратҳои адлия, кишоварзӣ, корҳои дохилӣ, корҳои хориҷӣ, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, молия, мудофиа, нақлиёт, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, энергетика ва захираҳои об);

4) кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (кумитаҳои давлатии амнияти миллӣ, идораи замин ва геодезӣ, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ);

5) идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (кумитаҳои андоз, бехатарии озуқаворӣ, забон ва истилоҳот, кор бо занон ва оила, меъморӣ ва сохтмон, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, телевизион ва радио, ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждандӣ, кор бо ҷавонон ва варзиш, рушди сайёҳӣ; хадамотҳои иҷро, алоқа, гумрук, зиддиинҳисорӣ, назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ; агентиҳои содирот, авиатсияи граждандӣ, беҳдошти замин ва обёрӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, захираҳои моддии давлатӣ, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, таъминоти амволи махсус, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, хоҷагии ҷангал; саридораҳои бойгонӣ, геология, ҳифзи сирри давлатӣ).[1]

2. Баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии давлатӣ, шаффофият ва дастрасии онҳо ба мардум, баланд бардоштани масъулияти

[1] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, № 12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [манбаи электронӣ] URL : http://www.president.tj/node/5619 (санаи муроҷиат: 20.03.2020).

хизматчиёни давлатӣ барои пешкаши саривақтию босифати чунин хизматрасониҳо.

Дар ин муддат дар мамлакат дар самти баланд бардоштани сифати хизматрасонии давлатӣ таъмин намудани шаффофият як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд, ки дар самти идоракунии давлатӣ нақши муассир гузоштанд. Хусусан дар ин марҳала амалӣ ва татбиқнамоии барномаи ҳукумати электронӣ дар ҳама зинаҳои идоракунӣ боиси таъмини шаффофияти кор ва ҳуҷҷатгузориҳо гардидааст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми апрели соли 2020 «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» мебошанд.

Хизматрасониҳои давлатӣ аз ҷониби хизматрасонандагон тавассути портали интернетии «ҳукумати электронӣ» расонида мешаванд.

Ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, хизматрасонандагон бояд ба шахсони воқеӣ рақами ягонаи миллӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ рақами ягонаи мушаххаскунандаро, ки барои муайян намудани шахс аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дода шудааст, истифода баранд.

Талабот ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ аз ҷониби хизматрасонандагон бо стандарт ва дастури хизматрасониҳои давлатӣ муайян карда мешаванд.

Натиҷаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ додани ҳуҷҷати электронӣ ё ҳуҷҷат дар ҳомили коғазӣ ва ё маълумот аз портали интернетии «ҳукумати электронӣ» мебошад.

Ба гирандагони хизматрасонӣ мувофиқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хизматрасониҳои давлатӣ метавонад дар асоси як ариза якчанд хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ пешниҳод карда шавад.[1]

---

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 02.04.2020 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2020, № 3, мод. 166.

Вобаста ба ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ», ки моҳияти асосии қонуни мазкурро асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии хизматрасониҳои давлатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқии ба хизматрасониҳои давлатӣ машғул буда, инчунин гирандагони хизматрасониҳои давлатиро муқаррар намудааст. Бояд қайд кард, ки дар татбиқу амалигардӣ ва сифатнокии иҷрои хизматрасониҳои давлатӣ нақши ҳукумати электронӣ ва порталҳои интернетӣ муҳим арзёбӣ карда мешаванд, ки дар ин самт Ҳукумати ҷумҳурӣ аллакай ба пешрафтҳои мусбат ноил гардидааст.

Чунонки дар Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2027 пешниҳод шудааст, дарҷ гардидааст, ки барои татбиқи сиёсати иқтисодӣ дар оянда идома додани ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои давлатӣ зарур шуморида мешавад. Ҳамзамон, дар Барномаи мазкур омадааст, ки вобаста ба вазъи тағйирёбандаи ҷаҳон, зиёд гардидани таъсири хатару таҳдидҳо ба иқтисоди кишвар ва пешгирии онҳо ҷиҳати тақвияти фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ тадбирҳои саривақтӣ андешида, самаранокии идоракунӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ баланд бардошта мешавад.[1]

*Низоми идоракунии давлатӣ.* Марҳалаи кунунии ташаккули давлати соҳибихтиёр баланд бардоштани самаранокии кори мақомоти давлатиро талаб мекунад. Барои ҳалли вазифҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ таҳлили сохторҳо ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ, таҳияи комили феҳристи ихтисосҳо ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ зарур аст. Таъмини устувори фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, рушди воситаҳои интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар хизмати давлатӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

---

[1] Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2027 пешниҳод шудааст [манбаи электронӣ] URL : https://khovar.tj/2020/09/barnomai-peshazintihobotii-nomzad-ba-mansabi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-ki-az-onibi-izbi-hal-ii-demokratii-to-ikiston-peshni-od-shudaast/ (санаи муроҷиат: 30.10.2020).

хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ такя мекунад.

Яке аз самтҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти дастгоҳи давлатӣ такмили Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки низоми арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқии муносибатҳои хизматчиёни давлатиро бо ҷомеа ва шаҳрвандон дар тамоми соҳаҳо муайян мекунад.

Ҳангоми такмили расмиёт ва усулҳои интихоби кадрҳои мақомоти идораи давлатӣ, ташаккули сохтори воқеан амалкунандаи захираи кадрҳо барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда ва тарбияи касбии шахсони дар захираи кадрҳо қарордошта бояд ба назар гирифта шавад.

Такмили низоми кадрҳои роҳбарикунандаи дастгоҳи давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини болоравии онҳо дар мансаб дар асоси баҳисобгирии сифатҳои касбӣ ва ахлоқиву психологии онҳоро бояд мадди назар гирад. Низоми ояндабинӣ ва банақшагирии эҳтиёҷоти кадрии мақомоти идоракунии давлатӣ бояд ҷалби шумораи зарурии мутахассисони соҳибкасбро таъмин намояд.

Назорати иҷтимоии фаъолияти мансабдори дастгоҳи давлатӣ имкон медиҳад, ки усулҳои муосири арзёбии хизматчиёни давлатӣ аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти онҳо такмил ёбад.

Бояд низоми ҳимояи касбӣ ва иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ дар асоси дастурамалҳои мушаххаси мансабӣ, такмили пардохтҳо ва ҳавасманд-гардониҳои моддию маънавии меҳнати онҳо, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ тарҳрезӣ шуда, дар амалия ҷорӣ карда шавад.

Таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии тайёрии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кадрҳои роҳбари-кунанда ва мутахассисони мақомоти идораи давлатӣ ба хотири қонеъ

намудани талаботи мақомоти давлатӣ ба роҳбарон ва мутахассисони аз нигоҳи касбӣ омодашуда ва босалоҳият зарур аст.[1]

*Соҳаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.* Дар ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи самтҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ вазифаҳои беҳдошти вазъи саломатии миллат, рушди иқтидорҳои таҳсилотию фарҳангӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон барои солҳои наздик пурра муайян гардидааст. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои зикргардида, сиёсати давлатии кадрҳо бояд ба татбиқи чунин ҳадафҳо равона гардад:

– андешидани тадбирҳои таъсирбахш оид ба тарбияи кадрҳо барои соҳаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ (аз ҷумла барои соҳаҳои маориф, тиб) дар минтақаҳои алоҳидаи эҳтиёҷманди ҷумҳурӣ дар асоси фармоиши давлатӣ;

– ҷорӣ намудани низоми дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати эҳтиёҷот ба кадрҳои соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ ва тарбияи боимтиёзу мақсадноки мутахассисон дар асоси фармоиши давлатӣ;

– таъсиси махзани маълумот оид ба захираҳои кадрии соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ;

– муҳайё намудани шароити мусоид барои кормандон, пешравии онҳо дар мансаб, рушди механизми суғуртавӣ ва қарздиҳии имтиёзнок, гирифтани таҳсилоти иловагӣ ва харидории манзил;

– андешидани тадбирҳои таъсирбахш оид ба ҷалби занон ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, тамоюли касбии ҷавонон, ташаккули маънавии шахсият, таҳкими оила ва дастгирии моддии занон ва мутахассисони ҷавон.[2]

*Соҳаи илм ва техника.* Сатҳи баланди илм ва таҳсилот заминаи асоси рушди инноватсионӣ мебошад, бинобар ин, истифодаи дастовардҳои илмию техникӣ ва истифодаи самараноки иқтидори таълимӣ ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи омода ва таъмини кадрҳои илмӣ, азнавсозии сохторӣ ва технологии соҳаҳои истеҳсолотӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонанд.

Рушди иқтидори илмӣ татбиқи вазифаҳои зеринро дар назар дорад:

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе : «Контраст», 2012. – С. 169–170.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 170–171.

– муносибсозии ҳайати сифатӣ ва миқдории кормандони соҳаи илм ва хизматрасониҳои илмӣ тибқи вазифаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ ва сиёсати илмиву техникии давлат;

– муайян намудани номгӯи мансабҳое, ки метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ бо дарназардошти таҷрибаи андӯхтаи амалии худ дар соҳаи дахлдор ишғол менамоянд;

– муҳайё намудани шароити ҳавасмандгардонии меҳнати мутахассисон ва олимон дар ташкилотҳои илмии ватанӣ;

– таъсис додани махзани маълумот, низоми дурнамои эҳтиёҷот ба кадрҳо дар асоси мониторинги самтҳои заминавии фаъолияти илмиву техникӣ;

– таҳияи низоми вобастакунии кадрҳои илмӣ дар соҳаҳои иқтисод ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати таъминот ва ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи илм;

– тарбияи мақсадноки кадрҳои илмиву педагогӣ мутобиқ ба эҳтиёҷоти соҳаҳои илм ва маориф;

– вусъат бахшидани тарбияи кадрҳои илмӣ дар соҳаи идоракунии ҳайати кормандон;

– тақвиятбахшии дастгирии давлатии олимони ҷавон дар ҳама самтҳои тахассус ва фаъолияти онҳо;

– муҳайё намудани шароити ҳуқуқӣ ва ташкиливу иқтисодӣ барои фаъолияти самараноки илмиву техникӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

– баланд бардоштани вазъи иҷтимоии кормандони илмӣ;

– такмили низоми аттестатсияи мутахассисони олии илмӣ, илмиву педагогӣ ва дигар ходимони илмӣ, инчунин арзёбии фаъолияти онҳо аз рӯйи натиҷаҳои меҳнатӣ.[1]

Чунонки А. Ш. Қурбонов зикр менамояд, дар замони муосир, вақте ки иқтисоди рушдёфта дар асоси дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва технологияи пешқадам бунёд меёбад, кишварҳои пешрафта ба танзими давлатии фаъолият

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе : «Контраст», 2012. – С. 170–171.

дар соҳаи илму технология беш аз пеш таваҷҷуҳ зоҳир намуда, сиёсати муосири давлатии илмӣ-техникиро тарҳрезӣ ва амалӣ менамоянд.[1]

Албатта, сиёсати илмӣ-техникии кишварҳои гуногун аз рӯйи мазмун фарқ дорад, аммо метавон баъзе самтҳои асосии онро, ки хоси тамоми кишварҳои пешрафта аст, ҷудо намуд.

Сиёсати кадрҳо дар соҳаи илму технология чун яке аз самтҳои сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ мақоми махсус дорад. Кор дар ин самт аз як тараф, ба баланд бардоштани касбияти муҳаққиқон ва аз ҷониби дигар, ба ҳавасмандкунии онҳо ба фаъолияти илмӣ, ба таҳарруки бештар, ба иштирок дар фаъолияти инноватсионӣ равона шудааст. Дар айни замон чунин воситаҳо монанди ба муҳаққиқон вогузор намудани имкони кор кардан дар муассисаҳои академӣ ва саноатӣ (Австралия), аз миён бардошта маҳдудияти синну солӣ барои таҳсилкунандагон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ (Ҷумҳурии Маҷористон), пешбинии талаботи оянда ба кадрҳои илмӣ (Ҷумҳурии Ирландия), баланд бардоштани дараҷаи таҳсилоти донишгоҳӣ (Ҷумҳурии Корея), ташкил намудани фондҳо барои пардохти кумакпулӣ ба муҳаққиқон (Ҷумҳурии Португалия), иваз кардани унвони якумрии профессорӣ ба муҳлати 5-10 сол (Ҷумҳурии Австрия), ба муҳаққиқон, ки дар муассисаҳои илмии давлатӣ кор мекунанд ва уҳдадор мешаванд, ки дастовардҳои илмии худро дар саноат ҷорӣ намоянд, додани иҷозати кор дар сохторҳои саноатӣ бо ҳифзи мақоми хизматӣ (Ҷумҳурии Франсия) мавриди истифода қарор мегиранд.[2]

*Ҷанбаҳои минтақавӣ.* Сиёсати давлатии кадрҳо ба ташаккули намунаи муносиби рушди минтақаҳо равона гардида, бояд самаранокии истифодаи иқтидорҳои кадриро бо дарназардошти мониторинги талаботи кадрӣ, таъмин намояд.

Вазифаҳои афзалиятноки ин соҳа чунинанд:

---

[1] Қурбонов А. Ш. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ (Таҳлили иҷтимоӣ-сиёсӣ). [Матн] / А. Ш. Қурбонов. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 88.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 100–101.

– тарҳрезии низоми дурнамои таълиму тарбия ва бо кадрҳо таъмин намудани минтақаҳо;

– дар курсҳо, факултетҳо ё шуъбаҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти олии дахлдори кишвар тарбия намудани мутахассисон барои кор дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ;

– таҳия ва татбиқи барномаҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати таъминоти минтақаҳо бо кадрҳо, ки бояд асоси фармоиши давлатии дахлдор барои тарбияи кадрҳо гардад;

– ташкили мониторинги минтақавии тақсимот, кортаъминкунӣ ва таъмини ҷойи кор барои мутахассисони ҷавон аз ҷумлаи ҷавонон ва духтароне, ки бо квотаи президентӣ таҳсил намудаанд;

– такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои мутахассисони ҷавон;

– ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ барои рушди касбии захираҳои меҳнатии минтақа;

– ташкили минтақавии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо мутобиқи вазифаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо.[1]

Зимни баррасии идоракунии давлатӣ чун падидаи иҷтимоии бисёрунсурӣ ва бисёрҷониба, дар доираҳои илмӣ дар мавзуи фаъолияти давлат баҳсу андеша ва мулоҳизоти ҷиддӣ идома дорад.[2]

Идоракунии давлатӣ бояд чунин иқтидоре пайдо намояд, ки имкон диҳад он воситаи боэътимоди таъмини таҳаввулоти босуботи иҷтимоию иқтисодии давлат ва кафили рушди муваффақонаи кишвар бошад. Арзёбии

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. – Душанбе : «Контраст», 2012. – С. 172–173.

[2] Ниг.: Атаманчук Г. В. Теория государственного управления [Текст] / Г. В. Атаманчук. – М. : Омега-Л, 2014. – 524 с ; Чиркин В.Е. Государственное управление. [Текст] / В. Е. Чиркин. – М. : Юристъ, 2001. – 320 с; Глазунова Н. И. Система государственного управления [Текст] / Н. И. Глазунова. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2002. – 552 с ; Пикулькин А. В. Система государственного управления [Текст] / А. В. Пикулькин. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2004. – 360 с ; Государственное управление: основы теории и организации [Текст] / Под ред. В. А. Козбаненко. – М. : «Статут», 2002. – 366 с.

нақш ва таъйиноти идоракунӣ, дарки арзиши иҷтимоии идоракунии давлатӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои он ба нафъи рушди ҷомеа мебошад.[1]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ анҷом мегирад, ки аҳамияти муҳимми он дар паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда мешавад. Самтҳои асосии таҷдиди он дар «Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, дарҷ гардидааст.[2]

Дар санади дигари муайянкунандаи ҳадаф ва вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат дар давраи дарозмуддат, фаъолияти устувори иқтисоди миллӣ барҳақ бо фаъолияти самараноки низоми идоракунӣ дар марказ ва дар минтақаҳо вобаста карда шудааст.[3] Тибқи ин санад, идоракунии давлатӣ дар самти рушди хизмати давлатӣ чун муҳимтарин самти таъмини рушди давлат баррасӣ мешавад. Имрӯз идоракунии босифати ҷомеаи муосир ва истифодаи иттилоот ва технологияҳои пешқадам фақат ба асоси рушди ҳамаҷониба ва такмили фаъолияти давлат имконпазир аст.[4] Вазифаи мазкурро фақат маъмурияти касбӣ, сарфакор ва саривақт амалкунанда иҷро карда метавонад.

Таҳлили таҷрибаи баъзе кишварҳо нишон медиҳад, ки дар фаъолияти давлат вазъи аҷиб ба амал омадааст. Аз як ҷониб ба назар мерасад, ки низоми ҳокимияти иҷроия сохторбандӣ шуда, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти он таҳким ёфтааст, мустақилияти ҷузъҳои он тавсеа ёфтааст, аз ҷониби дигар, муассарият ва натиҷабахшии маъмурияти давлатӣ паст гардидааст. Сабаб дар

---

[1] Ниг.: Зеркин Д. П. Основы теории государственного управления. Курс лекций. Изд. 2-е, доп. и перераб. [Текст] / Д. П. Зеркин, В. Г. Игнатов. – Ростов н/Д: МарТ, 2005. – С. 3–9.

[2] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 марти соли 2006, № 1713 [манбаи электронӣ] URL : http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=4327#A3SB0Z3RB3 (санаи муроҷиат: 30.01.2019).

[3] Ниг.: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, таҳти № 392 тасдиқ шудааст. [манбаи электронӣ] URL : http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=19164#A4SN0YZIR5 (санаи муроҷиат: 30.01.2019).

[4] Ниг.: Тихомиров Ю. А. О модернизации государства [Текст] / Ю. А. Тихомиров // Российская права. – 2004. – № 4. – С. 3; Топорнин Б. Н. Гражданское общество, правовое государство и право [Текст] / Б. Н. Топорин // Государство и право. – 2002. – №1. – С. 13.

чист? Ҷавоб ба ин, аз назари мо дар таҳлили вазъи сифатии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатӣ ниҳон аст.

Хизмати давлатиро, бидуни шак метавон асоси идораи расмӣ ва ҳуқуқӣ номид. Он на танҳо фаъолияти дастгоҳи давлатиро инъикос менамояд, балки бо дигаргуниҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар ин бора таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад. Баъзе кишварҳо (Ҷумҳурии Италия, Ҷумҳурии Федеративии Германия, Ҷумҳурии Франсия) баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фақат ба туфайли ислоҳоти хизмати давлатӣ ба ҳадафҳои худ ва аз рӯйи нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба натиҷа расиданд.[1]

Дар Иттифоқи Советӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати ҷумҳурии иттифоқӣ ба таркиби он дохил буд, қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» вуҷуд надошт. Ҷанбаҳои ҳуқуқии он дар сатҳи академӣ гоҳ-гоҳ баррасӣ мешуданд, феҳристи парокандаи санадҳои маъмурӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ вуҷуд дошт. Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол хизмати давлатӣ пояи мустаҳками ҳуқуқиро дарёфт кард.[2] Меъёрҳои конститутсионӣ кафолати дастрасии баробари шаҳрвандон ба хизмати давлатиро таъмин карданд, аввалин маротиба дар амалияи қонунэҷодкунии ҷумҳурӣ дар соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул шуд.[3]

Қонуни мазкур на танҳо асоси ҳуқуқӣ ва фаъолияти хизмати давлатиро муқаррар кард, балки заминаи ислоҳоти онро гузошт. Дар ин қонун аввалин бор чунин мафҳумҳои асосӣ барои ташаккули низоми маъмурӣ, монанди «мақоми давлатӣ», «мансаби давлатӣ», «мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ», «мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ», «хизмати давлатӣ», «хизматчии давлатӣ», «шахси мансабдори давлатӣ» инъикос ёфтанд. Меъёрҳои қонун нисбат ба шаҳрвандони хоҳишманди ишғоли мансабҳои

---

[1] Ниг.: Пронина В. С. Государственное управление зарубежных стран. 5-е изд., доп. и перераб. [Текст] / В. С. Пронина, О. Е. Петрунина. – М. : КДУ, 2015. – С. 442–445.
[2] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 18.
[3] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

давлатӣ талаботро муқаррар кард: мавҷудияти маълумот ва ҳатман гузаштан аз аттестатсияи минбаъда, имкони роҳандозии озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ ва мунтазам такмил додани ихтисос, таъмини моддӣ ва низоми танбеҳи интизомӣ.

Эътибор пайдо кардани қонуни мазкур дар таҳрири нав аз 21 январи соли 2020, саҳифаи навро дар идоракунии давлатӣ боз кард. Он муқаррароти қонуни пешинаро инкишоф дод, талаботи навро ба миён гузошт ва тартиботи озмунии ҳатмии ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ (ба истисноӣ мансабҳои категорияи олӣ) ва тартиботи минбаъдаи фаъолияти меҳнатӣ, ки ҳатман бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатиро пешбинӣ менамояд, ҷорӣ намуд (қисми 4, моддаи 13). Ин навигарӣ ҳанӯз пурра дарк нашудааст, аммо ба ақидаи мо, дар шаклгирии низоми демократии идоракунӣ нақши муҳим дорад. Ба асоси таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аксарият хизматчиёни дастгоҳи давлатӣ ба мақоми кормандони кироя наздиканд ва мутаносибан мақоми аъзои «итиҳодияи пӯшида»–ро аз даст медиҳанд. Дар натиҷа қисми муайяни мансабадорон маҷбуранд тасаввуроти навро дар бораи фишангҳои идоракунии захираҳои меҳнатӣ пайгирӣ намоянд.

Ҷорӣ намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар хизмати давлатӣ: якум, вобастагии ҳавасмандгардонии кори хизматчиёни давлатӣ аз натиҷаи фаъолияти онҳоро (пардохти музди меҳнат аз рӯйи натиҷаи меҳнат) муқаррар намуд; дуюм, низоми шартномавиро дар муносибатҳои давлат ва хизматчӣ ҷорӣ намуд. Озмуни шаффоф барои иҷрои мансабҳо на танҳо бо коррупсия ва худсарӣ муқобила мекунад, балки сатҳи касбият ва салоҳиятро бо роҳи ҷалби неруи тоза баланд мебардорад.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «касбият» чун «донистани амиқ ва ҳамаҷонибаи қоида ва тартибот, доштани малакаи амалӣ дар соҳаи муайяни фаъолият»[1] муайян карда мешавад, ки барои он омодагии дахлдори умумӣ ва

[1] Ниг.: Манчева А. В. Государственная служба : понятие, виды, принципы [Текст] / А. В. Манчева // В мире права. – 2000. – № 2. – С. 7.

махсуси касбӣ зарур аст. Касбият дарёфти дониши навро ҳавасманд мекунад, қобилияти ташкилиро рушд медиҳад, сатҳи интизоми хизматиро баланд мебардорад. Аммо салоҳият ҳаҷми мушаххаси дониш ва таҷрибаи корманди муайянро инъикос менамояд. Ин меъёрҳо бо ҳам алоқаманд буда, афзалияти асосӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба хизматчии давлатӣ мебошанд.

Дар сурати интихоби номзад ба мансаби давлатии холӣ бояд шахси арзанда, шоистасолор, дорои омодагии беҳтар, таҷрибаи ғанӣ ва собиқаи кор аз рӯйи ихтисосро интихоб кард. Бояд сатҳи салоҳият ва касбияти номзад ба назар гирифта шавад. Аҳамияти омили салоҳиятнокӣ ва касбият махсусан дар давраи тағйироти муҳим дар ҷомеа ҳангоми гузариш ба ҳолати нав меафзояд.

Сарфи назар аз талоши созмондиҳӣ ва ҳуқуқӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби сифатии хизматчиёни давлатӣ дар солҳои нахустини Истиқлол чандон хуб набуд. Қисми бештари ашхоси ишғолкардаи ҷойи холӣ дар мансабҳои роҳбарикунанда омодагии касбӣ надоштанд ва гоҳҳо дар соҳаи фаъолияти худ бесалоҳиятӣ зоҳир менамуданд. Дар сохторҳои ҳокимияти иҷроия сатҳи хеле пасти фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти давлатӣ ба мушоҳида мерасид. Сатҳи касбияти баъзе хизматчиёни давлатӣ ҳатто пойинтар аз талаботи даврони советии рушди ҷумҳурӣ буд. Низоми воҳиди тарбия ва интихоби кадрҳо дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз байн рафт, ивазшавии зуд–зуди бенатиҷаи мансабдорони сатҳҳои гуногуни идоракунӣ барои кори тамоми сохторҳои давлатӣ санҷиши ҳақиқӣ гардид. Бо истифода аз бесуботии дастгоҳи давлатӣ, бисёр ашхоси бесалоҳият ба он ворид шуданд.

Иштибоҳоти роҳдодашуда дар интихоби гурӯҳи маъмурӣ ва кадрҳои роҳбарикунанда боиси вазъи заифи иқтисоди миллӣ гардид. Хизматчиёни давлатӣ дарк намуданд, ки дар ҷумҳурӣ дар навбати аввал масъалаи омӯзиш ва ҷобаҷогузории кадрҳо вуҷуд дорад, на набудани кадрҳои баландихтисос.

Масалан, дар моҳи августи соли 2008 олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо мусоидати Раёсати хизмати давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар байни кормандони мақомоти давлатии марказӣ доир ба ошкор намудани рӯҳия ва ниёзмандиҳои хизматчиён ва муносибати онҳо ба ислоҳот пурсиши сотсиологӣ гузаронидаанд.

Натиҷаи пурсиш *аввалан,* имкон дод, ки аз рӯйи гуфтаҳои мусоҳибон як силсила пешниҳодҳо оид ба такмили минбаъдаи фаъолияти маъмурӣ шаклбандӣ шавад. Мусоҳибон бештар таваҷҷуҳро ба хотима додан ба таҷрибаи таъйини ашхоси «тасодуфӣ», «камсалоҳият», «дур аз фаҳмиши муосири идоракунии соҳа» ба мансаби роҳбарикунанда зоҳир кардаанд.

*Дуюм,* натиҷаи пурсиш бетаваҷҷуҳии комили хизматчиёнро ба баланд бардоштани сатҳи касбияти худ нишон дод. Масалан, муайян шуд, ки ҳамагӣ 5 фоизи пурсидашудагон адабиёти илмӣ ва дастури таълимиро барои баланд бардоштани дониши касбӣ истифода мебаранд ва фақат баъзеҳо метавонанд техникаи компютерӣ ва интернетро истифода баранд. Аксари мусоҳибон (81 фоиз) фақат қонунҳоро манбаи баланд бардоштани омодагии касбии худ номбар кардаанд. Аҷиб аст, ки дар чунин ҳолат 52 фоизи пурсидашудагон аз такмили дониш ва малакаи касбии худ изҳори қаноатмандӣ кардаанд ва фақат 27 фоиз ноқаноатмандии пурра ё қисманро баён доштаанд. Умуман, пурсиш ноқаноатмандии кормандон аз иҷрои кор (65 фоиз), шавқмандии заифи аксарият мусоҳибон аз натиҷаи фаъолияти худ ба сабаби андозаи музди меҳнат (43 фоиз), набудани низоми ҳавасмандкунии фаъолият (30 фоиз), набудани меъёрҳои аниқи арзёбии натиҷаи кор (25 фоиз), имкони пешрафт дар зинаҳои хизматӣ (23 фоиз), мавҷудияти маҳалгароӣ ва ҷӯрабозӣ (17 фоиз) ошкор намуд.[1]

Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ, аз 29 феврали соли 2020, сохтори алоҳида ва мустақили Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Донишкада дар

---

[1] Актуальные вопросы государственного управления и государственной службы // Материалы душанбинской международной науч.-практ. конференции 15–16 окт. 2009 г. – Душанбе, 2009. – С. 226.

асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақша–ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа мегардад, фаъолият намуда, ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси миллии соҳаи хизмати давлатӣ, тарбияи кадрҳои нав барои ин самти муҳимми давлатдорӣ ва дар амал татбиқ намудани «Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Қоидаҳои таҳия ва татбиқи супориши давлатӣ барои тайёркунии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор роҳандозӣ мекунад.

Пурсиши сотсиологӣ, ки моҳи августи соли 2008 гузаронида шуд, мушкилиҳои асосии ҳайати кадриро ошкор сохт. Ба ин савол, ки *«Кадом омилҳо ба самаранокии идоракунии давлатӣ таъсири манфӣ мерасонанд?»,* ҷавобҳои зерин дарёфт шуд. Мавҷудияти падидаҳои коррупсиониро 65 фоизи мусоҳибон қайд кардаанд, дар бораи касбияти нокифояи хизматчиёни давлатӣ 50 фоиз пурсидашудагон изҳор доштаанд ва 48 фоиз сатҳи пасти таъминоти моддӣ-техникии хизмати давлатиро ном бурдаанд, набудани шаффофият дар кори сохторҳои давлатиро 35 фоиз мушоҳида кардаанд, мавҷудияти сохторҳои такроршаванда 20 фоиз, норасоии воҳидҳои кории зарурӣ 18 фоиз, беасос зиёд кардани воҳидҳои корӣ 12 фоиз ва фақат 7 фоиз мусоҳибон набудани танзими дақиқи уҳдадориҳои мансабиро қайд кардаанд.

Дар баробари масъалаҳои омодагии касбии хизматчиёни давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, натиҷаи таҳқиқот масъалаҳои сатҳи пасти

иҷрои қонунҳо, огоҳии заифи хизматчиён аз амалисозии тадбирҳо дар соҳаи ислоҳоти идораи давлатиро ошкор сохт.[1]

Бо таваҷҷуҳ ба вазъи бади хизматчиёни давлатӣ дар марҳалаи кунунӣ, бояд ҷанбаҳои заифи онро ошкор сохт, ки бо бартараф намудани онҳо метавон вазъро батадриҷ ислоҳ намуд. Имрӯз ошкор шудааст, ки ба сабаби як қатор мушкилот дар хизмати давлатӣ ислоҳот дар дигар соҳаҳо дар ботлоқи худсарӣ ва муқовимати хомӯшонаи мансабдорон ғӯтидааст, ки баъзан бо коррупсия низ ҳамроҳ аст. Роҳандозии озмунҳо ва аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба мақсад мувофиқ аст. Бояд дар як сохтори алоҳидаи таълимӣ (Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) вазифа тайёр намудани кадрҳои идораи давлатӣ ба роҳ монда шавад. Ин метавонад ислоҳи вазъи мавҷударо зимни ташаккули раванди таълим ва тарбияи кадрҳои роҳбарикунанда таъмин намояд. Муҳим аст, ки ба озмунҳо ва аттестатсияҳо ҷанбаи мухторият дода шавад ва гузаронидани онҳо таъсироти корпоративию идоравӣ дур карда шавад.

Ҳамин тариқ, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, мо ба чунин хулосаҳо расидем:

– омили инсонӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва сиёсӣ аҳамияти ҳалкунандаро бозӣ мекунад. Фақат бо роҳи баланд бардоштани рақобатпазирии хизматчиён ва ташаккули низоми аниқи пешрафти вазифавии онҳо, мо метавонем ба пешрафти илмӣ–техникӣ ва рушди кишвар суръат бахшем ва ба таҳкими адолати иҷтимоӣ даст ёбем. Дар ин роҳ мо метавонем идораи давлатиро замонасозӣ намоем, дар ҷомеа ҳайсияти онро баланд бардорем, онро ба ниҳоди хизматрасонӣ ба инсон табдил диҳем на ба маъмурӣ;

– такмили сохтори давлатӣ ва ба талаботи замон ҷавобгӯ сохтани он чун самти афзалиятноки сиёсати кадрӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбад;

[1] Актуальные вопросы государственного управления и государственной службы // Материалы душанбинской международной науч.-практ. конференции 15–16 окт. 2009 г. – Душанбе, 2009. – С. 226.

– баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии давлатӣ, таъмини шаффофияти дастгоҳи идорӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматичиёни давлатӣ – самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

## 2. Мушкилиҳо, монеаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои баланд бардоштани самаранокии идораи сиёсии ҷомеа ва давлат бояд мақоми фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи зарурӣ такмил дода шавад. Барои ин бояд баъзе вазифаҳои муҳимми стратегиро ҳал кард:

– бояд чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сиёсии маъмурӣ таҳия ва қабул шаванд, ки тавонанд кадрҳоро ба таҳкими ҳокимияти нав ва низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бештар ҳидоят намояд;

– ба элитаи ҳукмрон ба таври васеъ ҷалб кардани кадрҳое, ки бо нишондоди субъектҳои ҳокимият ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идораи ҷомеа фаъолият намоянд;

– такмил додани роҳу воситаҳои тайёр кардани кадрҳо ҷиҳати мутобиқат намудани он бо воқеияти нав ва талаботи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ;

– баланд бардоштани нақши низоми ҷалби кадрҳои идоракунанда ба воситаи ҷорисозии низоми кушодаи воридкунии синфи ҳукмрон.

Усулҳои нави созмондиҳии идораи давлатӣ, зарурати тарҳрезии сиёсати нави давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро собит менамояд.

Дар марҳалаҳои такмили сиёсати давлатии кадрҳо иҷрои вазифаҳои зерин муҳимманд:

– ҳамоҳангии манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, ки дар талаботи онҳо нисбат ба иштирокчиёни сиёсати давлатии кадрҳо ифода меёбад;

– тақсими мақомҳои сиёсӣ (интихоби сиёсии номзадҳо, ки сифатҳои зарурии касбӣ, сиёсӣ ва шахсӣ доранд);

– таҳкими ҳокимияти сиёсӣ дар шакли ворид ва хориҷ намудани кадрҳо ба ҳайати (ва аз ҳайати) элитаи ҳукмрон ба асоси дараҷаи эътимоди шаҳрвандон ба онҳо;

– иҷтимоъсозии сиёсии дубораи кадрҳои элитаи сиёсӣ ва маъмурӣ бо роҳи ҳимояи талаботи давлат ва ҷомеа, таъмини ҳатмии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҳифзи ваҳдати давлат, суботи сохти давлатӣ, самаранокии фаъолияти сиёсии ҷомеа, эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ;

– ҳамкории сиёсии судманд бо роҳи ҷамъоварӣ ва мубодилаи иттилоот дар бораи сифатҳои сиёсӣ, касбӣ ва шахсии намояндагони элитаи сиёсӣ ва маъмурии давлат.

Вазифаи сиёсати давлатии кадрҳо бояд ба афзоиши самаранокии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва идораи ҷомеаи Тоҷикистон, таҳкими баъдии эътимод байни ҳокимият ва шаҳрвандон, таъмини рушди ҷомеа, фаъолияти самаранокии шаҳрвандон чун иштирокчиёни идораи иҷтимоӣ ва сиёсӣ мусоидат намояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳоеро муқаррар менамояд, ки ба шаҳрвадони ҷумҳурӣ ҳуқуқ ва дастрасии баробар ба хидмати давлатиро медиҳад.[1] Бо тақвияти усулҳои муҳимми конститутсионӣ, дар таърихи Тоҷикистон ниҳоди мустақили ҳуқуқӣ – хизмати давлатӣ ба вуҷуд меояд.

Бояд хотиррасон намуд, ки низоми амалкунандаи ватании хизмати давлатӣ баъд аз шикасти низоми советӣ, яъне дар охири асри XX ташаккул ёфтааст. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) ва

---

[1] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мод. 27. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 11.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» (соли 1998)[1] муносибат ба ин мафҳумро хеле тағйир дод, бисёр нуктаҳои муҳимми усулӣ муқаррар шуданд ва дар айни замон, як қисмати дониши пешина доир ба масъалаи мазкур ба назарияи муосири идораи давлатӣ ворид шуд.

Аз мавқеи қонунгузории муосир, хизмати давлатӣ фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ мебошад, ки ба иҷрои ваколатҳои кадрҳои ишғолкардаи вазифаҳои давлатӣ ва амалисозии салоҳияти мақомоти давлатӣ равона шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нахустин таваҷҷуҳи ҷиддии давлат ба ин навъи фаъолияти касбӣ ва яке аз муҳимтарин воситаи мусоидат ба рушди миллӣ буда, чорчӯбаи қонунгузориро барои ташаккули хизмати давлатӣ дар ҷумҳурӣ муқаррар намуд. Ин қонун ҳудуд байни муносибатҳои меҳнатӣ ва хизматиро муайян намуд, ки ба асоси он имкон пайдо шуд, ки хизматчии давлатӣ аз корманди соҳаи иқтисоди миллӣ ҷудо карда шавад.

Қонуни мазкурро ба инобат гирифта, ба мақсади фаъолияти самараноки хизмати давлатӣ санадҳои зерини асосии меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд, ки фаъолияти хизматчиёни давлатиро танзим менамоянд:

– Муқаррарот дар бораи баҳисобгирии собиқаи кори хизмати давлатӣ (соли 1999);

– Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2002);

– Муқаррарот дар бораи тартибот ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ;

– Муқаррарот дар бораи роҳандозии озмунҳо барои ишғоли мансаби холӣ дар мансаби давлатии хизмати давлатӣ (соли 2004) ва ғайраҳо.

Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» наметавонист тамоми масъалаҳои соҳаи мазкурро ҳамаҷониба танзим намояд, бинобар ин, замина барои қабули қонуни нав ба вуҷуд омад, ки дар соли 2007 қабул шуд ва баъдан, ба асоси он

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998. – № 22, мод. 297.

санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тамоми фаъолияти соҳаи хизмати давлатӣ қабул шуданд.[1]

Ин қонун аз рӯйи мазмун аз қонуни пешина ба сурати куллӣ фарқ мекунад. Қонун мафҳумҳо ва истилоҳоти асосӣ, усули тақсими хизматчиёни давлатӣ ба маъмурӣ ва сиёсиро муайян менамояд. Он савганди хизматчиёни давлатӣ, феҳристи хизматчиёни давлатӣ, уҳдадориҳои иловагии хизматчии давлатӣ ва ғайраро дарбар мегирад.

Ташкили Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами аввалин дар роҳи суръатбахшӣ ба раванди рушди хизмати давлатӣ гардид. Пешбурди минбаъдаи ин раванд ба таҳия ва татбиқи санадҳои асосӣ оид ба такмили хизмати давлатӣ – Консепсия ва Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон алоқаманд аст, ки ҳадафи онҳо замонасозии хизмати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии мақомоти мушаххаси давлатӣ мебошад.

Муҳимтарин вазифаи ислоҳоти хизмати давлатӣ тарҳрезӣ ва татбиқи усулҳои муосири идора, ки бо талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ буда, асоснокии худро дар амалия дар давлатҳои рушдёфта исбот намудааст, мебошад. Ислоҳот ба дастрасӣ ба натиҷаи ниҳоӣ равона шуда, ба баҳодиҳии арзиши хизматрасонӣ ба истифодабарандагон, сатҳи рушди муносибатҳои шартномавӣ байни мақомоти давлатӣ асос меёбад.

Дар марҳалаи ислоҳот таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, ки дар онҳо низоми хизмати давлатӣ самаранокии худро исбот намудааст, метавонад фоиданок бошад. Албатта, бояд таъсири хусусиятҳои инкишофи таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-равонӣ ва дигар омилҳо ба рушди хизмати давлатӣ дар ҳар кишвари ҷаҳонро бояд ба назар гирифт. Дар ин робита барои ташаккули хизмати давлатии муосир бояд таҷрибаи ҷаҳонӣ дақиқан таҳлил карда шавад ва унсурҳои муносиб (дар он ҷое, ки ин ба мақсад мувофиқ аст) гирифта шаванд.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

Таҳқиқи таҳияи қонунҳо дар бораи хизмати давлатӣ дар кишварҳое, ки дар ин ҷода ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудаанд, нишон медиҳад, ки яке аз шартҳои муҳимтарини танзими ҳуқуқии самаранок шаклбандии аниқи консепсия/намунаи низоми идораи давлатӣ ва хизмати давлатӣ будааст. Консепсия/намунаи мазкур бояд нуктаҳои зеринро дарбар гирад:

– таҳлили равишҳои гуногуни мавҷуд дар ҷаҳон;

– ҳадафҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ;

– асосноккунии интихоби намуна ё мувофиқати онҳо чун ҷавобгӯйи эҳтиёҷоти кишвар ва ба назаргирандаи хусусиятҳои он;

– самтҳои асосии рушди низом дар оянда.

Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» бояд консепсияи қабулшударо инъикос намояд, таҷрибаи таърихию фарҳанги идоракунӣ ва менталитети шаклгирифтаро ба назар гирад. Дар чунин равиш тавозун намудани имкониятҳои намунаи анъанавии хизмати давлатӣ зарур аст.

Низоми пешрафти хизмати давлатӣ ба тақсимбандии кормандон асос ёфтааст. Хизматчиён мутобиқи дараҷаи маълумоти онҳо тақсимбандӣ мешаванд. Хизматчии давлатӣ дараҷаи худро, ҳатто дар сурати ихтисори вазифа ҳифз мекунад. Барои сатҳи якхелаи тахассус музди меҳнат якхела мебошад.

Музди меҳнат вобаста аз мазмуни кор муқаррар карда мешавад ва аз тахассуси корманд вобаста нест.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»-и соли 2007 давомдиҳандаи сиёсати кадрҳо мебошад, ки дар он метавон тавозуни робитаҳои ҳуқуқии байни иштирокчиёни хизмати давлатиро пайдо кард.[1]

Метавон нуқсониҳои зерини Қонуни пешинаро номбар кард:

1) ба талаботи замон ҷавоб намедод;

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.

2) воситаҳои интихоби озмунии номзадҳо ба хизмати давлатиро пешбинӣ намекард;

3) низоми хизмати давлатӣ дар ҷумҳуриро муайян намекард;

4) масъалаҳои аттестатсия ва баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчиёни давлатиро танзим намекард;

5) тақсими хизматчиёни давлатӣ ба сиёсӣ ва маъмуриро муайян намекард.

Қонуни нави қабулшуда дар ҳалли масъалаҳое, ки қонуни пешина дарбар нагирифта буд, то андозае мунтазамии мантиқиро дорад. Дар қонуни нав масъалаҳои номбаршуда ҳалли худро ёфтааст. Ин қонун барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии давлатӣ-хизматӣ асосии ҳуқуқӣ гардида, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани онҳо қабул шуда, ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд:

Ба гурӯҳи аввал санадҳои меъёрии ҳуқуқие дохил мешаванд, ки аз рӯйи аҳамияти ҳуқуқии худ аз тарафи парламенти ҷумҳурӣ қабул мешаванд. Ин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»[1], «Дар бораи хизмати дипломатӣ»[2], «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»[3], «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»[4], «Дар бораи милитсия»[5], «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[6], «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[7] ва ғайра мебошанд.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 05.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2019, № 4-5, мод. 225.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 29.11.2014 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 12, мод. 827.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 29.11.2000 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, мод.296.

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 01.03.2005 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 11, мод. 661.

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 17.05.2004 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2018, №1, мод. 13.

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 28.12.1993 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 12, мод. 1111.

[7] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 20.03.2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №1-2, мод. 7.

Ба гурӯҳи дуюм санадҳои тасдиқкардаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Инҳо «Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ», Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани «Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ», «Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар ҳангоми таҳсил ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ» ва ғайра мебошанд.

Ба гурӯҳи сеюм санадҳои меъёрии ҳуқуқии тасдиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Инҳо қарорҳо «Дар бораи беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ», «Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ», «Дар бораи Номгӯйи мансабҳои хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ», «Тартиби намунавии ташаккули воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва воҳидҳои тобеи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ», «Дар бораи Таснифоти давлатии касбҳои коргарӣ, вазифаҳои хизматчиён ва дараҷаҳои тарифӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ», «Дар бораи шакли намунавии шартнома (қарордоди) меҳнатӣ қабул ба хизмати давлатӣ», «Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъйин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ», «Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ» ва ғайра мебошанд.

Гурӯҳи чорум фармону фармоишҳои якҷояи директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар

мегирад. Ба он «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ», «Дар бораи тасдиқи Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ», «Дар бораи тартиби савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ», «Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Қоидаҳои пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра дохил мешаванд.

Тавре ки зикр гардид, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунад, ки муносибатҳои ҳуқуқии давлатӣ-хизматиро танзим менамоянд. Яке аз онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мебошад, ки монанди ҳар гуна қонун аз баъзе нуқсониҳо холӣ нест.

Бояд ёдовар шуд, ки дар кишварҳои Ғарб хизматчиёни давлатии сиёсӣ аъзои ҳизби ҳоким/эътилоф мебошанд ва барои таъмини кафолати амалисозии барномаҳо ва супоришҳои ҳизби худ дар сатҳи вазорат/агентии мушаххас ба вазифа таъйин карда мешаванд. Хизматчиёни давлатии сиёсӣ то вақте ки мӯҳлати идоракунӣ/ваколати ҳизби онҳо ба охир нарасидааст, ба иҷрои вазифаи худ идома медиҳанд.

*Якум,* дар қонун баъзе масъалаҳои муҳим, масалан, тартиби аз мансаби давлатӣ озод намудани хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ ва ҳимояи ӯ дар сурати ғайриқонунӣ озод шудан аз мансаб инъикос наёфтааст. Ба ақидаи мо, соҳаи амали қонуни мазкур ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми танзими муносибатҳои меҳнатии хизматчиёни давлатӣ ба ҷудокунии аниқтар эҳтиёҷ доранд.

*Дуюм,* ба мақсад мувофиқ мебуд, ки нуктаҳои алоҳидаи Қонун дар сатҳи санадҳои зерқонун танзим шаванд. Ба таври мисол, масъала дар бораи салоҳияти мақоми хизмати давлатӣ (моддаи 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»)-ро метавон дар Низомномаи ин мақом танзим кард.

*Сеюм,* масъалаҳои алоҳидаи калидӣ бояд дар сатҳи Қонун танзим шуда, мазмуни онҳо муфассалтар ошкор шавад. Бо дарназардошти таҷрибаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизмати давлатӣ, тавсия мешавад, ки дар Қонун масъалаҳои қабул ба хизмати давлатӣ ба асоси озмун, гузаронидани аттестатсия/арзёбии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ; ҳамчунин масъулияти интизомӣ дар сурати ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби хизматчии давлатӣ, аз кор озод кардани хизматчии давлатӣ ва ҳалли мунокиша дар соҳаи хизмати давлатӣ баррасӣ карда шаванд.

Хуб мешуд, ки шумораи моддаҳои Қонун кам карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҷузъӣ ва мушаххас ба воситаи фармонҳо, қарорҳо ва амр танзим шуда, зарурати ҳар дафъа иштирок кардани мақоми қонунгузорӣ дар ҳалли ин масъалаҳо аз байн меравад.

Аз назари мо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» як навъ талош барои пайванди равишҳо ва намунаҳои гуногуни баъзан бо якдигар зид мебошад. Аз ин рӯ, дар Қонуни мазкур набояд нобаробарии қарорҳои ҳуқуқӣ ба мушоҳида расад.

Масъалаи бунёдӣ, ки инъикоси ҳатмии худро дар Қонун талаб менамояд, мафҳуми «идораи захираҳои инсонӣ» мебошад. Он васеътар аз мафҳумҳои «кор бо кадрҳо» ва «хизмати кадрӣ» буда, имрӯз ба талаботи хизмати давлатӣ пурратар ҷавоб медиҳад. Ба ақидаи мо дар Қонун бояд на танҳо фақат мафҳуми мазкур, балки чор категория, ки ба онҳо хизмати намунавии идораи захираҳои инсонӣ асос ёфтааст, такмил дода шаванд.

– интихоб ва болоравии хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯйи зинаҳои хизмат бояд ба хизмати мушаххас ва озмуни кушода асос ёбад;

– низоми арзёбии иҷрои уҳдадориҳои хизматчиёни давлатӣ бояд мунтазам бошад ва воситаҳои робитаи баръакс бо хизматчиёни давлатӣ вориди амал шавад;

– тартиботи интизомӣ нисбат ба хизматчии давлатӣ бояд ба усулҳои шаффофият асос ёбанд, ҳамзамон, бояд асоси институтсионалӣ барои таъмини ҳимояи хизматчии давлатӣ аз имкони шикоят кардан аз амали ғайриқонунӣ вуҷуд дошта бошад;

– бояд фарҳанги дохилии хизмати давлатӣ, ҳамчунин воситаи ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ ба иҷрои самараноки вазифаҳои худ вуҷуд дошта бошанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои низоми муассири хизмати давлатӣ амалисозии усули «баҳодиҳӣ ба асоси хизмати шоиста» гардидааст. Истифодаи он имкон медиҳад, ки ба воситаи қоидаҳои сода ва ба таври яксон тафсиршаванда ва тартиби интихоб ва пешрафти кадрҳо, беҳтарин мутахассисон ба ҳар гуна мансаби давлатии маъмурӣ таъйин карда шаванд. Усули «баҳодиҳӣ ба асоси хизмати шоиста» муқобили низоми ҳимоятгарӣ ва ошнобозӣ мебошад, ки аксар вақт ба идораи захираҳои инсонӣ дар кишварҳое, ки дар марҳалаи гузариш қарор доранд, монеа мерасонад.

Тамоми кишварҳои аъзои Иттифоқи Европа усули «баҳодиҳӣ ба асоси хизмати шоиста»–ро ба сифати усули асосӣ дар низоми хизмати давлатии худ эътироф карда, ин дар қонунҳои онҳо инъикос ёфтааст.

Ҳамчунин дар ҳар як кишвар бояд интихоби усулӣ байни низоми «мутамарказ» ва «ғайримутамарказ»-и идораи захираҳои инсонӣ ва шакли ташкилот/муассисаи масъули фаъолияти амалии ин низом, инчунин назорат барои дар ҳаёт татбиқ намудани меъёрҳои рафтори хизматчиёни давлатӣ ва сиёсатмадорон ҷой дошта бошад.

Идораи захираҳои инсонӣ метавонад соҳаи масъулияти як агентии марказӣ бошад ё ба ҳар як агентӣ/раёсат, ки дар он ҷо хизматчиёни давлатӣ кор мекунанд, вогузор гардад. Дар ҳар ду намуна ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам нуқсонӣ вуҷуд дорад, аммо дар ҳар гуна интихоб бояд вазифаҳо аниқ ҷудо

карда шаванд, бояд муайян карда шавад, ки кӣ масъули тарҳрезии сиёсат дар соҳаи хизмати давлатӣ мебошад (банақшагирӣ, назорат ҳангоми интихоби кормандон, мониторинг ва баҳисобгирӣ, сиёсати музди меҳнат, тайёр кардани хизматчиёни давлатӣ) ва кӣ масъули амалисозии ин вазифаҳо дар амал мебошад. Маъмулан амалисозии сиёсат бояд кам ё беш ғайримутамарказ бошад. Дар моддаи 8-и қонуни мазкур ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ масъулият барои бисёр ҷанбаҳои идораи хизмати давлатӣ вогузор гардидааст, аммо дар айни замон, вазифаҳои мазкур ба таври аниқ ҷудо карда намешаванд. Мутобиқи Қонун, ба хадамоти кадрӣ асосан «кори коғазӣ» вогузор гардидааст, вале дар айни замон, комилан равшан нест, ки кӣ мушаххасан масъули интихоби номзадҳо ба хизмати давлатӣ ва арзёбии иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ мебошад. Маҳз ҳамин масъалаҳо дар амали идораи захираҳои инсонӣ авлавият мебошанд.

Ҳамчунин бояд ба яке аз усулитарин масъалаи хизмати давлатӣ – тартиби аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, ки дар моддаи 20-и қонун пешбинӣ шудааст, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Маълум нест, ки чаро хизматчиёни давлатие, ки мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ва мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро ишғол мекунанд, аз ин тартибот озоданд. Охир, маҳз онҳо масъули асосии қабули қарорҳои усулӣ доир ба истифодаи захираҳои молиявӣ, табиӣ, инсонӣ ва ғайраи давлат мебошанд. Ин қарорҳо амалан барои тамоми табақаҳои ҷомеа паёмади азим доранд. Ба ҳамин сабаб, сатҳи истифодаи малакаи идоракунӣ ва қобилияти самарабахш иҷро кардани уҳдадориҳои мансабии маҳз ҳамин категорияи хизматчиёни давлатӣ бояд дар навбати аввал ҳангоми аттестатсия ба назар гирифта шаванд ва зимнан, барои ин метавон усулҳои гуногуни баҳодиҳӣ, ки дар кишварҳои рушдёфта бомуваффақият будааст, истифода бурд.

Барои такмили пояи қонунгузории хизмати давлатӣ ба ҳамин моддаи Қонун бояд ислоҳ ворид шуда, масъалаи аттестатсияи хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурии категорияи олӣ дар он дохил карда шавад.

Бояд қайд кард, ки боз як нуктаи муҳим – масъалаи талаботи тахассусӣ нисбати довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ мебошад. Дар моддаи 11-и Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба сифати чунин талабот таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ бо дарназардошти ихтисос ва категорияи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, собиқаи умумӣ ва таҷрибаи кор аз рӯйи ихтисос, собиқаи хизмати давлатӣ ва донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Аммо ин феҳрист чунин талаботи муҳим, монанди малакаи идоракунӣ, дониши махсуси мансабӣ, ҳамзамон қобилияти чун давлат фикр кардан, мавқеъ гирифтану амал кардан ва дигар дониши зарурӣ барои кори муваффақонаро дарбар нагирифтааст. Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки талабот ба хизматчии давлатӣ аз кори мушаххасе, ки ӯ иҷро мекунад, вобаста аст ва ин талабот бояд барои гурӯҳ ва сатҳи мушаххас таҳия гарданд. Ғайр аз ин, дар кишварҳое, ки дар марҳалаи таҳаввулот қарор доранд, талаботи тахассусӣ тағйир меёбанд ва бояд ҳам тағйир ёбанд, ҳамзамон бояд воситае таҳия гардад, ки имкон диҳад талаботи тахассусӣ ба хизматчиёни давлатӣ таҷдид ва бозбинӣ шавад.

Хизмати давлатӣ ва сиёсати давлатии кадрҳо на танҳо усулҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро инъикос менамоянд, балки усулҳои ахлоқиро низ фаро мегиранд. Хизмати давлатӣ одамонро ба риояи меъёрҳои қабулшудаи ахлоқӣ ҳидоят менамояд. Сифатҳои ахлоқии хизматчиёни давлатӣ, устувории ахлоқии онҳо кафили субот ва эътимоднокии хизмати давлатӣ ва умуман, фаъолияти муваффақонаи сохторҳои давлатӣ мебошад.

Таъкид менамоем, ки ҳадаф, афзалиятҳо ва усулҳои сиёсати кадрҳо ба андозаи зиёд ҷанба ва самти замонасозии сиёсати давлатии кадрҳоро муайян менамояд. Ҷанбаи ахлоқии сиёсати кадрҳо барои ташаккули воҳиди хизмати давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар фаъолияти кадрӣ ҳама вақт роҳҳои таъсири шахсӣ ба раванди қабули қарор ҷой дорад, он ба андозаи зиёд субъективӣ мебошад, бинобар ин, ҳангоми созмондиҳии фаъолияти кадрӣ на танҳо омилҳои ҳуқуқӣ, балки омилҳои ахлоқиро низ бояд дар назар гирифт.

Натиҷаи ислоҳоти анҷомёфта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси тағйирёбии талаботи ахлоқӣ нисбат ба хизмати давлатӣ гардид. Имрӯз нисбат ба роҳбарони мақомоти давлатӣ ва тамоми хизматчиёни давлатӣ дар масъалаи рафтори хизматӣ ва сатҳи ахлоқӣ талабот баландтар аст. Дар арзёбӣ ба фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ чунин сифатҳо, монанди усулият, масъулият барои амали худ, садоқат, хизмат ба нафъи давлат ва ҷомеа, поквиҷдонӣ ва ватанпарастӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Ҳамзамон, мувофиқи мақсад мебошад, ки сиёсати давлатии кадрҳо ба асоси лоиқӣ ва истеъдоднокӣ бештар такя кунад ва ҳамзамон фарогир бошад. Лоиқӣ ва истеъдоднокӣ ба маънои маҳз аз рӯйи сазоворӣ ва истеъдод ба кор ҷалб шудани хизматчиёни давлатӣ ва инчунин ба раванди идоракунии давлатӣ ҷалб шудани намояндагони тамоми минтақаҳои кишвар мебошад.

Асоси ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро Конститутсия, Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» дигар санадҳои қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти гурӯҳҳои алоҳидаи хизматчиёни давлатӣ ташкил медиҳанд.

Ба мақсади татбиқи муассири иродаи давлатӣ дар ҷомеа хизмати давлатӣ бояд ба заминаи устувори маънавию ахлоқӣ асос ёбад. Талаботи ҷамъиятӣ нисбат ба иҷрокунандагон бо дарназардошти асосҳои сиёсати давлатӣ ташаккул меёбад.

Ҳар гуна ибтикори нек ва хайри мақомоти давлатӣ метавонад бо амали пасти як мансабдори масъул беэътибор шавад. Нуфуз ва эътибори хизматчии давлатӣ дар афкори ҷамъиятӣ барҳақ бо поквиҷдонӣ ва адолати онҳо алоқаманд карда мешавад.

«Кодекси одоби хизматчии давлатӣ» ба ташаккули дараҷаи муайяни ахлоқи хизматчиёни давлатӣ мусоидат мекунад. Дар Британияи Кабир, Ҷумҳурии Франсия ва дигар кишварҳо чунин кодексҳо қабул шудаанд. Кумитаи вазирони Шурои Европа дар иҷлосияи 106 Кумитаи вазирон аз 11 майи соли 2000, Тавсияи №R (2000)10-и Кумитаи вазирони Шурои Европа «Дар бораи кодекси рафтор барои хизматчиёни давлатӣ»-ро қабул кард. Дар

замима ба санади мазкур «Кодекси намунавии рафтор барои хизматчиёни давлатӣ» нашр гардид. Дар баъзе кишварҳо чунин санад акнун таҳия мегардад. Лоиҳаи «Кодекси ахлоқи хизматчии давлатии Федератсияи Россия», ки аз тарафи гурӯҳи мутахассисони Академияи хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия ва Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов таҳия гардид, дар нашрияи Академия аз соли 1997 нашр шуд.[1]

Хизматчиёни давлатӣ симои давлат ва миллат мебошанд, бинобар ин, сифатҳои ахлоқии онҳо кафили фаъолияти муваффақонаи давлат мебошад. Дар созмондиҳии хизмати давлатӣ меъёрҳои муқарраршуда дар сатҳи қонунгузорӣ, барои муайян намудани сифате, ки ба ақидаи мо, хизматчии давлатӣ бояд ҳатман дошта бошад, нақши ҳалкунанда бозӣ мекунанд.

Талаботи ахлоқӣ нисбат ба хизматчиёни давлатиро ба ақидаи мо, метавон шартан ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кард: умуминсонӣ, рафтори дохилидастгоҳӣ (дохили мақоми давлатӣ) ва меъёри ҳалли ихтилофоти хизматӣ.

Ба меъёрҳои дорои ҷанбаи умумиинсонӣ, ки тамоми ҷиҳатҳои робитаҳои хизматиро танзим менамоянд, воқеъбинӣ, садоқат, хайрхоҳӣ, таҳаммулпазирӣ, назокат, фурӯтанӣ, доштани қобилияти на танҳо гӯш кардан, балки шунидани мусоҳиб дохил мешаванд. Ин меъёрҳо чун эҳтиром ба шахсияти алоҳида зоҳир шуда, дар танзими муносибат байни дастгоҳи давлатӣ ва шаҳрвандон, давлат ва умуман ҷомеа махсусан муҳимманд.

Ба меъёрҳои рафтори дохилидастгоҳӣ (дар муносибатҳои байни хизматчиёни давлатӣ ва дастгоҳи давлатӣ, якчанд хизматчиёни давлатӣ) касбият, муоширатӣ будан, интизомнокӣ, бодиққат будан, нигоҳ доштани ҳифзи сирри давлатӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Дар қабули қарорҳо ва амалисозии онҳо меъёрҳои ҳалли ихтилофоти хизматӣ – тавони ёфтани созиш ва ғайра кумак мерасонанд. Хизматчии

---

[1] Ниг.: Государственная служба в России : научные труды РАГС (1997 г.) / Ежегодник Рос. акад. гос. службы, 1997. – М. : РАГС, 1998. – 278 с.

давлатӣ бояд аз баҳодиҳии беинсофона ба кори ӯ, аз муносибати ғайривоқеъбинона аз тарафи роҳбар ва ҳамкорон эмин бошад. Таъмини вазъияти муносиби равонӣ дар кор самти нав дар танзими ҳуқуқии меҳнат мебошад. Қисми ҷудонопазири илми муосири идораи кормандон методикаи беҳбуди фазои равонӣ дар созмондиҳӣ, башарисозии муносибатҳои корӣ, баланд бардоштани фарҳанги муошират дар коллектив мебошад. Ин усулҳои созмондиҳии кор дар кишварҳои рушдёфта дар навтарин қонунҳо, санадҳо ва дастурҳои меъёрӣ дарҷ мегарданд. Дар санадҳои танзимкунандаи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ маҷмӯи талабот нисбат ба хизматчии давлатӣ муайян карда мешавад.

Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки баъзе қишрҳои идории ҷомеа дар амалияи худ таҳлилҳои касбӣ ва тахассусии мутахассисони воқеӣ ва коршиносонро чандон ба назар намегирад. Ин мушкилот ҳам дар фазои идоракунии иҷтимоию иқтисодӣ, ҳам дар фазои идоракунии сиёсӣ ва ҳам дар фазои таъмини суботу амнияти давлат қобили мушоҳида мебошад. Гоҳҳо мушоҳида мешавад, ки оддитарин кормандони идоравӣ назари худро болотар аз ҳам гуна таҳлилу баррасии коршиносони касбӣ ва ботаҷрибаи соҳавӣ мегузоранд ва гоҳҳо ба дидгоҳи илмию таҳлилӣ на танҳо нописандона, балки ҳатто бо диди манфӣ менигаранд. Яъне, гоҳҳо як таҳлилгар аз сабаби он, ки ба соҳаи мо ва ба кори мо «дахолат» кардааст, дар назари мо чун рақиб ва чун мухолиф менамояд. Ин вазъият боис мегардад, ки дар аксари мавридҳо нерӯи зеҳнӣ ва нерӯи идории ҷомеа дар пайвастагӣ бо ҳам кор намекунанд ва дар ду фазои ҷудо аз ҳам амал мекунанд.

Вале дар як ҷомеаи донишбунёд бояд таҳқиқу омӯзиш ва таҳлилу баррасии коршиносона пояи аслӣ ва муқаддимаи ҳар як амал ва ҳар як барномаи идорию иҷроӣ бошад. Дар ҷомеаи донишбунёд ҳеҷ як амал ва барнома бе таҳқиқи пешакии илмию таҳлилӣ рӯйи даст гирифта намешавад. Аз ин рӯ, бисёр зарур аст, ки дар назди ниҳодҳои масъули давлатӣ марказҳои ҷиддии таҳлилӣ амал кунанд ва ниҳодҳои идорӣ бо марказҳои илмии берунӣ,

донишгоҳу кафедраҳои соҳавӣ ва мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ ҳамкории наздик дошта бошанд.

Ба таври мисол, дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка вазорату идораҳои соҳавии давлатӣ собиқаи тӯлонии ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо, марказҳои зеҳнӣ, таҳқиқотӣ, ташхисиву таҳлилӣ *(Think Tanks)*, хусусан Институти Брукингс *(Brookings Institution)*, РЭНД Корпорэйшн *(RAND Corporation)*, Фонди Карнеги барои сулҳи байналмилалӣ *(Carnegie Endowment for International Peace)*, Шуро оид ба сиёсати хориҷӣ *(Council on Foreign Relations)* ва Маркази таҳқиқоти стратегӣ ва байналмилалӣ *(Center for Strategic and International Studies)* коршиносони соҳавӣ дошта, бо онҳо қарордодҳои расмии ҳамкорӣ мебанданд. Ҳатто ҳангоми таҳияи консепсияҳои сиёсати берунии Штатҳои Муттаҳидаи Америка, тарҳҳои таъмини амнияти миллии Америка, муайян намудани мавқеи ин давлат дар ин ё он бӯҳрон ё ҳодисаи ҷаҳонӣ ва ғайра аз марказҳои илмӣ ва мутахассисони таҷрибадори соҳа таҳлилҳо дархост шуда, пешниҳодҳои мушаххас ва хулосаҳои таҳлилии онҳо омӯхта ва ба эътибор гирифта мешаванд. Илова бар ин, дар чунин ҷомеаҳои донишбунёд муносибат бо коршиносу мутахассисон хеле муҳтарамона буда, меҳнати онҳо ҳам аз назари маънавӣ ва ҳам аз назари моддӣ бисёр баланд қадрдонӣ мешавад.

Дар чунин муҳит, коршиносон низ худро бахше аз фазои миллӣ, саҳмгузори рушди ҷомеа ва иштирокчии раванди таъмини манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ медонанд. Ин ҳолат барои онҳо ҳам ифтихори бузург ва ҳам масъулияти азимро дорад. Ва тибқи бисёр таҳлилҳо, яке аз розҳои асосии қудрати давлатдории Штатҳои Муттаҳидаи Америка маҳз дар ҳамин пайванди дониши таҳлилӣ ва таҷрибаи идорӣ, пайванди доираҳои илмӣ ва мақомоти сиёсӣ ва дар як самт ҷамъ омадани нерӯи зеҳнӣ ва нерӯи идории ҷомеа мебошад.[1]

---

[1] Чаро дар ҷомеаи мо тафаккури давлатӣ шакл нагирифтааст? / Сардабир Б. А. Маҳмадов // Набзи замон. – 2013. – № 1. – С. 53-54.

Ҳамин тавр, набудани фарҳанги истифода аз таҳлилҳои илмию коршиносӣ, маданияти ҳамкории босамар бо коршиносону таҳлилгарон ва дар натиҷа, ҷудо мондани фазои коршиносию таҳлилӣ аз фазои идорию тасмимгирӣ яке аз масъалаҳои ҷиддии фазои фикрӣ ва сиёсии давлат, ки низ бояд огоҳона пушти сар гардад. Маҳз рафъи ин вазъ имкон медиҳад, ки нерӯи зеҳнӣ ва нерӯи идории ҷомеаи мо дар як самт омезиш ёбанд ва дар натиҷа, нерӯи миллии мо ду ё якчанд баробар афзун гардад.[1]

Муносибати шаҳрвандон нисбат ба арзёбӣ ба кори мақомоти давлатӣ ва идора аксаран бо сифатҳои ахлоқии намояндагони хизмати давлатӣ муайян карда мешавад. Нуқсониҳои мушоҳидашаванда дар рафтор ва фаъолияти хизматчиёнро метавон зимниислоҳи нуқсониҳои таъмини меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва дар меъёрҳои қонунгузорӣ дарҷ кардани меъёрҳои ахлоқӣ бартараф кард.

Қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ бояд нуқта дар бораи ҳимояи хизмати давлатӣ аз мудохилаи сиёсӣ ва ғайраро дарбар гирад. Ҳамчунин муҳим аст, ки нуқта дар бораи баланд бардоштани сифати кори хизматчиёни давлатӣ, ки ба онҳо амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» эътибор пайдо мекунад, дохил карда шавад. Ба мақсади таъсири мусоид ба шароити мушаххаси қабул ба хизмати давлатӣ, номзадҳо бояд бо талаботи муайян нисбат ба сатҳи сифат ва маҳсулнокии меҳнати онҳо мутобиқат дошта бошанд.

Ба ин тартиб, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бояд тавозун байни уҳдадориҳо ва ҳисоботдиҳӣ ба мақомоти давлатӣ ва ҳуқуқи хизматчиёни давлатии таъминкунандаи бутунии касбияти онҳо ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабии худ риоя намояд.

Ба ақидаи мо, Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» бояд якчанд вазифаи гуногунро иҷро намояд:

---

[1] Чаро дар ҷомеаи мо тафаккури давлатӣ шакл нагирифтааст? / Сардабир Б. А. Маҳмадов // Набзи замон. – 2013. – № 1. – С. 53-54.

– баланд бардоштани касбияти хизматчиёни давлатӣ барои иҷрои муваффақтари уҳдадориҳои мансабӣ, вогузор намудани сатҳи муайяни мустақилият ба хизматчиёни давлатӣ, ки ваколати ҳокимиятиро ба мақсади пешгирии ҳодисаҳои суйистифода аз мансаб доранд, ҳамчунин рушди меъёрҳои дахлдори ахлоқ дар идораи давлатӣ;

– ба давлат додани имкон ҷиҳати мутобиқ намудани дастгоҳ ба талаботи тағйирёфтаистода, масалан, таҷдиди сохторҳои алоҳидаи давлатӣ, коҳиши хароҷот ё азнавтақсимкунии кадрҳо;

– шаҳрвандон ва гурӯҳи хизматчиёни давлатиро муътақид кардан бар ин ки тавсифномаи асосёфта ба хизмати давлатии касбӣ (дар сурати ҳифзи тавозун байни талаботи босифат ва уҳдадориҳо аз як тараф ва ҳуқуқ ва имтиёзҳо аз ҷониби дигар)-ро қабул намоянд;

– таъмин намудани ҷаззобияти пешрафт *(карйера)* аз рӯйи зинаҳои хизмати давлатӣ.

Дар ин росто бояд таъкид намуд, ки вазифаҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ фарқ мекунанд. Кодекси меҳнат мақсади таъмини шароити аз нигоҳи сиёсӣ одилона ва баробар барои тамоми кормандон ва дар айни замон, муайян намудани уҳдадориҳои умумии онҳоро дорад. Яъне Кодекси меҳнат бояд ба ҳуқуқи расмии кормандон тамаркуз ёбад ва камтар ба талабот нисбат ба сатҳи сифати меҳнат ва алоқамандии корфармоён дар амали меъёрҳои ҳуқуқӣ равона карда шавад. Барои баррасӣ ва муайян намудани сатҳи сифати фаъолияти корфармоёни хусусӣ бояд дигар нишондиҳандаҳо, масалан, анъанаҳои бахш, рақобати бозорӣ ва саҳми иттифоқи касаба ба назар гирифта шаванд. Масъалаҳои сатҳи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ бояд дар санадҳои махсуси меъёрӣ дар бораи хизмати давлатӣ муайян карда шаванд.

Таҳқиқоти амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки бе таъмини садоқати сиёсии мансабдорони минтақавӣ дастёбӣ ба идоракунии самаранок номумкин аст. Таъмини чунин садоқат фақат дар сурати тобеияти кадрии объекти хизмати давлатӣ ба субъекти идораи сиёсӣ имконпазир аст. Рафтори

сиёсии мансабдор ба андозаи зиёд аз стратегияи шахсӣ муайян карда мешавад, ки аз он худмуайянкунӣ ва некуаҳволии хонавода вобаста аст. Пас, бояд ин ҳақиқати баҳснопазирро пазируфт, ки садоқати сиёсӣ ва рафтори намунавӣ (ҳадди ақал дар зуҳуроти берунии он) ҳама вақт ба муносибати субъекти сиёсати кадрҳо равона хоҳад шуд, ки аз он қароргирии ӯ дар мансаб ва дурнамои пешрафт дар хизмат вобаста аст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта, мо назарияи хоси худро дар бораи мушкилиҳо, монеаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем.

1. Мо аз чунин воқеият бармеоем, ки ҳам таблиғи зиёдатӣ ва ҳам нокифояи сиёсати давлатии кадрҳо ба сурати яксон барои ҳокимияти муассири сиёсӣ ва идорӣ ҷоиз нест. Меъёри асосии амалисозии сиёсати давлатии кадрҳо бояд на далелҳои шахсӣ ва қабули субъективии сазовор будан, балки қонун ва дастурамали тасдиқшуда (зернизоми меъёрии сиёсати давлатии кадрҳо) бошанд. Дар лаҳзаи кунунии таърихӣ намунаи пасосоветии сиёсати давлатии кадрҳо ба сабаби танзими нокифояи қонунгузорӣ ба асоси меъёрҳо ва усулҳои ҳимоятӣ бунёд меёбад, ки ин самаранокии сиёсиро коҳиш бахшида, роҳро ба сӯи коррупсияи кадрӣ боз мекунад.

2. Вазифаи муҳимми сиёсати давлатии кадрҳо – интихоби кадрҳои вафодору шоиста ва боистеъдод, инчунин таъмини минбаъдаи садоқати сиёсии онҳо мебошад. Ин ақидаи қолабии ривоҷёфта дар тафаккури омма, ки гӯё мансаби мазкур боқимондаи давлати яккасолорӣ буда, барои хизматчии давлатӣ фақат сифатҳои корӣ муҳим аст, иштибоҳ мебошад. Тавре ки ҳанӯз дар асарҳои Р. Миллс қайд шуда буд, дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка ҳангоми интихоби кадрҳо ба мансабҳои давлатӣ нақши садоқати сиёсии номзадҳо на камтар аз сифатҳои кории онҳо мебошад.[1]

Барои сиёсати давлатии кадрҳои Тоҷикистон вазифаи таъмини садоқати сиёсӣ бояд на танҳо дар марҳалаи интихоби кадрҳо, балки дар

---

[1] Ниг.: Миллс Р. Властвующая элита [Текст] / Р. Миллс. – М. : Изд-во иностранной литературы, 1959. – С. 329.

ҷараёни амалисозии муқаррароти сиёсати давлатии кадрҳо оид ба ҷомеасозии сиёсии кадрҳо дар ҷараёни омӯзиш, тайёрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо сурат гирад. Ба ақидаи мо, дар ин ҷо нақши ҳалкунандаро тарҳрезии стандартҳои ягонаи омӯзишӣ ва ташкили Маркази илмию методологии тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунанда ба асоси Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозӣ мекунад. Ҳамзамон, дар кишвар гузаронидани озмуни кушодаи ҷумҳуриявии «Роҳбарони Тоҷикистон» барои насли нави роҳбарикунандаи идорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

3. Ба воситаи ҷорисозии васеи технологияи муосири иттилоотӣ имкони баланд бардоштани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи баланди таҳаввулӣ ва воқеан илмӣ вуҷуд дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти махсуси масъала, мо дар доираи мавзуи диссертатсия омӯзиш ва таҳлили самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои такмили онро самти асосии таҳқиқоти худ қарор додем. Бинобар ин, мувофиқи мақсад медонем, ки дар масъалаи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои такмили он баъзе **натиҷаҳоро** баррасӣ намоем:

– ҷустуҷӯ намудан, тарбия кардан ва ба мансабҳои идораи давлатӣ таъйин намудани кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд ва шоистасолор яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

– сиёсати давлатии кадрҳо низоми мустақили дорои унсурҳои хоси сохторӣ мебошад. Яке аз чунин унсурҳо зернизоми идоракунӣ мебошад. Дар доираи намунаи пасошӯравии сиёсати давлатии кадрҳо маҳз ҳамин зернизом заиф инкишоф ёфтааст. Дар ин иртибот, ташкили якчанд агентии мустақили давлатӣ аз рӯйи намунаи низоми сиёсии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ё Вазорати сиёсати кадрҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой зарур аст. Дар ҳайати онҳо бояд на танҳо ҳуқуқшиносон ва коргузорон, балки равоншиносон, мухбирон, кормандони дорои таҷрибаи фаъолияти фаврӣ ва сиёсатшиносон

дохил бошанд. Тарҳрезӣ ва татбиқи усулҳои сиёсати давлатии кадрҳо бе таъмини илмӣ имконнопазир аст. Шуъбаҳо, бахшҳо ё мутахассисони ташкилоти илмӣ бояд дар ҳар як сохтори сиёсати давлатии кадрҳо ҳузур дошта бошанд;

– барои ҳифз ва рушди минбаъдаи низоми сиёсии Тоҷикистон на танҳо замонасозӣ, балки аз нав барқароркунии зернизоми назоратии сиёсати давлатии кадрҳо, ҳам аз нигоҳи ниҳодӣ ва ҳам аз лиҳози ҳуқуқӣ, зарур аст. Бе эътирофи вайроншавии қонунгузории кадрӣ ба сифати яке аз шаклҳои коррупсионӣ ва паёмади ҳуқуқӣ ва муҷозотии он, наметавон дар бораи дар давлат мавҷуд будани сиёсати кадрии дуруст сухан гуфт. Ворид кардани ислоҳ ва тағйироти дахлдор дар шакли муайян намудани коррупсияи кадрӣ ва сарзаниш барои он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва эҳтимолан дар кодексҳои ҷиноятӣ ва тартиботи мурофиавии ҷиноятӣ лозим мешавад. Барои риояи қонунмандӣ дар сиёсати давлатии кадрҳо истифодаи воситаҳои муосири техникӣ, аз ҷумла тестгузаронӣ дар полиграф мувофиқи мақсад аст. Дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка «тайи чандин даҳсола тестгузаронӣ дар полиграф ҳангоми интихоб ва санҷиши кормандони як қатор муассисаҳои давлатӣ ва ширкатҳои бузург ба таври васеъ ба кор бурда мешавад».[1]

[1] Гладышев С. Внимание : полиграф! [Текст] / С. Гладышева // Образование & карьера. – 2005. – № 19. – С. 27.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Мавзуи “Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро таҳқиқ намуда, метавон чунин хулосагирӣ намуд:

– такмили идораи давлатӣ, муносибсозии сохторҳои ҳокимият муҳимтарин вазифаи амалӣ мебошад, ки ба андозаи зиёд муваффақияти рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони муосир таъмин менамояд. Барои ин таъмини кадрии ислоҳот ва муайян намудани доираи аниқи вазифаҳо ва ваколатҳои тамоми ниҳодҳои давлатӣ зарур аст; [2-М]

– дар шароити навсозии бунёдии муносибатҳои иҷтимоӣ сиёсати давлатии кадрҳо ташаккул меёбад, ки усулҳои ягонаи кор бо кадрҳоро дар тамоми сатҳҳо муқаррар менамояд. Муносибатҳои иҷтимоӣ, бо муносибатҳои шахсӣ, байнишахсӣ ва гурӯҳӣ бо дарназардошти сатҳи умумият ва тафовути фардҳо, касбу кор, авлавиятҳои сиёсӣ, мақоми иҷтимоӣ, вазъи моддӣ ва бисёр омилҳои дигар алоқамандӣ доранд. Ҳамаи ин омилҳоро бояд сиёсати давлатии кадрҳо мадди назар гирад; [2-М]

– рӯйдодҳои даҳсолаи охир низоми идораи давлатиро ба таври назаррас тағйир дод, рушди босуръати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ба амал омад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти сиёсати давлатии кадрҳоро дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ тақвият бахшид. Сиёсати кадрӣ ин унсури қавии идоракунӣ буда, хусусияти самаранокии фаъолияти хадамоти давлатиро баланд мебардорад; [2-М]

– сиёсати давлатии кадрҳо дар мақомоти ҳокимият ва идора таъсири сиёсати иҷтимоии давлатро, ки дар барномаҳои иҷтимоии танзим ва назорати гурӯҳҳои асосии ҷомеа ифода меёбад, эҳсос мекунад. Ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоӣ таъмини ризоияти шаҳрвандӣ, ҳамоҳангсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ, қонеъ будани шаҳрвандон аз ҳимояи иҷтимоӣ мебошад. [1-М]

Афзалиятҳои сиёсати иҷтимоӣ дар фароҳам овардани шароити зарурӣ дар сатҳи давлатӣ бо мақсади таъмини рушди маънавият, маърифат ва фарҳанги кормандони дастгоҳи давлатӣ инъикос меёбад. Вазифаи минбаъда иборат аз собити сатҳи зиндагӣ ва пешгирии ҳар гуна коҳиши некуаҳволии аҳолӣ мебошад; [2-М]

– бе фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳавасманд-кунандаи фаъолияти дастгоҳи давлатӣ ва сафарбар намудани фаъолияти онҳо ба нафъи муосиршавии ҷомеа даст ёфтан номумкин аст. Ҳалли амалии ин вазифа демократикунонии сиёсати давлатии кадрҳоро талаб менамояд. Усулҳои демократӣ ба шаффофият дар соҳаи сиёсати кадрӣ; интихоби озмунии кадрҳо ва таъйини роҳбарон; таҳти назорат будани мақомоти идораи давлатӣ ва шахсони мансабдор, доимо иваз кардани кормандони хизмати давлатӣ асос меёбад. [1-М]

Барои амали намудани ин усулҳо бояд сатҳи асоснокии қарорҳои кадриро баланд бардошт, меъёрҳои илмии арзёбии онҳоро таҳия кард, равиши илмӣ барои таҳлили талабот ба кадрҳои роҳбарикунандаро ҷорӣ намуд, кормандони ҷавонро пешбарӣ кард ва қарорҳои давлатиро бо дарназардошти самтҳои асосии сиёсати кадрҳо қабул намуд; [2-М]

– аҳамияти махсуси сиёсати давлатии кадрҳо дар таъсири он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа – иқтисод, иҷтимоиёт, мадания ва фарҳанг зоҳир мешавад. Сиёсати давлатии кадрҳо фақат бо ташаккули дастгоҳи давлатӣ маҳдуд намешавад. Он ба амалӣ намудани ҳадафҳои иҷтимоии рушди демократӣ, шаклгирии бозори мутамаддин, рушди иқтисодӣ ва инкишофи муассири давлат таъсири азим мерасонад. Мутаассифона, сиёсати давлатии кадрҳо на ҳама вақт ба талаботи замон ҷавобгӯ аст. Ихтилоф байни вазифаҳои рушди стратегии давлат ва сифати кадрҳои мақомоти ҳокимият ва идора ба рушди давлат таъсири манфӣ мерасонад; [2-М]

– муҳимтарин афзалияти сиёсати кадрии муосир замонавӣ гардонидани тамоми воситаи идора, тағйири тафаккур ва баланд бардоштани тахассуси кормандони дастгоҳи давлатӣ мебошад. Тағйироти кадрӣ бо мақсади ошкор

намудан ва дастгирии роҳбарони эҷодӣ, ки қобилияти таҳкими боварии шаҳрвандон ба рӯзи ояндаро доранд, ҳамчунин ворид намудани технологияи илмӣ барои истифодаи захираҳои кадрӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ бояд вазифаҳои муҳимро иҷро намоянд. Тағйироти кадрӣ – қадами аввал ба таҷдиди дастгоҳи давлатӣ ва баланд бардоштани касбияти хизматчиёни давлатӣ мебошад; [1-М]

– ба равандҳои шаклгирӣ ва рушди сиёсати давлатии кадрҳо омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсир мерасонанд. Агар талабот ва шартҳои муайян риоя карда шаванд, амалисозии мунтазами як силсила амалҳои қонунгузорӣ ва созмондиҳӣ-идоракунии сиёсӣ ба натиҷаҳои хуб меоваранд; [1-М]

– кадрҳо унсурҳои ҷомеа ва давлат, намояндагони анъана ва таҷрибаи миллат буда, ҳангоми ислоҳоти низоми кадрӣ бояд таносуби амалгароӣ ваояндабинӣ, навигарӣ ва ирсиятро риоя кард. Дар шароити тағйироти сохти ҷамъиятию сиёсӣ, сохтор ва сохтмони давлат фақат кадрҳои баландихтисос метавонанд суботу мавҷудияти ҷомеаро таъмин намоянд; [1-М]

– сиёсати давлатии кадрҳо низоми афзалиятҳо ва усулҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳо мебошад, ки қисме аз онҳо муайян шуда, легитимиятро пайдо намудаанд. Баъзе ҷузъҳои он аз нигоҳи назариявӣ коркард шудаанд, бахшҳои дигари он бо роҳи ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва озмоишҳо ташаккул меёбанд. [1-М]

Аз маҷмӯи технологияҳои гуногун бояд воситаҳои бештар муассири амалисозии сиёсати давлатии кадрҳоро интихоб намуд. Дар илми муосир назарияи таҳияи намунаҳои амалисозии сиёсати давлатии кадрҳо ба таври зарурӣ таҳия нашудаанд. Таҳқиқоти илмӣ ошкор намудаанд, ки воситаи амалисозии сиёсати давлатии кадрҳоро набояд фақат бо ҷиҳатҳои созмондиҳию идоракунӣ маҳдуд кард ва чун пайванди усулҳо, шаклҳо ва методҳои кор бо кадрҳо қабул намуд; [1-М]

– масъалаи ҷустуҷӯи воситаҳои ислоҳоти муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳарчи бештар таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб менамояд. Ба ғайр аз назарияи маъмулӣ дар сиёсати давлатии кадрҳо метавонанд дигар равишҳо доир ба

таъриф, мазмун ва моҳияти он низ вуҷуд дошта бошанд. Табиист, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳама масъалаҳо инъикос наёфтаанд. Дар шароити тағйирёбии ҷомеа ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ бояд усулҳои таъсиррасонӣ, ки масъулияти шахсии хизматчиёни давлатиро баланд мебардорад, ба инобат гирифта шавад; [1-М]

– ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ ва дар ҷараёни хизмат бояд талаботҳои тахассусӣ ҳатман ва ба таври ҷиддӣ риоя гарданд. Интихоби озмунӣ истифода ва муҳлати озмоишӣ таъйин шаванд, имтиҳони тахассусӣ қабул гардад, кормандон аз аттестатсия гузаранд, захираи кадрӣ ба таври муассир истифода бурда шавад, пешрафт ба нақша гирифта шавад ва ғайра. Ин ба ташаккули оқилона ва истифодаи мутаносиби захираи кадрии мақомоти ҳокимият ва идора мусоидат хоҳад кард; [1-М]

– кори инфиродӣ бо ҳар як корманд имкон медиҳад, ки муносибатҳои ҳамдигарии гурӯҳӣ ва байнишахсӣ дар коллектив таҳлил карда шаванд, сари вақт масъалаҳо ошкор шаванд, ба таври касбӣ ихтилофоти дохиликоллективӣ пешгирӣ ва танзим гарданд. Барои ин кормандони хадамоти кадрӣ ва роҳбарият чун субъекти низоми давлатии таъмини кадрӣ бояд ба кори инфиродӣ бо кормандон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кунанд; [1-М]

– таҳлилҳо ошкор сохтанд, ки меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи таъмини кадрӣ, усулҳои муосири арзёбии сифатҳои касбӣ ва шахсии хизматчиён бояд васеъ истифода шаванд, аттестатсияи кадрҳо тибқи нақша гузаронида шавад, низоми озмунии кормандон фаъолона амал кунад. Дар тамоми вазорату идораҳо меъёри арзёбии меҳнат ва шароити пешрафт аз рӯйи зинаҳои хизматӣ таҳия шаванд. Ин ба хизматчиёни давлатӣ барои инкишофи касбӣ, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маълумот ва пешбарӣ ба вазифаҳои дигар мусоидат менамояд; [1-М]

– зарурати таъсиси қисми таркибии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон – низоми нави омода кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиро бояд хотиррасон намуд. Чунин амалҳо бояд дар якҷоягӣ бо низоми аттестатсияи давлатӣ ва пешрафт аз рӯйи зинаи хизматии

хадамоти давлатӣ амал намояд. Бояд барномаҳои касбиро бо дарназардошти маълумоти асосӣ ва таҷрибаи корӣ ба таври васеъ дар бар гирад. Низоми нави тайёр кардани кадрҳо бояд раванди таълимиро ҷудо аз фаъолияти асосӣ созмон диҳад. [1-М]

Низоми таълимӣ бояд ба асоси шабакаи рушдёфтаи муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти талаботи мақомоти ҳокимият ва идора ба роҳ монда шавад, зерсохтори заруриро дошта бошад, ки тавонад ҳамгироии захираҳои илмию педагогиро дар ҳудуди кишвар таъмин намояд, Дорои захираҳои илмии сатҳи баланди таҳқиқоти илмию методӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ бошад. [1-М]

Муҳимтарин ҳадафи низоми таълимии тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳо барои мақомоти ҳокимият ва идора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи касбӣ мебошад; [2-М]

– оид ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии кормандони хизмати давлатӣ корҳои муайян анҷом ёфтааст. Дар кишвар низоми муайяни омӯзиши кадрҳо ташаккул ёфтааст. Ба мақсади такмили он анҷом додани фаъолиятҳо дар самтҳои зерин зарур аст: [2-М]

1. Навсозии асоси меъёрии омӯзиш бо дарназардошти талаботи воқеияти имрӯза. Барои ин лоиҳаи «Низомномаи тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ», ки раванди омӯзишро танзим менамояд, таҳия ва пешниҳод гардад. [2-М]

2. Дар омӯзиши кормандони мақомоти давлатӣ ворид намудани омӯзиши банақшагирии дурнамои рушди миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат. [2-М]

3. Такмили фаъолияти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имкон медиҳад омодагии кадрҳои роҳбарикунанда бомуваффақият амалӣ шавад ва дар ҷараёни омӯзиш ба кормандон додани тавсияҳои лозимаи методӣ: [2-М]

– дар давраи гузариши сиёсии ҷомеа ниҳодҳои давлатӣ бояд шароити муносибро ҷиҳати рушди эҷодии шахсият, ошкор намудани захираҳои

инсонии ҷомеа фароҳам оварад. Ин ба асоси таҳқиқи равандҳои ҷорӣ дар соҳаи идораи давлат имконпазир аст. [2-М]

Вазифаи мақомоти марказӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ иборат аз фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоӣ дар мавриди ошкор намудани қобилияти шахсият; ташаккули ниҳоди иҷтимоии сиёсати кадрҳо ба асоси қонунмандии умумии рушди фаъолияти инсонӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои кори мақомоти ҳокимият; арзёбии имконияти инсонӣ ва истифодаи оқилонаи он мебошад; [2-М]

– низоми хуби кори кадрӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои зерин ҳал шаванд: [2-М]

1) маҳдуд намудани тамоюли аз ҳад зиёд кардани воҳидҳои ташкилоти маъмурӣ новобаста аз тавсеаи вазифаҳои идоракунӣ; [2-М]

2) таъмини истифодаи хизматчиён бо роҳи таъсиси дастгоҳи муносиби идораи давлатӣ, баланд бардоштани сифати равандҳои технологӣ ва эҷодӣ, маҳдуд кардани истифодаи кормандони ташаббускор дар корҳои ғайриэҷодӣ ва техникӣ; [2-М]

3) ташаккули монеаҳо дар роҳи яккасолорӣ, маъмурӣ, ҳимояи манфиатҳо ва ғаразнокӣ, ҳамкории мақомоти ҳокимият дар соҳаи муносибатҳои кадрӣ. [2-М]

Чунин тадбирҳо имконият медиҳанд, ки на танҳо хусусиятҳои шахсӣ, касбӣ ва физикии хизматчиён, балки шоистасолор дар ҷойи дахлдор будани онҳо, сатҳи омодагии онҳо ба омӯзиш дар раванди фаъолияти ҳаррӯзаи хизматӣ фаҳмида шавад; [2-М]

– масъалаи асосии сиёсати давлатии кадрҳо муайян намудани хусусияти баҳамалоқамандии субъект ва объект гардидааст. Дар шароити ғайримарказо-нидани равандҳои идорӣ, рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, хусусигар-донии моликият навсозии сиёсати давлатии кадрҳо чун ниҳоди иҷтимоӣ аҳамияти махсусро касб кардааст; [1-М]

– дар давраи Иттифоқи Советӣ низоми маъмурии фармонфармоӣ ҳукмрон буд ва тамоми сиёсати кадрӣ чун раванди ростхатта аз боло ба поён

амалӣ ва аз марказ назорат мешуд. Ҳуқуқ ва имкони дигар иштирокчиёни сиёсати кадрӣ хеле маҳдуд буд. Фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ аз роҳбарияти ҳизби коммунист вобаста буд. Одатан, мансабдорони давлатӣ дастурҳои ҳизбиро иҷро мекарданд ва дар ҳалли масъалаҳои кадрӣ мустақил набуданд; [1-М]

– дар шароити навини иҷтимоию сиёсӣ иштирокчии асосии сиёсати кадрҳо – давлат мебошад. Давлат бо дарназардошти манфиатҳои мардум, табақаҳо, гурӯҳҳо ва манфиатҳои одамони алоҳида онро амалӣ менамояд. Мутобиқи низоми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳар як шохаи ҳокимият чун иштирокчии сиёсати кадрҳо вазифаҳои муайян вогузор мегардад. [1-М]

Мақомоти ҳокимияти иҷроия дар ташаккул ва амалисозии сиёсати давлатии кадрҳо иштирок мекунанд ва мақомоти интишороти қонунҳо асосҳо ва усулҳои онро таҳия ва қисман амалисозиашро назорат мекунад. [1-М]

Ҳокимияти судӣ ва прокуратура назорати риояи қонун дар кор бо кадрҳо, ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии хизматчиён ва кормандони кироя ва танзими ихтилофоти равандҳои кадриро таъмин менамоянд; [1-М]

– Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлатии кадрҳоро муайян менамояд, фаъолияти мақомоти давлатиро дар кор бо кадрҳо мувофиқа мекунад, хизматчиёнро ба мансабҳои давлатӣ таъйин мекунад; [1-М]

– давлат иттифоқҳои касабаро чун субъекти бонуфуз муаррифӣ намуда, иштироки онҳоро дар баррасии масъалаҳои кадрӣ ҳавасманд мекунад. Инчунин дар амалисозии сиёсати давлатии кадрҳо ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намуда, дар ҳалли масъалаҳо мақоми хосаро пайдо менамоянд; [1-М]

– бо дарназардошти дурнамои рушди ҷомеа ҳадафҳо, вазифҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳоро таҳия мегардад. Дар марҳалаи кунунии инкишоф дар соҳаи кадрӣ дар навбати аввал шароитро барои истифодаи захираи инсонӣ мусоид намуда, кадрҳоро ба арзишҳои муосири иҷтимоӣ, идеалҳои ҳаётӣ ва стандартҳои касбӣ шинос намудан

муҳим аст. Таваҷҷуҳи махсус ба кормандони хизмати давлатӣ чун субъекти идораи мустақими давлатӣ зоҳир мегардад; [1-М]

– вазифаҳо ва афзалиятҳои хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба намунаҳо ва сохторҳои сифатан нави таъмини кадрӣ, ташкили низоми муназзами кори кадрӣ эҳтиёҷ доранд. Вобаста ба ин, ислоҳоти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва идорӣ анҷом меёбад. Зеро фақат фаъолияти кадрии мураттаб дар сатҳи ҷумҳуриявӣ имкон медиҳад, ки баъзе ҳуқуқ, салоҳият ва масъулияти мақомоти марказӣ ба мақомоти ҳокимияти минтақавӣ ва маҳаллӣ вогузор гардад. [1-М]

Ислоҳот барои давлат хеле муҳим аст, чунки дар шароити ташаккули муносибатҳои муосири демократӣ дар кори танзими давлатии равандҳои кадрӣ ба сиёсати кадрҳо нақши пешбар дода мешавад. Сиёсати кадрии умумидавлатӣ бояд дар навбати аввал ваколати шахсони вазифадори тамоми сатҳҳо ва мутобиқати салоҳияти кадрҳо бо вазифаи ишғолкардаашонро таъмин намояд. Ин кор бояд на танҳо дар сатҳи ҷумҳуривӣ ва бо кормандони мақомоти олии ҳокимият, балки дар тамоми сатҳҳо анҷом мегирад. [1-М]

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Таҳқиқи масъалаҳои дар диссертатсияи мазкур баанҷомрасида, таҳлилҳо ва хулосаҳо имконият доданд, ки пешниҳодҳои мушаххас ва тавсияҳои зерин таҳия гарданд:

1. Бо дарназардошти натиҷаҳои фаъолияти зеҳнию сиёсии сиёсатмадорон, таҳлилгарон ва олимон ташкили Шурои ҷамъиятӣ оид ба сиёсати кадрҳо дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мақсад мувофиқ мешуморем. Пешниҳод мешавад, ки ба Шуро вазифаи муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи сиёсати давлатии кадрҳо чун воситаи самарабахши рушди ҷомеа ва иқтидори кадрии он вогузор гардад.

2. Нақшаи иштироки шаҳрвандон дар таъсис ва фаъолияти сиёсати давлатии кадрҳо ва шаклҳои иштироки мустақими шаҳрвандон дар қабули қарорҳои муҳимми кадрӣ такмил дода шавад. Таҷрибаи ҳисоботдиҳии

шахсони мансабдори давлатӣ дар назди коллективҳои меҳнатӣ ва иттиҳодияҳои шаҳрвандон дар бораи фаъолияти анҷомдодаи онҳо мунтазам ба роҳ монда шавад.

3. Фазои ягонаи ҳуқуқӣ барои таъсиси ҳайати баландихтисоси мақомоти давлатӣ фароҳам оварда шавад. Барои ин бояд вазифаи таъмини меъёрии ҳуқуқии сиёсати давлатии кадрҳо иҷро шавад. Ба сифати объектҳои танзими сиёсӣ ва ҳуқуқӣ муносибатҳои кадрӣ, равандҳо ва технологияи кадрии бакоргирифта дар мақомоти ҳокимият ва идора эътироф шаванд.

4. Ба мақсади таъсиси хадамоти давлатии шаҳрвандии босубот пешниҳод мешавад, ки сабабҳои зуд-зуд иваз шудани кормандон вобаста аз вазъи сиёсӣ бартараф шаванд, назорат ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои аз нигоҳи касбӣ тайёр тақвият дода шавад.

5. Масъулияти хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ барои баланд бардоштани сифат ва истифодаи оқилонаи имкони касбии кадрҳои мақомоти ҳокимият ва идора тақвият дода шавад, шароити фаъолияти хизматчиёни давлатӣ беҳтар карда шавад.

6. Масъулияти роҳбарони мақомоти идораи давлатӣ ва маҳаллӣ барои таълими ҳатмӣ ва омӯзиши бефосилаи касбии хизматчиён аз нигоҳи меъёрӣ муқаррар карда шавад.

7. Дар буҷети мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ масраф барои такмили ихтисоси хизматчиён дохил карда шавад ва ҳадди ниҳоии он муайян карда шавад.

8. Бозомӯзии омӯзгорони курсҳои хадамоти давлатӣ ва маҳаллӣ бо мақсади тақвияти донишҳои назариявӣ, таҷрибаи амалӣ ва малакаи онҳо ба хотири омӯзиши сифатнок ташкил карда шавад. Омӯзгорон дар доираи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҳатман давраи бозомӯзиро гузаранд. Бо ин мақсад мувофиқ мебуд, ки байни устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ шартномаҳо баста шаванд.

Бо мақсади такмили сиёсати давлатии кадрҳо аз таҷрибаи амалӣ ва назариявии ҷаҳонӣ ба таври васеъ истифода намудан лозим аст. Бинобар ин, вазифаи асосии назариявиро додани тасаввуроти бутун дар бораи ҳолати ин ниҳоди иҷтимоӣ ташкил намояд;

Асосҳои назариявӣ ва маводи амалӣ имкон медиҳанд, ки самтҳои асосии таҳаввулоти минбаъдаи сиёсати давлатии кадрҳо бо дарназардошти тамоюлоти умумииҷтимоии ташаккул ва фаъолияти хизмати давлатӣ пешниҳод шаванд;

– раванди ташаккули сиёсати давлатии кадрҳоро метавон ба шакли занҷири марҳалаҳо тасаввур намуд: Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз соли 2008 то имрӯз тағйиру илова нашудааст, дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардад. Ҳамзамон низоми ҳадафҳо, вазифаҳо, усулҳо, тартиб додани нақш ва шаклҳои фаъолияти воситаҳои амалисозии сиёсати кадрӣ муайян карда шавад;

– Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешомади инкишофи кишвар дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардад;

